2017



# Девони Рӯдакӣ

# ДЕВОНИ РӮДАКӢ

**Абуабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Ҳаким ибни Абдурраҳмон ибни Одам Рӯдакии Самарқандӣ**

Душанбе
«Бухоро»
2015

ББК84 тоҷик 7-4
Р–85

Таҳийя, тасҳеҳ
ва сарсухану ҳавошии **Қодири Рустам**

Таҳти назари **Сафар Абдуллоҳ**

Чопи дувуми такмил ва тасҳеҳшуда

Китоб бо сармояи **Абдулхалил Холиқзода** ба табъ расид

**Р– 85 Девони Рӯдакӣ**. – Душанбе: «Бухоро» , 2015, 334 саҳ.

Китоб шомили ашъори бозмондаи падари шеъри форсӣ аст. Маҷмуа пас аз мутолиаи маохиз ва маҷмуаҳои осори мунташираи Рӯдакӣ таҳийя шуда ва танзимкунанда талош ба харҷ додааст, то сурати саҳеҳ ва дурусти абётро забт кунад.

Дар ҳавошии китоб ба таври мухтасар ба маохизи ашъор ва нусхабадалҳо ишора ва назарҳои ироашуда дар мавриди абёт ва вожагони он нақл шудаанд.

Таҳийякунанда ҳамчунин ваҷҳи баргузиниши ривояти абёт, вожаҳои ҷудогона ва ё сурати навишти онҳоро шарҳ додааст.

Дар охири китоб феҳристи вожаҳои ашъори Рӯдакӣ ҷой дода шудааст.

**ISBN 978-99975-42-70-0**

**© Қодири Рустам, 2015**

КИТОБХОНА
ДДОТ ба номи С.АЙНӢ
АМВОЛ № 715818

# САРСУХАНИ ЧОПИ ДУВУМ

Ин китоб, ки бори аввал тирамоҳи соли 2007 дар шаҳри Олмотии Қазоқистон чоп шуда буд, баъдан бо кӯшиши дӯсти гиромӣ Шоҳмансури Шоҳмирзо ду бор дар солҳои 1387 ва 1391 ҳ.ш. (баробар бо 2008 ва 2012 милодӣ) аз ҷониби Созмони фарҳангии ЭКО дар Теҳрон ба хатти форсӣ низ ба табъ расид. Дар чопи дувуми Теҳрон ҳатталимкон саҳву иштибоҳоти мавҷуд дар чопҳои аввали кирилӣ ва форсиро бартараф кардем ва низ чанд пора ашъори тозапайдошудаи устодро вориди маҷмуа кардем, як байти мансуб ба Рӯдакиро, ки маълум шуд аз Асадии Тӯсӣ буда, ба бахши ашъори дигарон, ки ба номи Рӯдакӣ сабт кардаанд, нақл намудем. Ҳамчунин, ҷой-ҷой тавзеҳотро веросторӣ кардем.

Аммо чопи ҳозир бо он ки сохтори китоб тағйир наёфтааст, нисбат ба чопҳои пешин, ба вежа, чопи аввали кирилӣ дигаргуниҳо зиёд дорад, ки ба қарори зайл аст:

1) Чаҳор пора шеъри устод, ки иборат аз ҳафт байт аст ва солҳои охир аз ҷониби муҳаққиқон кашф гардид, ба маҷмуа афзуда шуд.

2) Ҳафт байт ва як мисраъ, ки ба таҳқиқ маълум шуд, маҳсули хомаи шоирони дигар – Унсурӣ, Асадии Тӯсӣ, Анварӣ, Низомӣ ва Саъдӣ аст, аз матни Девони шоир хориҷ ва ба бахши ашъори дигарон, ки ба номи Рӯдакӣ сабт кардаанд, нақл гардид.

3) Ба сабаби ин ки тайи ин муддат маохизи дигари ашъори устод – чи маохизе, ки солҳои охир ба табъ расиданд ва чи маъхазҳои маъруф, ки ҳангоми таҳияи чопи аввал дар ихтиёр надоштем, дар дастрас қарор гирифтанд, имкон пайдо шуд ривоятҳои дигари байтҳоро, ки ба забону сабки шоир ва асри ӯ мутобиқтаранд, интихоб ва сабт намоем.

Афзун бар ин, бо тааммул ва тааммуқ дар шеъри устод ва низ бо таваҷҷуҳ ба мақолоти интиқодӣ (ба вежа навиштаҳои М. Акбарзод ва С. Саидов) ва қайду ишораҳои дӯстам Шамсиддин Муҳаммадиев дар ҳошияи чопи аввали Девон, ки бо камоли лутф ва ҳусни ният ба ихтиёри ин ҷониб вогузор намуд, бори дигар ашъори Рӯдакӣ мутолиа гардид ва ҳарчи аз он эродҳо дурусту писандида буд, пазируфта шуд. Ҳамчунин саҳву ғалатҳои чопи пешинаро низ ислоҳ кардем.

4) Талош ба харҷ додем, то ашъорро бо шеваи гӯйиши замони Рӯдакӣ сабт кунем. Яъне, дар ин маврид аз таҳаввули овоии вожаҳо, ки дар тайи садаҳои пас аз замони зиндагии шоир сурат гирифтаанд, ва ба хусус дар Тоҷикистон (ба сабаби корбурди алифбои кирилӣ) роиҷ мебошанд ва мо низ дар чопи аввал онро асосан муроот карда будем, сарфи назар шуд. Чунончи, «Кайҳон»-ро «Геҳон», «пушаймон»-ро «пашемон», «хирман»-у «хирвор»-ро «харман»-у «харвор» навиштем ва ғайра. Ҳадаф ин буда, то ҳадди имкон ба хонандагон шеъреро пешниҳод кунем, ки аз ҳар назар ба хониши асри Рӯдакӣ наздиктар бошад.

5) Ман қаблан - аз суйе, бо муроотн суннати гузаштагон, ва аз суйи дигар, ба далели ин ки дар шеъри классикии форсӣ истифодаи дигаргунаи чунин иборахо низ роиҷ буд - бо навиштани ба истилоҳ «нимизофа» ё худ «изофаи хуросонӣ» дар шеър мухолиф будам. Дар гузашта шеършиносон ва дӯстдорони адаб ба иқтизои маънӣ мавриди истифодаи онро медонистанд ва агарчи, бо аломате ишора намегардид, ба мавқеъ ва дуруст талаффуз мекарданд. Вале дар алифбои кирилӣ чун ҳамаи овозҳо аломати навишторӣ доранд, хонанда низ фақат он чиро ба забон меоварад, ки навишта шуда бошад. Ба ин сабаб ва низ ба иллати он ки завқи шеъру шеърхонӣ дар ҷомиаи кунунии тоҷик

коҳиш ёфтааст, ногузир шудем, дар ин чоп «нимизофа»-ро ба гунае, ки дар Тоҷикистон роиҷ аст, бинависем. Ва аммо ба ҳамин сабаб низ, қоидаеро, ки дар ин солҳои охир дар Тоҷикистон дар имлои бархе вожаҳои мураккаб расм шудааст, сарфи назар кардем. Ҳоло гоҳе вожаҳоеро, аз қабили «бахтиёр», «шаҳриёр», «кирдигор» ба сабаби он ки овози «и» на дар решаи вожаи аввал вуҷуд дорад ва на дар вожаи дувум ё пасванд, ба гунаи «бахтёр», «шаҳрёр» ва «кирдгор» менависанд. Вале дар ин вожаҳо омадани «и» дар васат бевачҳ нест ва ба тақозои қонуни суҳулати забон аст. Қонуни суҳулат дар ҳама бахшҳои забон – аз сохти ҷумла, то эҷоди калима амал мекунад ва яке аз вазифаҳои он, чунонки дар вожаҳои боло, осон кардани талаффуз ва равонию фасеҳии нутқ мебошад, ки дар сурати ғайр нутқи моро маснуъӣ ва дурушт мекунад.

6) Бахши тавзеҳот низ то ҷое веросторӣ шуд, бархе андешаҳои иштибоҳиро ҳазф кардем ва низ нуктаҳои тоза дар мавриди ашъори Рӯдакиро, чи аз суйи худамон кашф шуда бошад ва чи аз муҳаққиқе ба назар расид, агар ҷолиб ва дуруст буд, ба он афзудем.

7) Ниҳоят бо тавсияи дӯсти донишмандам, устод Абдулманнони Насруддин, ки акнун васият аз эшон низ ҳаст, ба маҷмуа феҳристи мухтасари вожаҳои ашъори Рӯдакӣ низ афзуда шуд, ки на фақат истифодаи Девонро осонтар мекунад, балки ба ҳайси раҳнамое барои таҳқиқоти оянда низ хидмат хоҳад кард.

Чопи дувуми кирилии Девон низ бо мусоидати молии дӯсти арҷмандам Абдулхалили Холиқзода мунташир шуд, ки рухи Рӯдакӣ ва дуои мо ӯро дар ҳар кори хайр ёру мададгор бод!

**Қодири Рустам**
**Душанбе, декабри 2013**

## САРСУХАНИ ЧОПИ АВВАЛ

Ашъори бозмондаи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ – нахустин гӯяндаи бузурги шеъри порсии дарӣ, пас аз он ки устод Садруддини Айнӣ ва Абдусалом Деҳотӣ натоиҷи ҷустуҷӯҳои худро дар рисолаи «Устод Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1940) ва донишманди равоншод Саъиди Нафисӣ ҳосили ковишҳои хеш дар тазкираву фарҳангҳо ва кутуби адабиву таърихномаҳоро дар ҷилди севуми «Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ» (Теҳрон, 1940) нашр карданд, дар Эрону Тоҷикистон ва Русия мукаррараран ба табъ расидааст. Чопҳои аввал ва дувуми тадқиқоти Саъиди Нафисӣ, ҳамчунин «Осори Рӯдакӣ», ки соли 1958 ба ҳуруфи кириллӣ ва форсӣ дар Сталинобод таҳти назари Абдулғанӣ Мирзоев ба табъ расид ва низ китоби ашъори Одамушшуъаро ба ҳуруфи форсии арабӣ ва тарҷумаи русии он, ки таҳти назар ва бо ҳавошии муфассали И.С. Брагинский соли 1964 дар Муассисаи интишоротии «Наука»-и Маскав чоп шуд, асос ва заминаи ҳамаи чопҳои баъдии ашъори Рӯдакӣ қарор гирифтанд[1].

Лозим ба таъкид аст, ки бештарини таҳийякунандагони осори устод, бо он ки асосан пойбанди нашрҳои мазкур будаанд, талош ба харҷ додаанд, то саҳву хатоҳои мавҷуди чопҳои қаблиро бо мурочиа ба маохизи тоза ва ё бо тасҳеҳи қиёсӣ ислоҳ кунанд. Ҳамчунин дар панҷоҳ соли баъд аз ҷашни 1100-умин солгарди валодати шоир теъдоде

---

[1] Дар бораи нашрҳои осори Рӯдакӣ нигаред ба таҳқиқи Абдулманнони Насруддин. Рӯдакӣ (нусхашиносӣ ва нақду баррасии ашъори бозмонда). Хуҷанд. Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил. 1999, с. 19-40.

абёти тозаи шоир аз сӯи донишмандони Тоҷикистону Эрон ва Покистону Русия – Саъдоншоҳ Имронов, Аҳрор Мухторов, Ленина Брагинская, Муҳаммад Иқбол, Алиашрафи Содиқӣ, Эраҷи Афшор ва дигарон кашф ва ба маҷмуаи ашъори шоир афзуда шуд.

Бо ин вазъ, то кунун матни нисбатан саҳеҳ ва комили осори устодро дар даст надорем, ки мушкили умдае на танҳо барои хонандагон, балки барои муҳаққиқон низ ҳаст. Чунончи, бархе муҳаққиқон зимни ибрози назар роҷеъ ба зиндагӣ, ҷаҳоншиносӣ ва мазҳаби Рӯдакӣ ба абёте иттико кардаанд, ки ё аслан мутааллиқ ба устод нестанд ва ё нисбаташон ба ӯ машкук аст. Ва ё барои таъйиди андешаи худ истинод ба ашъоре кардаанд, ки аз манобеи мухталиф ахз шуда ва баъдан танҳо ба далели иштирокашон дар вазну қофия бо ҳам пайваста шудаанд ва басо буда, ки на танҳо абёти як шеър нестанд, балки шояд аз шоирони гуногунанд ва ё дар давраҳои мухталифи зиндагии Рӯдакӣ суруда шуда ва мунъакиси андеша ва орои мухталиф ҳастанд ва ё аз ашё ва мавориди дур аз ҳам сухан мегӯянд.

Маншаи бархе аз ин масоилу мушкилот, ки ношӣ аз иштибоҳоте дар мавриди интисоби ашъор, нусхабадалҳои абёт, тасҳифи калимот, шарҳи ғалати вожаҳо ва ғайра аст, маохизи қадими ашъори шоир мебошанд. Ва аммо гурӯҳи дигари саҳву хатоҳо дар ашъори шоир ба иллати нодуруст хондани калимаҳо аз сӯйи худи таҳийякунандагон, бартарӣ додани нусхабадалҳои хатои абёт ва вожаҳои он бар суратҳои саҳеҳ ва ё шарҳи ғалати калимаҳо рух додааст.

**Интисоби абёт.** Иштибоҳ дар интисоби абёти Рӯдакӣ ва дигар шоирони қарнҳои ҷаҳоруму панҷуми ҳиҷрӣ аз нусхаҳои мухталифи «Луғати

фурс»-и Асадӣ, ки аз куҳантарин маохизи осори шоирони бостон мебошанд, оғоз мешавад. Ин фарҳанги боарзиш, ки бисёре аз абёти шоирони қадим танҳо ба тавассути нусхаҳои он то ба рӯзгори мо расидааст, бо он ки дар асл мансуб ба қалами Асадии Тӯсӣ будааст, ба назар мерасад, мукаррараран мавриди таҳрир қарор гирифта ва эҳтимоли он ҳам ҳаст, аз он чи ҳосили қалами Асадӣ буда, имрӯз ҷуз қолабе боқӣ намонда[1]. Ин аст, ки нусхаҳои мухталифи он айни як байтро ба ду, се ва ҳатто чаҳор шоир мансуб донистаанд. Ё байти шоиреро ба исми шоири дигар овардаанд.

Чунончи, байти зайл:

Зулфинаки ӯ ниҳода дорад,
Бар гардани Ҳорут зовлона

дар се нусха аз «Луғати фурс»-и Асадӣ ба Рӯдакӣ, дар ду нусха ба Хусравонӣ ва дар ду нусхаи дигар ба Хусравӣ мансуб аст. Байти

Дӯш донистам, к-ин ранҷ ҳама васвос аст,
Мардуми досу далус аз дари рӯй омос аст

дар фарҳанги Қатрон[2], яке аз нусхаҳои муътабартарини «Луғати фурс» ва се нусхаи «Тухфату-л-аҳбоб» ба номи Рӯдакӣ, вале дар сойири нусхаҳо ба номи Мунҷики Тирмизӣ омадааст.

---

[1] Чунончи гирдоварандаи «Луғати фурс»-и нусхаи донишгоҳи Панҷоб навиштааст: «Худой таъоло... ман бандаи заифро тавфиқ дод, ки Луғати дариро, ки ҳакими имом, устоди ман Абумансур Алӣ ибни Аҳмад ал-Асадӣ ат-Тӯсӣ ба аҷзо пароканда буд ва ба ҳеч кас тамом надод, ман онро ба рӯзгор ҷамъ овардам ва ниҳод ва тартибе дигаргун фаро гирифтам». (Луғати фурс, 1365, с. 17).

[2] Ниг.: Ҳукукӣ Аскар. Луғот ва таркиботи Рӯдакӣ. с. 24.

Чунин иштибоҳот дар интисоби абёт дар фарҳангҳои баъдии форсӣ боз ҳам густардатар мешавад. Ва дар натиҷа бисёре аз байтҳои бозмонда аз Рӯдакӣ ҳамчунин ба Шаҳиди Балхӣ, Абушакури Балхӣ, Абулмасал, Абулаббоси Бухорӣ, Шокири Бухорой, Кисоии Марвазӣ, Тайёни Марвазӣ, Оғоҷӣ, Фирдавсӣ, Фаррухӣ, Унсурӣ, Алии Қарти Андигонӣ ва … низ мансуб мебошанд. Муаллифи аслии бархе аз ин байтҳоро ба яқин ва ё бо қаринаҳое метавон муайян кард. Чунончи, абёти дорои сужа ва мазмунҳои ду китоби «Калила ва Димна» ва «Синдбоднома» дар вазни рамали мусаддаси мақсур ё маҳзуф, ки бархе ҳам ба Рӯдакӣ ва ҳам ба шоирони дигар ва баъзе танҳо ба гӯяндагони дигар мансуб ҳастанд, бидуни шак аз маснавиҳои ба ҳамин номи Рӯдакӣ мебошанд. Аз ҷумла, муаллифи «Фарҳанги Қаввос» байтҳои зайлро

Зан чу ин бишнид, ӯ хомӯш буд,
Кафшгар конок марде лӯш буд. (с. 95)

Ман сухан гӯям, ту коной кунӣ,
Ҳар замоне даст бар дастам занӣ. (с. 116)

Шуд ба гармоба дарун истод ғушт,
Буд фарбию калон бисёргӯшт. (с. 116)

ба номи Тайён, Кисоӣ ва Фаррухӣ овардааст, дар ҳоле ки байти аввал ва дувум аз ҳикоёти «Калила ва Димна» ва байти севум аз достони Шоҳзода ва гармовабону зани «Синдбоднома» ҳастанд, маохизи дигар низ онҳоро ба Рӯдакӣ нисбат додаанд ва дар мавриди мансубияти онҳо ба устоди Аҷам шубҳае боқӣ нест. Ва аммо дар интисоби ду байти зайл:

Чун яке чағбут пистонбанди ӯй,
Шир дӯшӣ з-ӯ ба рӯзе ду сабӯй.

Дасту каффу пойи пирон пуркалахч,
Риши пирон зард аз бас дуди нахч,

ки дар аглаби маохиз ба номи Тайёни Марғазӣ омада, ба Рӯдакӣ ҷойи шубҳа ҳаст. Саъиди Нафисӣ байти аввалро танҳо бо истинод ба яке аз нусахи «Маҷмаъу-л-фурс» ва байти дувумро фақат бо ишора ба як нусхаи «Луғати фурс» ба ашъори Рӯдакӣ афзудааст. Аввалан, ин абёт бо сужаи достону ҳикояҳои «Калила ва Димна» ва «Синдбоднома» мутобиқат надоранд ва сониян, ба сухани Тайён, ки табъаш гироиши фаровон ба ҳазлу ҳаҷв дошт ва ба ин далел «Жожхой» лақаб ғирифтааст, мушобиҳати бештар доранд, то ба устод Рӯдакӣ. Бо ин ҳол, то замоне, ки далоили қотеътар дар даст нест ва манзараи густардатари шеъру адаби аҳди Сомониёнро пеши назар надорем, наметавонем чунин абётро аз маҷмуъаи ашъори устод хориҷ бикунем.

Бо каме таваҷҷуҳ ба абёте, ки дар фарҳангҳо ҳам ба номи Рӯдакӣ ва ҳам ба номи Тайён омадаанд, метавон ба яке аз сабабҳои интисоби ашъори шоирони қадим ба ҳамдигар пай бурд; тақрибан ҳамаи ин абёт дар шакли маснавӣ ва дар вазни рамали мусаддаси маҳзуф (мақсур), яъне вазни «Калила…» ва «Синдбоднома» мебошанд ва бо таваҷҷуҳ бар ин ки гуфтем, бархе аз онҳо бо сужаи ин ду китоб мутобиқат надоранд ва фарҳангҳо байтҳои зиёдеро ба ин вазн ба номи Тайён забт кардаанд, метавон ҳадс зад, ки Тайён низ ба ин вазн маснавӣ дошта ва маҳз ҳамин амр боиси ҳарҷу марҷ дар интисоби абёти ду шоир шудааст. Ҳамин маънӣ дар мавриди абёте дар

вазни мутақориб ва дар қолаби маснавӣ, ки ҳам ба Рӯдакӣ ва ҳам ба Фирдавсӣ ва ё ҳам ба Рӯдакию ҳам ба Абушакури Балхӣ ва ё ба Фирдавсӣ ва Абушакур – ҳар ду нисбат додаанд, низ дуруст аст, чун ҳар се шоир, ки намояндаи як сабки адабӣ ҳастанд, дар ин вазн маснавӣ гуфтаанд.

Роҳи дигари таъйини асолати абёти мансуб ба устод Рӯдакӣ баррасии девон ва маснавиҳои мавҷуди шоирон аст. Чунончи, мутолиъаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, девонҳои Фаррухӣ ва Қатрон, «Вис ва Ромин»-и Фахруддин Асъади Гургонӣ нишон дод, чанд байте, ки бархе маохиз ба номи устоди самарқандӣ овардаанд, дар асл мутааллиқ ба ин шоирон аст. Аз ҷумла, луғатномаҳо байти зайлро

Он кун, ки дар ин вақт ҳамекардӣ ҳар сол,
Хаз пӯшу ба кошона рав аз суффаву фарвор

ба Рӯдакӣ, Фароловӣ, Фаррухӣ ва бо тағйире дар мисраъи аввал ба Хусравии Сарахсӣ ва бо андак тағйире дар ҳарду мисраъ ба Қассомӣ ном шоире нисбат додаанд, вале дар асл байт мутааллиқ ба Фаррухии Систонӣ аст ва дар девони ӯ омада.

Аммо, бояд гуфт, танҳо мавҷуд будани ин ё он байт ва ҳатто шеъре дар девони шоире, далел бар он ки ин байт ва шеър воқеъан мутааллиқ ба ӯст, буда наметавонад. Дар ин маврид ба ҷуз аз мавҷуд будани байти мансуб ба шоире дар девони шоири дигар, боз авомили дигар, аз қабили замони истинсохи маохиз ва то чи ҳадд қобили итминон будани онҳо, сабку ҷаҳоншиносии шоирони мухталифро низ дар назар бояд дошт.

Як бурҳони муътамад бар ин ки девони мавҷуди шоирон наметавонад далели қотеъи мансубияти ашъори машмули онҳо ба соҳибонашон буда бошад, девонҳои Саноӣ ва Анварӣ аст. Дар девони

Анварӣ чандин шеъре, ки ба Рӯдакӣ, Носири Хусрав, Абуалии Сино ва дигарон низ мансуб ҳастанд, ҷой доранд. Дар нусахи девони Саноӣ қитъаҳое, ки мусалламан аз Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Мунҷик, Анварӣ ва дигарон мебошанд, омадаанд. Як сабаби рух додани ин амр эҳтимол ин буда, ки шоирон абёти писандидаи гузаштагони худро бо хатти хеш барои худ менавиштанд ва пеши худ нигоҳ медоштанд ва пас аз марг таҳийякунандагони девони онҳо ба гумони он ки шеъри худи онҳост, ба девони ашъорашон ворид кардаанд. Чунин иштибоҳро ҳатто Саноӣ, бо он ҳама фазлу дониш ва иттилоъи зиёд аз шеъри гузаштагон, дар таҳийяи девони Масъуди Саъди Салмон содир карда, яъне Саноӣ ашъори дигаронро низ дар девони Масъуди Саъди Салмон ҷой додааст, ки боиси норизоии шоир шуд ва Саноӣ дар узри ин маънӣ қитъае гуфтааст.

Ғазали машҳури тавҷеҳи нофармонии шайтон бо матлаъи

> Бо ӯ дилам ба меҳру мувадцат нишона буд,
> Симурғи ишқро дили ман ошёна буд

ҳам дар девони Саноӣ ва ҳам дар девони Хоқонӣ дида мешавад.

Ин маъниро дар мавриди мисраъу байтҳо низ метавон гуфт. Шоирони халаф мисраъ ва байтҳои аслофи хешро гоҳе бо зикри ном ва гоҳи дигар бидуни зикри ном тазмин кардаанд.

Чунончи, Хоқонӣ дар қасидае мисраъи Рӯдакиро тазмин карда:

> Кас ба айёр фиристодиву гуфтӣ, ки ба сирр
> Хун бирезад ба сари ханҷари хунхор маро.
> В-аз пайи он ки зи сирри ту хабардор шавам,
> "Кас фиристод ба сирр андар айёр маро".

Теғи айёр чӣ бояд зи пайи куштани ман,
Ҳам ту куш, к-аз ту наояд ба дил озор маро.
(Хоқонӣ. Девон, саҳ. 317)

Агар ин мисраи Рӯдакӣ аз маъхазҳои дигар дар дастараси мо набуд, ҳеч гоҳ аз ин қасидаи Хоқонӣ ба устоди шоирони Аҷам мутааллиқ буданӣ онро намефаҳмидем.

Масъуди Саъди Салмон низ мисраи Рӯдакӣ "Худой чашми бад аз мулки ту бигардонод"-ро ҷойе бо зикри номи шоир ва дар ҷойи дигар бо каме тағйир ва бидуни зикри номи шоир овардааст.

Ҳамчунин ин амр гувоҳ бар он метавонад бошад, ки дар девони шоирони қарнҳои баъд байту мисраъҳои тазминшуда аз шоирони қадим, аз ҷумла Рӯдакӣ хеле зиёдтар аз он аст, ки дар даст дорем ва то замони кашфи маохизи ҷадид муаллифони асли ин абёт ҳамин тавр пӯшида хоҳанд монд.

Аз мутолиаи фарҳангҳои форсӣ ҳамчунин сабаби дигари омезиш ва нисбати абёти шоирон ба ҳамдигарро низ метавон пай бурд. Чунончи, яке аз ин сабабҳо метавонад корбурди як вожа дар ашъори ду шоир бошад. Эҳтимолан, дар нусхаи қадимаи фарҳанге ду байти ду шоир барои шарҳи вожае омада ва дар нусахи баъд номи яке аз шоирон ҳазф шуда ва ҳар ду байт ба номи як нафар омада. Чунончи байти

Ниҳод рӯй ба ҳазрат, чунонки рӯбаҳи пир,
Ба тими вотгарон ояд аз дари темос

ба шоҳиди вожаи "вотгар" ҳам ба номи Абулаббос ва ҳам ба номи Рӯдакӣ омада ва ҳамчунин ин вожа дар байти дигар, ки мусалламан аз Рӯдакист ба кор рафта:

Чу пӯсти рӯбаҳ бинӣ ба хони воттарон,
Бидон, ки тухмати ӯ дунбаи ба шудёр аст.

Ҳамин тавр, байти

Ай дареғо, ки мурдзори маро
Ногаҳон бозхӯрд барфи вағеш

ҳам ба Кисоӣ ва ҳам ба Рӯдакӣ мансуб аст ва вожаи "вағеш" дар байти зайл ҳам, ки дар интисоби он ба Рӯдакӣ шубҳа нест, ба кор рафта:

Маъзурам доранд, ки андуҳ вағеш аст,
В-андуҳи вағеши ман аз он зулфи вағеш аст.

Ман ғумон мекунам, муаллифи аслии ду байти аввал Абулаббос ва Кисоӣ ҳастанд ва истифодаи вожаҳои муштарак ва саҳлангории нассохон ва ё таҳиййакунандагон боиси интисоби онҳо ба Рӯдакӣ шуда бошад. Ва чунин абёт, ки вожаҳои муштаракашон боиси интисобҳои музоаф шуда, хеле зиёд аст. Вале боз ҳам, чун маҷоли таҳқиқи бештару амиқтар нест, ночор ҳастем онҳоро чун абёти мансуб ба Рӯдакӣ биоварем.

Дар амри интисоби ашъори дигарон ба Рӯдакӣ муҳаққиқони муосир низ саҳм гирифтаанд, ки ин амр ба ду сабаб рух додааст: аввалан, дониста ва сониян, надониста. Устод Нафисӣ зимни таҳқиқ ва пижӯҳиш чандин шеъру байтҳоро, ки дар маохиз бидуни зикри номи гӯяндагонашон омада, бо қаринаҳое ба маҷмуаи ашъори Рӯдакӣ ворид кард ва нуфузи илмӣ ва эътибори сухани устод Нафисӣ яке аз сабабҳои умда буда, ки то кунун ин шеъру байтҳо дар китобҳои ашъори Рӯдакӣ оварда мешаванд. Мо пас аз мутолиа ва тааммул дар осори шоирон ва сабк ва ҷаҳонбинии онҳо

бархе аз ин абётро аз маҷмуъаи осори Рӯдакӣ хориҷ кардем. Вале қисми бештари чунин ашъор, ки асосан маъхуз аз «Асрору-т-тавҳид» мебошанд ва аз диди донишмандони дигар низ воқеан мутааллиқ ба қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ ҳастанд, то замони кашфи маохизи тоза, ки тавонанд ҳадси устод Нафисиро таъйид ва ё рад намоянд, бояст ба унвони ашъори мансуб ба Рӯдакӣ боқӣ бимонанд, чи агар фарз кардем шеъри Рӯдакӣ ҳам нестанд, боре «шеъри Рӯдакивор» ҳастанд! Ва аммо гоҳе шояд адами иттилоъи муҳаққиқон аз исми шоире ва ё наздик будани исми шоири дигар бо нисбаи Рӯдакӣ ва адами шуҳрати онҳо боис шуда, ки байтҳои эшонро ба номи Рӯдакӣ оваранд. Мо ин мавоaccess дар ҳавошӣ ва тавзеҳот шарҳ додаем ва лозим намедонам, такрор бикунам.

Аз сӯйи дигар, мутмаинан абёти зиёди Рӯдакӣ низ ба номи гӯяндагони дигар дар луғатномаву девонҳо маҳфуз мондааст. Вале сатҳи мавҷуди иттилооти илмӣ ва таҳқиқи маохиз, адами мутуни интиқодии ашъори бозмонда ва девони шоирони садаҳои X-XII имкон намедиҳад, онҳо кашф бишаванд. Чунончи, устод Маликушшуаро Баҳор, ховаршиносон Константин Чайкин ва Иосиф Брагинский муътақид буданд, то кунун дар девони машҳур ба номи Қатрон ва ё девони маҷъули Рӯдакӣ ашъори ин ду шоир ба таври ниҳоӣ аз ҳам тафкик ва тамйиз нашудааст. Таҳрифоти ворида ба қасидаи «Модари май», ки танҳо бо кашфи нусхаи Таърихи Систон мутааллиқ будани он ба Рӯдакӣ собит шуд, муайиди назари онҳо аст. Таҳқиқи амиқи луғатномаҳо, гурӯҳбандии онҳо аз назари маншаъ ва маъхаз, таҳқиқи қиёсии ашъори шоирони қадим аз назари корбурди вожаҳо (агарчи ин кор барои шоирони қарни Сомонӣ, ки тақрибан ҳама аз шаҳру навоҳии Хуросони бузург

ҳастанд, басо мушкил аст) дар амри таъйини муаллифи асли абёт мусоидат хоҳад кард.

**Нусхабадалҳо**. Аз устод Рӯдакӣ чун аз дигар шоирони аҳди Сомониён теъдоди хеле ками ашъор маҳфуз мондааст. Мутаассифона, бахши умдае аз ин абёти маъдуд низ дар маъхазҳои онҳо ба суратҳои мағшуш, бо тасҳифу таҳрифи вожаҳо забт шудаанд, ки дарку фаҳми онҳоро мушкил мекунанд. Муқоисаи манобеъи мавҷуд, кашф шудани маъхазҳои ҷадид ва ҳамчунин тасҳеҳҳои қиёсии муҳаққиқон имкон дод, бахше аз ин тасҳифу таҳрифҳо бартараф ва сурати асл ва ё ҳадди ақалл наздик ба асли байтҳо барқарор шаванд, вале дар осори устод то кунун ҳам абёте, ки маънии рӯшане аз онҳо наметавон берун овард, ҳастанд.

Дар амри таъйини сурати асли байт, мисраъ ва вожагони ашъори шоирони қадим, аз ҷумла Рӯдакӣ, муроотӣ чанд асл муҳим аст, ки имтиёз додан ба маохизи қадим, таваҷҷуҳ ба сабки хуросонӣ ва сувари хаёли гӯяндагони он, вожаҳои мустаъмал дар он замон, мантиқи сухан ва таносуби калом ва ниҳоят завқи шоирӣ муҳимтарини онҳо ҳастанд.

Чунончи дар байти зайл

Ман кунам пеши ту даҳон пурбод,
То занӣ бар купам ту зобгаре

бархе маъхазҳо бадали «купам» «лабам» овардаанд ва баъзе таҳийякунандагони осори шоир низ вожаи охирро писандидаанд, вале мантиқ ва маънии ин ду вожа, корбурди вожаи «куп» ва шакли дигари он – «окуп» дар ашъори шоири дигари он замон, тақозо мекунад, ки «куп»-ро бипазирем ва «лаб»-ро натиҷаи завқ ва дониши нассохе

бидонем, ки онро ба «куп», ки ё нафаҳмидааст ва ё дархури завқаш набуда, имтиёз додааст.

Байти дигаре аз устод дар ҳама маҷмуъаҳои ашъори ӯ дар Эрону Тоҷикистон ба сурати зайл омада:

Ай дарег, он ҳури ҳангоми сахо Ҳотамфаш,
Ай дареғ, он гави ҳангоми вафо Сомгироҳ.

Дар ин байт «вафо» ҷойгоҳе надорад ва танзимкунандагони ашъори Рӯдакӣ бо забти он таносуби калом, талмеҳ, сохтори вежаи байтро барҳам задаанд. Шоир дар байт аз ҷуфти қолабишудаи шеъри форсӣ, ба вежа шеъри аҳди Сомониён ва Ғазнавиён – разму базм, ки сахову ато ва ҷангу ваґо аз лузумоти онҳо ҳастанд, истифода кардааст ва исму вожаҳои «гав, «Сом» ва «сахо» ҳама муқтазии «ваґо» дар ин байт мебошанд.

Ду байти зайл, ки аввалӣ аз қитъаи хитоб ба Маҷ ва дувумӣ аз қасидаи машҳури «Модари май» аст, дар бештари маҷмуъаҳои осори Рӯдакӣ ба ин сурат омадаанд:

Ай Маҷ, кунун ту шеъри ман аз бар куну бихон,
Аз ман дилу сиголиш, аз ту тану *равон.*

Нест шигифтӣ, ки Рӯдакӣ ба чунин ҷой,
Хира шавад *беравону* монад ҳайрон

Аммо маънии абёт ва мантиқ тақозо мекунад, ки дар ҳарду байт ҳам ба ҷойи *равон забон (завон)* бояд бошад.[2] Равони Маҷ, ки ровии шеър аст, чӣ иртиботе бо шеъри Рӯдакӣ дорад? Ва нафаре, ки бе

[2] Назари ман дар мавриди байти аввал тағйир ёфт. Дар ин хусус ниг. ба бахши Тавзеҳот, зайли қитъаи 98.



КИТОБХОНА
ДДОТ ба номи С.АЙНӢ
АМВОЛ № 215818

равон бимонад, пас аз он чӣ гуна ҳайрон метавонад бишавад? Гузашта аз ин, чанде аз маъхазҳои байти аввал («Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Маҷмаъу-л-фурс») бадали “равон” “забон” забт кардаанд ва «Модари май», ки байти дувум аз ин қасида аст, дар маъхазҳои асл он қадар бо тасҳифу таҳрифу ғалат омада, ки мавриди ҷустуҷӯ ва ковишҳои матншиносии донишмандони бузурге чун Маликушшуаро Баҳор, Алиакбари Деҳхудо, Константин Чайкин қарор гирифтааст ва барои матни нисбатан саҳеҳи он, ки имрӯз дорем, мадюни дониш ва таҳқиқи онҳо ҳастем. Бо ин ҳол, дар маохиз омадани “равон” ба ҷойи “завон”, ки танҳо бо як нуктае бо ҳам фарқ мекунанд, амри ғайриимкон нест.

Чунин иштибоҳот дар маохизи ашъори устод боз ҳам ҳаст ва дар маҷмуъаҳои осори ӯ фаровонтар шуда, ки мо ин маворидро ба ҳадди иттилоъ ва тавони худ, дар ҳавошӣ ва тавзеҳот овардаем ва ин ҷо ҳамин қадарро, ки гуфтем, кофӣ медонам.

Аммо як нуктаи дигарро меҳоҳам ёдовар бишавам. Чунонки ишора кардем, интисоби абёт ба гӯяндагони бостон дар маъхазҳо вазъи ошуфтае дорад ва аз ҷумла, бархе абёти мансуб ба Рӯдакиро ҳамчунин ба шоирони дигар низ нисбат додаанд. Аз ин рӯ, зимни таҳийя ва тасҳеҳи ашъори Рӯдакӣ ва баргузинишу имтиёзи вожаҳо на танҳо ба маохизе, ки дар онҳо байт ба исми Рӯдакӣ тасреҳ шуда, балки ба манобеъи гайр ҳам, ки байтро ба номи дигарон овардаанд, таваҷҷуҳ бояст кард, чи басо маврид ҳаст, ки сурати саҳеҳи байт ва вожаҳо маҳз дар чунин маъхазҳо сабт шудаанд. Чунончи, ин ду байт дар маъхазҳо ба номи Рӯдакӣ ба сурати зайл омада:

Зишту нофарҳехтаву нобихраде,
Одамирӯеву дар ботин *баде.*

Гарчи *Баштарро* ато борон бувад,
Мар туро зарру гуҳар бошад ато.

Аз таъкид пайдост, ки манзури ман дар байти аввал вожаи «баде» ва дар байти дувум исми «Баштар» аст, ки ман онҳоро тасҳиф медонам. Дар байти аввал «бад будан» бо «одамирӯйӣ» ҳеч таноқузе надорад, дар мисраъи аввали байти дувум «Баштар», бо он ки фарҳангҳо онро шарҳ додаанд, нодуруст аст. Ва аммо ҳамин байтҳо дар маъхазҳое, ки онҳоро ба Тайён ва Дақиқӣ нисбат додаанд, бадали «баде» «даде» ва ба ҷойи «Баштар» «Таштар» доранд ва байтҳо фақат бо корбурди ин вожаҳо маънои рӯшан ва мантиқӣ касб мекунанд.

**Маънӣ ва шарҳи вожаҳо.** Ғалату хато шарҳу маънӣ кардани вожаҳои осори шоир низ, агарчи, аз маохизи куҳани ашъори ӯ оғоз шуда, бо гузашти замон афзудааст. Ин амр, аз сӯйе, ҳосили беиттилоъӣ аз асли вожа ва донишҳои роиҷ дар замони шоир ва аз сӯйи дигар, натиҷаи беТаваҷҷуҳӣ ба маънии умумии шеър аст. Чунончи, «Луғати фурс»-и Асадӣ ва ба пайравӣ аз он фарҳангҳои дигар ва таҳиякунандагони ашъори шоир низ «курпо» (ё «карпо») дар байти Рӯдакиро «ҳаландуз, ки навъе ревос бошад», «гиёҳе, ки дар дорусозӣ ба кор баранд» шарҳ додаанд ва мантиқ ва таъсири байтро костаанд.
Дар ду байти зайл

Бувад аъвару кӯсаҷу лангу пас ман,
Нишаста бар ӯ чун калоғе бар аъвар.

Оҳу аз дом-андарун овоз дод,
Посухи гарза ба униш боз дод

ба иллати он ки таҳийякунандагон танҳо маъонии наздик ва машҳури «кӯсаҷ» ва «гарза» («гурза»)-ро медонистаанд, ҳар ду вожаро нодуруст ва ғалат шарҳ додаанд (ниг. Ҳошия ва тавзеҳот). Чунин маънӣ кардан ва шарҳҳои ғалат, мутаассифона, дар китоби «Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ» низ кам нест ва ин ҳама ба фаҳму дарки шеъри шоир мусоидат намекунад. Ҳол он ки матни саҳеҳ ва шарҳи дурусти вожагон ва абёт замина ва асли таҳқиқ ва тадқиқ аст ва агар вожаро тасҳиф мекунем ва ё ғалат шарҳ медиҳем, бадеҳист, ки шеърро нафаҳмидаем ва ё на чунон фаҳмидаем, ки манзури гӯяндааш будааст.

Навишти ғалати вожаҳои ашъори Рӯдакӣ, ба хусус дар маҷмуъаҳои осори шоир ба ҳуруфи кирилӣ зиёд аст. Чун дар алифбои кирилӣ ҳама садонокҳои кӯтоҳ низ забт мешаванд, ҳусну қубҳи таҳийякунандагони мутуни қадим зуд ба чашм мехурад. Ин ҷониб бархе хатоҳои содиршуда дар матни ашъори Рӯдакиро қаблан бозгӯ карда будам[3] ва бахши дигарро дар қисмати тавзеҳоти ин китоб ба тафсил овардаам.

Ин нуктаро бояст таъкид кард, ки ҳам барои ислоҳи вожаҳои тасҳифу таҳрифшуда дар маохизе, ки ашъори устод Рӯдакиро сабт кардаанд ва ҳам барои шарҳу маънӣ кардани дурусти онҳо ашъори шоирони сабки хуросонӣ ва ба вежа, гӯяндагони аҳди Сомонӣ, аз як сӯй ва гӯйиши форсии мовароуннаҳрӣ, аз сӯйи дигар, ду манбаъи муҳим ҳастанд. Бо он ки забони адабии форсӣ барои ҳамаи гӯяндагону нависандагони ин забон воҳид ва ягона аст, бадеҳист ки ҳар замон ва ҳар сабки адабӣ дорои вожагони хоси худ низ ҳаст, ки дар адвор ва сабкҳои дигар, ё ба

---

[3] Қодири Рустам. Шеъри Саҳеҳи Рӯдакӣ. – СШ, 2005, № 10-12

иллати кухна шудан, ё ба сабаби нomатбуъу номаънус будан аз кор уфтодаанд ва пеш аз ҳама, ин вожагон ҳастанд, ки аз абъоди мухталиф сабкҳои адабиро аз ҳам имтиёз медиҳанд.

Дар гӯйиши форсии Мовароуннаҳр аз оғози пайдоиш ва ташаккули форсии дарӣ бисёр калимаҳое аз забонҳои шарқии эронӣ ворид шудаанд, ки барои сокинони манотиқи дигари Эрон мафҳум набудаанд ва ин амр боис шуда, ки таҳийякунандагони фарҳангҳо, ки бештар зода ва парвардагони қисмати ғарбии Эрон буданд, маонии бархе аз ин вожагонро нафаҳмидаанд ва онҳоро ба тахмину ҳадс ва нодуруст шарҳ додаанд ва ҳатто шоире чун Қатрон, ки ба форсӣ шеър мегуфт, рӯйи ниёз ба Носири Хусрав овардааст, то вожагони барояш душворфаҳми девонҳои Дақиқӣ ва Мунҷикро шарҳ бидиҳад. Бархе аз ин вожаҳо имрӯз низ дар миёни тоҷикон роиҷ ҳастанд ва ин амр ба муҳаққиқони тоҷик имкони бештаре медиҳад, ки дар роҳи тасҳеҳ ва бозҷустани сурати асили вожаҳо ва шарҳи маъонии онҳо ҷасуронатар гом бардоранд.

Аммо, боиси таассуф аст, ки иштибоҳу хатоҳо, аз сӯйе ислоҳ мешаванд ва, аз сӯйи дигар саҳву ғалатҳои наву тоза зуҳур мекунанд ва гоҳе ин иштибоҳу ағлотро дар либоси илм ва таҳқиқ ҷилва медиҳанд. Чунончи, дар шумораи вежаи маҷаллаи «Рӯдакӣ», ки ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон нашири он аст, мақолаҳои ду муҳаққиқи тоҷик Файзуллоҳ Бобоев ва Алии Муҳаммадии Хуросонӣ низ чоп шудаанд. Ҳар ду мақола нукоти ҷолиб низ доранд, аммо пешниҳоди Ф. Бобоев, дар мавриди ин ки дар мисраъи севуми қитъаи машҳури Рӯдакӣ дар бораи се пироҳани ҳазрати Юсуф «яке аз кайд шуд пурхун, дигар шуд чок аз туҳмат» бояд ба ивази «қайд» (?)

«кизб» забт шавад ва пешниҳоди Алии Муҳаммадӣ, ки дар байти «Хаз ба ҷойи мулҳаму хиргоҳ | Бадали боғу бӯстон омад» «бадал» бояд «ба дил» хонда ва навишта шавад, на танҳо дуруст нест, балки ғалати маҳз аст. Ф. Бобоев, ки ин ҳама заҳматро кашида ва байтро бо ҳикояти маохизи гуногун қиёс карда, ба ин нуктаи муҳим ишора накардааст, ки вожаи «қайд»-ро аз чи маъхазе пайдо карда ва чаро «кайд»-и мазбут дар маъохиз ва маҷмуъаҳои ашъори шоирро сарфи назар кардааст!? Алии Муҳаммадӣ, ки ақида дорад «дар як ҷумла ё байт омадани «ба ҷойи» ва «бадали» дар сухани шоирони асил роиҷ нест» таваҷҷуҳ накардааст, ки дар ин шеъри зебо на танҳо байти манзури ӯ, балки байти баъд низ бо ду бор такрори «ба ҷойи» омада ва ба василаи ҳамин такрор аст, ки шоир поён ёфтани тобистон ва огози зимистонро (барои эрониёни бостон сол шомили ду фасл буд) пуртаъсир пеши назар ҷилвагар сохтааст, ба шеваи дигар, ин ду байт асос бар санъати такрор доранд ва ин санъат аст, ки ин ду байтро шеър кардааст.

Ин ду пешниҳод идомаи ҳамон корест, ки котибон ва муаллифони фарҳангҳо тайи қарнҳо бо шеъри шоирон ва аз ҷумла, Рӯдакӣ кардаанд. Онҳо бо иттико ба завқ ва дониши худ ба шеъри гузаштагон дасти тасарруф ёзидаанд ва дар натиҷа кӯҳе аз таҳрифу тасҳифи шеъри классикӣ анбошта шуда, ки аз миёни он пайдо кардани асли абёт ва вожаҳои асил корест сахт душвор ва гоҳе ғайри имкон.

Нукоти мазкур вомедорад, то дар мавриди зарурат ва аҳаммияти таҳийяи мутуни илмию интиқодии осори шоирони қадим ва ба вежа, устод Рӯдакӣ биандешем ва муҳаққиқони воқеӣ бояст қабл аз ҳар кори дигар, саъйу талоши худро дар ин

роҳ дареғ надоранд. Бидуни таҳийяи чунин матнҳои илмӣ кори таҳқиқ ва пижуҳишҳои адабӣ ва забоншиносӣ камсамар хоҳад буд ва чунонки ишора кардем, матнҳои ғалат гоҳе боис ба натиҷагириҳои иштибоҳӣ низ мешаванд.

Китоби ҳозир баъд аз мутолиаи маохиз, маҷмуаҳои мунташири ашъори Рӯдакӣ, китобу мақолаҳои илмии ихтисосӣ дар бораи зиндагӣ ва осори ӯ ва низ тадқиқоте, ки ба дарку фаҳми шеъри падари шеъри форсӣ мусоидат мекунанд, таҳийя шуд. Бадеҳист, ки роқими сутур дар Олмотӣ ва ба дур аз марокизи эроншиносӣ ва адаби форсӣ на ба ҳар маъхазу китоби лозим дастрасӣ дошт ва гоҳе истифода аз бархе маъхазҳо ва истинод ба навиштаҳои баъзе муҳаққиқон ғайримустақим, аз тариқи кутуби дигар анҷом шудаанд. Аз ҷумла, нашри аввали китоби устод Нафисӣ «Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ» дар дастрас набуд ва мо аз нашри чаҳоруми он истифода кардем. Дар сурате, ки муаллиф зимни омода кардани чопи дувум, ки ҳама нашрҳои баъдӣ низ такрори он ҳастанд, нусхабадалҳо ва тавсифи маохизро наоварда ва арзиши илмии ин китоби муҳим барои шинохти Рӯдакӣ ва осори гаронбаҳои ӯро костааст. Ҳамчунин аз нусхаҳои мутааддиди «Луғати фурс» танҳо чопи нусхаи панҷобии он дар ихтиёр буд, «Сиҳоҳу-л-фурс», фарҳангҳои Рашидӣ ва Онандроҷро ҳам дар даст надоштем, ки албатта, муҷиби душвориҳо буд.

Аммо ҳарчи манбаъ дар дастрас буд, ҳамаро фаро гирифтам ва талош кардам, ҳеч нукта ва ҳеч назарро фурӯ нагзорам, он чиро писандидам, пазируфтам, он чи иштибоҳу хато ба назарам расид, ангушти радд рӯяш ниҳодам. Ва аммо ҳаққи ҳеч муҳаққиқро ба дасти фаромӯшӣ надодам, ба амонате хиёнат накардам, ҳар андеша ва нуктаро

бо зикри ном ва истинод ба навиштаҳои соҳибо-нашон забт кардам. Яъне, ин нома бо он ки ҳосили заҳматҳои ин ҷониб аст, китоби чанд насли муҳаққиқон низ ҳаст, аз устод Саъиди Нафисӣ, ки бузургтарини Рӯдакишиносон аст, то муҳаққиқини имрӯз. Барои нигоранда, ба хусус, мутолиаи «Луғатнома»-и Деҳхудо мавод ва матолиби фаро-вон дод. Мутаассифона, муҳаққиқон «Луғатнома»-ро аз назари тасҳеҳ ва тадқиқи шеъри Рӯдакӣ хеле ба нудрат мавриди истифода қарор додаанд. Дар ҳоле, ки аллома Алиакбари Деҳхудо, на танҳо ашъори тозаи Рӯдакиро, ки дар ҳеч маҷмуъаи осори ӯ дида намешаванд, забт карда, на фақат нусхабадалҳо ва ривоятҳои саҳеҳи абёти ӯро овардааст, балки зимни тасҳеҳи байтҳои фаровон назар ва андешаҳои ҷолиб иброз кардааст, ки худ мактаби бузурги матншиносӣ ва луғатшиносист. Ман бештарини тасҳеҳҳо ва андешаҳои алломаро истифода кардам, вале мавзуъи назари Деҳхудо ба шеъри Рӯдакӣ ва ё шеъри Рӯдакӣ дар «Луғатнома» бояст мавриди мутолиаи вежа қарор бигирад ва анҷоми ин амр на танҳо барои тадқиқи осори Одамушшуъаро, балки умуман барои шинохти амиқтари шеъру адаб ва дарку фаҳми забони форсӣ ёрӣ медиҳад.

Бояд гуфт, дар «Луғатнома» абёти хеле зиёд ба Рӯдакӣ нисбат дода шуда, ки дар асл мутааллиқ ба шоирони дигар ҳастанд. Ин байтҳо қисман аз фарҳангҳои гузашта ба «Луғатнома» нақл шуда-анд ва қисман бо иштибоҳи худи муаллифони «Луғатнома» ба Рӯдакӣ нисбат дода шудаанд. Пас аз таҳқиқ ин абётро, ки гӯяндагони аслии онҳо Дақиқӣ, Кисоӣ, Фаррухӣ, Қатрон, Саноӣ ва ди-гарон буданд, канор гузоштем. Аммо ду-се байти дигар низ ҳаст, ки дар девонҳо ва маҷмуаҳои ашъори ҳеч шоире пайдо накардам ва чун сабки

онҳо бо сабки Рӯдакӣ фосила дошт, дар нисбати онҳо ба устод шак кардам ва ба маҷмуаи ҳозир низ ворид насохтам. Ин байтҳо бояст мавриди тадқиқи амиқтар ва густардатар қарор бигиранд. Вале се байт ва як мисраъ, ки дар ҳеч манбаъи дигар надидам ва дар интисоби онҳо ба Рӯдакӣ шубҳа нест, вориди ин маҷмуъа шуд.

Ҳамчунин байте маъхуз аз номаҳои Айнулқузот ва мисраъе баргирифта аз «Асрору-т-тавҳид» ба тагаззуле, ки қаблан устод С. Нафисӣ аз Рӯдакӣ дониста буд, афзуда ва вориди маҷмуъа гардид. Мисраъе низ аз хилоли гуфтаи Муҳаммад ибни Сурхи Нишопурӣ – марди исмоилимазҳаби охири қарни X ибтидои асри XI ва байте мансуб ба Шокири Бухороиро ба девони Рӯдакӣ афзудам, ки далели ин ҷуръатро дар ҳошия шарҳ додаам.

Тайи мутолиаи мустамарри ашъори Рӯдакӣ он қадр бо ин шеър ва соҳиби он унс гирифтам, ки густох шудам, ҷуръат пайдо кардам ва бо иҷоза аз руҳи поки устод чанд байтро, ки маънои рӯшан надоштанд ва ё вожаҳои онҳоро хато донистам, тасҳеҳ кардам, яъне вожаҳои дигарро бадали калимаҳои мавҷуд дар маъхазҳо ниҳодам. Ва чун итминон дорам, ки ин ислоҳҳо савоб аст, онҳоро дар матн овардам ва ин мавоaccess низ дар таълиқот бозгӯ кардаам.

Ин маҷмуъаро ба ин умед, ки имтиёзҳое бар кутуби то кунун мунташири ашъори Рӯдакӣ дорад, ба дасти чоп додам ва агар ин умед набуд, зарурате ба интишори он ҳам намемонд ва агар хонандагон ба чашми инсоф ва таҳқиқ бингаранд, албатта, худ ба ин нукта пай хоҳанд бурд.

Ва аммо баъид нест ва балки бадеҳист, ки китоб шомили нукоти мавриди баҳс низ ҳаст ва низ эҳтимол, иштибоҳ ва хатоҳое зимни таҳийя ва шарҳи осор ва вожагон аз роқими сутур сар зада

бошад. Зеро, ҳеч хато накард он кӣ ҳеч кор накард. Ин ҷониб аз пижӯҳандагоне, ки мулоҳиза ва андешаи хешро дар мавриди навоқиси маҷмуъа ва саҳву хатоҳои мумкини он аз тариқи нашрияҳо ва ё номаи хусусӣ иброз медоранд, хеле сипосгузор хоҳад буд ва албатта, эродҳои мантиқӣ ва илмиро дар чопи ояндаи китоб дар назар хоҳад гирифт.

Дар охир мехоҳам аз донишманди муҳтарам Ҷумъабой Азизқулов, ки пайваста матолиби марбут ба Рӯдакиро аз Душанбе ба ин ҷониб мефиристод ва мулоҳизоти худро барои тасҳеҳи ашъори шоир ироа мекард, аз дӯсти фозил Сафар Абдуллоҳ, ки дар ҳар сафари илмии худ ба Эрон маҷмуъаҳои ашъори шоир ва китобу мақолоти донишмандони эрониро, ки қисман нопайдо шуда буданд, меҷусту меёфту бароям меовард ва низ бо диққати тамом маҷмуъаи ҳозирро хонда, барои такмил ва беҳбуди он машвараҳои муфид дод, аз самими қалб сипосгузорӣ намоям.

Ва албатта, дар чопи ин китоб раҳини миннати дӯстам Абдулхалили Холиқзода ҳастам, ки ба рағми мушоҳидаи шоири хирадманд Шаҳиди Балхӣ, хоста ҳам дораду дониш ҳам ва афзун бар ин ҷуфти малеҳ ҳиммат низ. Ва ман низ

Ҷуз ин дуъош нагӯям, ки Рӯдакӣ гуфтаст:
Ҳазор сол бизӣ, сад ҳазор сол бизӣ!

**Қодири Рустам,**
**Олмотӣ, сентябри 2007**

# ҚАСИДА, ТАҒАЗЗУЛ, ҚИТЪА ВА ПОРАҲОИ БОЗМОНДА АЗ ОНҲО

**1**

Ба Ҳақ нолам зи ҳаҷри дӯст зоро,
Саҳаргоҳон чу бар гулбун ҳазоро.
Қазо гар доди ман настонад аз ту,
Зи сӯзи дил бисӯзонам қазоро.
Чу ориз барфурӯзӣ, мебисӯзад
Чу ман парвона бар гирдат ҳазоро.
Нагунҷам дар лаҳад, гар з-он ки лахте
Нишинӣ бар мазорам сӯгворо....
Ҷаҳон ин асту чунин аст то буд
Ва ҳамчунин бувад инанд боро!
Ба як гардиш ба шоҳаншоҳӣ орад,
Диҳад дайҳиму тоҷу гӯшворо...
Ту-шон зери замин фарсуда кардӣ,
Замин дода мар эшонро загоро.
Аз он ҷонбӯз лахте хуни раз деҳ,
Сипарда зери пой андар сипоро!

**2**

Гирифт хоҳам зулфини анбарини туро,
Ба бӯса нақш кунам барги ёсамини туро.
Ҳар он замин, ки ту як раҳ бар ӯ қадам бинихӣ,
Ҳазор саҷда барам хоки он замини туро.
Ҳазор бӯса диҳам бар сиҳои номаи ту,
Агар бибинам бар муҳри ӯ нигини туро.
Ба теги ҳиндӣ, гӯ, дасти ман ҷудо бикунанд,
Агар нагирам рӯзе ман остини туро.
Агарчи хомуш мардум, ки шеър бояд гуфт,
Зуфони ман ба равӣ гардад офарини туро.

**3**

Пӯпак дидам ба ҳаволий Сарахс,
Бонгак бар бурда ба абр андаро.
Чодараке дидам рангин бар ӯ,
Ранг басе гуна бар он чодаро!

**4**

Ҷаҳоно, чӣ бинӣ ту аз баччагон,
Ки гаҳ модарӣ, гоҳ модандаро!
На подир бояд туро на сутун,
На девори хишту на з-оҳан даро!

**5**

Кас фиристод ба сирр-андар айёр маро,
Ки макун ёд ба шеър-андар бисёр маро.
Ин фажапир зи баҳри ту маро хор гирифт,
Бираҳонод аз ӯ Эзади ҷаббор маро.

**6**

Гар ман ин дӯстии ту бибарам то лаби гӯр,
Бизанам наъра, валекин зи ту бинам ҳунаро.
Асари мир нахоҳам, ки бимонад ба ҷаҳон,
Мир хоҳам, ки бимонад ба ҷаҳон-дар асаро...
Ҳар киро рафт ҳамебояд, рафта шумараш,
Ҳар киро мурд ҳамебояд, мурда шумаро!

**7**

Ба номи неки ту, хоҷа, фирефта нашавам,
Ки номи неки ту дом асту зарқ мар нонро.
Касе, ки дом кунад номи нек аз пайи нон,
Яқин бидон ту, ки дом аст нон-ш мар ҷонро!

8

Дило, то кай ҳамеҷӯйӣ маниро
Чӣ дорӣ дӯст ҳарза душманеро?!
Чиро ҷӯйӣ вафо аз бевафое,
Чӣ кӯбӣ беҳуда сард оҳанеро?!
Аё савсанбуногӯше, ки дорӣ
Ба рашки хештан ҳар савсанеро,
Яке з-ин барзани нороҳ бар шав,
Ки дар оташ нишонӣ барзанеро.

Дили ман арзане, ишқи ту кӯҳе,
Чӣ сойӣ зери кӯҳе арзанеро?!
Бибахшо, моҳи ман, бар ман бибахшо,
Макуш дар ишқ хира чун манеро!
Биё, инак, нигаҳ кун Рӯдакиро,
Агар беҷон равон хоҳӣ танеро.

**9**

Бо ошиқон нишину ҳама ошиқӣ гузин,
Бо ҳар кӣ нест ошиқ кам кун қариниё.
Бошад гаҳи висол бибинанд рӯи дӯст,
Ту низ дар миёнаи эшон бибиниё.
То андар он миёна, ки бинанд рӯи ӯ,
Ту низ дар миёнаи эшон нишиниё!
........................................
Ошиқ нимой хештан, арчи ҳазиниё.

**10**

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯйи тиб,
Бо сад ҳазор нузҳату оройиши аҷиб.
Шояд, ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,
Гетӣ бадил ёфт шабоб аз пайи машиб.
Чархи бузургвор яке лашкаре бикард,
Лашкар-ш абри тираву боди сабо – нақиб,
Наффот - барқи равшану тундар-ш таблзан,
Дидам ҳазор хайлу надидам чунин маҳиб.
Он абр бин, ки гиряд чун марди сӯквор
В-он раъд бин, ки нолад чун ошиқи кайиб.
Хуршедро зи абр дамад рӯй гоҳ-гоҳ,
Чунон ҳисорие, ки гузар дорад аз рақиб.
Якчанд рӯзгор ҷаҳон дардманд буд,
Беҳ шуд, ки ёфт бӯйи саман, бодро табиб.
Борони мушкбӯй биборид нав ба нав
В-аз барф баркашид яке ҳуллаи қашиб
Кунҷе, ки барф пеш ҳамедошт, гул гирифт,
Ҳар ҷӯяке, ки хушк ҳамебуд, шуд ратиб.

Тундар миёни дашт ҳаме бод бардамад,
Барқ аз миёни абр ҳаме баркашад қазиб.
Лола миёни кишт бихандад ҳаме зи дур,
Чун панҷаи аруси ба ҳинно шуда хазиб.
Булбул ҳаме бихонад дар шохсори бед,
Сор аз дарахти сарв мар ӯро шуда муҷиб.
Сулсул ба сарвбун бар бо нағмаи куҳан,
Булбул ба шохи гул бар бо лаҳнаки ғариб.
Акнун хуред бодаву акнун зийед шод,
К-акнун барад насиб ҳабиб аз бари ҳабиб.
Соқӣ гузину сабзаву май хур ба бонги зер,
К-аз кишт сор ноладу аз боғ андалиб.
Ҳарчанд навбаҳор ҷаҳон аст ба чашм хуб,
Дидори хоҷа хубтар, он меҳтари ҳасиб....

## 11

Гули садбаргу мушку анбару себ,
Ёсамини сапеду мурди базеб.
Ин ҳама яксара тамом шудаст,
Назди ту, эй бути мулукфиреб!
Шаби ошиқ-т лайлатулқадр аст,
Чун ту берун кунӣ рух аз ҷилбеб.
Ба ҳиҷоб андарун шавад хуршед,
Гар ту бардорӣ аз ду лола ҳиҷеб.
В-он занахдон ба себ монад рост,
Агар аз мушк хол дорад себ!

## 12

Рӯдакӣ чанг барғирифту навохт,
Бода андоз, к-ӯ суруд андохт!
В-он ақиқин майе, ки ҳар кӣ бидид,
Аз ақиқи гудохта нашнохт.
Ҳарду як гавҳаранд, лек ба табъ
Ин бияфсурду он дигар бигдохт.
Нобисуда ду даст рангин кард,
Ночашида ба торак андар тохт.

**13**

Бо хирадуманд бевафо бувад ин бахт,
Хештани хешро бикуш ту як лахт.
Худ хуру худ деҳ, куҷо набуд пашемон,
Ҳар кӣ бихӯрду бидод, аз он чӣ биялфахт.

**14**

Ба саройи сипанҷ меҳмонро,
Дил ниҳодан ҳамешагӣ на равост.
Зери хок андарун-т бояд хуфт,
Гарчи акнун-т хоб бар дебост.
Бо касон буданат чи суд кунад,
Ки ба гӯр андарун шудан танҳост!
Ёри ту зери хок мӯру магас,
Бадали он ки гесуват пирост.
Он ки зулфину гесуват пирост,
Гарчи динор ё дирам-ш баҳост,
Чун туро дид зардгуна шуда,
Сард гардад дилаш, на нобиност.

**15**

Имрӯз ба ҳар ҳоле Бағдод Бухорост,
Куҷо мири Хуросон аст, пирӯзӣ он ҷост.
Соқӣ, ту бидеҳ бодаву мутриб ту бизан рӯд,
То май хурам имрӯз, ки вақти тараби мост.
Май ҳасту дирам ҳасту бути лоларухон ҳаст,
Ғам нест в-агар ҳаст, насиби дили аъдост.

**16**

Замона панде озодвор дод маро,
Замонаро, чу накӯ бингарӣ, ҳама панд аст.
Ба рӯзи неки касон, гуфт, то ту гам нахурӣ,
Басо касо, ки ба рӯзи ту орзуманд аст.
Замона гуфт маро: “Хашми хеш дор нигоҳ,
Киро забон на ба банд аст, пой дар банд аст”.

## 17

Ин ҷаҳон пок хобкирдор аст,
Он шиносад, ки дил-ш бедор аст.
Некии ӯ ба ҷойгоҳи бад аст,
Шодии ӯ ба ҷойи темор аст.
Чӣ нишинӣ бад-ин ҷаҳон ҳамвор,
Ки ҳама кори ӯ на ҳамвор аст!
Кардиши ӯ на хубу чеҳраш хуб,
Зишткирдору хубдидор аст!

## 18

Ба хирасар шумарад серхӯрда гурсунаро,
Чунонки дарди касон бар дигар касе хор аст.
Чу пӯсти рӯбаҳ бинӣ ба хони вотгарон,
Бидон ки туҳмати ӯ дунбаи ба шудёр аст!

## 19

Он саҳни чаман, ки аз дами дай,
Гуфтӣ думи гург ё паланг аст.
Акнун зи баҳори монавитабъ,
Пурнақшу нигор ҳамчу Жанг аст...

## 20

Охири ҳар кас аз ду берун нест,
Ё бар озурданист, ё заданист.
На ба охир ҳама бифарсояд?
Ҳар ки анҷомрост, фарсуданист!

## 21

Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,
Наздики Худованд бадӣ нест фаромушт.
Ин тег на аз баҳри ситамгорон карданд,
Ангур на аз баҳри набид аст ба чархушт.
Исо ба раҳе дид, яке кушта фитода,
Ҳайрон шуду бигрифт ба дандон сари ангушт.

Гуфто, ки “киро куштӣ, то кушта шудӣ зор?
То боз кӣ ӯро бикушад, он ки туро кушт?”
Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас,
То кас накунад ранҷа ба дар кӯфтанат мушт.

**22**

Меҳр мафкан бар ин саройи сипанҷ,
К-ин ҷаҳон пок бозию найранҷ.
Неки ӯро фасона дору шуд,
Бади ӯро камар-т сахт битанҷ!

**23**

Пешам омад бомдодон он нигорин аз кадӯх,
Бо ду рух аз шарм лаълу бо ду чашм аз сеҳр шӯх,
Остин бигрифтамаш, гуфтам:”ба меҳмони ман ой”,
Мар маро гуфтӣ ба тозӣ: “мӯрду анҷиру кулӯх”!

**24**

Шод зӣ бо сиёҳчашмон шод,
Ки ҷаҳон нест ҷуз фасонаву бод!
З-омада шодмона бояд буд,
В-аз гузашта накард бояд ёд.
Ману он ҷаъдмӯйи голиябӯй,
Ману он моҳрӯйи ҳурнижод.
Некбахт он касе, ки доду бихӯрд,
Шӯрбахт он, ки ӯ нахӯрду надод.
Боду абр аст ин ҷаҳони фусус,
Бода пеш ор, ҳар чи бодо бод!
Шод будаст аз ин ҷаҳон ҳаргиз
Ҳеч кас, то аз ӯ ту бошӣ шод?!
Дод дидаст аз ӯ ба ҳеч сабаб
Ҳеч фарзона, то ту бинӣ дод?!

**25**

Ҷаҳон ба коми худованд боду дер зиёд,
Бар ӯ ҳаводисро ҳеч гуна даст мабод!
Дурусту рост кунод ин масал Худой варо:
Агар бибаст яке дар, ҳазор дар бикшод.
Худойи арш ҷаҳонро чунин ниҳод ниҳод
Ки гоҳ мардум шодону гаҳ бувад ношод.
..........................................................
Худой чашми бад аз мулки ту бигардонод!

**26**

Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам бихарад:
Тани дурусту хӯйи неку номи неку хирад.
Ҳар он ки Эзадаш ин ҳар чаҳор рӯзӣ кард,
Сазад, ки шод зияд ҷовидону ғам нах(в)арад.

**27**

Ҳар киро бо ту кор даргирад,
Баҳра аз рӯзгор баргирад.
Ба сухан лаб зи ҳам чу бикшоӣ,
Ҳама рӯйи замин шакар гирад.

**28**

Ай рӯйи ту чу рӯз далели муваҳҳидон
В-ай мӯйи ту чунон чу шаби мулҳид аз лаҳад!
Ай ман муқаддам аз ҳама ушшоқ, чун туӣ
Мар ҳуснро муқаддам чун аз калом қад.
Маккӣ ба Каъба фахр кунад, мисриён ба Нил,
Тарсо ба усқуфу алавӣ б-ифтихори ҷад.
Фахри раҳӣ бад-он ду сияҳ чашмакони туст,
К-омад падид зери ниқоб аз бари ду хад.

**29**

Аз дӯст ба ҳар чиз чаро боядат озард,
К-ин ишқ чунин бошад: гаҳ шодию гаҳ дард.
Гар хор кунад меҳтар, хорӣ накунад айб,
Чун боз навозад, шавад он доғи ҷафо сард.
Сад нек ба як бад натавон кард фаромӯш,
Гар хор барандешӣ, хурмо натавон х(в)ард.
Ӯ хашм ҳамегирад, ту узр ҳамехоҳ,
Ҳар рӯз ба нав ёри дигар менатавон кард.

**30**

Ҳотами Тойӣ туӣ андар сахо,
Рустами Дастон туӣ андар набард.
Не, ки Ҳотам нест бо ҷуди ту род,
Не, ки Рустам нест дар ҷанги ту мард.

**31**

Чун баччаи кабӯтар минқор сахт кард,
Ҳамвор кард парру биявганд мӯйи зард.
Кобукро нахоҳаду шох орзу кунад
В-аз шох сӯйи бом шавад боз гирдгард.

**32**

Мурд Муродӣ, на ҳамоно ки мурд,
Марги чунон хоҷа на корест хурд.
Ҷони гиромӣ ба падар боздод,
Колбади тира ба модар супурд.
Они малак бо малакӣ рафт боз,
Зинда кунун шуд, ки ту гӯйӣ бимурд.

**33**

Зулфи туро ҷим кӣ кард? Он ки ӯ
Холи туро нуқтаи он ҷим кард.
В-он даҳани танги ту гӯйӣ касе,
Донагаке нор ба ду ним кард!

## 34

Фириштаро зи ҳаловат даҳон пуроб шавад,
Чу аз ҳаловати май дилбарам лабон лесад.
Равон зи дидаи афлокиён шавад ҷайҳун,
Нисоли тират агар қабзаи камон лесад.
Бахокхуфтаи тири ту аз ҳаловати захм
Забон баровараду захмро даҳон лесад.

## 35

Малико, ҷашни Меҳргон омад,
Ҷашни шоҳону хусравон омад!
Хаз ба ҷойи мулҳаму харгоҳ
Бадали боғу бӯстон омад.
Мурд ба ҷойи савсан омад боз,
Май ба ҷойи арғавон омад.
Ту ҷувонмарду давлати ту ҷувон
Маҳ ба бахти ту навҷувон омад.

## 36

Гул дигар раҳ ба гулситон омад,
Вораи боғу бӯстон омад.
Вори озар гузашту шуълаи он
Шуълаи лоларо замон омад.

## 37

Дер зиёд он бузургвор худованд,
Ҷони гиромӣ ба ҷонаш андар пайванд!
Доим бар ҷони ӯ биларзам, зеро-к
Модари озодагон кам орад фарзанд.
Аз маликон кас чун ӯ набуд ҷувоне,
Роду сухандону шермарду хирадманд.
Кас нашиносад ҳаме, ки кушиши ӯ чун,
Халқ надонад ҳаме, ки бахшиши ӯ чанд.
Дасту забон зарру дурр пароканд ӯро,
Ном ба гетӣ на аз гизоф пароканд.

Дар дили мо шохи меҳрубонӣ биншост,
Дил на ба бозӣ зи меҳри хоста барканд.
Ҳамчу муаммост фахру ҳиммати ӯ шарҳ,
Ҳамчу Абастост фазлу сирати ӯ Занд.
Гарчи бикӯшанд шоирони замона,
Мадҳ касеро касе нагӯяд монанд.
Сирати ӯ тухми кишту неъмати ӯ – об,
Хотири маддоҳи ӯ – замини барӯманд.
Сирати ӯ буд ваҳйнома ба Кисро,
Чунки ба ойин-ш панднома биёканд.
Сирати он шоҳ пандномаи аслист,
З-он ки ҳаме рӯзгор гирад аз ӯ панд.
Ҳар ки сар аз панди шаҳриёр бипечид,
Пойи тарабро ба доми ғурм дарафканд
Кист ба гетӣ хамирмояи идбор?
Он ки ба иқболи ӯ набошад хурсанд.
Ҳар ки нахоҳад ҳаме кушоиши кораш
Гӯ, бишаву дасти рӯзгор фурӯ банд!
Ай малак, аз ҳоли дӯстон-ш ҳаменоз,
Ай фалак, аз ҳоли душманон-ш ҳамеханд!
Охири шеър он кунам, ки аввал гуфтам:
Дер зиёд он бузургвор худованд!

## 38

Ҷуз он ки мастии ишқ аст эч мастӣ нест,
Ҳамин балот бас аст, ай ба ҳар бало хурсанд!
Хаёли размп ту гар дар дили адӯ гузарад,
Зи бими теғи ту бандаш ҷудо шавад аз банд.
Зи адли туст ба ҳам бозу саъварo парвоз,
Зи ҳукми туст шабу рӯзро ба ҳам пайванд.
Ба хушдилӣ гузарон, баъд аз ин ки боди аҷал
Дарахти умри бадандешро зи по афканд.
Ҳамеша то ки бувад аз замона ному нишон,
Мудом то ки бувад гардиши сипеҳри буланд,
Ба базми айшу тараб бод некхоҳи ту шод,
Ҳасуди ҷоҳи ту бодо зи ғусса зору нажанд.

**39**

Низ або некувон чанг намояд-т фанд,
Лашкари фарёд не, хоста не судманд.
Қанд ҷудо кун аз ӯй, дур шав аз заҳри данд,
Ҳарчи ба охир беҳ аст ҷони туро, он писанд!

**40**

Сарсари ҳаҷри ту, ай сарви баланд,
Решаи умри ман аз бех биканд!
Пас чиро бастаи ӯям ҳама умр,
Агар он зулфи дуто нест каманд?!
Ба яке ҷон натавон кард суол,
К-аз лаби лаъли ту як бӯс ба чанд?
Бифканад оташ андар дили ҳусн,
Он чи ҳиҷрони ту аз сина фиканд.

**41**

Меҳтарони ҷаҳон ҳама мурданд,
Маргро сар ҳама фурӯ карданд.
Зери хок андарун шуданд онон,
Ки ҳама кӯшкҳо баровар данд.
Аз ҳазорон ҳазор неъмату ноз
На ба охир ба ҷуз кафан бурданд!
Буд аз неъмат он чи пӯшиданд
В-он чи доданду он чиро хӯрданд.

**42**

Киро лабони ту бояд, шакар чӣ суд кунад,
Ба ҷойи меҳри ту меҳри дигар чӣ суд кунад?
Маро ту роҳати ҷонӣ, муояна, на хабар,
Киро муояна ояд, хабар чӣ суд кунад?
Сипар ба пеш кашидам хаданги қаҳри туро
Чу тир бар ҷигар ояд, сипар чӣ суд кунад?!

## 43

То кай гӯйӣ, ки аҳли гетӣ
Дар ҳастию нестӣ лаъиманд?
Чун ту тамаъ аз ҷаҳон буридӣ,
Донӣ, ки ҳама ҷаҳон кариманд.

## 44

Агарчи узр басе буд, рӯзгор набуд,
Чунонки буд, ба ночор хештан бахшуд.
Худойро биситудам, ки Кирдигори ман аст,
Забонам аз ғазалу мадҳи бандагон-ш насуд.
Кадом наҳс баромад, ки-м аз ту ғойиб кард,
Кадом боди бало буд, к-аз туам бирбуд.
Якем хилъат пӯшид доғи фурқати ту,
Ки тори ӯст пашемониву ғами дил пуд.
Ҳама ба танбулу банд аст бозгаштани ӯ
Шаранги нӯшомеғ асту рӯйи зарандуд.
Бунафшаҳои тарӣ хел-хел сар баркард
Чу оташе, ки ба гӯгирд бардавид кабуд.
Биёру ҳон бидеҳ он офтоб, к-аш бихурӣ,
Зи лаб фурӯ шаваду аз рухон барояд зуд.

## 45

Маро бисуду фурӯ рехт ҳарчи дандон буд,
Набуд дандон, ло, бал чароғи тобон буд.
Сапеди симрада буду дурру марҷон буд,
Ситораи саҳарӣ буду қатрай борон буд!
Яке намонд кунун з-он ҳама, бисуду бирехт
Чӣ наҳс буд, ҳамоно ки наҳси Кайвон буд!
На наҳси Кайвон буду на рӯзгори дароз,
Чӣ буд? Ман-т бигӯям: қазои Яздон буд.
Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест гирди гардон аст,
Ҳамеша то бувад ойин-ш, гирдгардон буд.
Ҳамон, ки дармон бошад, ба ҷойи дард шавад
Ва боз дард ҳамон, к-аз нахуст дармон буд.
Куҳан кунад ба замоне ҳамон, куҷо нав буд
Ва нав кунад ба замоне ҳамон, ки хулқон буд.

Басо шикаста биёбон, ки боғи хуррам буд
Ва боғи хуррам гашт, он куҷо биёбон буд.
Ҳаме чи донӣ, ай моҳрӯйи ғолиямӯй,
Ки ҳоли банда аз ин пеш бар чӣ сомон буд?!
Ба зулфи чавгон нозиш ҳамекунӣ ту бад-ӯ,
Надидӣ он гаҳ ӯро, ки зулф чавгон буд.
Шуд он замона, ки рӯяш ба сони дебо буд,
Шуд он замона, ки мӯяш ба сони қатрон буд!
Чунонки хубӣ, меҳмону дӯст буд азиз,
Бишуд, ки бознаёмад, азиз меҳмон буд.
Басо нигор, ки ҳайрон будӣ бад-ӯ -дар чашм,
Ба рӯйи ӯ-дар чашмаш ҳамеша ҳайрон буд.
Шуд он замона, ки ӯ шод буду хуррам буд,
Нишоти ӯ ба фузун буду ғам ба нуқсон буд.
Ҳамехариду ҳамесахт бешумор дирам,
Ба шаҳр ҳар кӣ яке турки норпистон буд.
Басо канизаки неку, ки майл дошт бад-ӯ,
Ба шаб зиёрати ӯ назди ҷумла пинҳон буд.
Ба рӯз чунки наёрист шуд ба дидани ӯ,
Ниҳеби хоҷаи ӯ буду бими зиндон буд.
Набиди рӯшану овози хубу рӯйи латиф
Куҷо гарон буд, зӣ ман ҳамеша арзон буд.
Ҳамеша шоду надонистаме, ки ғам чӣ бувад,
Дилам нишоту тарабро фарох майдон буд.
Дилам хизонаи пурганҷ буду ганҷ сухан,
Нишони номаи мо меҳру шеър унвон буд.
Басо дило, ки ба сони ҳарир карда ба шеър,
Аз он сипас, ки ба кирдори сангу сандон буд.
Ҳамеша чашмам зӣ зулфакони чобук буд,
Ҳамеша гӯшам зӣ мардуми сухандон буд.
Иёл не, зану фарзанд не, маъунат не,
Аз ин ҳама танам осуда буду осон буд.
Ту Рӯдакиро, ай моҳрӯ, кунун бинӣ
Бад-он замона надидӣ, ки инчунинон буд.
Бад-он замона надидӣ, ки зӣ чаман рафтӣ
Сурудгӯён, гуфтӣ, ҳазордастон буд!

Шуд он замона, ки ӯ унси родмардон буд,
Шуд он замона, ки ӯ пешкори мирон буд.
Ҳамеша шеъри варо зӣ мулук девон аст,
Ҳамеша шеъри варо зӣ мулук девон буд.
Шуд он замона, ки шеъраш ҳама ҷаҳон бинвашт,
Шуд он замона, ки ӯ шоири Хуросон буд.
Куҷо ба гетӣ будаст номвар деҳқон,
Маро ба хонаи ӯ сим буду ҳумлон буд.
Киро бузургию неъмат зи ину он будӣ,
Варо бузургию неъмат зи оли Сомон буд.
Бидод мири Хуросон-ш чил ҳазор дирам,
Дар ӯ фузунӣ як панҷи мири Мокон буд.
В-аз авлиёш пароканда низ ҳашт ҳазор
Ба ман расид бад-он вақт, ҳоли хуб он буд.
Чу мир дид сухан, дод доди мардии хеш
Зи авлиёш чунон к-аз амир фармон буд.
Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам,
Асо биёр, ки вақти асову анбон буд.

## 46

Май орад шарафи мард ме падид,
Озоданижод аз дирамхарид.
Май озода падид орад аз бадасл,
Фаровон ҳунар аст андар ин набид!
Ҳар он гах, ки хурӣ май, хуш он гаҳ аст,
Хоса чу гулу ёсаман дамид.
Басо ҳисни баландо, ки май кушод,
Басо курраи навзин, ки бишканид.
Басо дуни бахило, ки май бихӯрд,
Каримӣ ба ҷаҳон-дар пароканид.

## 47

Кор ҳама рост, ончунон ки бибояд,
Ҳоли шодист, шод бошӣ, шояд.
Андуҳу андешаро дароз чӣ дорӣ?
Давлати ту худ ҳамон кунад, ки бибояд!

Ройи вазирон туро ба кор наёяд,
Ҳар чӣ савоб аст, бахт худ фармояд.
Чарх наёрад бадили ту зи халоиқ,
В-он ки туро зод, низ чун ту назояд.
Эзад ҳаргиз даре набандад бар ту,
То сади дигар ба беҳтарӣ накшояд.

**48**

Дарё ду чашму оташ бар дил ҳамефизояд,
Мардум миёни дарё в-оташ чӣ гуна пояд?!
Яшки наҳанг дорад, дилро ҳаме хасояд,
Надҳам, ки ногуворад, к-эдун на хурд хояд!

**49**

Анде, ки амири мо бозояд пирӯз,
Марг аз паси дидан-ш раво бошаду шояд.
Пиндошт ҳаме ҳосид, к-ӯ бознаёяд,
Бозомад, то ҳар шафаке жож нахояд.

**50**

Ҳар бод, ки аз сӯйи Бухоро ба ман ояд,
З-ӯ бӯйи гулу мушку насими саман ояд.
Бар ҳар зану ҳар мард кучо барвазад он бод,
Гӯйӣ, магар он бод ҳаме аз Хутан ояд.
Не, не, зи Хутан бод чунин хуш навазад ҳеч,
К-он бод ҳаме аз бари маъшуқи ман ояд.
Ай турки камарбаста, чунонам зи фироқат,
Гӯянд, қабои ту маро пираҳан ояд.
Ҳар шаб нигаронам ба Яман то ту бароӣ,
Зеро ки Суҳайлию Суҳайл аз Яман ояд.
Кӯшам, ки бипӯшам, санамо, номи ту аз халқ,
То номи ту кам дар даҳани анҷуман ояд.
Бо ҳар кӣ сухан гӯям, агар хоҳаму гар не,
Аввал суханам номи ту андар даҳан ояд.

**51**

Дареғи мидҳати чун дурру обдор ғазал,
Ки чобуки-ш наёяд ҳаме ба лафз падид.
Асоси табъ бапояст, бал қавитар аз он,
Зи олати сухан омад ҳаме ҳама монид.

**52**

Нигорино, шунидастам, ки гоҳи меҳнату роҳат
Се пироҳан салаб будаст Юсуфро ба умр-андар:
Яке аз кайд шуд пурхун, дувум шуд чок аз туҳмат
Савум Яъқуброро аз бӯш равшан гашт чашми тар.
Рухам монад бад-он аввал, дилам монад бад-он сонӣ,
Насиби ман шавад дар васл он пироҳани дигар?

**53**

Бар рухаш зулф ошиқ аст чу ман,
Лочарам, ҳамчу ман-ш нест қарор.
Ману зулфини ӯ нагунсорем,
Ӯ чаро бар гул асту ман бар хор?!
Ҳамчу чашмам тавонгар аст лабаш,
Он ба лаъл, ин ба луълуъи шаҳвор.

**54**

Раг, ки бо пешёр бинмойӣ,
Дили ту хуш кунад ба хуш ғуфтор.
Бод якчанд бар ту паймояд,
Анд, к-ӯро раво шавад бозор.

**55**

Маро ҷуди ӯ тоза дорад ҳаме,
Магар ҷудаш абр асту ман киштзор?!
Магар як сӯ афкан, ки худ ҳамчунин,
Биандешу дидай хирад баргумор.
Або барқу бо ҷастани соиқа,
Або ғул-ғули раъд дар кӯҳсор.

На моҳи Сиёмӣ, на моҳи фалак,
Ки инат ғулом асту он пешкор.
На чун пури мири Хуросон, ки ӯ
Аторо нишаста бувад кирдигор.

**56**

Агар гул орад бор он рухони ӯ, на шигифт,
Ҳаройина чу ҳама май хурад, гул орад бор,
Ба зулф каж, валекин ба қадду қомат рост,
Ба тан дуруст, валекин ба чашмакон бемор.

**57**

Гар шавад баҳри кафи ҳиммати ту мавҷзанон,
В-ар шавад абри сари рояти ту тӯфонбор,
Бар маволи-т бипошад ҳама дурру гавҳар,
Бар аъоди-т биборад ҳама шахкосаву хор.

**58**

Ай хоча, ин ҳама, ки ту бармедиҳӣ шумор,
Бодоми тарру секию баҳмону бостор.
Мор аст ин ҷаҳону ҷаҳонҷӯй моргир,
Аз моргир мор барорад ҳаме димор.

**59**

Ай ошиқи дилдода бад-ин ҷойи сипанҷӣ,
Ҳамчун шаманӣ шефта бар сурати фархор.
Ё ориву донӣ, ки туӣ зираку нодон,
В-ар ёд надорӣ, ту сиголиш куну ёд ор.

**60**

Дарвозу даревос фурӯ гашту баромад,
Бим аст, ки якбор фуруд ояд девор.
Девори куҳангашта набардорад подир,
Як рӯз ҳама паст шавад, ранҷиш бигзор!

## 61

Гирд кун, гирд кун дирам бисёр,
Кунҷи хона биёкан аз динор!
Хост аз ҷони ту фиғону хурӯш,
В-омад аз баҳри хоста пайкор.

## 62

Ба даври адли ту дар зери чархи миноӣ
Чунон гурехт зи даҳри дуранг ранги футур,
Ки боз шона кунад ҳамчу бод сунбулро,
Ба неши чангали хунрез тораки усфур.

## 63

Чархи фалак ҳаргиз пайдо накард,
Чун ту яке сифлаи дуну жакур.
Хоҷа Абулқосим аз нанги ту
Бар накунад сар ба қиёмат зи гӯр.

## 64

Вақти шабгир бонги нолаи зер.
....................................
Дӯсто, он хурӯши барбати ту
Хуштар ояд ба гӯшам аз такбир!
Зории зеру ин мадор шигифт,
Гар зи дашт-андар оварад нахчир.
Тани ӯ тир на, замон ба замон
Ба дил-андар ҳамегузорад тир.
Гоҳ гирёну гаҳ бинолад зор
Бомдодону рӯз то шабгир.
Он забоновару забонаш на,
Хабари ошиқон кунад тафсир.
Гоҳ девонаро кунад ҳушёр,
Гаҳ ба ҳушёр барниҳад занҷир.

**65**

Ҳаме бикуштӣ то дар адӯ намонд шуҷоъ,
Ҳаме бидодӣ то дар валӣ намонд фақир.
Басо касо, ки барасту фарахша бар хонаш,
Басо касо, ки ҷавин нон ҳаменаёбад сер.
Мубодират куну хомуш мабош чандино,
Агар-т бадра расонад ҳаме ба бадри мунир!

**66**

Зиндагонӣ, чи кӯтаҳу чи дароз,
На ба охир бимурд бояд боз?!
Ҳам ба чанбар гузор хоҳад буд,
Ин расанро, агарчи ҳаст дароз.
Хоҳӣ андар анову шиддат зӣ,
Хоҳӣ андар амон ба неъмату ноз!
Хоҳӣ андактар аз ҷаҳон бипзир,
Хоҳӣ аз Рай бигир то ба Тароз.
Ин ҳама боду буди ту хоб аст,
Хобро ҳукм не, магар ба маҷоз.
Ин ҳама рӯзи марг яксонанд,
Нашиносӣ зи якдигаршон боз.

**67**

Рӯй ба меҳроб ниҳодан чӣ суд,
Дил ба Бухорову бутони Тароз?!
Эзади мо васвасаи ошиқӣ
Аз ту пазирад, напазирад намоз!

**68**

Замона аспу ту ройиз ба ройи хешат тоз,
Замона гӯйу ту чавгон баройи хешат боз..
Агарчи чангнавозон латифдаст буванд,
Фидои дасти қалам бод дасти чангнавоз.

## 69

Чун сипарам нех миёни базм ба Наврӯз,
Дар маҳи баҳман битозу ҷони аду сӯз.
Боз ту беранҷ бошу ҷони ту хуррам
Бо найу бо рӯду бо набиди Фанорӯз!

## 70

Ҳамебароям бо он ки барнаёяд халқ
Ва барнаёям бо рӯзгори хӯрдакурез.
Чу фазли мир Абулфазл бар ҳама маликон,
Чу фазли гавҳару ёқут бар набаҳра пашиз.

## 71

Гар на бадбахтаме, маро кӣ фиканд
Ба яке ҷофҷофи зудғарас?!
Ӯ маро пеши шер бипсандад,
Ман натовам бар ӯ нишаста магас.
Гарчи номардум аст он нокас,
Бишавад сер аз ӯ дилам? Паргас!

## 72

Корвони Шаҳид рафт аз пеш
В-они мо рафта гиру меандеш.
Аз шумори ду чашм як тан кам
В-аз шумори хирад ҳазорон беш...
Тӯшаи ҷони хеш аз ӯ бирубой
Пеш к-ояд-т марги пойогеш.

## 73

Чун ҷомаи ашан ба тан андар кунад касе,
Хоҳад зи Кирдигор ба ҳоҷат муроди хеш.
Гар ҳаст бошгуна маро ҷомаи бузург,
Бинҳодаам дуъои туро бандавор пеш.

## 74

Раҳӣ савору ҷувону тавонгар аз раҳи дур,
Ба хидмат омад некусиголу некандеш.
Писанд бошад мар хоҷаро пас аз даҳ сол,
Ки бозгардад пиру пиёдаву дарвеш?!

## 75

Он чи бо ранҷ ёфтишу ба зулл,
Ту ба осонӣ аз гизофа мадеш!
Хеш бегона гардад аз пайи суд,
Хоҳӣ он рӯз музд камтар деш!

## 76

Ай лак, ар ноз хоҳию неъмат,
Гирди даргоҳи ӯ кунӣ лаку пак…
Яхча бориду пойи ман бифсурд,
Варғ барбанд яхчаро зи фалак.

## 77

Басо, ки маст дар ин хона будаму шодон,
Чунон-к ҷоҳи ман афзун буд аз судуру мулук.
Кунун ҳамонаму хона ҳамону шаҳр ҳамон,
Маро нагӯйӣ, к-аз чӣ шудаст шодӣ сук!

## 78

З-он май, ки гар сиришке аз он дарчакад ба Нил,
Сад сол маст бошад аз бӯйи ӯ наҳанг.
Оҳу ба дашт агар бихурад қатрае аз ӯ,
Ғурранда шер гардаду н-андешад аз паланг!

## 79

Майи лаъл пеш ору пеши ман ой,
Ба як даст ҷому ба як даст чанг.
Аз он май маро деҳ, ки аз акси ӯ,
Чу ёқут гардад ба фарсанг санг!

**80**

Сангу гавҳар якест чун нахурӣ,
Чӣ кунӣ хонумони худ пурсанг?
Ба ду тангӣ басандакор мабош,
Тангии гӯру зиндагонии танг.

**81**

Касон, ки талхии заҳри талаб намедонанд,
Туруш шаванду битобанд рӯ зи аҳли суол.
Туро, ки мешунавӣ, тоқати шунидан нест,
Маро, ки металабам, худ чӣ гуна бошад ҳол?

**82**

Дарегам ояд хондан гизофвор ду ном,
Бузургвор ду ном аз гизоф хондани хом:
Яке, ки хубонро яксара накӯ хонанд,
Дигар, ки ошиқ гӯянд ошиқонро ом!
Дареғам ояд, чуз ман туро накӯ хонанд,
Дарегам ояд, чуз бар раҳӣ-т ошиқ ном!
Маро дилест, ки аз ғамгинӣ чу дур шавад,
Ба гамгинон шаваду ғам фароз гирад вом.

**83**

Дареғи он ки гирд кард бо ранҷ,
К-аз ӯ нест баҳри ман чуз сутом.
Ҳало, Рӯдакӣ, аз кас андар матоб,
Бикун, ҳар чи карданист бомудом,
Ки фарғул барнадорад он рӯз,
Ки бар тахта туро сиёҳ шавад ном.

**84**

Забон чи моя тавон доштан чунин ба ниём,
Сухан бибояд гуфтан ба чойгоҳ тамом.
Газанди хомуш будан ба чойгоҳи сухан,
Баробар ояд бо гуфтани ба ноҳангом.

Ҷаҳон ҳаммасола ба коми кас наравад,
В-агар равад, надиҳад ҳар чӣ рой дориву ком,
Бибин, то ки ҷаҳонат чӣ гуна гом ниҳад,
Ҳаме гузор ту он сон, ки ӯ гузорад гом.

**85**

Чун гусӣ кардамат ба дастаки хеш,
Гунаҳи хеш бар ту афкандам.
Хона аз рӯйи ту таҳӣ кардам,
Дида аз хуни дил биёгандам.
Аҷаб ояд маро зи кардаи хеш,
К-аз дари гиряам ҳамехандам.

**86**

Ман на онам, ки пеш аз ин будам,
Тозагӣ доштам бипажмурдам.
Дилам аз ҳар сухан биёзорад,
Рост гӯйӣ, ки кӯдаке хурдам.

**87**

Орӣ маро бад-он ки-т бархезам,
В-аз зулфи анбарин-т даровезам.
Дорӣ маро бад-он ки фароз оям,
Зери ду зулфакон-т бинахчезам.

**88**

Чу дурпош гардад ба маънӣ забонам,
Расад марҳабо аз замину замонам!
Ба савти навову ба сити маъонӣ
Тараббахши руҳам, фараҳзои ҷонам!
Хирад дар баҳо накди ҳастӣ фиристад,
Гуҳарҳои рангин чу зояд зи конам.

**89**

Ҳама ҷамоли ту бинам, чу дида боз кунам,
Ҳама танам дил гардад, ки бо ту роз кунам.
Ҳаром дорам бо дигарон сухан гуфтан,
Куҷо ҳадиси ту ояд, сухан дароз кунам!

**90**

Бийё, дилу ҷонро ба Худованд супорем,
Андуҳи дирамму ғами динор надорем.
Ҷонро зи пайи дину диёнат бифурӯшем,
В-ин умри фанороба раҳи ғазв гузорем.

**91**

Бил, то хурем бода, ки мастонем
В-аз дасти некувон май бистонем.
Девонагони беҳушамон хонанд,
Девонагон наем, ки мастонем!

**92**

Ҷумла сайди ин ҷаҳонем, ай пусар,
Мо чу саъва, марг бар сони заған!
Ҳар гуле пажмурда гардад зу, на дер,
Марг бифшорад ҳама дар зери ған.

**93**

Ҳаст бар хоҷа пехта рафтан
Рост чун бар дарахт печад сан.
Ин аҷабтар, ки менадонад ӯ
Шеър аз шаъру хунбро аз хан!

**94**

Модари майро бикард бояд қурбон,
Баччаи ӯро гирифту кард ба зиндон.
Баччаи ӯро аз ӯ гирифт надонӣ,
То-ш накӯбӣ нахусту з-ӯ накашӣ ҷон!

Ҷуз ки набошад ҳалол дур бикардан
Баччаи кӯчак зи шири модару пистон,
То нахурад шир ҳафт маҳ ба тамомӣ
Аз сари урдибиҳишт то буни обон!
Он гаҳ шояд зи рӯйи дину раҳи дод
Бачча ба зиндони тангу модар қурбон.
Чун бисупорӣ ба ҳабс баччаи ӯро,
Ҳафт шаборӯз хира монаду ҳайрон.
Боз чу ояд ба ҳушу ҳол бибинад,
Ҷӯш барорад, бинолад аз дили сӯзон.
Гоҳ забар зер гардад аз ғаму гаҳ боз
Зер забар, ҳамчунон з-андуҳи ҷӯшон.
Зарр ба оташ куҷо бихоҳӣ полуд,
Ҷӯшад, лекин зи ғам наҷӯшад чандон!
Боз ба кирдори уштуре, ки бувад маст,
Кафк барорад зи хашму ронад султон.
Марди ҳарас кафкҳош пок бигирад,
То бишавад тирагишу гардад рахшон.
Охир, к-ором гираду начахад низ,
Дар-ш кунад устувор марди нигаҳбон.
Чун бинишинад тамому софӣ гардад,
Гунаи ёқути сурх гираду марҷон.
Чанд аз ӯ сурх чун ақиқи ямонӣ,
Чанд аз ӯ лаъл чун нигини Бадахшон!
В-ар-ш бибӯйӣ, гумон барӣ, ки гули сурх
Бӯй ба ӯ доду мушку анбар бо бон.
Ҳам ба хум-андар ҳамегузорад чунин
То ба гаҳи навбаҳору нимаи найсон.
Он гаҳ, агар нимашаб дараш бикушойӣ,
Чашмаи хуршедро бибинӣ тобон!
В-ар ба булӯр андарун бибинӣ, гӯйӣ
Гавҳари сурх аст ба кафи Мусии Имрон!
Зуфт шавад родмарду суст диловар,
Гар бичашад з-ӯю рӯйи зард гулистон.
В-он ки ба шодӣ яке қадаҳ бихурад з-ӯй,
Ранҷ набинад аз он фарозу на аҳзон.

Андуҳи даҳсоларо ба Танҷа рамонад,
Шодии навро зи Рай биёраду Уммон!
Бо майи чунин, ки сол хӯрда бувад чанд,
Ҷома бикарда фарози панҷаҳ хулқон,
Маҷлис бояд бисохтан маликона
Аз гулу аз ёсамину хайрии алвон.
Неъмати фирдавс густарида зи ҳар сӯ,
Сохта коре, ки кас насозад чунон!
Ҷомаи заррину фаршҳои навойин,
Шуҳра раёҳину тахтҳои фаровон.
Барбати Исову лаҳнҳои Фуодӣ,
Чанги Мудакниру нойи Чобуки Ҳобон!
Як саф мирону Балъамӣ бинишаста,
Як саф ҳуррону Пирсолеҳи деҳқон.
Хусрав бар тахти пешгоҳ нишаста
Шоҳи мулуки ҷаҳон – амири Хуросон!
Турк ҳазорон ба пой пеши саф-андар,
Ҳар як чун моҳи бар ду ҳафта дурафшон!
Ҳар як бар сар басоки мурд ниҳода,
Рӯш майи сурху зулфу ҷаъдаш райҳон!
Бодадиҳанда буте бадеъ зи хубон,
Баччаи хотуни турку баччаи хоқон!
Чун-ш бигардад набид чанд ба шодӣ,
Шоҳи ҷаҳон шодмону хурраму хандон!
Аз кафи турке сиёҳчашми парирӯй,
Қомат чун сарву зулфаконаш чавгон,
З-он майи хушбӯй соғаре биситонад,
Ёд кунад рӯйи шаҳриёри Сиҷистон.
Худ бихурад нӯшу авлиёш ҳам эдун
Гӯяд ҳар як, чу май бигирад шодон:
"Шодии Буҷаъфар Аҳмад ибни Муҳаммад,
Он меҳи озодагону мафхари Эрон,
Он малики адлу офтоби замона,
Зинда бад-ӯ доду рӯшнойии Геҳон,
Он ки набуд аз нижоди Одам чун ӯ,
Низ набошад, агар нагӯйӣ буҳтон!

Ҳуҷҷати Яктохудоию сояи ӯяст,
Тоъати ӯ карда воҷиб ояти Фурқон!
Халқ ҳама зи хоку зи обу оташу боданд
В-ин малик аз офтоб гавҳари Сосон!
Фарр бад-ӯ ёфт мулки тираву торӣ,
Адн бад-ӯ гашт пиргетии вайрон!
Гар ту фасеҳӣ, ҳама маноқиби ӯ гӯй,
В-ар ту дабирӣ, ҳама мадоеҳи ӯ хон!
В-ар ту ҳакимиву роҳи ҳикмат ҷӯйӣ,
Сирати ӯ гиру хуб мазҳаби ӯ дон.
Он ки бад-ӯ бингарӣ ба ҳикмат, гӯйӣ:
Инак Суқроту ҳам Фалотуни Юнон!
В-ар ту фақеҳиву сӯйи шаръ гиройӣ,
Шофеъӣ инак-ту Буҳанифаву Суфён!
Гар бикушояд зуфон ба илму ба ҳикмат,
Гӯш кун инак, ба илму ҳикмати Луқмон!
Марди адабро хирад фазояду ҳикмат,
Марди хирадро адаб фазояду имон!
В-ар ту бихоҳӣ фириштае, ки бибинӣ,
Инак ӯяст ошкоро Ризвон!
Хуб нигаҳ кун бад-он латофату он рӯй,
То ки бибинӣ, бар ин ки гуфтам бурҳон!
Покии ахлоқи ӯву покнижодӣ,
Бо нияти неку бо макориму иҳсон!
В-ар сухани ӯ расад ба гӯши ту як роҳ,
Саъд шавад мар туро нуҳусати Кайвон!
В-ар-ш ба садр андарун нишаста бибинӣ,
Хуррам бигрӣ, ки зинда гашт Сулаймон!
Сомӣ суворе, ки то ситора битобад,
Асп набинад чун ӯ сувор ба майдон!
Боз ба рӯзи набарду кину ҳамият,
Гар-ш бибинӣ миёни миғфару хафтон,
Хор намояд-т жандапил бад-он гоҳ,
В-арчи бувад масту шергаштаву ғуррон!
В-ар-ш бидидӣ Сифандиёр гаҳи разм,
Пеши синонаш ҷаҳон давидию ларзон!

Гарчи ба ҳангоми ҳилм кӯҳи тани ӯй,
Кӯҳи Сиём аст, ки кас набинад ҷунбон!
Душман, агар аждаҳост, пеши синонаш
Гардад чун мум пеши оташи сӯзон!
В-ар ба набард оядаш ситораи Баҳром,
Тӯшаи шамшери ӯ шавад ба гаразмон!
Боз бад-он гаҳ, ки май ба даст бигирад,
Абри баҳорӣ чун ӯ наборад борон!
Абри баҳорӣ ҷуз оби тира наборад,
Ӯ ҳама дебо ба тахту зарр ба анбон!
Бо ду кафи ӯ зи бас ато, ки бибахшад,
Хор намояд ҳадису қиссаи тӯфон!
Лоҷарам аз ҷуду аз саховати ӯяст
Нарх гирифта мадеҳу сомит арзон!
Шоир зӣ ӯ равад фақиру таҳидаст,
Бо зари бисёр бозгардаду ҳумлон!
Марди суханро аз ӯ навохтану бирр,
Марди адабро аз ӯ вазифаи девон.
Боз ба ҳангоми доду адл бари халқ
Нест ба гетӣ чун ӯ набилу мусалмон!
Дод биёбад заъиф ҳамчу қавӣ з-ӯй,
Ҷавр набинӣ ба назди ӯву на удвон.
Неъмати ӯ густарида бар ҳама гетӣ,
Он чи кас аз неъматаш набинӣ урён.
Бастаи гетӣ аз ӯ биёбад роҳат,
Хастаи гетӣ аз ӯ биёбад дармон.
Бо расани афви он муборак хусрав,
Ҳалқаи танг аст ҳар-ч дашту биёбон.
Пӯзиш бипзираду гуноҳ бибахшад,
Хашм наронад, ба афв кӯшаду ғуфрон.
Он малики Нимрӯзу хусрави пирӯз,
Давлати ӯ юзу душман оҳуи нолон.
Амр ибн ул-Лайс зинда гашт бад-ӯ боз,
Бо ҳашами хешу он замонаи эшон!
Рустамро ном, агарчи сахт бузург аст,
Зинда бад-ӯяст номи Рустами Дастон!

Рӯдакиё, барнавард мадҳи ҳама халқ,
Мидҳати ӯ гӯю муҳри давлат бистон.
В-арчи бикӯшӣ ба ҷаҳди хеш бигӯйӣ,
В-арчи кунӣ тез фаҳми хеш ба сӯҳон,
В-арчи дусад тобеъа фиришта дорӣ,
Низ парӣ бозу ҳар-ч ҷиннию шайтон,
Гуфт надонӣ сазо-ш, хезу фароз ор
Он-к бигуфтӣ, чунон-к бояд натвон.
Инак мадҳе чунон ки тоқати ман буд,
Лафз ҳама хубу ҳам ба маънӣ осон.
Ҷуз ба сазовори мир гуфт надонам,
В-арчи Ҷарирам ба шеъру Тойиву Ҳассон!
Мадҳи амире, ки мадҳ з-ӯст ҷаҳонро,
Зинат ҳам з-ӯю фарру нузҳату сомон!
Сахт шикӯҳам, ки аҷзи ман бинамояд,
В-арчи Сариъам або фасоҳати Саҳбон.
Бурд чунин мадҳу арҷа кард замоне
В-арчи бувад чира бар мадоеҳи шоҳон!
Мадҳи ҳама халқро карона падид аст,
Мидҳати ӯро карона неву на поён.
Нест шигифтӣ, ки Рӯдакӣ ба чунин ҷой
Хира шавад бе завону монад ҳайрон.
В-ар на маро Буъумар диловар кардӣ
В-он гаҳ дастурии гузидаи Аднон.
Заҳра куҷо будаме ба мадҳи амире,
К-аз пайи ӯ офарид гетӣ Яздон!
В-ар-м заъифию бебудим набудӣ,
В-он ки набуд аз амири Машриқ фармон
Худ бидавидӣ ба сони пайки мураттаб
Хидмати ӯро гирифта ҷома ба дандон!
Мадҳ расул аст, узри ман бирасонад,
То бишиносад дуруст мири сухандон,
Узри раҳӣ - заъфу нотавонию пирӣ,
К-ӯ ба тани хеш аз ин наёмад меҳмон.
Давлати мирам ҳамеша бод бар афзун,
Давлати аъдои ӯ ҳамеша ба нуқсон!

Сар-ш расида ба моҳ-бар ба баландӣ,
В-они муъодӣ ба зери моҳӣ пинҳон!
Талъат тобандатар зи талъати хуршед,
Неъмат поянлатар зи Ҷудию Саҳлон!

**95**

Ҳон, соими наволаи ин сифла мизбон,
З-ин бенамак або манеҳ ангушт дар даҳон!
Лаб тар макун ба об, ки талх аст дар қадаҳ,
Даст аз кабоб дор, ки заҳр аст тавъамон!
Бо коми хушку бо ҷигари тафта даргузар
Эдун ки дар саросари ин сабз гулситон,
Томур ҳамчу тал чакад аз дӯши шохсор,
Зайбақ чу об барчакад аз нофи обдон.

**96**

Шоҳе, ки ба рӯзи разм аз родӣ,
Заррин ниҳад ӯ ба тир-дар пайкон.
То куштаи ӯ аз он кафан созад,
То хастаи ӯ аз он кунад дармон.

**97**

Ёд кун зерат андарун таншӯй,
Ту бар ӯ хор хобанида ситон.
Ҷаъдмӯён-т ҷаъд канда ҳаме,
Бибурида ба руни ту пистон.

**98**

Ай Маҷ, кунун ту шеъри ман аз бар куну бихон,
Аз ман дилу сиголиш, аз ту тану равон.
Гӯрӣ кунему бода хурему бувем шод,
Бӯса диҳем бар ду лабони паривашон.

**99**

Халлухиён хоҳию ҷаммошчашм,
Гирдсурин хоҳию борикмиён.

Кашкин нонат накунад орзуй,
Нони симид хоҳӣ гирдай калон.

## 100

Хоҳӣ то марг наёбад туро,
Хоҳӣ, к-аз марг биёбӣ амон,
Зери замин хезу ниҳуфтӣ бичӯй,
Пас ба фалак бар шав бе нардбон.

## 101

Зайғаме насл пазируфта зи дев,
Оҳуе ном ниҳода якрон.
Офтобе, ки зи чобукқадамӣ,
Бар сари зарра намояд ҷавлон.

## 102

Куннаро дар чароғ кард сабук,
Пас дар ӯ кард андаке рӯған,
То ҳама маҷлис аз фурӯғи чароғ,
Гашт чун рӯйи дилбарон рӯшан.

## 103

Ланги равандаст, гӯш нею суханёб,
Гунги фасеҳ аст, чашм нею ҷаҳонбин.
Тезии шамшер дораду равиши мор,
Колбади ошиқону гунаи ғамгин.

## 104

Турунҷи бедор андар шуда ба хоби ғарон,
Гули ғунуда барангехта сар аз болин.
Ҳар он ки хотами мадҳи ту кард дар ангушт,
Сар аз даричаи заррин бурун кунад чу нигин!

## 105

“Зиҳ” доноро ғӯянд, ки донад гуфт,
Ҳеч нодонро донанда нагӯяд “зиҳ”!

Сухани ширин аз зуфт наёрад бар,
Буз ба пич-пич- бар ҳаргиз нашавад фарбиҳ.

**106**

Самоъу бодаи гулгуну луъбатони чу моҳ,
Агар фиришта бибинад, даруфтад дар чоҳ.
Назар чи гуна бидӯзам, ки баҳри дидани дӯст
Зи хоки ман ҳама наргис дамад ба ҷойи гиёҳ.
Касе ки огаҳӣ аз завқи ишқи ҷонон ёфт,
Зи хеш ҳайф бувад, гар даме бувад огоҳ.

**107**

Ман мӯйи хешро на аз он мекунам сиёҳ,
То боз навҷувон шаваму нав кунам гуноҳ.
Чун ҷомаҳо ба вақти мусибат сияҳ кунанд,
Ман мӯй аз мусибати пирӣ кунам сиёҳ.

**108**

Пушт хӯҳлу сар тавилу рӯй бар кирдори қир,
Соқ чун сӯҳону дандон бар мисоли дастара.
Дар канори ҷӯй бинам растаи бодому себ,
Рост пиндорӣ қатори уштурони анбура.

**109**

Рафиқо, чанд гӯйӣ, ку нишотат,
Бинагрезад кас аз гарм офрӯша.
Маро имрӯз тавба суд дорад,
Чунон чун дардмандонро шанӯша.
Чу кӯшидам, ки ҳоли худ бигӯям,
Забонам барнагардид аз нийӯша.

**110**

Замоне барқ пурханда, замоне раъд пурнола,
Чунон чун модар аз сӯки арӯси сездаҳсола.
Нагашта з-ин паранди сабз шохи бед бунсола,
Чунон чун ашки маҳҷурон нишаста жола бар лола.

**111**

Орзуҳо, ки мардумон хоҳанд,
Ман ду хоҳам, ҳадис шуд ҷумла:
Офият хоҳам аз Худойи ҷаҳон,
Бениёзӣ зи мардуми сифла.

**112**

Мо ҳама хуш хурему хуш хусбем,
Ту дар он гӯри танг танҳойӣ,
На чунон хуфтаӣ, ки бархезӣ,
На чунон рафтаӣ, ки боз ойӣ.

**113**

Сапед барф баромад ба кӯҳсори сиёҳ,
Ва чун дарун шуд он сарви бӯстонорой.
Ва он куҷо бигуворид, ногувор шудаст
Ва он куҷо нагазойист, гашт зудгазой.

**114**

Он чист бар он табақ ҳаме тобад,
Чун мулҳам зери шаъри уннобӣ?
Соқаш ба масал чу соиди ҳуро,
Пояш ба масал чу пойи мурғобӣ.

**115**

Ай дил, ба тез оташ парӣ,
Ё зери чанголи уқобӣ!
Бе ту маро зинда набинанд,
Ман зарраам, ту офтобӣ!

**116**

Биёр он май, ки пиндорӣ, равон ёқути ноб астӣ,
Ва ё чун баркашида теғ пеши офтоб астӣ.
Ба покӣ, ғӯйӣ, андар ҷом монанди гулоб астӣ,
Ба хушшӣ, гӯйӣ андар дидаи бехоб хоб астӣ.

Саҳоб астӣ қадаҳ гӯйиву май қатрай саҳоб астӣ,
Тараб, гӯйӣ ки андар дил дуъои мустаҷоб астӣ.
Агар май нестӣ, яксар ҳама дилҳо хароб астӣ.
Агар дар колбад ҷонро надидастӣ, шароб астӣ.
Агар ин май ба абр андар ба чанголи уқоб астӣ,
Аз он то нокасон ҳаргиз нахӯрдандӣ савоб астӣ.

### 117

Ай гетиё, фусус! Фусусӣ ба ростӣ,
Шоҳит бандагист, фузунит костӣ.
Бар баччагони хеш ҳама марг хостӣ,
Худ барканӣ ҳамонро, ки худ нишостӣ,
Ҳар к-ӯ туро бихост, мар ӯро нахостӣ,
Ҳар к-ӯ туро нахост, бад-ӯ додӣ остӣ.

### 118

Ҷаъд ҳамчун наварди об ба бод
Гӯиё, ончунон шикастастӣ!
М-ёнакаш борикак, чу шонаи мӯ,
Гӯйӣ, аз якдигар гусастастӣ!

### 119

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,
Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ.
Ҳамчу дарёст в-аз накӯкорӣ
Каштие соз, то бад-он гузарӣ!

### 120

Морро ҳарчанд беҳтар парварӣ,
Чун яке хашм оварад, кайфар барӣ.
Сифла табъи мор дорад бехилоф,
Ҷаҳд кун, то рӯйи сифла нангарӣ.

## 121

Ай он ки ғамгину сазоворӣ,
В-андар ниҳон сиришк ҳамеборӣ,
Аз баҳри он, кучо набарам номаш,
Тарсам зи бахт андӯҳу душворӣ!
Рафт он ки рафту омад он-к омад,
Буд он чи буд, хира чӣ ғам дорӣ?
Ҳамвор кард хоҳӣ гетиро,
Гетист кай пазирад ҳамворӣ?!
Мустӣ макун, ки нангарад ӯ мустӣ,
Зорӣ макун, ки нашнавад ӯ зорӣ!
Шав, то қиёмат ояд зорӣ кун,
Кай рафтаро ба зорӣ боз орӣ?!
Озори беш бинӣ з-ин гардун,
Гар ту ба ҳар баҳона биёзорӣ.
Гӯйӣ, гумоштаст балое ӯ,
Бар ҳар ки ту бар ӯ дил бигморӣ!
Абре падид нею кусуфе не,
Бигрифт моҳу чаҳон ғашт торӣ.
Фармон кунӣ ва ё накунӣ, бар расм,
Он беҳ ки май биёрию бигсорӣ!
То нашканӣ сипоҳи гамон бар дил,
Бар хештан зафар надиҳӣ боре!
Андар балои сахт падид ояд
Фазлу бузургмардию солорӣ!

## 122

Гули баҳорӣ, бути таторӣ,
Набид дорӣ, чаро наёрӣ?!
Набиди равшан, чу абри баҳман,
Ба назди гулшан чаро наборӣ?!

## 123

Ай ғофил аз шумор, чӣ пиндорӣ,
К-ат Холиқ офарид ба бекорӣ?
Умре ки мар туроcт сари моя,
Вид асту корҳот бад-ин зорӣ?!

### 124

Сухан овардаму шамшеру қалам наврӯзӣ,
То ба дастат бувадо мояи ҳар пирӯзӣ!
Ба сухан ме ба забон бошу ба шамшер бирез
Хуни аъдову ба тавқеъи қалам деҳ рӯзӣ.

### 125

То хай абар гули рухи ту карда шабнамӣ,
Шабнам шудаст сӯхта чун ашки мотамӣ!
.............................................................
К-андар ҷаҳон ба кас магирав,ҷуз ба фотамӣ!
Кай мор тарсгин шаваду гурба меҳрубон,
Гар муш можумуж кунад гоҳи дарҳамӣ?!
Садри ҷаҳон, ҷаҳон ҳама торикшаб шудаст,
Аз баҳри мо сапедаи содиқ ҳамедамӣ!

### 126

Боди Ҷӯйи Мулиён ояд ҳаме,
Бӯйи ёри меҳрубон ояд ҳаме,
Реги Омуву дуруштий роҳи ӯ,
Зери поям парниён ояд ҳаме.
Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст
Хинги моро то миён ояд ҳаме.
Ай Бухоро, шод бошу дер зӣ,
Мир зӣ ту шодмон ояд ҳаме.
Мир моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯйи осмон ояд ҳаме.
Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Сарв сӯйи бӯстон ояд ҳаме.
Офарину мадҳ суд ояд ҳаме,
Гар ба ганҷ андар зиён ояд ҳаме.

### 127

Маро зи мансаби таҳқиқи анбиёст насиб,
Чи об ҷӯям аз ҷӯйи хушки юнонӣ?!

Барои парвариши ҷисм ҷон чи ранҷа кунам,
Ки ҳайф бошад руҳулқудус ба сагбонӣ!
Ба ҳусни савт чу булбул муқайяди назмам,
Ба ҷурми ҳусн чу Юсуф асиру зиндонӣ!
Басо нишастам ман бо акобиру аъён,
Биёзмудамашон ошкору пинҳонӣ,
Нахостам зи таманно, магар ки дастурӣ,
Наёфтам зи атоҳо, магар пашемонӣ!

### 128

Он ки намонад ба ҳеч халқ Худой аст,
Ту на Худойӣ, ба ҳеч халқ намонӣ!
Рӯз шуданро нишон диҳанд ба хуршед,
Боз мар ӯро ба ту диҳанд нишонӣ!
Ҳар-ч бар алфози халқ мидҳат рафтаст,
Ё биравад то ба рӯзи ҳашр, ту онӣ!

### 129

Ой дареғо, ки хирадмандро
Бошад фарзанду хирадманд не.
В-арчи адаб дораду дониш падар,
Ҳосили мерос ба фарзанд не!

### 130

Ай бар ҳама мирони ҷаҳон ёфта шоҳӣ,
Май хур, ки бадандеш чунон шуд, ки ту хоҳӣ!
Май хоҳ, ки бадхоҳ ба коми дили ту гашт
В-аз бахт бадандеши ту овард табоҳӣ!
Шуд рӯзаю тасбеҳу таровеҳ ба як ҷой,
Ид омаду омад майу маъшуқу малоҳӣ!
Чун моҳ ҳамеҷуст шаби ид ҳама халқ,
Ман рӯйи ту ҷустам, ки маро шоҳию моҳӣ!
Маҳ гоҳ бар афзун буваду гоҳ ба коҳиш,
Доим ту бар афзун бувию ҳеч накоҳӣ!
Мирӣ ба ту муҳкам шуду шоҳӣ ба ту хуррам,

Бар хира надоданд туро мирию шоҳӣ!
Хуршеди равон бошӣ, чун аз бари рахшӣ,
Дарёи равон бошӣ, чун аз бари гоҳӣ!
Онон, ки ҳама майл сӯйи мулки ту карданд,
Инак биниҳоданд сар аз тофтароҳӣ!
Доми тамаъ аз моҳӣ дар об фиканданд,
На мард ба ҷой омаду на дому на моҳӣ!
Меҳтар нашавад, гарчи қавӣ гардад кеҳтар,
Гоҳӣ нашавад, гарчи ҳунар дорад, чоҳӣ!

**131**

Чамани ақлро хазонӣ, агар,
Гулшани ишқро баҳор туӣ!
Ишқро ман паямбарам, лекин
Ҳуснро офаридгор туӣ!

**132**

Дил танг мадор, ай малик, аз кори Худойӣ
В-орому тарабро мадеҳ аз табъ ҷудойӣ!
Сад бор фитодаст чунин ҳар маликеро
В-охир бирасиданд ба ҳар комравойӣ!
Он кас, ки туро диду туро бинад дар ҷанг,
Донад, ки ту бо шер ба шамшер даройӣ!
Ин кори самойӣ буд, не қуввати инсон,
Касро набувад қувват бо кори самойӣ!
Онон, ки гирифтор шуданд аз сипаҳи ту,
Аз банд ба шамшери ту ёбанд раҳойӣ!

# РУБОИЁТ

### 133

Дар раҳгузари бод чароғе, ки туրост,
Тарсам, ки бимирад аз фароғе, ки турост.
Бӯйи ҷигари сӯхта олам бигирифт,
Гар нашнидӣ, зиҳӣ, димоғе, ки турост.

### 134

Бо он ки дилам аз ғами ҳаҷрат хун аст,
Шодӣ зи ғами туам зи ғам афзун аст!
Андеша кунам ҳар шабу гӯям, "ё раб,
Ҳиҷрон-ш чунин аст, висолаш чун аст?!"

### 135

Ҷойе, ки гузаргоҳи дили маҳзун аст,
Он ҷо ду ҳазор найза боло хун аст.
Лайлисифатон зи ҳоли мо бехабаранд,
Маҷнун донад, ки ҳоли Маҷнун чун аст!

### 136

Дил хаставу бастаи мусалсалмӯест,
Хунгаштаву куштаи бути ҳиндуест.
Суде накунад насиҳатат, эй воиз,
Ин хонахароб турфа якпаҳлуест.

### 137

Тақдир, ки бар куштанат озарм надошт,
Бар ҳусну ҷавоният дили нарм надошт.
Андар аҷабам зи ҷонситон, к-аз чу туе
Ҷон бистаду аз ҷамоли ту шарм надошт.

**138**

Чашмам зи ғамат ба ҳар ақиқе, ки бисуфт,
Бар чеҳра ҳазор гул зи розам бишикуфт.
Розе, ки дилам зи ҷон ҳамедошт ниҳуфт,
Ашкам ба забони ҳол бо халқ бигуфт.

**139**

Бе рӯйи ту хуршеди ҷаҳонсӯз мабод,
Ҳам бе ту чароғи оламафрӯз мабод!
Бо васли ту кас чу ман бадомӯз мабод,
Рӯзе, ки туро набинам он рӯз мабод!

**140**

Зулфаш бикашӣ, шаби дароз андозад,
В-ар бикшойӣ, чангали боз андозад,
В-ар печу хамаш зи якдигар бикшоянд,
Доман-доман мушки Тароз андозад.

**141**

Чун субҳ алам зад ба ҳусомат монад,
Чун якшаба шуд моҳ, ба ҷомат монад!
Тақдир ба аспи тезгомат монад,
Рӯзӣ ба ато додани омат монад!

**142**

Ҷуз ҳодиса ҳаргиз талабам кас накунад,
Як пурсиши ғарм ҷуз табам кас накунад
В-ар ҷон ба лаб оядам ба ҷуз мардуми чашм
Як қатраи об бар лабам кас накунад.

**143**

Номат шунавам, дил зи фараҳ зинда шавад,
Ҳоли ман аз иқболи ту фархунда шавад.
В-аз ғайри ту ҳар ҷо сухан ояд ба миён,
Хотир ба ҳазор ғам пароканда шавад.

**144**

Омад бари ман. Кӣ? Ёр. Кай? Вақти саҳар.
Тарсанда. Зи кӣ? Зи хасм. Хасмаш кӣ?
Падар!
Додам-ш ду бӯса. Бар куҷо? Бар лаби тар!
Лаб буд? На! Чӣ буд? Ақиқ! Чун буд?
Шакар!

**145**

Ҳон ташнаҷигар, маҷӯй з-ин боғ самар,
Бедистонест ин риёзи бадудар!
Беҳуда мамон, ки боғбонат ба қафост,
Чун хок нишаста гиру чун бод гузар!

**146**

Чун кушта бибиниам ду лаб гашта фароз
В-аз ҷон таҳӣ ин қолаби фарсуда ба оз.
Бар болинам нишину мегӯй ба ноз,
К-"ай кушта туро ману пашемон шуда боз!"

**147**

Дар ҷустани он нигори пуркинаву ҷанг
Гаштем саропойи ҷаҳон бо дили танг.
Шуд даст зи кору монд пой аз рафтор,
Ин баски ба сар задему он баски ба санг!

**148**

Бар ишқи туям на сабр пайдост, на дил,
Бе рӯйи туям на ақл бар ҷост, на дил!
Ин ғам, ки марост кӯҳи Қоф аст, на ғам,
Ин дил ки туродт, санги хорост, на дил!

**149**

Воҷиб набувад ба кас-бар ифзолу карам,
Воҷиб бошад, ҳаройина, шукри ниъам.
Тақсир накард хоҷа бар новоҷиб,
Ман бар воҷиб чӣ гуна тақсир кунам?!

**150**

Юсуфрӯйе, к-аз ӯ фиғон кард дилам,
Чун дасти занони мисриён кард дилам.
З-оғоз ба бӯса меҳрубон кард дилам,
Имрӯз нишонаи ғамон кард дилам!

**151**

Дар пеши худ он нома чу булкома ниҳам,
Парвин зи сиришки дида бар ҷома ниҳам.
Дар посухи ту чу даст бар хома ниҳам,
Хоҳам, ки дил андар шикани нома ниҳам.

**152**

Дар манзили ғам фиканда мафраш моем
В-аз оби ду чашм дил пуроташ моем,
Олам чу ситам кунад, ситамкаш моем,
Дастихуши рӯзгори нох(в)аш моем.

**153**

Рӯят дарёи ҳусну лаълат марҷон,
Зулфат анбар, садаф даҳан, дур дандон,
Абрӯ каштию чини пешонӣ мавҷ,
Гирдоби бало ғабғабу чашмат тӯфон.

**154**

Дар ишқ чу Рӯдакӣ шудам сер аз ҷон
В-аз гиряи хунин мижаам шуд марҷон.
Алқисса, ки аз дасти азоби ҳиҷрон
Дар оташи рашкам дигар аз дӯзахиён!

**155**

Дидор ба дил фурӯхт, нафрӯхт гарон,
Бӯса ба равон фурӯшаду ҳаст арзон!
Оре, ки чу он моҳ бувад бозаргон,
Дидор ба дил фурӯшаду бӯса ба ҷон!

**156**

Аз ҳаҷри маҳи рухи ту, эй мояи ҷон,
Пурдур карданд чун даҳони ту ҷаҳон.
Аз нохуни даст хаста кардам дилу ҷон,
Фарёдраси ғамат на ин буду на он.

**157**

Ай аз гули сурх ранг бирбудаву бӯ,
Ранг аз пайи рух рубуда, бӯ аз пайи мӯ!
Гулранг шавад, чу рӯй шӯйӣ, ҳама ҷӯ,
Мушкин гардад, чу мӯ фишонӣ ҳама кӯ!

**158**

Ай нолаи пири хонақоҳ аз ғами ту,
В-ай гиряи тифли бегуноҳ аз гами ту,
Афгони хурӯси субҳгоҳ аз гами ту,
Оҳ аз ғами ту, ҳазор оҳ аз ғами ту!

**159**

Чархи каҷабоз то ниҳон сохт каҷа,
Бо неку бади дойира дарбохт каҷа.
Ҳангомаи шаб гузашту шуд қисса тамом,
Толеъ ба кафам яке наяндохт каҷа!

**160**

Зулфат дидам сар аз чамон печида
В-андар гули сурхи арғавон печида,
Дар ҳар банде ҳазор дил дар бандаш,
Дар ҳар пече ҳазор ҷон печида!

**161**

Чун кори дилам зи зулфи ӯ монд гиреҳ,
Бар ҳар раги ҷон сад орзу монд гиреҳ.
Уммед зи гиря буд афсус, афсус,
К-он ҳам шаби васл дар гулӯ монд гиреҳ!

**162**

Аз Каъба калисиёнишинам кардӣ,
Охир дар куфр беқаринам кардӣ!
Баъд аз ду ҳазор саҷда дар даргаҳи дӯст,
Эй ишқ, чи беғона зи динам кардӣ!

## 163

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ!
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ!
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ!

## 164

Он харпадарат ба дашт хошок задӣ,
Момот дафи дурӯя чолок задӣ.
Он бар сари гӯрҳо Таборак хондӣ,
В-ин бар дари хонаҳо табурок задӣ.

## 165

Дил сер нагардадат зи бедодгарӣ,
Чашм об нагардадат, чу бар ман нигарӣ.
Ин турфа, ки дӯсттар зи ҷонат дорам,
Бо он ки зи сад ҳазор душман батарӣ!

## 166

Бо дода қаноъат куну бо дод бизӣ!
Дар банди такаллуф машав, озод бизӣ!
Дар беҳ зи худе назар макун, ғусса махур,
Дар кам зи худе назар куну шод бизӣ!

## 167

Ҳон, Рӯдакӣ, аз қайди ғам озод бизӣ!
Бо хотири хурраму дили шод бизӣ!
Вайронии худ мангару ободии даҳр,
Вайронии даҳр бину обод бизӣ!

## 168

Норафта ба шоҳроҳи васлат гоме,
Ноёфта аз ҳусну ҷамолат коме,
Ногоҳ шунидам зи фалак пайғоме,
К-"аз хумми фироқ нӯш бодат ҷоме!"

# АБЁТИ ПАРОКАНДА

**169**

Пеши теғи ту рӯзи саф душман
Ҳаст чун пеши доси нав курпо!

**170**

Ман он чи мадҳи ту гӯям дуруст бошаду рост,
Маро ба кор наёяд сирешиму кабдо!

**171**

Чунон ки уштури бебуд сӯйи куном шуда,
Зи макри рӯбаҳу зоғу зи гург бехабаро!

**172**

Ҷуз ба модандар намонад ин ҷаҳони гурбарӯй,
Бо писандар кина дорад ҳамчу бо духтандаро!

**173**

Ой парғунаву божгуна ҷаҳон,
Монда ман аз ту ба шигифт-андаро!

**174**

Гӯши ту солу маҳ ба рӯду суруд,
Нашнавӣ неваи хурӯшонро!

**175**

Ҷигартишнагонанду бечорагон
Ва бе тӯшагонанду безоваро!

**176**

Шери олуғда, ки берун ҷаҳад аз хона ба сайд,
То ба чанг оварад оҳурову оҳубараро!

**177**

Набошад з-ин замона бас шигифтӣ,
Агар бар мо бибōрад озарахшо!

**178**

Гарчи Таштарро ато борон бувад,
Мар туро зарру гуҳар бошад ато!

**179**

Камандаш беша бар шерон қафас кард,
Фаялкаш дашт бар гургон хабоко!

**180**

Чу гирд оранд кирдорат ба маҳшар,
Фурӯ монӣ ҳаме чун хар ба шилко!

**181**

Геҳон ба адли хоҷаи Аднонӣ,
Адн асту корҳо ҳама б-андомо.

**182**

Фохтагун шуд ҳаво зи гардиши хуршед,
Ҷомаи хона ба тибит фохтагуно!

**183**

Рӯза ба поён расиду омад навъид
Ҳар рӯз бар осмонат бодо мурво!

**184**

Ҳаме бояд-т рафту роҳ дур аст,
Басағда дор яксар шуғли роҳо!

**185**

Надид танбули ӯю падид мандали ӯй,
Дигар нимояду дигар бувад ба сони сароб.

**186**

То кай барӣ азобу кунӣ ришро хизоб,
То кай фузул гӯйиву орӣ ҳадиси ғоб?!

**187**

Шеби ту бо фарозу фарози ту бо нишеб,
Фарзанди одамӣ ба ту андар ба шебу теб.

**188**

Дидӣ ту рижу ком бад-ӯ андарун басе
Бо ридакони мутриб будӣ ба фарру зеб.

**189**

То либоси умри аъдояш нагардад бофта,
Тор-тору пуд-пуд андар фалоти он фавот!

**190**

Бар рӯйи пизишк зан маяндеш,
Чун буд дуруст пешёрат.

**191**

Ҳеч роҳат менабинам дар суруду рӯди ту,
Ҷуз, ки аз фарёду захма-т халқро котура хост!

**192**

Лодро дар биной муҳкам нех,
Ки нигаҳдори лод бунлод аст.

### 193

Маъзурам доранд, ки андуҳ вағеш аст,
Андуҳи вағеши ман аз он чаъди вағеш аст.

### 194

Хубон ҳама сипоҳанд, ӯшон худойгон аст,
Мар некбахтиямро дар рӯйи ӯ нишон аст.

### 195

Баҳори Чин кун аз он рӯй базмхонаи хеш,
Агарчи хонаи ту навбаҳори барҳаман аст.

### 196

Ҳамчу ҳинду, ки ӯ бувад ғаввос,
Моғ дар об дуррҷӯй шудаст.

### 197

Ба бози курезӣ бимонам ҳаме,
Агар кабк нагрезад аз ман равост!

### 198

Шаби қадри васлат зи фархундагӣ
Фараҳбахштар аз фириснофа аст.

### 199

Ой аз он чун чароғ пешонӣ,
Ой аз он зулфаки шикасту микаст!

### 200

Дӯш донистам, к-ин ранҷ ҳама васвос аст,
Мардуми досу далус аз дари рӯй омос аст.

**201**

Бо дили пок маро ҷомаи нопок равост,
Бад мар онро, ки дилу дида палид асту палашт!

**202**

Чуғд, ки бо бозу бо кулангон парад,
Бишканадаш парру болу гардад лат-лат.

**203**

Чи ман гар ҳамеша ситогӯй бошам,
Ситоям набошад накӯ ҷуз ба номат!

**204**

Буданат дар хок бошад бофдум,
Ҳамчунон, к-аз хок буд анбуданат.

**205**

Зи меҳраш мабодо тахӣ эч дил,
Зи фармон-ш холӣ мабод эч марҷ!

**206**

Роҳе осону рост бигзин, ай дӯст,
Дур шав аз роҳи бекаронаву тарфанҷ.

**207**

Дил озод кун аз дарду тан озод кун аз ранҷ,
Ҷом овару рӯд овару нард овару шатранҷ.

**208**

Бунлоди ту шуд тарбияти хоҷа, валек
Бунлоди ту суст ҳамчу бунёди ту бод.

**209**

Бахту давлат чу пешкори туанд,
Нусрату фатҳ пешёри ту бод!

**210**

Имрӯз ба иқболи ту, ай мири Хуросон,
Ҳам неъмату ҳам рӯйи наку дорамваснод!

**211**

Ба ту бозгардад ғами ошиқӣ,
Нигоро, макун ин ҳама зиштёд!

**212**

Аё балоя, агар коркард пинҳон буд,
Кунун тавонӣ боре хашук пинҳон кард?!

**213**

Ё фатӣ, ту ба мол ғарра машав,
Чун ту бас диду бинад ин деранд!

**214**

Ҳар дам, ки маро гирифта хомӯш,
Печида ба офият чу фарғанд.

**215**

Ай ҷони ҳама олам дар ҷони ту пайванд,
Макруҳи ту моро манамоёд худованд!

**216**

Дил аз дунё бардору ба хона биншин паст,
Фаро банд дари хона ба фалчу ба пажованд!

**217**

Чарх чунин асту ба ин раҳ равад,
Ланг ба ҳар неку ба ҳар бад наванд.

**218**

Гӯспандему чаҳон ҳаст ба кирдори нагил,
Чун гаҳи хоб шавад, сӯйи нагил бояд шуд.

**219**

Мурда нашавад зинда, зинда ба сутудон шуд,
Ойини чаҳон чунин то гардун гардон шуд.

**220**

Рухи аъдот аз таши накбат
Ҳамчу қиру шабаҳ сиёҳ омад.

**221**

Ҳар он карим, ки фарзанди ӯ балода бувад,
Шигифт бошад, агар аз гуноҳ сода бувад!

**222**

Моги дар обгир гашта равон
Рост чун каштиест қирандуд.

**223**

Ситохе баромад аз бари шохи дарахти уд,
Ситохе зи мушку шох зи анбар, дарахт уд (?)

**224**

Бифнуд танам бар дираму обу замин,
Дил бар хираду илму ба дониш бифнуд.

225
Бад-он мурғак монам, ки ҳаме дӯш
Бар он шохаки гулбун ҳаме фунуд.

226
Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд!

227
Аз ҷуд қабо дорӣ, пӯшида мушаҳҳар,
В-аз маҷд бино дорӣ, барбурда мушайяд.

228
Лаъли майро зи дурҷи хум даркаш,
Дар кадунима кун, ба пеши ман ор!

229
Он хаҷши зи гардан-ш даровехта, гӯйӣ,
Хикест пур аз бод, дар ӯ рехта аз бор.

230
Гузида чаҳортӯст бадудар ҷаҳон, ҳон
Ҳаморо ба охшич, ҳаморо ба корзор.

231
То зиндаам, нарафта маро номи ту зи ёд,
Ҳаргиз нагуфтаӣ, ки маро ошиқест зор!

232
Бияфканӣ хуриши покро зи беаслӣ
Биёканӣ зи палидӣ чу мокиён ту гужор.

**233**

Зану духтар-ш гашта мӯякунон,
Рух карда ба нохунон шудгор.

**234**

То зиндаам маро нест ҷуз мадҳи ту дигар кор.
Кишту дурудам ин аст, харман ҳамину шудгор.

**235**

Чунон бор баровард ба хештан,
Ки ман гӯям, хӯрдаст сусмор.

**236**

То ба хок андарат нагардонад,
Хоку мок аз ту барнадорад кор.

**237**

Аё сарвбун, дар такопӯйи онам,
Ки фарғандосо бипечам ба ту-бар!

**238**

Тозиву порсӣ ҳама наздики мо якест,
Наздики ӯ гиромӣ парҳезгортар.

**239**

Моҳӣ осон гирад кабудар, гӯйӣ,
Тегат моҳист, душманон-т кабудар.

**240**

Касеро, ки бошад ба дил меҳри Ҳайдар,
Шавад сурхрӯ дар ду гетӣ ба овар.

241
Мудхилонро рикоб заррогин,
Пойи озодагон наёбад сур.

242
Бо дирафши ковиёну токдес,
Зарри муштафшору шоҳона камар.

243
Фохта бар сарв шоҳруд баровард,
Захма фурӯ ҳишт зандвоф ба танбӯр.

244
Агар ман завичат бихӯрдам гаҳе,
Ту акнун биёву завичам бихӯр.

245
Бувад аъвару кӯсачу лангу пас ман
Нишаста бар ӯ чун калоғе бар аъвар.

246
Зераш Уторид, он ки надонӣ-ш ҷуз Дабир,
Як номи ӯ Уториду як номи ӯст Тир,

247
Алам абру тундар бувад кӯси ӯ,
Камон одиянда шавад, жола тир.

248
Очиз шавад зи ашки ду чашму ғиреви ман,
Абри баҳоргоҳиву бухтур дар матир.

**249**

Гетӣ чу гов нек диҳад шир мар туро,
Худ боз бишканад ба карона ханури шир.

**250**

Фарохӣ омад, к-аз зарру сим сер шудӣ,
Ба хуб рӯйи ту ҳар рӯз бешам ояд оз.

**251**

Аё нигори Тароз аз бутони Туркистон,
Наёмад эдар чун ту бут аз баҳори Тароз.

**252**

Ба ҷаҳон родмард бисёр аст,
Ишқ бар ман ҳаме кунад парвоз.

**253**

Ноз, агар хубро сазост ба шарт,
Насазад ҷуз туро карашмаву ноз!

**254**

Дар амал то дерёзию дарозӣ мумкин аст,
Чун амал бодо туро умри дарозу дерёз!

**255**

Ба ҳаққи он хами зулф ба сони минқори боз,
Ба ҳаққи он рӯйи хуб, к-аз ӯ гирифтӣ бароз.

**256**

Туӣ, ки ҷавру бахилӣ ба ту гирифт нишеб,
Чунон ки доду саховат ба ту гирифт фароз.

**257**

Тозиёну давон ҳаме ояд,
Ҳамчу андар фасила аспи нухоз.

**258**

Чун латиф ояд ба гоҳи навбаҳор,
Бонги рӯду бонги кабку бонги таз!

**259**

Ниҳод рӯй ба ҳазрат, чунон ки рӯбаҳи пир,
Ба тими вотгарон ояд аз дари тимос.

**260**

Гираде оби чӯйи раз пандом,
Чун бувад баста набкроҳ зи хас.

**261**

Аз чи тавба накунад хоча, ки ҳар чо ки бувад,
Қадаҳе май бихурад, рост кунад зуд ҳарош!

**262**

Бут, агарчи латиф дорад нақш,
Назди рухсораи ту ҳаст харош!

**263**

Ту чи гуна чаҳӣ, ки дасти ачал
Бар сари ту ҳаме занад сарпош!

**264**

Ҳасудон-тро дода Баҳром бахш,
Туро баҳра карда саъодат Завош!

**265**

Бар ҳабк ниҳода ҷоми бода
В-он гоҳ зи ҳабк нӯш кардаш.

**266**

Ҳаме то қутб бо хур аст зери гунбади ахзар,
Шакарпошаш зи як палла-сту аз дигар фалосангаш.

**267**

Бонг кардам-т, ай фағи симин,
Зӯш хондам туро, ки ҳастӣ зӯш!

**268**

Кофури ту болус бувад, мушки ту бо нок,
Болуси тару кофур кунӣ доим мағшуш.

**269**

Гирди гули сурх-андар хатте бикашидӣ,
То халқи ҷаҳонро бификандӣ ба халолуш.

**270**

Гургро кай расад салобати шот,
Бозро кай расад ниҳеби шахеш?

**271**

Ҳар к-ӯ биравад рост, нишастаст ба шодӣ,
В-он к-ӯ наравад рост, ҳама мужда ҳамедиш!

**272**

Ай дареғо, ки мурдзори маро
Ногаҳон бозхӯрд барфи вағеш!

**273**

Оҳ аз ҷаври ин замонаи шум,
Ҳама шодии ӯ ғамономеғ!

**274**

Кофури ту болус шуду мушк ҳама нок,
Олудагият дар ҳама айём нашуд пок!

**275**

Бо ду-се бӯса раҳо кун ин дил аз гурми хунок,
То ба ман эҳсон-т бошад, аҳсануллоҳи ҷазок!

**276**

Бас азизам, бас гиромӣ, шод бош
Андар ин хона ба сони навбуюк!

**277**

Як ба як аз дар даромад он нигор,
Он ғарошида зи ман, рафта ба ҷанг!

**278**

Чу ҳомун душманонат паст боданд,
Чу гардун дӯстон воло ҳама сол!

**279**

Шикуфт лола, ту зеғол бишкуфон, ки ҳаме
Ба даври лола ба каф-бар ниҳода беҳ зеғол!

**280**

Ёд бодат тавфиқ, рӯзбеҳӣ бо ту рафиқ,
Давлатат бод ҳариқ, душманат ғешаву нол!

**281**

Ҳама касеро дарвешиясту ранҷи иёл…
Фиғон ҳамекунам аз ранҷи ганҷу зайъату мол.

**282**

Лаб-т себи биҳишту ман муҳтоҷ,
Ёфтанро ҳаме намеёбам вел.

**283**

Бомҳоро фарасп хурд кунӣ,
Аз гаронӣ-т, агар равӣ бар бом!

**284**

Агар амири ҷаҳондор доди ман надиҳад,
Чаҳорсола нуведи маро кӣ ҳаст хиром?!

**285**

Ҳама нинюшаи хоҷа ба некуиву ба сулҳ,
Ҳама нинюшаи нодон ба ҷангу кори ниғом!

**286**

Бар рух ҳазор заҳраи томур баршикуфт,
Эдун зи боғ қатраи шабнам наёфтам!

**287**

Чиро ҳаме начамам, то чаро кунад тани ман,
Ки низ то начамам, кори ман нагирад чам!

**288**

Ҳанӯз бо маниву аз ниҳеби рафтани ту
Ба рӯз вақт шуморам, ба шаб ситора шуморам!

**289**

Орзуманди он шуда ту ба гӯр,
Ки расад нонпорает ба рам!

**290**

Ман бад-он омадам ба хидмати ту,
Ки барояд рутаб зи конозам.

**291**

Гар кунад ёрие маро ба ғами ишқ он санам,
Битавонад зудуд з-ин дили ғамхора занги ғам.

**292**

Чун барги лола будааму акнун,
Чун себи пажмурида бар овангам!

**293**

Чун ҷушша фишонӣ, ай пусар, дар кӯям,
Хоки қадамат чу мушк дар дида занам!

**294**

Бутпарастӣ гирифтаем ҳама,
Ин ҷаҳон чун бут асту мо шаманем!

**295**

Хоста тороҷ гашта, судҳоят бар зиён,
Лашкарат ҳамвора ёфа чун рамай рафта шубон!

**296**

Ба навбаҳорон бистой абри гирёнро,
Ки аз гиристани ӯст ин замин хандон!

**297**

Худ ғами дандон ба кӣ тавонам гуфтан?!
Заррин гаштам ба руни симин дандон!

**298**

Мелови манӣ, ай фағу устоди туам ман,
Пеш ою ду-се бӯса деҳу меловия бистон!

**299**

Ба оташ дарун-бар мисоли самандар,
Ба об андарун-бар мисоли наҳангон.

**300**

Яхча меборид аз абри сиёҳ,
Чун ситора бар замин аз осмон.

**301**

Аз пайи алфағдани рӯзӣ ба ҷаҳд аз бомдод,
Ҷонвар сӯйи сипанҷи хеш пӯёну давон.

**302**

Пири фартут гашта будам сахт,
Давлати ӯ маро бикард ҷавон.

**303**

Басо хусрави номвар пеш аз ӯ
Шудастанд зӣ Сориву Сориён.

**304**

Гар кас будӣ, ки зӣ туам бифкандӣ,
Хештан андар ниҳодаме ба фалохан.

**305**

..ри олуда биёриву ниҳӣ дар …си ман,
Бӯсае чанд ба тазвир диҳӣ бар нуси ман.

**306**

Ҳаргиз накунад сӯйи мани хаста нигоҳе,
Оранг нахоҳад, ки шавад шод дили ман!

**307**

Гирифта рӯйи дарё ҷумла каштиҳои бирри ту
Зи баҳри мадҳхоҳонат зи Шарвон то ба Обаскун!

**308**

Ай харидор ман туро ба ду чиз:
Ба тану ҷону меҳр дода рабун!

**309**

Аз гесуи ӯ насимаки мушк ояд,
Аз зулфаки ӯ насимаки настарван!

**310**

Талхиву шириниаш омехта аст,
Кас нахурад нӯшу шакар бо пиюн!

**311**

Яке олудае бошад, ки шаҳреро биёлояд,
Чу аз говон яке бошад, ки говонро кунад рихин.

**312**

Гетӣ-т чунин омад, гарданда бад-ин сон ҳам,
Ҳам боди барин омад, ҳам боди фурудин.

**313**

Ба сарв монад, гар сарв лоладор бувад.
Ба мӯрд монад, гар мӯрд рӯяд аз насрин.

**314**

Аз он кӯзобрии бозкирдор,
Калафташ буссадину тан-ш заррин!

**315**

Чунон ки хоксириштӣ, ба зери хок шавӣ,
Ниё-т хоку ту андар миёни хок огин!

**316**

Ба чанголи қаҳри ту-дар хасми баддил
Бувад ҳамчу чарзе ба чанголи шоҳин!

**317**

Дилбаро, з-ӯ кай маҷоли ҳосиди ғаммози ту,
Ранги ман бо ту набандад, беш аз ин малмоз ту.

**318**

Чиро умри каргас дусад сол, вайҳак,
Намонад фузунтар зи соле парасту.

**319**

Он рахту куёни худ ман рафтаму пардахтам,
Чун курд бимондастам, танҳо ману ин боҳу!

**320**

Ай дареғ, он ҳури ҳангоми сахо Ҳотамфаш,
Ай дареғ, он гави ҳангоми ваға Сомгироҳ!

**321**

Ҳафт солор, к-андар ин фалаканд,
Ҳама гирд омаданд дар дуву доҳ.

**322**

Ба чашмат-андар болор нангарӣ ту ба рӯз,
Ба шаб ба чашми касон-андарун бибинӣ коҳ!

**323**

Манам хӯ карда бар бӯсаш, чунон чун боз
бар муста,
Чунон бонг орам аз бӯсаш, чунон чун
бишканӣ писта!

**324**

Нест аз ман аҷаб, ки густохам,
Ки ту додӣ ба аввалам даста!

**325**

Аз меҳри ӯ надорам бе ханда кому лаб,
То сарв сабз бошаду бар н-оварад пада!

**326**

Оташи ҳаҷри туро ҳезум манам
В-оташи дигар-тро ҳезум пада.

**327**

Рухсораи ӯ пардаи ушшоқ дарид,
Бо он ки ниҳуфта дорад андар парда.

**328**

Ба ҷойи ҳар гаронмоя фурӯмоя нишонида,
Намонидаст сори ӯю куррай ӯ-т монида!

**329**

Ҷаъде сиёҳ дорад, к-аз кашшӣ,
Пинҳон шавад бад-ӯ дар сархора.

**330**

К-аз шоирон наванд манаму навгувора,
Як байти парниён кунам аз санги хора.

**331**

Гар ниъамҳои ӯ чу чархи давон
Ҳама хок асту бод, бод фареҳ.

**332**

Як фард тир сохт ба шизу ба ман парид,
Гуйӣ, ки абруяш бувад он шизи пургираҳ.

**333**

Дар роҳи Нишопур деҳе дидам бас хуб,
Ангашбаи ӯро на адад буду на марра!

**334**

Бунгаҳ аз он гузидаам ин коза,
Ки-м айш неку дахл беандоза.

**335**

Ай хуни дӯстон ба гардан макун база,
Кас барнадоштаст ба дасте ду харбуза!

**336**

Як сӯ кашамаш чодар, як сӯ ниҳамаш мӯза,
Ин мурда агар хезад, варна ману чалғӯза.

**337**

Талх шуд рӯзгорам, аз каримӣ
Марҳамат кун ба қадре офрӯша.

**338**

Моҳи тамом аст рӯйи дилбараки ман,
В-аз ду гули сурх андар ӯ паргола!

**339**

Зулфинаки ӯ ниҳода дорад
Бар гардани Ҳорут зовлона!

**340**

Бузургони ҷаҳон чун гардбандан,
Ту чун ёқути сурх андар миёна.

**341**

Ай ёри раҳӣ, ай нигори фитна,
Ай дини хирадмандро ту рахна!

**342**

Аё хуршеди солорони гетӣ,
Сувори размсозу гурди настӯҳ!

**343**

Ай бирри ту расида ба ҳар тангчорае
Аз ҳоли ман заъиф биандеш порае!

**344**

Гаҳ дар он кундизи буланд нишин,
Гаҳ дар ин бӯстон назар бикшой!

**345**

Тан-т яку ҷон якеву чандин דониш,
Ай аҷабо, мардумӣ ту ё дарёӣ?! ?

**346**

Ай мояи хубиву некномӣ
Рӯзам надиҳад бе ту рӯшноӣӣ!

**347**

Кори бӯса чу об хӯрдани шӯр,
Бихурӣ беш тишнатар гардӣ!

**348**

Чӣ неку сухан гуфт ёрӣ ба ёрӣ,
Ки то кай кашем аз хусур зиллу хорӣ?!

**349**

На ҷуз айб чизест, к-он ту надорӣ,
На ҷуз гайб чизест, к-он ту надонӣ!

**350**

Нили диҳанда туйӣ ба гоҳи атият,
Пили даманда ба гоҳи кинагузорӣ!

**351**

Ай қиблаи хубони ман, ай турфаи Рай,
Лабро ба сапедарак бикун пок аз май!

**352**

Аз хару полик он ҷой расидам, ки ҳаме
Мӯзаи чинӣ мехоҳаму аспи тозӣ!

**353**

Ҷаҳоно, ҳамоно к-аз ин бегиёҳӣ
Гунаҳкор моему ту беканозӣ!

**354**

Маро бо ту бад-ин боб тоб нест,
Ки ту роз беҳ аз ман ба сар барӣ!

**355**

Буто, нахоҳам гуфтан тамом васфи туро,
Ки шарм дорад хуршед, агар кунам сипарӣ!

**356**

Боғи мулк омад тарӣ аз рашҳаи килки вазир,
З-он ки афшак мекунад мар боғу бӯстонро тарӣ

**357**

Оҳу зи танги кӯҳ биёмад ба дашту роғ,
Бар сабза бода хуш бувад акнун, агар хурӣ!

**358**

Ман кунам пеши ту даҳон пурбод,
То занӣ бар купам ту зобгаре.

**359**

Ба ҷумла хоҳам якмоҳа бӯса аз ту, буто,
Ба кеч-кеч нахоҳам, ки фоми ман тузӣ!

**360**

Ай он, ки ман аз ишқи ту андар ҷигари хеш
Оташкада дорам саду бар ҳар мижае ҷӣ!

**361**

Мардумон аз хирад сухан гӯянд,
Ту ҳавозӣ ҳадиси гоб кунӣ!

**362**

Аз ӯ беандуҳӣ бигзину шодӣ бо таносонӣ,
Ба темори ҷаҳон дилро чиро беҳуда бахсонӣ!

**363**

Шудам пир бар ин сону ту ҳам худ на ҷувонӣ,
Маро сина пуранҷуху ту чун чафта камонӣ!

**364**

Шоир Шаҳиду шуҳра Фароловӣ,
В-ин дигарон ба ҷумла ҳама ровӣ!

**365**

Зар хоҳию турунҷ, инак ин ду рухи ман,
Май хоҳию гулу наргис, аз он ду рух ҷӯй!

**366**

Ҷуз бартарӣ надонӣ, гӯйӣ, ки оташӣ,
Ҷуз ростӣ наҷӯйӣ, моно тарозуӣ!

**367**

Омад ин навбаҳори тавбашикан,
Парниён гашт богу барзану кӯй!

**368**

Сарв аст ё боло, моҳ аст он ё рӯй?!
Зулф аст он ё чавгон, хол аст он ё гӯй?!

**369**

Бекимат аст шаккар аз он ду лабони ӯй,
Косид шуд аз ду зулфаш бозори шоҳбӯй.

**370**

Ин иғудасарӣ ба чӣ кор ояд, ай фато,
Дарёб донишу сухани беҳуда магӯй!

**371**

То сабрро набошад ширинии шакар,
То бедро набошад бӯйе чу дорбӯй.

**372**

Меҳр ҷӯйӣ зи ману бемеҳрӣ,
Ҳуда хоҳӣ зи ману беҳудаӣ!

**373**

Гаҳ орамдаиву гаҳ орағдаӣ,
Гаҳ ошуфтаиву гаҳ оҳистаӣ!

**374**

Сирри ҳакимон ба Хуросон марост.

**375**

Ҳазор сол бизӣ, сад ҳазор сол бизӣ.

# АБЁТИ БОЗМОНДА АЗ МАСНАВИҲО

# КАЛИЛА ВА ДИМНА

## Муқаддама

**376**

Ҳар киро Эзад-ш лахте ҳуш дод,
Рӯзгор ӯро басанда устод.
Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеч омӯзгор.

**377**

То ҷаҳон буд аз сари Одам фароз,
Кас набуд аз рози дониш бениёз.
Мардумони бихрад андар ҳар замон,
Рози донишро ба ҳар гуна забон
Гирд карданду гиромӣ доштанд,
То ба санг андар ҳаме бингоштанд.
Дониш андар дил чароғи равшан аст,
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст…
Ҳеч ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ рав туву ин ганҷ неҳ.

## Боби Барзӯяи табиб

**378**

Аз ҳамолон в-аз բародар ман фузун,
З-он ки ман уммедворам низ юн.

**379**

Боз кард аз хоб занро нарму х(в)аш,
Гуфт: “дуздонанду омад пойпаш”.

380
Шав бад-он кунҷ андарун хумме биҷӯй,
Зери ӯ сумчест берун шав бад-ӯй.

381
Марди муздур андар оғозид кор,
Пеши ӯ дастон ҳамезад бе киёр.

382
Чоҳ пуркарбосаву пуркаждумон,
Хӯрди эшон пӯсти рӯйи мардумон.

### Боби Шеру Гов

383
Доштӣ он тоҷири давлатшиъор,
Сад қатори сор андар зери бор.

384
Ҳамчунон сурма, ки духти хубрӯй,
Ҳам ба сони гард бардорад зи ӯй.
Гарчи ҳар рӯз андаке бардорадаш,
Бофдум рӯзе ба поён орадаш.

385
Об ҳарчи бештар неру кунад,
Банду варғи сусту пуда барканад.

386
Хоягони ту чу кобила шудаст,
Ранги ӯ чун ранги потила шудаст.

387
Чун яке хошоки афканда ба кӯй,
Гӯши хоронро ниёз ояд бад-ӯй.

**388**

Димнаро гуфто, ки то ин бонг чист,
Бо ниҳебу саҳм ин овойи кист?
Димна гуфт ӯро: ҷуз ин ово дигар
Кори ту на ҳасту саҳме бештар!
Дил гусаста дорӣ аз бонги буланд,
Ранҷаке бошад-ту озору газанд!

**389**

Пас табире дид наздики дарахт,
Ҳар гаҳе бонге биҷастӣ тунду сахт.
Гурсуна рӯбоҳ шуд то он табир,
Чашм зӣ ӯ бурда, монда хир-хир.

**390**

Зан чу ин бишнида шуд, хомӯш буд,
Кафшгар конову марде лӯш буд…
Мардро наҳмор хашм омад аз ин,
Ғовшанге бар каф овардаш газин.

**391**

Кард бояд мар маро в-ӯро раван,
Шер то темор дорад хештан.

**392**

Шер хашм оварду ҷаст аз ҷойи хеш,
В-омад он харгӯшро олуғда пеш.

**393**

Ҳам худ омода бувӣ в-ороста,
Ҷанги ӯро хештан пероста.

**394**

Ҳамчунон кабте, ки дорад ангубин,
Чун намонад достони ман чунин?

Кабт ногаҳ бӯйи нилуфар биёфт,
Хушшаш омад сӯйи нилуфар шитофт.
В-аз бари хушбӯй нилуфар нишаст,
Чун гаҳи рафтан фароз омад, нақаст,
То чу шуд дар об нилуфар ниҳон,
Ӯ ба зери об монд аз ногаҳон.

**395**

Чун кашаф анбӯҳи ғавғоӣ бидид,
Бонгу жаххи мардумон, хашм оварид.

**396**

Мода гуфто, ҳеч шармат нест, век!
Бас сабуксорӣ, на бад донӣ, на нек!

**397**

Подшо Симурғ дарёро бибурд,
Хонаю бачча бад-он Тайту супурд.

**398**

Шаб зимистон буд каппӣ сард ёфт,
Кирмаке шабтоб ногоҳе битофт.
Каппиён-ш оташ ҳаме пиндоштанд,
Пуштаи ҳезум бар ӯ бардоштанд.

**399**

В-аз дарахт-андар гувоҳӣ хоҳад ӯй,
Ту бад-он вақт аз дарахт-андар бигӯй,
К-он табангу, к-андар он динор буд,
Он ситад з-эдар, ки ноҳушёр буд.

**400**

Андар он шаҳре, ки муш оҳан хурад,
Боз паррад дар ҳаво, кӯдак барад.

**401**

Танг шуд олам ба ӯ аз баҳри гов,
Шӯр-шӯр андар фиканду ков-ков.

## Боби бозҷусти кори Димна

**402**

Бори кажмардум ба кангар-ш андаро,
Чун аз ӯ суд асту мар шодӣ туро.

**403**

Назди он шоҳи замин кардаш паём:
"Доруе фармой зомахрон ба ном"...
Сус парварда ба май бигдохта,
Нек дармоне занонро сохта.

**404**

Дастгоҳи ӯ надонад к-аз чӣ рӯй,
Танбулу канбураву дастони ӯй.

**405**

Песиву носуркуну гурбапой,
Хоя ғур дорӣ ту чун уштурдирой.

## Боби дӯстии кабӯтар ва зоғу муш ва боҳаву оҳу

**406**

Бар сари шохи чанор истода зоғ,
Бонг барбурда зи ҳар сӯ ком-ком.

### 407

Аз замӣ барҷастаме то ҷощдон,
Хӯрдаме ҳар-ч андар он буди зи нон.

### 408

Ман сухан гӯям, ту коной кунӣ,
Ҳар замоне даст бар дастат занӣ...
Марди динӣ рафту овардаш кананд,
Чун ҳаме меҳмон дари ман хост канд...
Гуфт диниро, ки ин динор буд,
К-ин фажокин мушро парвор буд!

### 409

Гар хурӣ аз хӯрда бигсорад-т ранч,
Гар диҳӣ мину фароз орад-ту ганч!

### 410

Офарида мардумон мар ранҷро,
Пеша карда ранҷи ҷоноҳанҷро.

### 411

Ҳеч шодӣ нест андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рӯйи дӯстон!
Ҳеч талхӣ нест дар дил талхтар
Аз фироқи дӯстони пурҳунар!

### 412

Худ туро ҷӯяд ҳама хубиву зеб,
Ҳамчунон чун навҷаба ҷӯяд нишеб!

### 413

Чун фароз омад бад-ӯ оғози марг,
Диданаш бегор гардонду маҷарг.

**414**

Ҷой кард аз баҳри будан козае,
З-он ки карда будашон андозае.

**415**

Оҳу аз дом-андарун овоз дод,
Посухи гарза ба дониш боздод.

**416**

Чун бигардад пойи ӯ аз пойдон,
Худ шикӯхида бимонад ҳамчунон.
Ошикӯхад бар замин ҳамвортар,
Ҳамчунон чун бар замин душвортар.

**417**

Бо курузу хуррамӣ оҳу ба дашт,
Мехиромад чун касе к-ӯ маст гашт.

## Боби буф ва зоғ

**418**

Заш аз ӯ посух диҳам андар ниҳон,
Заш ба пайдоӣ миёни мардумон.

**419**

Гуфт бо харгӯш: "хона - хони ман,
Хезу хошокат аз ӯ берун фикан!"

**420**

Пар биканда, чангу чангал рехта,
Хок гашта, бод хокаш бехта!

### 421

Зишту нофарҳехтаву нобихраде,
Одамирӯеву дар ботин даде.

### 422

Аз фаровонӣ, ки хушкомор кард,
З-он ниҳон мар мардро бедор кард.

### 423

Кор чун баста шавад, бикшоядо
В-аз паси ҳар ғам тараб афзоядо!

### 424

Он киро донам, ки ӯям душман аст,
В-аз равони пок бадхоҳи ман аст.
Ҳам ба ҳар гаҳ дӯстӣ ҷӯям-ш ман,
Ҳам сухан б-оҳистагӣ гӯям-ш ман.

## Боби бӯзина ва боха

### 425

Бӯзина ҷасту гурез андар замӣ,
Бонғ барбурд аз курузу хуррамӣ.

### 426

Баски бар гуфта пашемон будаам,
Баски бар ногуфта шодон будаам.

## СИНДБОДНОМА

**427**

Хашмаш омад-шу ҳамон гаҳ гуфт: век!
Хост, к-ӯро барканад аз дида кек.

**428**

Он гурунҷу он шакар бардошт пок,
В-андар он дастори он зан баст хок.
Он зан аз дуккон фуруд омад чу бод,
Пус фаларзангаш ба даст андар ниҳод.
Шӯй бикшод он фаларзаш, хок дид,
Кард занро бонгу гуфташ, ай палид!

**429**

Май гусор андар такуки шоҳвор,
Хур ба шодӣ рӯзгори навбаҳор.

**430**

Гуфт, ҳангоме яке шаҳзода буд,
Гавҳарию пурҳунар, озода буд.
Шуд ба гармоба дарун як рӯз ғӯшт,
Буд фарбиву калону хубгӯшт.

**431**

Чунки занро дид луч, кард уштулам,
Ҳамчу оҳан гашту надод эч хам.

**432**

Гунбаде наҳмор барбурда буланд,
Н-аш сутун аз зеру н-аз барсӯш банд.

**433**

Бонги зилла кар бихоҳад кард гӯш,
В-эч н-осояд ба гармо аз хурӯш...
Барзанад овоз ду нонак ба даст,
Бонги "ду нонак" сечанд овой ҳаст.

**434**
Нони он мудхил зи бас зиштам намуд,
Аз пайи хӯрдан гувориштам набуд.

**435**
Аспялле омад он гаҳ нарм-нарм,
То барад мар аспро ӯ гарм-гарм.

**436**
Пас шитобон омад инак пирзан,
Рӯй як сӯ коға карда хештан…
То ба хона бурд занро бо дилом,
Шодмона зан нишасту шодком..
Андар омад мард бо зан чарб-чарб,
Гандапир аз хона берун шуд ба тарб.

**437**
Шоҳ дигар рӯз бог орост хуб
Тахтҳо бинҳоду баргустард буб.

**438**
Гурбузони шаҳр бо ман тохтанд,
Ман надонистам чи танбул сохтанд!

**439**
Гуфт, хез акнуну сози раҳ бисеч,
Рафт бояд-т, ай пусар, мамғаз ту ҳеч.

**440**
Кард рӯбаҳ юзворӣ як заганд,
Хештанро з-он миён берун фиканд.

**441**
Меҳр дидам, бомдодон чун битофт,
Аз Хуросон сӯйи Ховар мешитофт.

Нимрӯзон бар сари мо баргузашт,
Чун ба Ховар шуд зи мо нодид гашт.

**442**

Аз Хуросон бардамад товусваш,
Сӯйи Ховар мешитобад шоду каш.

**443**

Ахтаронанд осмон-шон ҷойгоҳ,
Ҳафт тобанда давон дар дуву доҳ.

**444**

К-офтоб ояд ба бахшаш зӣ Бара,
Рӯйи гетӣ сабз гардад яксара.

**445**

Чун даромад он кадевар марди зафт,
Бел ҳишту доскола баргирифт.

**446**

Омад ин шабдиз бо марди хароҷ
Дар биҷунбонид бо бонгу талоҷ.

**447**

Дасту каффу пойи пирон пуркалахҷ,
Риши пирон зард аз бас дуди нахҷ.

**448**

Каштие бар обу каштибон-ш бод,
Рафтан андар водие яксон ниҳод.
На хала бояд-шу на ангехтан,
На зи каштӣ биму на з-овехтан.

**449**

Чунки моланда ба ӯ густох шуд,
Дар дурустӣ омаду дарвох шуд.

**450**

Рӯзи ҷастан тозиён ҳамчун наванд,
Рӯзи дан чун шастсола судманд.

**451**

Сурхии хафча нигар аз сурхбед,
Муъсафаргун пӯшиши ӯ, худ сафед.

**452**

Сар фурӯ бурдам миёни обх(в)ар,
Аз фурунҷи ман-ш хашм омад магар.

**453**

Аз ту дорам ҳар чи дар хона ханур,
В-аз ту дорам орду гандум дар канур.

**454**

В-аз чаковак нӯф бинӣ растахез,
Дашт баргирад бад-он овойи тез.

**455**

Оташе биншонад аз тан тафту тез,
Чун замоне бигзарад гардад гимез.

**456**

Чун гули сурх аз миёни пилғӯш,
Ё чу заррин гӯшвор аз хуб гӯш.

**457**

Мӯйи сар чағбуту ҷома римнок,
Аз бурунсӯ боди сарду бимнок.

**458**

Аз даҳони ту ҳамеояд ғашок,
Пир гаштӣ рехт мӯят аз ҳабок.

459
Зад кулӯхе бар ҳабоки он фажок,
Шуд ҳабоки ӯ ба кирдори мағок.

460
Аблаҳу фарзонаро фарҷом хок,
Ҷойгоҳи ҳар ду андар як мағок!

461
Думми саг бинӣ або батфузи саг,
Хушк гашта, к-аш наҷунбад ҳеч раг!

462
Истода дидам он чо дузду гул,
Рӯй зишту чашмҳо ҳамчун дағул.

463
Гар дирам дорӣ, газанд орад ба дин,
Бифкан ӯро гурми дарвешӣ гузин.

464
Токи раз, бинӣ, шуда диноргун,
Парниёни сабзи ӯ зангоргун.

465
Гуфт: "Фардо наштар орам пеши ту,
Худ биёҳанҷам ситем аз реши ту".

466
Аз ҳама некиву хубӣ дорад ӯ,
Модавар бар кори хеш ар дорад ӯ!

467
Рӯйи ҳар як чун духафта гирдмоҳ,
Ҷомашон гуффа, самуришон кулоҳ.

468

Кош он гӯяд, ки бошад беш нех,
Бар яке бар чанд бифзояд фареҳ.

469

Санҷиди челон ба ду нима шуда,
Нуқтаи сурма бар ӯ як-як зада.

470

Беҳтарин ёрону наздикон ҳама,
Наздли ӯ дорам ҳамеша андама.

471

Пас биавборид эшонро ҳама,
Не шубонро ҳишт зинда, не рама.

472

Ҳаст аз мағз сарат, ай мангула,
Ҳамчу раш монда таҳӣ аз кашкула!

473

Обканде дуру бас торик ҷой,
Лагж-лағжон чун дар ӯ бинҳанд пой.

474

Гуфт, риман марди хоми лакдирой,
Пеши он фартут пири жожхой

475

Чун яке чағбут пистонбанди ӯй,
Шир дӯшӣ з-ӯ ба рӯзе ду сабӯй!

476

Хумму хунба пур, зи андуҳ дил тиҳӣ,
Заъфарону наргису беду биҳӣ!

## МАСНАВӢ ДАР БАҲРИ МУТАҚОРИБ

**477**

Ба кӯҳ андарун, гуфт, кухкони мо,
Биёву бикан, бигсалад ҷони мо!

**478**

Ба андо намуданд вахшурро,
Бидид он саропо ҳама нурро.

**479**

Тавонӣ бар ӯ кор бастан фиреб,
Ки нодон ҳама рост бинад вуреб.

**480**

Гирифт об коша зи сармои сахт,
Чу заррин варақ гашт барги дарахт.

**481**

Зи қалбончунон сӯйи душман битохт,
Ки аз ҳайбаташ шери нар об тохт!

**482**

Чу гашт он парирӯй беморганч,
Бибуррид дил з-ин саройи сипанч.

**483**

Сиголида дар ҷанг монанди ғӯч,
Табар бурда бар сар чу тоҷи хурӯч.

**484**

Тани хингбед арчи бошад сапед,
Ба таррию нармӣ набошад чу бед.

**485**

Нишасту суханро хаме хош зад,
Зи оби даҳан кӯҳро шош зад.

**486**

Нафасро ба гадрам чу ангез кард,
Чу озарфазо оташам тез кард.

**487**

Ба душман-бар аз хашм овоз кард,
Ту гуфтӣ, магар тундар оғоз кард!

**488**

Кӣ бар обу гил нақши мо ёд кард,
Кӣ моҳор дар бинии бод кард?!

**489**

Яке зарби гӯпол вақти набард,
Дарорад сари ҳамнабардон ба гард.

**490**

Зи ҳар хошае хештан парварад,
Ки ҷуз хош вайро чӣ андар х(в)арад?!

**491**

Ба бодафраҳи ҷовидон кардманд,
Ба дӯзах бимонад равонаш нажанд!

**492**

Кафидаш дил аз ғам чу як кафта нор,
Кафида шавад санги теморхор!

**493**

Дурахш ар нахандад ба вақти баҳор,
Ҳамоно нагиряд чунин абр зор.

**494**

Чӣ хуш гуфт он мард бо он ҳадеш:
"Макун бад ба кас, гар нахоҳӣ ба хеш".

**495**

Ситуда бувад назди хурду бузург,
Агар родмарде набошад ситург.

**496**

Фикананд бар лод парнехсанг,
Накарданд дар кори мӯбад диранг.

**497**

Ба якборагӣ бештар бор ранг ( ?)
Ки бошад, ки бешӣ бувад бедаранг.

**498**

Ду ҷӯйе равон аз даҳонаш зи хилм,
Ду хирман зада бар ду чашмаш зи хим.

**499**

Баҳор асту ҳамвора ҳар рӯз нам
Мункари фаровону маъруфи кам.

**500**

Ба дашт ар ба шамшер бигзорадам,
Аз он беҳ, ки моҳӣ биавборадам.

**501**

Макун хештан аз раҳи рост гум,
Ки худро ба дӯзах барӣ бофдум.

**502**

В-агар паҳлавонӣ надонӣ забон,
Варазрӯдро Мовароуннаҳр дон.

**503**

Ба чашми дилат дид бояд ҷаҳон,
Ки чашми сари ту набинад ниҳон!
Бад-он ошкорат бибин ошкор,
Ниҳонӣ-тро бар ниҳонӣ гумор!

**504**

Ки ҳар гаҳ, ки тира бигардад ҷаҳон,
Бисӯзад чу дӯзах шавад бодрон.

**505**

Бадандеш душман бувад вилчӯ,
Ки то чун ситонад аз ӯ чизи ӯ.

**506**

Зи дидор хезад ҳазор орзӯй,
Зи чашм аст, гӯянд, жарди гулӯй.

**507**

Сиришк аз мижа ҳамчу дурр рехта,
Чу хӯша зи соруна овехта.

**508**

Нишаста ба сад чашм бар борае,
Гирифта ба чанг- андарун порае.

**509**

Лаби бахти пирӯзро хандаӣ,
Маро низ мурвои фархундаӣ.

**510**

Ҷувон чун бидид он нигорида рӯй,
Ба сони ду занҷир марғули мӯй.

511
Ба хунёгаре нағз овард рӯй,
Ки чизе, ки дил хуш кунад, он бигӯй!

512
Або хилъати фохир аз хуррамӣ,
Ҳамерафтиву менавоштӣ замӣ.

513
Маялфанҷ душман, ки душман яке
Фузун асту дӯст ар ҳазор, андаке.

514
Ҷувон будаму пунба фахмидаме,
Чу фахмида шуд, дона барчидаме.

## МАСНАВИИ БАҲРИ ХАФИФ

**515**

Нест фикре ба ғайри ёр маро,
Ишқ шуд дар ҷаҳон фаёр маро.

**516**

Заръу заръ аз баҳор шуд чу биҳишт,
Заръ кишт асту заръ гӯшаи кишт.

**517**

То саму сар бароварид аз дашт,
Гашт зангоргун ҳама лаби кишт..
Ҳар яке корде зи хон бардошт,
То пазад аз саму таъомаки чошт.

**518**

Ҳар киро роҳбар заған бошад,
Гузари ӯ ба марғазан бошад.

**519**

Дева ҳарчанд абрешум биканад,
Ҳарчи он бештар ба хеш танад.

**520**

Уштури гурсуна касима хурад,
Кай шикӯхад зи хор, чира чарад!

**521**

Гови мискин зи кайди Димна чӣ дид?
В-аз бади Зоғ Бумро чӣ расид?!

**522**

Дур монд аз саройи хешу табор,
Насаре сохт бар сари кӯҳсор.

**523**

Табар азбаски зад ба душман кӯс,
Сурх шуд ҳамчу лолакои хурӯс.

**524**

Хештандор бошу бе пархош,
Ҳеч касро мабош ошиқи ғош!

**525**

Он ки аз ин сухан шунид арзиш,
Боз пеш ор, то кунад пажҳиш.

**526**

Аз бузургӣ, ки ҳастӣ ай хаштук,
Чокарат бар китиф ниҳад дафнук!

**527**

Аз ту холӣ нигорхонаи чам,
Фарши дебо фиканда бар бачкам.

**528**

Ман чунин зор аз он ҷамош шудам,
Ҳамчу оташ миёни дош шудам!

**529**

Ҷонтаранҷидаву шикастадилам,
Гӯйӣ аз ғам ҳаме фурӯ гусилам.

**530**

Бод бар ту муборак хуншон,
Ҷашни Наврӯзу гуспандкушон!

**531**

Буданӣ буд, май биёр акнун,
Ратл пур кун, магӯй беш сахун!

532
Чун ба бонг омад аз ҳаво бахнав,
Май хуру бонги рӯду чанг бишнав!

533
Чун ниҳод ӯ паҳандрс неку,
Банд шуд дар паҳанди ӯ оҳу.

534
Аз шабистон ба башкам омад шоҳ,
Гашт башкам ба дилбарон чун моҳ.

535
Он ки нашк офариду сарви сиҳӣ
В-он ки бед офариду себу биҳӣ.

536
Ришу саблат ҳаме хизоб кунӣ,
Хештанро ҳаме азоб кунӣ!

## МАСНАВИИ БАҲРИ ҲАЗАҶ

**537**

Диранг ор, ай сипеҳри чархворо,
Каёхантар-т бояд кард коро!

**538**

Шабе деранду зулматро муҳайё,
Чу нобино дар ӯ ду чашми бино.

**539**

Биҳиштойин сароеро бипардохт,
Зи ҳар гуна дар ӯ тимсолҳо сохт.
Зи уду чандан ӯро остона,
Дараш симину заррин поликона!

**540**

Агарчи дар вафо бешибҳиву дес,
Намедонӣ ту қадри ман дизандес.

**541**

Чароғон дар шаби чак ончунон шуд,
Ки гетӣ рашки ҳафтум осмон шуд!

**542**

Чу ёвандон ба маҷлис май гирифтанд,
Зи маҷлис маст чун гаштанд, рафтанд.

**543**

Наёрам бар касе ин роз бикшуд,
Маро аз холи ҳиндуи ту бифнуд.

**544**

Бувад зудо, ки ойӣ нек хомӯш,
Чу мурғобӣ занӣ дар об ноғӯш!

**545**

Илоҳо, аз худам бистону гум кун,
Ба нури пок дар ман уштулум кун!

**546**

Ба роҳ-андар ҳамешуд роҳшоҳе,
Расид ӯ то ба назди подшоҳе.

**547**

Ту аз фарғул бояд дур бошӣ,
Шавӣ дунболи кору ҷон харошӣ!

## МАСНАВИИ ДИГАР ДАР БАҲРИ ҲАЗАҶ

**548**

Бигрифт ба чанг чангу биншаст,
Бинвохт ба шаст чангро шаст.

**549**

Фарҳор бузургу нек ҷоест,
К-он мавзеъи он бути навоист.

**550**

На кафшгарӣ, ки дӯхтастӣ,
На гандуму ҷав фурӯхтастӣ.

## МАСНАВИИ БАҲРИ МУЗОРЕЪ

**551**

Ай булбули хушово, ово деҳ,
Ай соқӣ, он қадаҳро бо мо деҳ.

552

Ҷувонӣ гусасту чиразабонӣ,
Табъам гирифт низ гаронӣ.

553

Бо сад ҳазор мардум танҳоӣ,
Бе сад ҳазор мардум танҳоӣ.

## МАСНАВИИ БАҲРИ САРЕЪ

554

Ҷомаи пурсурати даҳр, ай ҷувон,
Чирк шуду шуд ба кафи гозарон.
Ранг ҳама хому чунон печутоб,
Мунтазирам, то чи барояд зи об!

555

Луқмае аз заҳр зада дар даҳан,
Марг фишурдаш ҳама дар зери ған.

# ҲОШИЯ ВА ТАЪЛИҚОТ

## АШЪОРИ ДИГАРОН, КИ БА НОМИ РӮДАКӢ САБТ ШУДА

Устоди фақид Саъиди Нафисӣ дар китоби боарзиши хеш боберо барои ташхиси «ашъори дигарон мансуб ба Рӯдакӣ» тахсис додааст. Устод дар ин бахш 15 порча шеърро, ки аз 1 то 31 байт доранд ва дар манобеъи мухталиф ба Рӯдакӣ нисбат дода шудаанд, бо зикри номи гӯяндагони аслии онҳо овардааст. Ҳамчунин С. Нафисӣ дар бахши «Девони маҷъули Рӯдакӣ» ашъори Қатронро дар ин девон аз ашъори Рӯдакӣ тамйиз кардааст. Муҳаққиқони дигар низ дар амри таъйини абёти мансуб ба Рӯдакӣ ишораҳое кардаанд.

Бо ин ҳол, С. Нафисӣ бархе дигар абёти шоирони дигарро, гоҳе ба тахмин ва гоҳе бо истинод ба манобеъ, ба номи Рӯдакӣ овардааст. Агарчи пас аз марги устод Нафисӣ манобеъи тоза дар дастраси муҳаққиқон қарор гирифт ва рӯшан шуд, ки он чи ӯ ба тахмин ва ё бо истинод ба маохизи садаҳои охир аз устоди самарқандӣ дониста буд, дар асл мутааллиқ ба гӯяндагони дигар аст, ин иштибоҳ, ки аз китоби ӯ вориди нашрҳои дигари осори Рӯдакӣ шуда буд, тақрибан ҳама то имрӯз идома доранд. Афзун бар ин, бархе порчаҳои шеърӣ низ, ки устод Нафисӣ бо далоиле онҳоро аз осори Рӯдакӣ хориҷ карда буд, аз сӯйи дигар танзимкунандагони ашъори устод Рӯдакӣ вориди китоби ӯ шудааст. Ҳамчунин таҳиякунандагони баъдии осори устод чанд байти шоирони дигарро низ ба иштибоҳ ва бидуни таҳқиқ ба маҷмуаи ашъори Рӯдакӣ ворид кардаанд.

Дар зайл он чиро аз абёти мансуб ба Рӯдакӣ, ки дар амри таъаллуқи онҳо ба гӯяндагони дигар шубҳае нест, бо зикри номи муаллифонашон меоварем.

*1. Надорад майл фарзона ба фарзанду ба зан ҳаргиз,*
*Бибуррад насли ин ҳар ду, набуррад насли фарзона.*

Ин байтро, ки Саноӣ дар муқаддамаи девони худ бидуни тасреҳи номи гӯянда, вале бо ибораи «устоди бостон ин достон задаст» оварда, устод Нафисӣ ба хотири корбурди «устоди бостон» мутааллиқ ба Рӯдакӣ донистa, вале байти Кисоӣ аст ва дар маъохиз ба номи ӯ омада («Сиҳоҳу-л-фурс», зайли «фарзона» с.284).

*2. Сарв будем чанд гоҳ буланд,*
*Кӯж гаштему чун даруна шудем.*

Ин байт танҳо дар «Сиҳоҳу-л-фурс» ба номи Рӯдакӣ, вале дар «Луғати фурс», «Фарҳанги Қаввос», «Мадору-л-афозил» ба номи Кисоӣ забт шуда ва байте аз қитъаи ин шоири марвазӣ аст, ки байтҳои дигари он ҳам дар фарҳангҳои мухталиф ба номи ӯ омадаанд:

Тез будему кундгуна шудем,
Рост будему бошгуна шудем.
Сарв будем чанд гоҳ буланд,
Кӯж гаштему чун даруна шудем.
Нуз номурда, ай шигифтии кор,
Рост бо мурдагон ба гуна шудем.

Муаллифи «Туҳфату-л-аҳбоб» зайли «намуна» (чопи Душанбе, с. 115) байти зайлро, дар ҳамин вазну қофия ба номи Баҳромӣ оварда, вале он ҳам аз ҳамин шеъри Кисоист:

Хуб, агар, сӯйи мо нигаҳ накунад,
Гӯ, макун, шав, ки мо намуна шудем.

*3. Сари сарви қадаш шуд бożгуна,*
*Дуто шуд пушти ӯ ҳамчун даруна.*

Агарчи дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ба номи Рӯдакӣ омада, дар асл аз Фахриддин Асъади Гургонӣ аст, вале дар маснавии ӯ бадали «қадаш» «саҳӣ» омадааст. ( «Вис ва Ромин», с. 378).

Абёти зайл аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мебошанд:

*4. Тан аз хай пуробу даҳон пур зи хок,*
*Забон гашта аз ташнагӣ чок-чок.*

Ин байт, бино ба ишораи Саъиди Нафисӣ танҳо дар яке аз нусхаҳои «Луғати фурс» ба номи Рӯдакӣ омадааст ва устод низ онро бидуни таҳқиқ вориди ашъори Рӯдакӣ кардааст. Д. Кобидзе – муҳаққиқи гурҷӣ онро байти Рӯдакӣ медонад, ки вориди «Шоҳнома» шудааст ва дар ин ҳол муътақид аст, ҳеч як нусхаи «Шоҳнома» онро ба номи Фирдавсӣ наовардааст (манзури Д. Кобидзе чандон рӯшан нест –Қ.Р). (Ниг. Тагирджанов. Рӯдакӣ, стр. 301)

Аммо ин назар саҳеҳ нест. Байти фавқ айнан дар достони Суҳроб (байти 703) аз «Шоҳнома» («Шоҳнома», муҷаллади аввал, Теҳрон, дафтари нашри "Дод", 1374) омадааст. Ҳамчунин бояд гуфт, ин байт аз байтҳои қолабии Фирдавсӣ буда ва бо тафовутҳои мухталиф дар достонҳои шоҳкори бузурги ӯ такрор шудааст. Чунончи

Бияфтод Рустам бар он гарм хок,
Забон гашта аз ташнагӣ чок-чок.
(Подшоҳии Кайковус, байти 318)

Биёндохт аз пушти аспаш ба хок,
Даҳон пур зи хуну зираҳ чок-чок.
(Подшоҳии Кайковус, байти 794)

Каф андар даҳон-шон шуда хуну хок,
Ҳама габру баргуставон чок-чок.
(Рустам ва Исфандиёр, б. 1053)

Лаби Рустам аз ташнагӣ шуд чу хок,
Даҳон хушку гӯё забон чок-чок.
( аз достони ҷанги Қодисия)

***5. Яке базми хуррам биёростанд,***
***Майу рӯду ромишгарон хостанд.***

Ин байтро низ, ки танҳо «Донишномаи Қадархон» –таълифшуда дар ибтидои садаи XY милодӣ (Ниг. Р. Ҳошим ва Ш. Ҳусейнзода. «Донишномаи Қадархон» ва аҳамияти он дар омӯхтани осори Рӯдакӣ ва мероси адабии мо. - Рӯдакӣ ва замони ӯ, с. 209, 214) ба номи Рӯдакӣ забт карда, ба иштибоҳ дар китоби ашъори устод овардаанд, вале аз ӯ нест.

Агарчи айни ин байтро дар «Шоҳнома» пайдо накардам, вале он бо андаке тағйири вожаҳо аз байтҳои қолабии ин достони бузург аст, ки бахшҳои разму базмро аз ҳам ҷудо мекунад. Дар зайл чанд байтро чун мушт намунаи харвор меоварем:

Бузургон ба шодӣ биёростанд,
Майу рӯду ромишгарон хостанд.
(Подшоҳии Ҷамшед, б. 54)

Ба ҳар ҷойгоҳе биёростӣ,
Майу рӯду ромишгарон хостӣ.
(Подшоҳии Манучеҳр, б. 292)

Ҳама шаҳри Эрон биёростанд,
Майу рӯду ромишгарон хостанд.
(Подшоҳии Кайковус, б. 883)

Ҳама буми кишвар биёростанд,
Майу рӯду ромишгарон хостанд.
(Ҷанги бузурги Кайхусрав бо Афросиёб, б. 214)

Ба як ҳафта айвон биёростанд,
Майу рӯду ромишгарон хостанд.
(Аквондев, б. 164)

Ҷаҳоне ба ойин биёростанд,
Майу рӯду ромишгарон хостанд.
(Подшоҳии Луҳросп, байти 735)

Бифармуд то хон биёростанд,
Майу рӯду ромишгарон хостанд
(Ҳафт хони Исфандиёр, б. 29)

Яке хони заррин биёростанд,
Майу рӯду ромишгарон хостанд.
(Ҳафт хони Исфандиёр, б. 100)

Чу май хӯрда шуд маҷлис оростанд,
Майу рӯду ромишгарон хостанд.
(Ду бор дар Достони Рустам ва Шағод, б. 67 ва 86
ва Подшоҳии Дорои Дороб, б. 105)

***6. Ба домам наёмад ба сони ту гӯр,***
***Раҳоӣ наёбӣ бад-ин сон машӯр.***

Ин байт низ танҳо дар «Донишномаи Қадархон» ба номи Рӯдакӣ омада, вале дар асл мутааллиқ ба Фирдавсист ва бо пасу пеш омадани вожаҳо дар мисраъи аввал (Наёмад ба домам ба

сони ту гӯр) байти 333 аз Достони Суҳроб мебошад ва гуфтаи Суҳроб ба Гурдофарид аст.

7. Байти зайл дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Фарҳанги Рашидӣ» ба номи Рӯдакӣ забт шудааст ва танзимкунандагони ашъори устод низ мутааллиқ ба ӯ донистаанд. Дар асл байти нуздаҳуми қасидаи Фаррухӣ аст «Дар мадҳи Хоҷа Абусаҳли дабир Абдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Лақшан, вазири Абуяъқуб Азудуддавла Юсуф ибни Сабуктегин».

***Гар ҳама неъмат як рӯз ба мо бахшад,***
***Нашиҳад неъмат бар мову пазирад ман.***

(Фаррухӣ, Девон, с. 325)

Дар ин ҳол соҳиби «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ба ҷои «ман» «ҳан» оварда ва ин вожаро «миннат» шарҳ карда, ки зоҳиран иштибоҳ аст ва шояд дар асл «ман» буда, ки тасҳиф ба «ҳан» шуда. («Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», ҷилди дувум, с. 1913) Ин иштибоҳ дар нисбат ва навишти вожаро соҳиби «Анҷуманоро» пай бурда ва аз ҷумла, навиштааст: «Ман»-ро фарҳангҳо «ҳиммати мутлақа», «ҳиммати воло» шарҳ додаанд ва дар байти боло низ ба ҳамин маъно аст (аз «Луғатнома», зайли «ҳан»).

***8. Касеро чу ман дӯстгон ме ҷӣ бояд,***
***Ки дил шод дорад ба ҳар дӯстгонӣ.***

Ин байт бо андаке тағйир дар мисраъи аввал («дӯстгонӣ» ба ҷойи «дӯстгон ме») ва дувум («дилшод бошад» ба ҷойи «дил шод дорад») байти сездаҳум дар қасидаи Фаррухӣ дар мадҳи амир Муҳаммад валиаҳди Султон Маҳмуд аст. Устод Нафисӣ ин байтро, бо он ки ишора кардааст, дар девони Фаррухӣ ҳам омада, бо байти дигаре, ки маъхази дигар дорад ба сабаби ваҷҳи муштараки

онҳо дар вазну қофия бо ҳам пайваста ва якҷо дар ашъори Рӯдакӣ овардааст.

*9. Духти Кисро зи насли Кайковус,*
*Дурситӣ ном, нағз (хуб) чун товус.*

Ин байтро устод С. Нафисӣ танҳо бо истинод ба Фарҳанги мутааллиқ ба китобхонаи мадрасаи улуми сиёсии Теҳрон ба ашъори Рӯдакӣ дохил кардааст ва баъдан дар китобҳои дигари осори Рӯдакӣ нақл шудааст. Вале байт аз «Ҳафт пайкар»-и Низомии Ганҷавист. Духти Кисро яке аз ҳафт пайкари духтарони мулуки кишварҳои ҷаҳон (ройи Ҳинд, Хоқон, Хоразмшоҳ, Сақлобшоҳ, шоҳи Мағриб, Қайсар ва Кисро) аст, ки Баҳроми Гӯр нақши онҳоро дар кохи Хаварнақ мебинад (Ниг.: «Куллиёти Хамса», саҳ. 644. Инчунин ниг.: С.Имронов. Кашфи манбаъ ва муаллифи ҳақиқии як байти мансуб ба Рӯдакӣ.- Ёдномаи устод Рӯдакӣ, с. 127 - 134).

*10.* Устод Нафисӣ бо истинод ба фарҳанги фавқуззикр байти зайлро низ ба номи Рӯдакӣ овардааст:

***Агар бошгуна бувад пираҳан,***
***Бувад ҳоҷати баркашидан зи тан.***

Аммо ин байт бо чанд тафовути ҷузъӣ аз «Шарафнома»-и Низомист:

Киро божгуна бувад пираҳан,
Ба ҳоҷат бувад бозгаштан зи тан.
(Ниг.: Низомӣ, Куллиёт, ч.4, с. 196)

11. Устод С. Нафисӣ байти зайлро низ бо истинод ба Фарҳанги мутааллиқ ба китобхонаи улуми сиёсии Теҳрон ва нусхаи «Фарҳанги Сурурӣ», ки дар тамаллуки худаш буда, ба ашъори Рӯдакӣ ворид кардааст:

***Кафан ҳулла шуд кирми баҳромаро,***
***К-аз абрешими ҷон кунад ҷомаро.***

Вале байт бо каме тағйир:

Кафан ҳулла шуд кирми **бодомаро**,
Ки абрешим **аз** ҷон **танад** ҷомаро
аз «Иқболнома»-и Низомии Ганҷавист (Ниг.: Низомӣ. Куллиёт, ҷ. 5, с. 152)

12. Устод Саъиди Нафисӣ ба накл аз фарҳангҳои қарни XYI ва пас аз он («Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Фарҳанги Рашидӣ» ва ғайра) ва дигарон низ ба пайравӣ аз ӯ байти зайлро ба номи Рӯдакӣ овардаанд:

***Эй шоҳи набисират имон ба ту муҳкам,***
***Эй мири Алиҳикмат олам ба ту даргол.***

Аммо ин байт аз қасидаи Қатрон дар мадҳи Шамсуддин номе аст. (ниг.: Қатрон. Девон, с. 205).

**13.Агар судоб бикоранд в-аз ту ёд кунанд,**
**Судоби мардӣ дар тан фузун шавад зи судоб.**

Ин байт низ аз қасидаи Қатрон аст (ниг.: Қатрон. Девон, с. 37). вале мураттиби Рӯдакӣ. Ашъор (зоҳиран аз «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ») ва ба пайравӣ аз ӯ мураттиби «Насими Мӯлиён» бо каме тағйир дар мисраъи дуюм, ки маънои байтро халалдор

карда, дар радифи ашъори Рӯдакӣ овардаанд. Қатрон ин маънииро дар қасидаи дигаре низ гуфтааст:

Агар ба номат судоб корандӣ,
Оби мардӣ фузун шудӣ зи судоб.
(Қатрон. Девон. с. 43)

14. Л. Брагинская (Рӯдакӣ. Ашъор, саҳ. 32) бо истинод ба «Бурҳони ҷомеъ» ва ба пайравӣ аз ӯ танзимкунандаи «Насими Мӯлиён» байти зерро ба номи Рӯдакӣ овардаанд:

***Яке ба тир фикандан ба сони Ораши нев,***
***Яке ба ғайба даридан ба сони Рустами Зар.***

Аммо байт аз Рӯдакӣ нест, балки бо тағйири танҳо як калима («даръ» ба ҷойи «ғайба») байти шашум аз қасидаи Қатрон «Дар мадҳи Абулхалил Ҷаъфар» аст (Қатрон. Девон, с. 150).

Ва ҳамин мазмунро Қатрон дар қасидаи дигар ҳам бо дигаргуниҳое дар вожаҳо овардааст:

Ҳама ба тир фишондан ба сони Орашу Гев,
Ҳама ба теғ кашидан чу Рустами Дастон.
(Қатрон. Девон. с. 306)

Ва ман гумон мекунам, дар ин байт низ дар асл «Ораши нев» буда, ки ба «Орашу Гев» тасҳиф шудааст ва эҳтимол «фишондан» низ тасҳифи «фикандан» буда бошад.

15.***Тангу торик чун дари ҳурра,***
***Зишту бадранг ҳамчу боми зиҳор.***

Ин байтро барои аввалин бор Аскари Ҳуқуқӣ бо таъкид бар ин ки "Рӯдакӣ дар сифати зиштӣ ва

тангии когази руқъа гуфта" дар мақолаи муфассали хеш ба номи устод овардааст (Маҷаллаи "Донишкадаи адабиёт" шумораи 3–4, соли шашум, с. 53). Ҳуқуқӣ маъхази ин байтро нишон надодааст, вале азбаски ибораи овардаи ӯ ба ғайр аз исми шоир айнан он аст, ки дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» омада, метавон гуфт онро аз ҳамин фарҳанг иқтибос кардааст. Вале дар матни муътамади ин фарҳанг, ки веростаи дуктур Раҳими Афифӣ мебошад, байт ба шоир Закии Мароғаӣ нисбат дода шудааст. Асли навиштаи Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ чунин аст: «устод Закии Мароғаӣ дар сифати зиштӣ ва тангии когази руқъа гуфта» («Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», ҷилди аввал, с. 1184). Байти дигаре аз ин шеър низ дар ин фарҳанг (ниг. ҷилди аввал, с. 979) бо зикри номи гӯянда -- Мавлоно Сафиуддин Закии Мароғаӣ омадааст:

Сухане хубтар зи дастаи гул,
Когазе зишттар зи дарзаи хор.

И.С. Брагинский байтро ба накл аз мақолаи А. Ҳуқуқӣ дар бахши «Илҳокот»-и китоби Рудаки. Стихи, Маскав, стр. 509 оварда ва дар ин ҳол "ҳурра"-ро ба иштибоҳ "ҳурруҳ" хонда ва навиштааст.

Баъдан байти фавқро Л. Брагинская (шояд аз чопи Маскав) дар Рӯдакӣ. Ашъор (саҳ. 114) ва А.Раҳмонфар (бо истинод ба Рӯдакӣ. Ашъор) дар «Насими Мулиён» (с. 98) ва мураттибони ДОШ, с. 119 низ ба номи устод овардаанд. Вале дар «Насими Мӯлиён» ва ДОШ вожаи «ҳурра» ба шакли ғалати «ҳарам» забт шуда, маънои байтро хароб кардааст.

16. «Донишномаи Қадархон» танҳо маъхазе аст, ки байти зерро дар зайли «фиридан» ба номи Рӯдакӣ оварда:

*З-ину он чанд бувад бар кеҳу меҳ,*
*Мар туро кашшию фиридану ғанҷ.*

(Ниг.: Р. Ҳошим. Ш. Ҳусейнзода. «Донишномаи Қадархон» ва аҳамияти он... - Рӯдакӣ ва замони ӯ, 1958, с. 217).

Мисраъи дувум дар Осори Рӯдакӣ, саҳ. 496, ба нақл аз фарҳанги фавқ ба шакли ғалати «Мар туро кашшиву физину ғануҷ» забт шуда ва сипас ин ғалат бо истинод ба ҳамин нашр дар маҷмуаҳои осори Рӯдакӣ дар Душанбе ва Теҳрону Маскав такрор шудааст.

Аммо байт мутааллиқ ба Сӯзании Самарқандӣ аст ва бештари фарҳангҳои тафсирии форсӣ (аз ҷумла, «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Фарҳанги Рашидӣ», «Фарҳанги Онандроҷ», «Луғатнома»-и Деҳхудо ва Фарҳанги форсии Муъин) онро ба номи ин шоири ҳиҷогӯй тасреҳ кардаанд. Аз ҷумла, дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», ҷилди дувум, с. 2325 се байт аз ин қитъа омадааст:

Шеъру шатранҷ ҳаме дониву бас,
З-он ду-се бозиву з-ин байте панҷ.
На дар он дорӣ аз ҳикмат баҳр,
На дар ин дорӣ аз ҳикмат фанҷ.
З-ину з-он чанд бувад бар кеҳу меҳ,
Мар туро кашшиву фиридану ғанҷ.

17. ***Чӣ чиз аст он раванда тираки хурд,***
***Чӣ чиз аст он палолактеғи буррон.***
***Яке андар даҳони ҳақ забон аст,***
***Яке андар даҳони марг дандон.***

Абёти фавқ (бо тағйироте дар мисраъи аввал: «Чӣ чиз аст он раванда (даванда) килки хусрав») бори аввал бо истинод ба «Тухфату-л-аҳбоб»-и Ҳофизи Убаҳӣ (таълиф дар нимаи аввали асри XYI) дар «Осори Рӯдакӣ» (саҳ. 506) ба номи устоди самарқандӣ чоп шуда, пас аз он дар ҳамаи маҷмуаҳои ашъори Рӯдакӣ оварда шудааст, вале ҳарду байт (бо тафовути андаке дар мисраъи аввал: «килки хусрав» бадали «тираки хурд») дар таркиби қасидаи Унсурӣ дар мадҳи султон Маҳмуди Ғазнавӣ (байтҳои 13 ва 14) омадааст (Унсурӣ. Девон, с. 268) ва дар «Сиҳоҳу-л-фурс», (зайли «палорак ва палолак» ) низ ба номи ӯ зикр гардида ва яқинан аз Унсурист. Зимнан, на танҳо ду байти боло, ки тамоми ин қасида аз аввал то поён бо санъати тақсими ваҳдат (Тарҷумону-л-балоға, с. 67) эҷод шудааст.

18. Устод С. Нафисӣ дар фасли «тазмин аз Рӯдакӣ»-и китоби хеш овардааст: «Усмон Мухтории Ғазнавӣ дар қасидае... гӯяд:

***Байтест бад-ин қоида устоди Аҷамро,***
***К-он байт ба мадҳи ту матин омаду муҳкам:***
***«То даргаҳи ӯ ёбӣ, магзар ба дари кас,***
***Зеро, ки ҳаром аст таяммум ба лаби ям»***

Ва агарчи ин ҷо низ ба номи Рӯдакӣ тасреҳе накардааст, вале чун унвони «устоди Аҷам» дигаре ҷуз Рӯдакиро аз пешиниёни ӯ назебад, пайдост, ки ин байт низ аз Рӯдакӣ аст» (Нафисӣ С. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъору Рӯдакӣ, с. 469).

Аммо ин байт низ аз қасидае аз Унсурӣ дар мадҳи султон Маҳмуди Ғазнавӣ аст, ки бо матлаъи

Он зулфи сарафканда бар он орази хуррам,
Аз баҳри чӣ чиз аст бад-он бӯйу бад-он ҳам

шуруъ шуда, байти фавқ байти панҷуми он аст.
(Унсурӣ. Девон, с. 200).

19. Дар баъзе аз маҷмуаҳои осори Рӯдакӣ, нашрҳои Душанбе ва Теҳрон байти зайл бо андак тафовут омада:

***Ногоҳ баророанд зи кунҷи ту хурӯше,***
***Карданд ҳама ҳамлаву бар риши ту шоша.***

Асли иштибоҳ дар интисоби ин байт ба Рӯдакӣ аз Аббос Иқбол сар задааст. «Дар нусхае аз «Луғати фурс», ки дар Вотикон маҳфуз аст ва мабнои чопи П. Ҳорн қарор гирифта, зайли луғати “шоша” ба маънии шош ва бавл шеъри зер аз “Рузнаи Наканӣ” (ё Равзанаи? – Қ.Р.) ба унвони шоҳид нақл шудааст, ки Ҳорн (с. 49 чопи худ) номи гӯяндаро ба сурати “Рӯзбеҳи Накатӣ” тасҳеҳ карда ва Иқбол (219 ва 479 чопи худ) эҳтимол дода, ки ин ном тасҳифи Рӯдакӣ бошад” (Алиашрафи Содиқӣ. Ашъори тозаи Рӯдакӣ. – Ёди ёри меҳрубон, с. 255) Бо ин ҳол, Содиқӣ низ иштибоҳи Аббос Иқболро такрор карда ва чунонки дар зайл хоҳем дид, дар мавриди дигар худ низ байти Рӯзбеҳро ба номи Рӯдакӣ овардааст.

Зимнан, бояд гуфт, сурати саҳеҳи мисраъи дувум бар асоси нусхае аз “Луғати фурс” “Гарданд ҳама ҷумла, ки бар риши ту шошанд” аст.

20. Дар нусхае аз «Луғати фурс», ки Мансур ибни Муҳаммади Самарқандӣ дар соли 902 ҳиҷрии қамарӣ барои султон Ҳусайн Мирзои Гӯраконӣ китобат карда, байти зайл ба номи Рӯдакӣ омадааст:

*Яке таланг бихоҳам задан ба шеър кунун,*
*Ки турфа бошад аз шоирони хос таланг.*

Дар нусхаи дигар аз «Луғати фурс» ин шеър ба номи Рӯзбеҳ омада, вале Алиашрафи Содиқӣ ин Рӯзбеҳро ҳам тасҳифи Рӯдакӣ медонад. (Алиашрафи Содиқӣ. Мақолаи мазкур).

Гузашта аз ин, ки ҳар ду байт дар бештари манобеъ ба номи Рӯзбеҳ забт шуда, сабк ва муҳтавояшон низ аз сухани Рӯдакӣ фосила дорад. Эҳтимол ваҷҳи иштибоҳи донишмандони эронӣ машҳур набудани Рӯзбеҳи Нукатӣ аст, ки П. Ҳорн нисбати ӯро ба сурати "Наканӣ" овардааст. Абуабдуллоҳ Рӯзбеҳ ибни Абдуллоҳ Нукатии Лоҳурӣ аз шоирони қарни панҷуми ҳиҷрӣ аст, ки Султон Масъуди Ғазнавиро мадҳ гуфтааст. (Ниг.: Муҳаммад Авфӣ. Лубобу-л-албоб, с. 544 – 545).

21. Алиашрафи Содиқӣ навиштааст: «дар «Тарҷумону-л-балоға» (чопи Қавим, Теҳрон, 1339, с. 88) дар маҳбаси «фӣ-л-калом алҷомеъ лил мавъиза...» байти зер аз Рӯдакӣ омада, ки дар сойири манобеъ забт нашудааст (тавзеҳ ин ки ин қисмат аз китоб дар «Тарҷумону-л-балоға», чопи Оташ уфтодааст):

*Эй ҳунарманд макун арзи ҳунарҳот бараш,*
*Пеши тозифарасон ҳарза хари ланг матоз.*

Вале ин байт ҳабдаҳумин байт аст аз қасидаи Қатрони Табрезӣ «Дар мадҳи шоҳ Абунаср Муҳаммад дар таҳнияти ид» (Қатрон. Девон, с. 181) ва шеваи баёнаш низ бо сабки Рӯдакӣ фосила дорад. Ба ҳар сурат, то замоне, ки вазъи нусхаи «Тарҷумону-л-балоға»-и чопи Қавим бароямон

пӯшида аст, ин байтро наметавон мутааллиқ ба Рӯдакӣ донист.

22. И.С. Брагинский дар бахши замимаи китоби Рудаки. Стихи, стр. 505 бо истинод ба замимаи муҷаллади севуми нашри аввали МААР, Л. Брагинская бо истинод ба нусхаи хатии «Туҳфату-л-мулук» дар Рӯдакӣ. Ашъор, с. 90, бахши Калила ва Димна, таҳиякунандагони «Насими Мӯлиён», саҳ.116 ва ДОШ, саҳ. 159 –160, Рӯдакӣ. Ашъор, 2007, с. 329, Рӯдакӣ. Девон, 2008, с.116-117 ду байти зайлро ба Рӯдакӣ нисбат додаанд:

***Ҳар ки ёри хешро ёвар шавад,***
***Ёр бояд буд агар кофар шавад.***
***Вақти нокомӣ тавон донист ёр,***
***Чун бувад дар компронӣ сад ҳазор.***

Аммо ин байтҳо аз ҳикояти шайх Санъони «Мантиқу-т-тайр»-и Аттор аст ва танҳо ихтилофе, ки чопи интиқодии «Мантиқу-т-тайр» бо ин сабт дорад, ин аст, ки дар мисраъи чаҳорум ба ҷойи “чун” “худ” омада. (ниг.: Аттори Нишобурӣ. Мантиқу-т-тайр, с. 82).

23.Адабиётшинос Алии Муҳаммадии Хуросонӣ байтеро аз нусхаи хаттии «Чаҳор гулзор»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ба номи Рӯдакӣ дида ва онро байти тозаи устод пиндоштааст:

***Биё, ғазал бисаро, ай ғазалсарои бадеъ,***
***Бигир чанг ба чанг андару ғазал бисарой.***

Вай мутмаин аст, ки «аз ҷиҳати интисоби он ба сухансарои Панҷрӯд шубҳае наметавонад вуҷуд дошта бошад, зеро дар он забон ва услуби эҷоди устод бар ҷост». (маҷаллаи Рӯдакӣ, 1384 , шумораи 9 ва 10, с. 117). Ва низ онро дар Рӯдакӣ. Ашъор,

2007, с. 325 сабт кардааст. Адабиётшинос Усмон Назир низ бовар дорад, «ин байти тозаи устод Рӯдакиро» ӯ пайдо кардааст ва онро дар саҳифаи 64-уми Рӯдакӣ. Девон, 2008 овардааст.

Аммо байти фавқ барои аҳли таҳқиқ нав нест. Устод Нафисӣ дар боби «Ашъори дигарон мансуб ба Рӯдакӣ»-и тадқиқоти худ, ин байтро аз «Чаҳор гулзор» нақл карда ва бо тасҳеҳи қиёсӣ шакли саҳеҳи мисраъи аввалро оварда ва сипас навиштааст: "вале Рашидуддини Ватвоти Балхӣ дар китоби «Ҳадоиқу-с-сеҳр» ин байтро ба номи худ оварда ва гӯяд: «аз шеъри порсӣ ман гӯям» ва дар девони вай ҳам ин байт сабт омадааст» (МААР, саҳ. 464). Ва сабки байт низ ба шеваи шеъри маснуъии Рашиди Ватвот мемонад.

24. ***Чокаронат ба гаҳи разм чу хайётонанд,***
***Гарчи хайёт наянд, ай малики кишваргир!***
***Ба гази найза қади хасми ту мепаймоянд,***
***То бибурранд ба шамшеру бидӯзанд ба тир!***

Устод Нафисӣ ду байти болоро бо истинод ба «Маҷмаъу-с-саноеъ» ва мақолаи Ҳерман Эте, ки баъид нест аз ҳамин маъхаз гирифта бошад, дар бахши ашъори Рӯдакӣ оварда ва дар ин ҳол дар ҳошияи сафҳа овардааст: «ин ду байт дар Девони Рашиди Ватвот ҳам омадааст».

Сабки шеър низ натиҷаи табъи Рашиди Ватвот будани қитъаро таъкид мекунад.

«Фарҳанги Ҷаҳогирӣ» ин ду байтро ба номи Заҳири Форёбӣ оварда, вале дар девони ӯ пайдо накардем. (Ниг.: Заҳири Форёбӣ. Девон. Теҳрон, 1381).

25. Л. Брагинская бо истинод ба як нусхаи «Луғати фурс» ва «Донишномаи Қадархон» дар бахши ашъори машкук ва А. Раҳмонфар ба пайравӣ аз ӯ, байти зайлро ба номи Рӯдакӣ овардаанд:

пӯшида аст, ин байтро наметавон мутааллиқ ба Рӯдакӣ донист.

22. И.С. Брагинский дар бахши замимаи китоби Рудаки. Стихи, стр. 505 бо истинод ба замимаи мучаллади севуми нашри аввали МААР, Л. Брагинская бо истинод ба нусхаи хатии «Туҳфату-л-мулук» дар Рӯдакӣ. Ашъор, с. 90, бахши Калила ва Димна, таҳиякунандагони «Насими Мӯлиён», саҳ.116 ва ДОШ, саҳ. 159 –160, Рӯдакӣ. Ашъор, 2007, с. 329, Рӯдакӣ. Девон, 2008, с.116-117 ду байти зайлро ба Рӯдакӣ нисбат додаанд:

***Ҳар ки ёри хешро ёвар шавад,***
***Ёр бояд буд агар кофар шавад.***
***Вақти нокомӣ тавон донист ёр,***
***Чун бувад дар комронӣ сад ҳазор.***

Аммо ин байтҳо аз ҳикояти шайх Санъони «Мантиқу-т-тайр»-и Аттор аст ва танҳо ихтилофе, ки чопи интиқодии «Мантиқу-т-тайр» бо ин сабт дорад, ин аст, ки дар мисраъи чаҳорум ба ҷойи "чун" "худ" омада. (ниг.: Аттори Нишобурӣ. Мантиқу-т-тайр, с. 82).

23.Адабиётшинос Алии Муҳаммадии Хуросонӣ байтеро аз нусхаи хаттии «Чаҳор гулзор»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ба номи Рӯдакӣ дида ва онро байти тозаи устод пиндоштааст:

***Биё, газал бисаро, ай газасарои бадеъ,***
***Бигир чанг ба чанг андару газал бисарой.***

Вай мутмаин аст, ки «аз ҷиҳати интисоби он ба сухансарои Панҷрӯд шубҳае наметавонад вуҷуд дошта бошад, зеро дар он забон ва услуби эҷоди устод бар ҷост». (маҷаллаи Рӯдакӣ, 1384 , шумораи 9 ва 10, с. 117). Ва низ онро дар Рӯдакӣ. Ашъор,

2007, с. 325 сабт кардааст. Адабиётшинос Усмон Назир низ бовар дорад, «ин байти тозаи устод Рӯдакиро» ӯ пайдо кардааст ва онро дар саҳифаи 64-уми Рӯдакӣ. Девон, 2008 овардааст.

Аммо байти фавқ барои аҳли таҳқиқ нав нест. Устод Нафисӣ дар боби «Ашъори дигарон мансуб ба Рӯдакӣ»-и тадқиқоти худ, ин байтро аз «Чаҳор гулзор» нақл карда ва бо тасҳеҳи қиёсӣ шакли саҳеҳи мисраъи аввалро оварда ва сипас навиштааст: "вале Рашидуддини Ватвоти Балхӣ дар китоби «Ҳадоиқу-с-сеҳр» ин байтро ба номи худ оварда ва гӯяд: «аз шеъри порсӣ ман гӯям» ва дар девони вай ҳам ин байт сабт омадааст» (МААР, саҳ. 464). Ва сабки байт низ ба шеваи шеъри маснуъии Рашиди Ватвот мемонад.

24. ***Чокаронат ба гаҳи разм чу хайётонанд,***
***Гарчи хайёт наянд, ай малики кишваргир!***
***Ба гази найза қади хасми ту мепаймоянд,***
***То бибурранд ба шамшеру бидӯзанд ба тир!***

Устод Нафисӣ ду байти болоро бо истинод ба «Маҷмаъу-с-саноеъ» ва мақолаи Ҳерман Эте, ки баъид нест аз ҳамин маъхаз гирифта бошад, дар бахши ашъори Рӯдакӣ оварда ва дар ин ҳол дар ҳошияи сафҳа овардааст: «ин ду байт дар Девони Рашиди Ватвот ҳам омадааст».

Сабки шеър низ натиҷаи табъи Рашиди Ватвот будани қитъаро таъкид мекунад.

«Фарҳанги Ҷаҳогирӣ» ин ду байтро ба номи Заҳири Форёбӣ оварда, вале дар девони ӯ пайдо накардем. (Ниг.: Заҳири Форёбӣ. Девон. Теҳрон, 1381).

25. Л. Брагинская бо истинод ба як нусхаи «Лугати фурс» ва «Донишномаи Қадархон» дар бахши ашъори машкук ва А. Раҳмонфар ба пайравӣ аз ӯ, байти зайлро ба номи Рӯдакӣ овардаанд:

*Хоре, ки ба ман дархалад андар сафари Ҳинд,*
*Беҳ чун ба ҳазар дар кафи ман дастаи шаббӯӣ.*

Ва аммо он байти чаҳордаҳум аз қасидаи Фаррухӣ аст, ки дар девони ӯ “Дар таҳриз ба сафари Ҳинд ва тасхири Кашмир гӯяд” ном дорад.

26. Устод С. Нафисӣ танҳо бо истинод ба як нусхаи «Луғати фурс» байти зерро ба маҷмуаи ашъори Рӯдакӣ ворид карда:

*Хоки кафи пойи Рӯдакӣ насазӣ ту,*
*Ҳам бишавӣ гову ҳам бихойӣ барғаст.*

Ва бо он ки дар ҳошия овардааст, «ин байт ба Кисоӣ мансуб аст» (МААР, саҳ. 531) ва дар саҳифаи 485 китоби хеш тасреҳ ҳам карда: «Кисоии Марвазӣ –шоири бузурги авохири қарни чаҳорум ва авоили қарни панҷум гуфта» ва сурати комили қитъаи Кисоиро низ оварда, ки байти аввалаш

Рӯдакӣ устоди шоирони ҷаҳон буд,
Садяк аз ӯ туйӣ Кисоӣ? Паргаст!

мебошад, боз ҳам дар бархе маҷмуъаҳои осори Рӯдакӣ, чопи Душанбе (Рӯдакӣ. Ашъор, «Насими Мӯлиён», Девони Одамушшуъаро, Рӯдакӣ, Ашъор, 2007 ва Теҳрон (Девони Рӯдакӣ, чопи Ҷаҳонгири Мансур, Девони Рӯдакии Самарқандӣ, интишороти “Нигоҳ”1373 ва ғайра) ин байтро ба номи устод Рӯдакӣ овардаанд.

27. Байти зайлро устод Нафисӣ бо истинод ба нусхаи «Луғати фурс», чопи Аббос Иқбол дар ашъори Рӯдакӣ оварда ва дигарон (аз ҷумла, банда низ дар чопи авали ин китоб) аз ӯ пайравӣ кардаанд:

*Расиданд зӣ шаҳри Чандон фароз,*
*Сипаҳ хайма зад дар нишебу фароз.*

Аммо байт бо андаке ихтилоф дар мисраъи дувум («Сипаҳ хайма зад дашт шебу фароз») дар «Гаршоспнома» омада ва мутааллиқ ба Асадии Тӯсӣ аст (Гаршоспнома, с. 391).

28. С. Нафисӣ ва баъдан муаллифони матни интиқодии ашъори Рӯдакӣ – Л. Брагинская (Рӯдакӣ. Ашъор, с. 14) ва Р. Ҳодизода, А.М. Хуросонӣ (Рӯдакӣ. Девони ашъор (с. 176) бо истинод ба нусхаи хаттии «Тоҷу-л-маосир»-и Садриддин (ё Тоҷиддин) Ҳасан ибни Муҳаммади Низомӣ ва ба пайравӣ аз онҷо таҳийякунандагони дигари ашъори шоир байти зайлро дар маҷмуаҳои Рӯдакӣ овардаанд:

*Бар каштии умр такя кам кун,*
*К-ин Нил нишемани наҳанг аст.*

Мо ҳам дар чопи аввал ин байтро ба унвони байти севуми ҳитъаи шеърии шумораи 19 оварда будем. Аммо ҷустуҷӯҳои адабиётшинос Шамсиддин Муҳаммадиев нишон дод, ки байт аз Анварист. (Ш. Муҳаммадиев. Перомуни як байти мансуб ба Рӯдакӣ.- Ёдномаи устод Рӯдакӣ, с. 407-421)

***29.Куштаро боз зинда натвон кард.***

Ин мисраъро мо ба истинод ба «Луғатнома»-и Деҳхудо (зайли «кушта») дар чопҳои пешини «Девон»-и Рӯдакӣ (Олмотӣ. 2007; Теҳрон, 1387, 1391 ) ба номи Одамушшуаро забт карда будем. Аммо маълум шуд, сурудаи Саъдии Шерозӣ аст ва дар боби ҳаштуми «Гулистон» мисраи дувуми маснавие иборат аз чаҳор мисраъ аст:

Нек саҳл аст зинда беҷон кард,
Куштаро боз зинда натвон кард.
Шарти ақл аст сабри тирандоз,
Ки чу рафт аз камон наёяд боз.

(Ниг. Саъдии Шерозӣ. Гулистон. Ба чоп тайёркунанда, муаллифи муқаддима ва мураттиби луғат: Саҳобиддин Сиддиқов. Душанбе, нашриёти «Дониш», 1988, с. 186).

## ТАВЗЕҲОТ

1.Чун дар бештари нусахи «Луғати фурс» мисраъи дувуми байти панҷум ба сурати «ва ҳамчунин бувад инанд, ёро» омада, Л. Брагинская бо тасҳеҳи қиёсӣ ”инанд”-ро бо ”деранд” иваз карда (Рӯдакӣ. Ашъор, с. 3) ва Асрори Раҳмонфар низ ӯро пайравӣ кардааст («Насими Мӯлиён», с. 64) Вале нусхаи панҷобии «Луғати фурс» ба ҷои «ёро» «боро» дорад ва саҳеҳ ҳамин аст ва дар ин сурат ниёз баислоҳи мисраъ ҳам нест. **Инанд**-адади маҷҳул аз ду то нуҳ.

**«Аз он ҷонбӯз лахте хуни раз деҳ»**. «Ҷонбӯз» ба ҷойи «ҷонтӯз» дар ин мисраъ, ки дар бештари маъохиз ба шаклҳои ғалат омада, тасҳеҳи қиёсии Сайидрасули Мусавӣ, Масъуди Қосимӣ ва Азиз Мирбобоев – таҳиякунандагони матни ДОШ аст. **Ҳақ** – Худо; **ҳазор** – андалиб, булбул; **ориз** – рухсора, чеҳра; **дайҳим** – навори махсусе, ки дар гирди тоҷи подшоҳони Эрон баста мешуд, тоҷи подшоҳӣ. Ин вожа аз “диадема”-и юнонист. (Фарҳанги форсии Муъин); **гӯшвор** – зинате, ки дар гӯш биовезанд. Дар қадим шоҳон гӯшвор мекардаанд, ки чун тоҷ аз лузумот ва рамзҳои қудрати шоҳӣ будааст; **ҷонбӯз** – ҷонпаноҳ, наҷотдиҳандаи ҷон; **заҳор** – сахтӣ, ранҷ, азоб, меҳнат.

2. Ин тағаззул дар «Асрору-т-тавҳид» ва байти аввал ва чаҳоруми он дар «Кашфу-л-асрор»-и Майбудӣ бидуни зикри исми шоир омадааст. Устод Нафисӣ бо қаринаҳое онро мансуб ба Рӯдакӣ донистааст.

**Зулфин**. Дар кутуби ба ҳуруфи кирилӣ чи дар ин шеър ва чи дар шеърҳои дигари Рӯдакӣ ва шуъарои дигар «зулфин»-ро «зулфайн» (ҷамъи дугонаи арабӣ) овардаанд, ки дар аксар мавори хатост. Шуъаро зулфи маъшуқаро ба сабаби

мушобиҳати он бо зулфини дар ва низ мушобиҳати вожаҳо «зулфин» гуфтаанд ва ин ташбеҳ интишор ёфтааст. Устод Шафеъии Кадканӣ овардааст, «ин»-и зулфин «ин»-и нисбат аст ва Манучеҳрӣ онро бо «чунин» ва «офарин» қофия карда: Ҳар касе як раҳ кунад ангушти худ дар зурфин». Ва аммо устод Кадканӣ дар шарҳи асли вожаи "зулфин", ки дар гӯишҳои форсии Мовароуннаҳр ва Хуросон имрӯз низ роиҷ аст, каме иштибоҳ кардааст ва овардааст, «зулфӣ, зурфин ҳалқае, ки дару чорчӯбро ба ҳам васл мекунад ва бозу баста шудани дар бар меҳвари он ҳалқа аст» («Асрору-т-тавҳид», бахши дувум, с. 622). Ва аммо «зулфин», ки сурати қадимии он «зурфин» буда, оҳани ба шакли чанбар аст, ки дар чаҳорчӯби дар насб менамоянд ва занҷирро ба он андохта дарро муҳкам мекунанд.

Дуктур Муҳаммади Муъин дар боби «Зулф ва зулфин» мақолае навишта, ки мухтасари онро дар фарҳанги хеш ба шакли зайл нақл кардааст: «**Зулфин:** 1- Ҳалқае бошад, ки бар чорчӯби дар ва сандуқ насб кунанд ва чифт ё занҷирро бад-он андозанд. 2 - зулфи маъшуқ ( ба муносибати ташбеҳ ба маънии аввал). Тавзеҳ: баъзе ин калимаро «зулфайн» ба сигаи тасния хондаанд, вале бояд донист, ки «зулф» дар арабии қадим наёмада ва муъарраб аст ва сонияи истеъмоли «ду зулфин» ва «зулфинакон» аз тарафи гӯяндагон рафъи шубҳа мекунад. Маъа ҳозо гоҳе ба сиғаи тасния ҳам бар хилофи асл истеъмол шуда». (Муҳаммад Муъин. Фарҳанги форсӣ, с.1745). Абёти зайли шоирон муайиди ин назар аст:

Бинӣ он зулфинагон чун чанбари болон ба хам,
Гар балахч андар занӣ, эдун шавад чун обнус.
*(Тайён, аз «Фарҳанги Қаввос», с. 195)*

В-он ду зулфин бар он орази ӯ гӯйӣ рост,
Бар гули сурӣ-бар ғолия афшонд насим.
*(Маъруфӣ, аз «Пешоҳангони шеъри форсӣ», с. 200)*

Насими ду зулфини ӯ бигзарад,
Баромехта бо насими сабо.
*(Ғазоирӣ, аз «Тарҷумон ул-балоға», с. 98)*

З-он ду зулфини халлухӣ дар гӯш,
Мунҳазим кардаӣ хитоиро.
*(Саноӣ. Девон, с. 799)*

Чун ду зулфини ту дар каманд бувад,
Шояд ар дил асири банд бувад.
*(Саноӣ. Девон, с. 867)*

Ай рӯйи ту чун рӯзу ду зулфини ту чун шаб.
*(Саноӣ. Девон, с.930)*

Зулфинонат ҳамеша хам дар хам бод,
Андуҳонат ҳамеша дам дар дам бод.
*(Саноӣ. Девон,с.1162)*

Он қиблаи халлух ба ду зулфину ба ду рух,
Ёқутлабу симтану себзанахдон.
*(Қатрон. Девон, с. 287)*

Дилро ба ду зулфин мудом домӣ,
Ҷонро ба ду холи сиёҳ ҳолӣ.
*(Қатрон. Девон, с. 366)*

**Сиҳои нома** – ин таркибро устод Нафисӣ ба шакли «сахойнома» сабт карда ва ин шакли ғалатро бештари танзимкунандагон ва ноширони ашъори Рӯдакӣ дар Эрон ва Тоҷикистон аз китоби ус-

тод нақл кардаанд. Агарчи манбаъи устод Нафисӣ низ «Асрору-т-тавҳид» аст, вале дар чопи интиқодии ин китоби арзишманд, ки Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ дар асоси ҳашт нусха анҷом дода, дар ҳама нусхаҳо шакли «сиҳои нома» омадааст («Асрору-т-тавҳид», бахши аввал, с. 331). Устод Кадканӣ дар шарҳи ин вожа овардааст: «**Сиҳои нома**»: навормонанд ва банде будааст, ки пас аз навиштани нома, бар гирди он мебастаанд, то касе ҷуз мухотаби аслӣ натавонад онро бигушояд ва онро муҳр мекардаанд... Ҳилол ибни Мухассини Собӣ ( мутаваффои 448) дар китоби «Русуми дорулхилофа» мегӯяд: «Ҳар гоҳ вазире дар пешгоҳи халифа хост ба фармони вай чизе бинависад, одат бар ин будааст, ки дар мӯзаи вазир ё котиб давоте нағз бошад, ки ба риштае баста шуда бошад ҳамроҳ бо дурҷе (варақае) ё матинае (гилдоне) ва дар он асоҳӣ ва тин (гил) бошад». Ва мусаҳҳеҳи китоб дар таълиқот навиштааст: «асоҳӣ ҷамъи асҳот, қитъаи кӯчаки коғаз (варақ), ки арзи он ба андозаи сарангушти кӯчак аст ва номаро пас аз навишта шудан дарҳам мепечанд ва дар он мебанданд ва мечасбонанд. Гоҳе аз риштаи шаробаи абрешуми сиёҳ сохта мешавад». Калимаи «сиҳо» ба сурати мамоли «сиҳӣ» низ дар забони форсӣ ривоҷ дошта аст. Муиззӣ «сиҳӣ кашидан»-ро ба маънии боз кардани нома ба кор бурдааст:

Бахт бар ҷомаи умри ту кашидаст алам,
Давлат аз номаи фазли ту кашидаст сиҳӣ.

Ва Мунҷик гуфтааст («Тарҷумону-л-балоға»):

Эй номаи Офтоб зӣ Кайвон
Баҳромсиҳиву Муштариунвон

Ва марҳум Аҳмади Оташ ноширн китоб онро нафаҳмида ба «сахӣ» ва «сахой» табдил кардааст» («Асрору-т-тавҳид», бахши дуввум, с. 623) Амон Нуров низ шакли саҳеҳи ин вожаро забт карда ва онро шарҳ додааст (ФАР, с. 225)

**«Ба равӣ гардад»** – мураттибони осори Рӯдакӣ ин таркибро ба таври мухталиф хонда ва навиштаанд. Дар ОР ин таркиб ба шакли «бар ӯй», дар Рӯдакӣ. Шеърҳо «ба рӯй», дар ДОШ «бар вай», дар ФАР «бар-ӯй» ва дар «Ҳазор мисраъ», Шеъри Рӯдакӣ, Девони устод Рӯдакӣ (бахши дуюми тадқиқоти Абдулманнони Насруддин) ва «Насими Мӯлиён» ба сурати «ба равӣ» сабт шудааст. Расул Ҳодизода ва Ансор Афсаҳов бо ишора ба ашколи мухталифи хониши ин таркиб навиштаанд: «Тарзи хондану навиштани мо шояд дуруст бошад, зеро *ба равӣ* маънии бисёрро мерасонад, яъне забони ман бисёртар ба ситоиши ту майл дорад. Ҳамчунин ҳарфи асосии қофияро равӣ мегӯянд. Ба ин маънӣ дар қофия ман туро ситоиш кардан мехоҳам - гуфтани шоир аз эҳтимол дур нест» («Ҳазор мисраъ...», с. 71). Шафеъии Кадканӣ низ дар шарҳи ин таркиб овардааст: «зоҳири калима чунон мерасонад, ки равӣ (ҳарфи қофия) манзур аст, яъне агарчи хомуш бошам, аз баҳри офарини ту забони ман худ табдил ба қофия мешавад барои шеъре дар ситоиши ту..., вале эҳтимоли ин ки калима аз решаи «рав» ва «рафтан» ба маънии равон бошад, бештар аст, яъне забонам равон мешавад аз барои офарини ту. Аммо шоҳиде барои ин истеъмол дар чое надидам». («Асрору-т-тавҳид», бахши дуввум, с. 623). Баъдан устод Кадканӣ зимни шарҳи таркиби «оби равӣ» дар байти зайл аз қитъаи Саноӣ

Гуфт ҳакиме, ки муфарраҳ бувад
Оби равиву лаҳни хушу бустон.

онро «оби равон, оби ҷорӣ» шарҳ дода, афзудааст: «равӣ ба маънии равон ва равонӣ ва мояи равонӣ шавоҳид дорад» ва ҳамин байти мансуб ба Рӯдакӣ ва байти зайл аз Маснавии Мавлоно Ҷалолуддинро ба шоҳид овардааст:

Ҷаҳд кун то масту нуронӣ шавӣ,
То ҳадисатро шавад нураш равӣ.

(Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ. Тозиёнаҳои сулук. Накд ва таҳлили чанд қасида аз ҳаким Саноӣ. Теҳрон. 1380, с. 487).

Дар байте аз қасидаи Саноӣ дар мадҳи қозӣ Яҳё Соъиди Ҳиравӣ, ки дар он ҳарфҳо ба баҳс меоянд, то шоир онҳоро дар мадҳияи худ истифода кунад, назари аввал таъйид мешавад:

В-ин дигар гуфтӣ, маро ҳарфи равӣ кун, то чу ӯ,
Дар миёни ҳарфҳо бозори ман гардад раво.
*(Саноӣ. Девон, с. 62)*

Вале чун дар миёни ҳарфи равӣ, ки унсуре аз қофияи шеър аст ва шеър гуфтан таноқузе нест, назари дувум ручҳон дорад, дар сурати акс мантиқ осебпазир хоҳад буд.

Ҷаҳонгири Мансур – танзимкунандаи Девони Рӯдакӣ, Теҳрон, интишороти «Ноҳид», мисраъи охири ин шеърро бидуни зикри манбаъ ба шакли «Замини ман ба рӯй гардад офарини туро» сабт карда, ки ғалат аст.

Абдулғанӣ Мирзоев дар ОР (с. 521) мисраъи аввали байти охирро «Агарчи хоҳиши мардум….» хонда ва сабт кардааст ва сойири ноширони тоҷикистонии ашъори устод ба ҷуз ДОШ ӯро пайравӣ кардаанд. Аммо дар ҳама нусахи «Асрору-т-тав-

ҳид», ки маъхази ин шеър аст, «хомуш мардум» омада.

3. **Пӯпак** – ҳудҳуд, шонасарак. **Сарахс** - шаҳре дар Хуросон, ҳоло дар наздикии марзи Эрон бо Туркманистон.

4. **Подир** – сутун, каҷсутун.

5. **«Кас фиристод ба сирр-андар...».** Дар ҳама нашрҳои осори Рӯдакӣ дар Тоҷикистон, ба ҷуз ДОШ ба ивази «ба сир андар» «ба сар-андар» овардаанд, ки бо мантиқ намесозад.

**«Ин фажапир...».** Байти дувум тавзеҳи байти аввал аст ва бар ин далел «ин»-ро, ки низ дар чанде аз манобеъ забт аст, бар «в-ин», ки ағлаб мураттибони ашъори устод овардаанд, руҷҳон додем. Дар ҳама нашрҳои тоҷикистонии ашъори шоир, ки ин қитъа ҳаст, «фажапир» (пири зишту палид) ба шакли «фажаҳпир» омада, ки саҳеҳ нест.

Расул Ҳодизода ба иртиботи ин ду байт бо ҳам шубҳа карда ва онҳоро ба далели он ки маъхуз аз манобеъи мухталиф ҳастанд ва гӯё бо ҳам робитаи мантиқӣ надоранд, ду байти ҷудогона донистааст. (Р. Ҳодизода. Дар тадқиқи осори Рӯдакӣ. СШ, 1982, № 9, с. 90). Дар сурате, ки мисраъҳои дувуму севуму чаҳорум ҳама мазмуни суханони «айёр» аст, ки ба воситаи фиристодааш ба маҳбубаш расонидааст: дар шеърҳоят маро бисёр ёд накун, зеро аз ин тариқ иртиботи мову ту фош мешавад ва ин пири зишт аз боиси иртибот бо ту маро азият мекунад. Ва дар охир дуо: Худо ҳарчи зудтар ҷони ин пирро бигирад, ки раҳоӣ ёбам. Ин айёр, ба эҳтимоли тамом яке аз он канизакон аст, ки шоир шабона ба дидорашон мерафт, «ба рӯз чунки наёраст шуд ба дидани ӯ, ниҳеби хоҷаи ӯ буду бими зиндон буд».

Насруллоҳи Имомӣ бар ин аст, ки ин байт «баҳонае шудааст то шоироне монанди Адиб

Собири Тирмизӣ ва Сӯзании Самарқандӣ ишқи Рӯдакӣ ба Айёрро мояҳое барои тасвирсозиҳои худ қарор диҳанд»:

Гӯйӣ ҳаво зи боди баҳору насими гул,
Бо Рӯдакӣ ҳикояти Айёр мекунад.
*(Адиб Собири Тирмизӣ)*

Кардам дили хеш, ай бути айёр зи ишқат
Чун Рӯдакӣ андар ғами Айёр шикаста.
*(Сӯзании Самарқандӣ)*

(Н. Имомӣ. Устоди шоирон Рӯдакӣ, с. 60-61)

Агар андешаи Имомӣ, ки зоҳиран аз суханони А. Мирзоев ба ин натиҷа расидааст (ниг. «Абӯ Абдулло Рӯдакӣ», с. 105 -106) воқеъият дошта бошад ва агар Адиб Собиру Сӯзанӣ барои ин талмеҳҳо ва ишораҳои дигари хеш (Сӯзанӣ дар шеъри дигар ишора мекунад, Рӯдакӣ Айёрро бо пули қарз харида ва баъдан Абулфазли Балъамӣ ин вомро пардохтааст) манбаъи иттилоъи дигар ҷуз ин байти Рӯдакӣ надошта бошанд, пас иштибоҳ кардаанд ва айёр дар шеъри Рӯдакиро исми хос пиндоштаанд. Ва ин амр ки Рӯдакӣ дар ин қитъа исми маҳбубашро оварда бошад, мухолиф бо мазмуни худи ҳамин шеър аст, ки ин айёр пинҳонӣ кас ба Рӯдакӣ фиристода аз ӯ хоҳиш кардааст, номи ӯро дар шеъраш наёрад. Ва Рӯдакии ҷавон, ки моҳрӯёни норпистонро дӯст медошт, ин ҷавонмардиро ҳам дошт, ки исми маҳбубашро пинҳон дошта, ӯро зери бори маломату шаллоқи хоҷааш нагузорад. Албатта, тасаввури С. Нафисӣ дар ин бора, ки ин айёр Айёр ва ғуломи Рӯдакӣ бошад, низ дуруст нест. (Дар ин бора ниг.: Мирзоев. А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ, с. 105 – 107).

6. Байти аввал дар «Асрору-т-тавҳид», бахши аввал, с. 312 аз забони Абӯсаъиди Абулхайр ва бо истинод ба Абулқосим Бушри Ёсин нақл шуда: «Он гоҳ гуфт: Пир Булқосими Бушри Ёсин бисёр гуфтӣ» ва ин байтро оварда. Устод Нафисӣ ин байтро ба Рӯдакӣ нисбат додааст. Байти дувуму севум дар «Тарҷумону-л-балоға» ва байти дувум дар «Ҳадоиқу-с-сеҳр» ба номи Рӯдакӣ тасреҳ шудааст.

Байти охирро устод Нафисӣ аз «Тарҷумону-л-балоға» ба гунаи ғалат нақл карда ва ағлаб таҳиййакунандагони осори Рӯдакӣ аз ӯ пайравӣ кардаанд, ки дар натиҷа маънои рӯшане аз он наметавон берун овард:

Ҳар киро рафт, ҳамебояд рафта шуморӣ,
Ҳар киро мурд, ҳамебояд мурда шуморо!

(Қ.Рустам. Абёти тозаи устод Рӯдакӣ ва бозхонии байтҳои машҳури ӯ. – СШ, 2010, №1, с. 141-142)

7. **Зарқ** – тазвир, нифоқ, риёкорӣ.

8. Ин ғазалро Саъиди Нафисӣ бо истинод ба ҷунги Муҳаммад Тақӣ ибни Ҳодӣ ва нусхаи хаттии мукаммали «Луғати фурс»-и Асадӣ муаррахаи 877 ҳиҷрӣ ба номи Рӯдакӣ овардааст. Вале чи байте аз газал дар нусхаи «Луғати фурс» омада, маълум нашуд. Ғазал ба ҷуз байти тахаллус ва бо ихтилофҳое дар мисраъҳои ҳафтум, нуҳум ва даҳум дар девони Қатрон низ омада (Қатрон, Девон, саҳ. 454) ва ба эҳтимоли қавӣ мутааллиқ ба шоири табрезӣ аст.

Ҳамаи нашрҳои ашъори Рӯдакӣ ба ҳуруфи тоҷикии кириллӣ дар мисраъи аввал ба ҷойи «манӣ» «мане» овардаанд, ки мантиқро хароб мекунад. **Манӣ-** ғурур, такаббур; **барзан** – кӯй, кӯча, хиёбон. «**Моҳи ман**» ба ҷойи «ай писар»-и

сойири маҷмуъаҳо аз «Пешоҳангони шеъри форсӣ», с. 22 иқтибос шуд. Вале Муҳаммади Дабирсиёқӣ маъхази онро нишон надодааст.

9. Устод Нафисӣ ду байти аввали ин ғазалро бо истинод ба китоби «Суханони манзуми Абусаъиди Абулхайр», ки худ таҳия ва таълиф кардааст ва «Асрору-т-тавҳид» ба номи Рӯдакӣ овардааст. Аммо байтҳоро дар матни интиқодии «Асрору-т-тавҳид» пайдо накардам. Шафеъии Кадканӣ дар бахши таълиқоти ин китоб овардааст: ин абёт ҳамчунин дар «Мирсод-ул-ибод» аз Наҷми Розӣ ва «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ ва «Нафаҳоту-л-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бидуни номи гӯяндаи шеър омадааст. Мисраъи охир дар «Асрору-т-тавҳид» забт аст ва устод Кадканӣ онро аз ҳамин ғазал донистааст. («Асрору-т-тавҳид», бахши аввал, с. 251, бахши дуввум, с. 787).

10. **«Беҳ шуд, ки ёфт бӯйи саман, бодро табиб».** Яъне, ҷаҳон ки замоне бемор буд (дар зимистон), акнун (бо фаро расидани баҳор) бар асари бод ва бӯйи саман, ки табибони ин бемор ҳастанд, сиҳҳат ёфт. Бештари маҷмуъаҳои осори Рӯдакӣ байтро ба ҳамин сурат овардаанд, вале дар васати «саман» ва «бодро» вергул нагузоштаанд ва дар натиҷа маънӣ муғлақ шудааст. Хусравии Сарахсӣ, шоири поёни қарни X мелодӣ, ки шояд маъниро аз устод Рӯдакӣ бурда, гуфтааст:

Мурдаст замӣ абр бар ӯ дасти Масеҳо,
Бемор ҷаҳон, боди сабо доруи бемор.

Халил Хатиби Раҳбар (Рӯдакӣ, с. 14) ва Асрори Раҳмонфар («Насими Мӯлиён», с. 40) мисраъро ба сурати «беҳ шуд, ки ёфт бӯйи саманро даво табиб» овардаанд. Аммо дар ин сурат «табиб» (бино ба шарҳи Халил Хатиби Раҳбар «табиби офариниш»)

ба фоил бадал мешавад, дар сурате, ки фоил дар ин байт «ҷаҳон» аст. (Ниг.: Қодири Рустам. Шеъри саҳеҳи Рӯдакӣ. – СШ, 2005, № 10-12, с. 137). Ҷаъфари Шиъор ва Ҳасани Анварӣ мисраъро ба шакли «беҳ шуд, ки ёфт бӯйи саманро давои тиб» забт кардаанд, ки муносиб аст, вале маъхази онро нишон надодаанд.

**Ҳуллаи қашиб** – ҷомаи нав. Ин таркиб аз «Луғатнома»-и Деҳхудо иқтибос шуд. Дар ҳама нусах ва осори мунташири Рӯдакӣ, ба ҷуз Гузидаи ашъори Рӯдакӣ, с. 63 ва Гузинаи ашъори Рӯдакӣ, с. 15 ин таркиб ба шакли «ҳуллаи қазиб» ва «ҳуллаи қасиб» омада, ки маънои муносибе надорад. **Меҳтари ҳасиб:** мураттибони «Ҳазор мисраъ», с. 37 ва 72 «ҳасиб»-ро дар ин таркиб мамоли «ҳисоб» пиндошта ва «ҳисеб» навиштаанд ва онро «меҳтари ҳисобдор» шарҳ додаанд, ки ғалат аст. Аввалан, «ҳасиб» ҳам ба маънои «ҳисобкунанда» ва «муҳосиб» дар фарҳангҳо омадааст ва сониян, муҳимтар аз он, «**ҳасиб**» дар ин байт аз вожаи «ҳасаб» ва ба маънои «вологуҳар», «бузургвор», «соҳиби фазилат» аст ( Фарҳанги форсии Муъин, ҷилди аввал, с. 1356; ФАР, саҳ. 308). «Меҳтари вологуҳар» ҳеч таноқузе надорад, балки бо мантиқ созгортар мебошад.

**Бӯйи тиб** – бӯйи хуш, хушбӯй; **шабоб** – ҷавонӣ ва **машиб** – пирӣ; **нақиб** – меҳтар, сарвар, дар ин ҷо сарлашкар; **маҳиб** - ваҳмангез, ҳайбатнок; **каиб** – андуҳгин, ғамгин; **рақиб** – нигаҳбон, посбон; **ратиб** – мартуб, намнок; **қазиб** – тозиёна; **хазиб** – ранг-зада, рангбаста; **муҷиб** – ҷавобдиҳанда, посухгӯянда; **сор** – парандаи хушовози сиёҳранг, ки холҳои сафед дорад (ФАР); **сулсул** - фохта, похтак.

11. **Ҷилбеб** – имолаи ҷилбоб, чодари занон, рӯпӯш.

13. **Хирадуманд** – аз вожаи «хирад» ва пасванди «уманд». Ин пасванд дар осори шоирони қадим (аз ҷумла, Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ) бештар ба ҳамин шакл истифода шуда, баъдан «у» аз аввали пасванд ҳазф шуд. Ҷаъфари Шиъор «хештани хешро бикуш ту як лахт» –ро «ту нафси худро каме бикуш» тафсир кардааст (Гузинаи ашъори Рӯдакӣ, с. 9).

Варианти дигари байти дувум дар бархе аз нусахи «Луғати фурс» ба шакли зайл аст:

Рав бихуру ҳам бидеҳ, в-арна щавӣ пашемон,
Ҳар ки нахӯрду надод ҳеч наялфахт.

**Алфахтан** – андӯхтан, ҷамъ кардан.

14. Ин қитъа барои нахустин бор дар «Таърихи Байҳақӣ» (ниг. чопи 1371 с. 235 ва чопи 1388, с. 178), ки аз муътамадтарин манобеъи шеъри Рӯдакӣ аст, ба номи устод омада ва баъдан чанд манбаъи дигар низ ба номи ӯ овардаанд. Се байти аввали қитъа дар Девони Қатрон низ (ниг. с. 457) омада, вале натиҷаи иштибоҳ аст .

Дар нусхаи «Таърихи Байҳақӣ», чопи сангии Адиби Нишобурӣ, соли 1307 ҳ.\1899 м. **«Чашм бикшо, бибин кунун пайдост»** мисраъи дувуми байти чаҳорум аст ва мо низ дар чопи аввал ҳамин суратро ихтиёр карда будем. Аммо чунонки мусаҳҳеҳони «Таърихи Байҳақӣ», 1388 навиштаанд, «маълум нест бар чӣ асосе, барои он ки тамоми нусхаҳои «Таърихи Байҳақӣ», ки эҳтимолан мабнои кори Адиб дар ин тасҳеҳ буда, инак дар ихтиёри мост ва ҳеч кадом аз нусхаҳо чунин забтеро нишон намедиҳанд ва тақрибан бар мо мусаллам шудааст, ки на танҳо ин ҷо, балки дар бисёре маворид, Адиб ҳатто дар матни Байҳақӣ даст бурда ва онро аз нософиҳо ва нопиростагиҳо

ба завқи худ пардохта аст» (Дуктур Муҳаммад-ҷаъфари Ёҳақӣ, Сайид Маҳдии Саидӣ. Сурати навини абёти Рӯдакӣ дар тасҳеҳи ҷадиди «Таърихи Байҳақӣ». - Фаслномаи «Пож», тобистони 1378, шумораи дувум).

**«Он ки зулфину гесуват пирост».** Ҷаъфари Шиъор ва Ҳасани Анварӣ шарҳ кардаанд, «хитоб ба одамӣ мегӯяд: ороишгаре, ки зулфу гесуи туро мепированд, агарчи музд мегирад, аммо чун туро зардгуна (бемор) мебинад, дилсард ва ғамгин мешавад, нобино ки нест» (Гузидаи ашъори Рӯдакӣ, саҳ. 124) ва ин шарҳ дуруст нест. Шарҳи Халил Хатиби Раҳбар низ тақрибан ҳамин гуна ва низ иштибоҳ аст: «Он *ки зулфу гесуи туро биёрост,* агарчи бандаи дирамхариди ту буд, чун чеҳраи туро дар марг зардшуда ёфт, дил аз меҳри ту бурид ва сардмеҳрӣ оғоз кард, боре кӯр нест»(Рӯдакӣ, саҳ. 16). Ба назари мо, мазмуни мисраъро, маъшуқае, ки барои ту зулфу гесуи худро мепирост, бояд фаҳмид, ки матлубтар аст.

**Саройи сипанҷ** – дунёи муваққат ва нопойдор, ҷаҳони гузарон.

15. Байти аввали ин қитъа дар «Асрору-т-тавҳид», бахши аввал, с. 36 ва байтҳои дувуму севум дар китобҳои дигар аз қавли Абусаъиди Абулхайр ва бидуни зикри гӯянда омада ва устод Нафисӣ онро дар «Суханони манзуми Абусаъиди Абулхайр» нақл карда ва ба Рӯдакӣ нисбат додааст. Шафеъии Кадканӣ низ гӯяндаи абётро «аз шуъарои Мовароуннаҳр… эҳтимолан, аз шуъарои Оли Сомон» медонад ва афзудааст, ки аллома Абдуваҳҳоб Муҳаммади Қазвинӣ «мири Хуросон»-ро лақаби шоҳони Сомонӣ медонад («Асрору-т-тавҳид», бахши дувум, с. 486).

16. Ин қитъа дар тафсири Қуръон машҳур ба «Тафсири Гузур» таълифи Абулмаҳосин Ҳусейн

ибни Ҳасани Ҷурҷонӣ, ки зоҳиран аз донишмандони қарни IX-X ҳ. (XV-XVI м.) аст, низ омадааст, ки байтҳои дувуму севуми он ба гунаи комилан дигаргуна аст:

«Забон бибанд», маро гуфту «чашми дил бигшой»
Киро забон на ба банд аст, пой дар банд аст.
Бад-он касе, ки фузун аз ту орзу чӣ кунӣ?
Бад-он нигар, ки ба ҳоли ту орзуманд аст.

(М. Қосимӣ. Баъзе абёти тозаи Рӯдакӣ дар осори куҳан. – Фаслномаи «Рӯдакӣ», 2003, шумораи чаҳорум).

17. **«Кардиши ӯ на хубу чеҳраш хуб».** Танҳо маъхази ин қитъа – «Таърихи Масъудӣ» (ё Байҳақӣ) дар бештари нусхаҳо ба ҷойи «кардиш» «дониш» дорад, ки дар ин ҷо муносиб нест. Дуктур Алиакбари Файёз - аз танзимкунандагони ин таърихнома, бо тасҳеҳи қиёсӣ «дониш»-ро, ки таносуби каломро халалдор мекунад, «куниш» сабт карда буд («Таърихи Байҳақӣ», 1371, с. 123) ва мо низ ба далели истеъмоли ин вожа дар мутуни қадим, аз ҷумла абёти зайли Фахруддин Асъади Гургонӣ

Худовандо, ту худ донӣ, ки гардун,
Кунад ҳар соъате лавне дигаргун.
Кунишҳое, к-аз ӯ бинем ҳамвор,
Бувад бар ҳукму бар фармони додор.

*(«Вис ва Ромин», саҳ. 227)*

дар чопҳои қаблӣ тасҳеҳи ӯро ихтиёр карда будем.

Аммо дар чопи нави интиқодии ин китоб («Таърихи Байҳақӣ», 1388) дар ду нусха ба ҷойи «дониш»-и сойири нусхаҳо «кардиш» сабт шудааст. М. Ёҳақӣ ва М. Сайидӣ – таҳийякунандагони матн навиштаанд, ин вожа «ҳарчанд ки дар фарҳангҳо наёмада аст, аммо ба қаринаи «будиш» дар

осори фалсафии Носири Хусрав .... ва гӯиши ҷануби Хуросон, ки ҳамакнун дар маънии ҳосили масдарӣ ба кор меравад, метавон «кардиш»-ро ҳам дар ҳамин маъно пазируфт («Таърихи Байҳақӣ», 1388, ҷ. дувум, с. 863, тавзеҳот). Ва мо ба далели мустанад будан «кардиш»-ро афзал донистем. Ва аммо эҳтимоли «куниш» бадани асли вожа низ зиёд аст.

18. **Вотгар** – пӯстиндӯз.

19. Дар мисраъи дувуми ин қитъа дар ҳама нашрҳои Тоҷикистон ба кирилӣ ба ҷойи «думи» «дами» омадааст. Таҳиякунандагони шеър мутаваҷҷеҳ набудаанд, ки мақсуди шоир на вазъи ҳаво, балки манзараи табиат аст ва мегӯяд, чаман, ки аз сардии даймоҳ чун думи гург хокистарӣ ва чун пӯсти паланг хол-хол буд, акнун бар асари баҳори монавитабъ нақшу нигори мулавван бар тан кардааст. (Ниг: Рӯдакӣ. Ғузинаи сухани порсӣ, саҳ. 18; Гузинаи ашъори Рӯдакӣ, 20).

21. Аз шеърҳои мансуб ба Рӯдакӣ аст. Байти дувуми он дар «Луғати фурс», 1365, с. 47 бо андаке тағйири мисраъи аввал (Ин кор(д) на аз баҳри ситамгорон кардӣ) ва байти севум дар «Шарҳи девони Хоқонӣ»-и Абдулваҳҳоб ибни Муҳаммад ал-Ҳусайнӣ ал-Ҳасанӣ ал-Маъмурии Ғаноӣ (таълифшуда дар нимаи дувуми қарни XYII) ба номи Рӯдакӣ сабт шудааст. (Абдулманнони Насруддин. Рӯдакӣ, с. 117). Ва аммо байти дувум дар «Сиҳоҳу-л-фурс», с. 44 ва «Фарҳанги Қаввос», с. 147 ба исми Носири Хусрав сабт шудааст. Шакли пурраи бозмондаи шеър дар Девони Носири Хусрав, (Теҳрон, 1375, с. 143) омадааст.

Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ зимни навиштае байтҳои аввал ва чаҳоруми қасидаро ба сурати зайл оварда, вале маъхази онро нишон надодааст:

Чун теғ ба даст орӣ мардум натавон кушт,
Некиву бадӣ назди Худо нест фаромушт.
Ай кушта, киро куштӣ, то кушта шудӣ зор,
То боз куҷо кушта шавад, он ки туро кушт.

(Ниг.: Маҷаллаи «Бухоро». Шумораи 92, фарвардин-урдибиҳишти 1392)

23. Қитъа дар «Луғати фурс», 1365, с. 71, «Туҳфату-л-аҳбоб», с. 81 ва байти аввали он дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», ҷилди аввал, с. 808, «Фарҳанги Рашидӣ», с. 793 ба номи Рӯдакӣ омадааст. Дар «Сиҳоҳу-л-фурс», с. 68 байти аввал бидуни зикри номи шоир оварда шудааст. Соҳиби «Тарҷумону-л-балоға», с. 100 бо андаке тағйир онро ба номи Алӣ пури Тегин оварда. Устод Нафисӣ ва Л. Брагинская ҳамчунин «Ҳадоиқу-с-сеҳр»-и Рашиди Ватвот, «Бароҳину-л-Аҷам» ва чанд нусхаи дигарро ба унвони маъхази ин шеър овардаанд Аммо байтҳо дар «Хадоиқу-с-сеҳр» дида нашуданд. С. Нафисӣ дар маҷмуъ 11 ва Л. Барагинская 9 китобро ба унвони маъхази ин қитъа овардаанд, аммо таҳиййакунандагони охирин матни илмию интиқодии ашъори Рӯдакӣ – Р. Ҳодизода ва А. М. Хуросонӣ фақат «Тухфату-л-аҳбоб»-ро маъхази шеър нишон дода, ҳеч яке аз тафовутҳои зиёди қитъаро дар маохизи мухталиф нишон надодаанд. («Девони ашъор», с. 29 ва с. 300).

Муаллифони «Луғати фурс», «Фарҳанги Рашидӣ» ва «Тухфату-л-аҳбоб» ба ҷойи «кадух», ки ҳаммом, гармоба бошад, «Карух» оварда ва онро «номе деҳаест» шарҳ додаанд ва агарчи, бино бар гувоҳии Гардезӣ ин деҳ дар наздикии Ҳирот воқеъ буда («Зайну-л-ахбор», с. 206) ва мегӯянд, имрӯз ҳам бо ҳамин ном хонда мешавад, дар ин шеър муносиб ба назар намерасад.

Мо мисраъи аввалро аз «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» нақл кардем.

Дар «Тарҷумону-л-балоға» мисраъи аввал ба сурати "Пешам омад бомдод он дилбар аз роҳи шикух" омада ва устод Нафисӣ ҳамин ривоятро забт кардааст.

Мисраъи дувум, ки дар «Луғати фурс», «Туҳфату-л-аҳбоб» ва «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» «бо ду рух аз бода лаъл...» аст, дар матни мо мутобиқ бо забти «Тарҷумону-л-балоға» ва МААР, с. 495 аст, чун миёни рухи шармгин ва чашми шӯх таноқузи нозуки шоирона аст. Мусаҳҳеҳи «Сиҳоҳу-л-фурс» байти аввалро, ки мисраъи дувумаш дар се нусхаи ин луғат тафовути ҷузъӣ доранд («наргисини масти шӯх», «наргисини масту шӯх», «наргиси мастони шӯх»), бо тасҳеҳи қиёсӣ чунин овардааст:

Бомдодон пешам омад ёр аз роҳи кадӯх,
Бо ду чашми пурхумору наргисони масту шӯх.

Дар ин ҳол яке аз нусхаҳои сегонаи ин фарҳанг низ бадали «кадӯх» «Карух» дорад.

Мисраъи севум дар «Тарҷумону-л-балоға» ва МААР «.... гуфтам, ки меҳмони ман ой» ва мисраъи чаҳорум «дод пӯшида ҷавобам....» аст.

**«Мар маро гуфтӣ ба тозӣ: мӯрду анҷиру кулӯх».** Дар «Лугатнома» дар шарҳи ин мисраъ зайли «мӯрд» ёддошти зерро аз муаллиф овардаанд: «мӯрд = ос + анҷир= тин+кулӯх = мадар (остин мадар). Мурод он ки остин мадар ва пора макун». Ос, тин ва мадар баробари арабии мӯрд (дарахти ҳамешасабз), анҷир ва кулӯхи форсӣ аст.

24. Мисраъи севуми ин тағаззул дар маъохиз ва маҷмуъаҳои осори шоир ҳамчунин ба ду ривояти «З-омада шодмон бибояд буд» ва «З-омада шодмон набояд буд» низ омадааст. Ривояти дувум бо

ҷаҳонбинии Рӯдакӣ, ки хушгузаронӣ аз унсури муҳимми он аст, хилоф дорад. Ва аммо агарчи "шодмон бибояд буд" бо "шодмона бояд буд" ҳаммаъност, бо тавaҷҷуҳ бар ин ки дар осори шоирон ва адибони қадим бештар «шодмона» корбурд дорад, мо онро тарҷеҳ додем.

Шаҳиди Балхӣ гӯяд:

Дар ин олам саросар гар бигардӣ,
Хирадманде наёбӣ шодмона.

*(«Шоирони аҳди Сомониён», с. 40)*

Фаррухирост:

Шодмона ба ту он кас ки туро дорад дӯст,
Шодмона ба ту он кас, ки туро бошад ёр.

*(Фаррухӣ. Девон, с. 80)*

Дар «Достонҳои Бидпой»-и Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Бухорӣ низ ин калима ҳама ҷо ба сурати «шодмона» омада.

Гумон меравад, дар оғоз дар натиҷаи тасҳиф «шодмона бояд» ба «шодмон набояд» табдил шуда, баъдан шояд котибе бо мулоҳизаи дур аз муҳтавои шеър будан «шодмон набояд»-ро ба «шодмон бибояд» тағйир додааст

**«Ҷаҳони фусус»** - ҷаҳони масхара, ҷаҳони фиребкор ва найрангбоз. Абутайиби Мусъабӣ низ гӯяд:

Ҷаҳоно, ҳамоно фусусиву бозӣ,
Ки бар кас напойиву бо кас насозӣ.

*(«Таърихи Байҳақӣ»,1371, с. 515)*

25. Байти севуми ин қитъа дар се нусхаи «Луғати фурс» ба номи Рӯдакӣ, дар ду нусхаи дигар аз

ин луғат ва «Сиҳоҳу-л-фурс» ба номи Кисоӣ омадааст.

Мисраъи дувум, ки дар ҳама маҷмуаҳои ашъори шоир, аз ҷумла чопи аввали ин Девон ба гунаи «Бад-ӯ ба ҳеч ҳаводис замона даст мадод» сабт шуда буд, аз мақолаи М. Қосимӣ (Фаслномаи «Рӯдакӣ», 2003, шумораи чаҳорум) нақл шуд, ки онро аз Нузҳатномаи Алоӣ, таълифи Шоҳмардон ибни Абилхайр (асри XI м.) пайдо кардааст.

27. Ин қитъаро барои нахустин бор Саъдоншоҳ Имронов аз «Хайру-л-баён»-и Шоҳҳусайн ибни Малик Ғиёсуддин Баҳории Систонӣ пайдо ва нашр кардааст. (С. Имронов. Ёдномаи устод Рӯдакӣ, с. 67).

28. Ин порча аз ашъорест ки Абусаъиди Абулхайр мехонда ва дар «Асрору-т-тавҳид» (бахши аввал, с. 248) бидуни номи шоир омадааст.

Устод Шафеъии Кадканӣ корбурди «муқаддам аз» дар мисраъи аввали ин қитъаро бо қавонини забони форсӣ ғариб дониста ва навиштааст: «зоҳиран саҳеҳ ин аст, ки гуфта шавад: «муқаддам ба ҳама», ё «муқаддами ҳама» ва ба кор бурдани «аз» танҳо баъд аз сифати тафзилӣ мумкин аст. Аммо қудамо ин корро кардаанд ва бо сифоте, ки ҷанбаи тафзил надорад низ калимаи «аз»-ро ба кор бурдаанд. Фаррухӣ: *Онро, ки баровардаи ту буд, баровард, В-аз ҷумлаи ёрони дигар кард муқаддам.* Магар ин ки бигӯем дар ин шеъри Фаррухӣ «в-аз» тасҳифи «в-ар» (бар) аст. Ва таъбири «қадим аз» дар ин байти Носири Хусрав: *Худованде, ки дар ваҳдат қадим аст аз ҳама ашё»* («Асрору-т-тавҳид», бахши дувум, с. 588). Вале лозим ба таъкид аст, ки ин сохтор, яъне истифодаи «аз» бо сифати одӣ (бидуни **–тар** ва **–тарин)** имрӯз низ дар форсии Мовароуннаҳр роиҷ аст ва корбурди фаровон дорад: **аз ҳама зебо, аз ҳама хуб** ва

ғайра. «**Чун аз калом қад**»: «Ҳарфи қад, ки аз ҳуруфи таъкид дар забони арабӣ аст, садрнишин аст ва қабл аз феъл ва мутаъаллиқоти он қарор гирад. Шоир мегӯяд, ҳамон гуна, ки қад дар каломи араб муқаддам аст, ман низ бар ҳамаи ушшоқи ту тақаддум дорам, он гуна, ки ту дар ҳусн тақаддум дорӣ» («Асрору-т-тавҳид», бахши дувум, с. 588). «**Хад** - ҳар кадом аз ду сӯи сурат» («Асрору-т-тавҳид», бахши дувум, с. 588).

29. Ин шеър дар «Асрору-т-тавҳид» - маъхази он бидуни зикри номи гӯянда омада ва устод Нафисӣ онро мансуб ба Рӯдакӣ донистааст. Дар ҳама маҷмуъаҳои осори Рӯдакӣ дар мисраъи аввал ба ҷойи «ишқ» «айш» омада, вале дар чопи интиқодии асар «ишқ» аст («Асрору-т-тавҳид», бахши аввал, с. 78).

31. Ин шеър дар «Сиҳоҳу-л фурс» ба Рӯдакӣ ва дар «Луғати фурс», 1336 ба Абушакури Балхӣ мансуб аст.

**Кобук** - лонаи парандагон.

32. Ду байти аввали ин марсияро Муҳаммади Авфӣ дар «Лубобу-л-албоб» ба номи Рӯдакӣ бо таъкиди «Дар расои Муродӣ» овардааст. Ва дигарон низ ба ҳамин унвон ва ба номи Рӯдакӣ нақл кардаанд. Ва аммо устод Бадеъуззамони Фурӯзонфар бо истинод ба Саъолабӣ, ки бо Абулҳасани Муродӣ қарибуласр будааст, таъкид мекунад, Муродӣ солҳо пас аз фавти Рӯдакӣ зинда буд (Фурӯзонфар Б. Сухан ва суханварон, с. 21). Ин амр ва низ ин ки Рӯдакӣ Муродиро «хоҷа» хитоб карда, метавонад дол бар он бошад, ки Рӯдакӣ на Муродии шоир, балки нафари дигареро, ки аз табақаи ашроф ва шояд ҳам падари Муродии шоир буда, марсия гуфтааст ва чанд қарн баъд чун Муродии шоир машҳур будааст, Авфӣ пиндоштааст марсия дар марги ӯ суруда

шуда. Ва аммо, аз сӯйи дигар, қитъае ки Авфӣ ба номи Рӯдакӣ оварда, бо изофаи як байти дигар ва бо табдили номи Муродӣ ба Саноӣ дар девони ин шоири бузурги садаи шашуми ҳиҷрӣ омадааст:

Мурд Саноӣ на ҳамоно, ки мурд,
Мурдани он хоҷа на корест хурд.
Ҷони гиромӣ ба падар боз дод,
Колбади тира ба модар супурд.
Аз малаке бо малаке рафт боз,
Зинда кунун шуд, ки ту гуфтӣ ки мурд.

(*Саноӣ. Девон, с. 1059*)

(Тағйиротҳое ҷузъие дар нусахи дигаре аз девони Саноӣ дар ин қитъа ворид шуда).

Гузашта аз ин, Саноӣ боз ду қитъа бо мазмуни шеъри боло дорад, ки дар қитъаи аввал қофия ҳам ҳамон аст :

Садри ислом зинда гашту намурд,
Гарчи сурат ба хоки тира супурд.
Дар ҷаҳони бузург сохт макон,
Ҳам ба хурдон гузошт олами хурд.
Пас ту гӯйӣ, ки марсият гӯяш,
Зиндаро марсият кӣ ёрад бурд?!

(*Саноӣ. Девон, с. 1060*)

Ва қитъаи дувум:

Гавҳари руҳ буд хоҷа вазир,
Лек маҳбус монда дар тани хеш.
Чун танаш руҳ гашт, тез чун ӯ
Боз паррид сӯйи маъдани хеш.

(*Саноӣ. Девон, с. 1076*)

Дар Девони Ҷалолуддини Балхӣ низ ду ғазал дар ин маънӣ ва вазну қофия ҳаст (Девони комили

Шамси Табрезӣ, ҷилди аввал, с. 404 ва 408, ғазалҳои 1000 ва 1011) , ки байти матлаъи ҳарду якест:

Гуфт касе, хоҷа Саноӣ бимурд,
Марги чунин хоҷа на корест хурд.

Байти матлаъ мерасонад, ки маъхази Мавлоно Ҷалолуддин девони Саноӣ будааст, на «Лубобу-л-албоб» ва ё манбаъи дигари қитъаи мансуб ба Рӯдакӣ.

Устод Нафисӣ байти севуми қитъаи Девони Саноӣ ва 9 байт аз ғазали аввали девони Мавлоноро дар паси ду байти маъхуз аз «Лубобу-л-албоб» оварда ва бидуни далели қотеъе ҳамаро мутааллиқ ба Рӯдакӣ донистааст. Аммо чунин нест. Мо бо дарназардошти тасреҳи Муҳаммади Авфӣ ва дар девони Саноӣ зиёд омадани ашъори салафи ӯ ду байти «Лубобу-л-албоб» ва байти севуми мавҷуд дар Девони Саноиро ба номи Рӯдакӣ овардем ва абёти маъхуз аз Девони Шамсро, ки сурудаи Ҷалолиддини Балхӣ буданашон далоили зиёд дорад, фурӯ гузоштем. Чунончи, мазмуни ду байти

Дар сафар афтанд ба ҳам, ай азиз,
Марвазию розию румию курд.
Хонаи худ боз равад ҳар яке
Атлас кай бошад ҳамтои бурд,

ки аслан масале аст, чи дар Куллиёти Девони Шамс ва чи дар «Маснавии маънавӣ» мукаррар омадааст, дар ҳоле ки дар ашъори Рӯдакӣ ва осори ҳамасрони ӯ дида нашуд. Ҳамчунин дар байти мактаъ тахаллуси шоирии Мавлоно - Хомуш тасреҳ шудааст:

Хомуш кун чун нуқат, эро малак
Номи ту аз дафтари гуфтан ситурд.

Дар ин ҳол, эҳтимоли хеле заъифе, ки ду байти аввал дар асл моли Саноӣ бошад, низ боқист.

34. **Нисол** – нӯги тир.

35. **«Маҳ ба бахти ту навҷавон омад».** Дар асл ба ҷойи «маҳ» «май» аст, ки дар ин мисраъ маънои муносиб надорад ва ҳам такрори нописанд аст. Ҳамчунин, «майи навҷавон» таркибе аст, ки ба нудрат дар шеъри форсӣ истифода шуда ва бар хилофи он «майи куҳан» ва «солхӯрда» зиёда мавриди васф қарор гирифтааст. Нуктаи дигаре ки истифодаи «майи навҷавон»-ро дар ин шеъри суруда дар васфи Меҳргон мавриди шубҳа қарор медиҳад, гувоҳии худи Рӯдакӣ дар қасидаи «Модари май» аст. Дар ин қасида шоир ба сароҳат таъкид мекунад, маросими май кашидан аз обонмоҳ – моҳи ҳаштуми шамсӣ оғоз мешудааст:

Модари майро бибояд кард қурбон,
Баччаи ӯро гирифту кард ба зиндон.
Баччаи ӯро аз ӯ гирифт надонӣ,
Т-ош накӯбӣ нахусту з-ӯ накашӣ ҷон.
Ҷуз ки набошад ҳалол дур бикардан,
Баччаи кӯчак зи шири модару пистон,
То нахӯрад шир ҳафт маҳ ба тамомӣ,
Аз сари урдибиҳишт то буни обон.

Ва май дар «навбаҳору нимаи найсон» омода мешуд:

Ҳам ба хум андар ҳаме гудозад чунин,
То ба гаҳи навбаҳору нимаи найсон.
Он гаҳ агар нимашаб дараш бикушойӣ,
Чашмаи хуршедро бибинӣ тобон…
Зуфт шавад родмарду суст диловар,
Гар бичашад з-ую рӯйи зард гулистон.

Башшори Марғазӣ – шоири ҳамасри Рӯдакӣ низ дар ташбиби зебое, ки васфи таҳийяи майро мекунад, муддати омода шудани майро «панҷ моҳ» таъкид кардааст:

То панҷ моҳ ёд накард эч гуна з-ӯ,
Аз рӯйи зиракиву хирад ҳамчунин сазид.
Чун навбаҳор боғ биёрост чун биҳишт,
Аз савсани сафеду гули сурху шанбалид.
Андар миёни сабза ба дашту ба кӯҳсор,
Мушкин бунафшаву самону лола бардамид...
Деҳқон зи хона бӯйи гулобу арақ шунид,
Омад бурун зи хонаву ҳар сӯ ҳаме чамид.
Он сангро биёфт, куҷо муҳр карда буд,
Бишкаст муҳру дил ба бараш бар, ҳаме тапид.
Барзад шуъои Зуҳраву бӯйи гулоб аз ӯ,
Аз бӯйи ӯ гули тарабу лаҳв бишкуфид.
Як ҷом аз ӯ ба чошнӣ аз бас аҷаб бихӯрд,
Шодӣ ҳаме фузуд дилаш чун аз ӯ чашид.

*(«Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ», с. 57)*

Пас мавҷуд будани «майи навҷавон» дар ҷашни Меҳргон дуруст нест.

Ва, аз ҷониби дигар, иртиботи «шоҳи ҷавон» ва «шоҳи нав» бо «моҳи ҷавон» ва масъуд будани ин амр дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ низ ҷой-ҷой ишора шудааст:

Бибинед фардо яке шоҳи нав,
Нишаста абар гоҳ чун моҳи нав.

Аз он пас кунӣ разм бо Ардавон,
Ки ахтар ҷавон асту хусрав ҷавон.

Басе офарин хонд бар шоҳи нав,
Ки ҳар дам фузун бош чун моҳи нав.

Метавон ҳадс зад, ки ҷашни Меҳргон, ки рӯзи шонздаҳуми меҳр таҷлил мешуда, дар соле ки Рӯдакӣ ин қасидаро сурудааст, баробар бо аввали моҳи ҳиҷрии қамарӣ будааст. Чунончи, дар замони Қатрон низ, ки яку ним аср баъд аз Рӯдакӣ зистааст, чунин иттифоқ уфтода ва ҷашни Меҳргон дар аввали моҳи қамарӣ омадааст ва Қатрон ба ин муносибат қасидае гуфта ва низ моҳи навро хуҷаста донистааст:

Одинаву Меҳргону моҳи нав,
Боданд хуҷаста ҳар се бар хусрав.
(*Қатрон. Девон, с. 355*)

Фаррухӣ низ дар мавриди фаррух будани сари моҳ гӯяд:

Ҷашни Наврӯзу сари сол бар ӯ фаррух бод,
Чун сари сол бад-ӯ фарруху маймун сари моҳ.
(*Фаррухӣ. Девон, с. 361*).

Доктор Илоҳа Маърузӣ дар маколаи «Ишора ба чанд ойини куҳани эронӣ дар гулшани хаёлангези Рӯдакӣ», аз ҷумла, мисраъи «Маҳ ба бахти ту навҷувон омад»-ро бо истинод ба чопи аввали Девон дар таҳийяи мо, шарҳи ҷолиб додааст. Вай менависад: «Маҳ низ дар Меҳргон навҷавон аст, чун барои аввалин бор дар ин шаб аз хуршед нур гирифтааст. Берунӣ дар «Осору-л-боқия» мегӯяд: «Ва гӯянд, ки Ҳурмузд ба моҳ, ки онро гӯйи тира ва торике офарида буд, дар ин рӯз рӯшанӣ ва дурахшандагӣ бахшуд ва аз ин рӯй гуфтаанд, ки дар Меҳргон моҳ ба хуршед нигарон шавад» (Фаслномаи «Пож», 1387, шумораи дувум, с. 176).

**Хаз** – ҷонваре дорои думи дароз ва пӯсти гаронбаҳо ва дар ин шеър манзур пӯстинест, ки аз пӯсти ин ҷонвар дӯхта мешавад; **мулҳам** – навъе

порчаи абрешумӣ; **харгоҳ** – саропарда, хаймаи бузург; **мӯрд** – дарахти ҳамешасабз ва дорои баргҳои хушбӯй, аз баргҳои он барои сохтани басок (гулчанбар барои гузоштан ба сар) истифода мекарданд; **арғавон** – дарахтест дорои гулҳои сурх.

36. **Вор, вора** – бор, навбат, дафъа.

37. Ҷамшеди Сурушёр – муҳаққиқи эронӣ дар тақризи худ ба китоби Гузидаи ашъори Рӯдакӣ (пижӯҳиш ва шарҳи Ҷаъфари Шиъор ва Ҳасани Анварӣ) ишора кардааст, ин қасида дар «Нузҳатӯномаи Алоӣ», чопи муассисаи Мутолиъот ва таҳқиқоти фарҳангӣ (с. 26) ба Абулмаъолии Наҳҳос нисбат дода шудааст. (Гузидаи ашъори Рӯдакӣ, бахши "Бозёфт", с. 202). Ин қасидаро ба Фаррухӣ низ нисбат додаанд (тавзеҳоти И.С. Брагинский дар Рудаки. Стихи, стр. 451), вале дар девони ӯ наёмадааст.

**Род** – ҷавонмард, сахӣ; **Абасто-** Авасто, китоби муқаддаси мазҳаби зардуштӣ, ки аз панҷ қисм иборат буда ва ба ривояте дар 1200 пӯсти гов навишта шуда буд ва Искандари Мақдунӣ пас аз фатҳи Эрон онро ба оташ афканд; **Занд** – тафсири Авасто ба забони паҳлавӣ, ки дар замони Сосониён таҳийя шудааст; **гурм** – ғам, андуҳ.

39. Дар «Сиҳоҳу-л-фурс», зайли «фанд», с. 82 мисраъи аввал бо тасҳеҳи қиёсии аллома Деҳхудо ба сурати «Низ май бо некувон ҳаргиз наёяд тунду ханд» ва мисраъи севум зайли «ранд», с. 78 ба гунаи: «Қанд хур акнун, ки з-ӯ дур шавад заҳри ранд» омадааст. Дар ин ҳол байти аввал дар забти «Сиҳоҳу-л-фурс» аслан вожаи «фанд» надорад. **Данд** ва **рандро** фарҳангҳо яксон - «чизе бошад, ки даҳон ва гулӯ ба ҳам кашад, чун пӯсти анор ва монанди он» («Сиҳоҳу-л-фурс», зайли «ранд», с. 78 ва ниг. ФАР, зайли «данд», с. 86) шарҳ додаанд.

40. **Сарсар** – боди сахту сард.

42. Ин ғазал аз ашъори мансуб ба Рӯдакӣ аст. Устод С. Нафисӣ байти дувуми онро аз «Асрору-т-тавҳид» ва байти севумро аз «Доробнома», ки дар ҳар ду китоб бидуни номи гӯянда сабт шуда, ба ашъори Рӯдакӣ ворид кардааст (МААР, с. 457). Байти матлаъ, ки дар ҳеч маҷмуъаи осори Рӯдакӣ наёмадааст, аз номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ нақл шуд (Айнулқузот. Номаҳо. Теҳрон, ҷилди дувум, с. 321) ва мо бо устод Шафеъии Кадканӣ, ки ин байтро аз ҳамин ғазал медонад («Асрору-т-тавҳид», бахши дувум, с. 789) мувофиқем. Ин ғазал бо изофаи боз як байте, ки дар зайл меояд ва ба тартиб байти севум аст

Агар ҳазар кунам аз ишқи ту в-агар накунам,
Қазои бад чу биёяд, ҳазар чӣ суд кунад?

ва бо баъзе тағйири ҷузъии вожаҳо дар сойири абёт дар нусхае аз Девони Саноӣ омадааст. Аммо бо таваҷҷуҳ ба фосилаи замонии зиндагии Саноӣ ва Абусаъиди Абулхайр ва ин ки шеър танҳо дар як нусхаи Девони Саноӣ маҳфуз дар Кобул омада, ғазал ва ё ҳадди ақалл се байти он, ба ҷуз байти мазкур ба яқин аз ҳакими ғазнавӣ нест.

43. Ин қитъа ба Саид Ҳасани Ашрафии Самарқандӣ низ мансуб аст. И. Брагинский ӯро Саид Ҳасани Ашрафии Ғазнавӣ гумон карда ва девони ӯро ҷуста ва қитъаро дар он пайдо накардааст (Рудаки. Стихи, с. 450). Аммо Саид Ҳасани Ашрафии Самарқандӣ ба ҷуз ҳамноми ғазнавиаш мебошад. Муҳаммади Авфӣ соҳиби «Лубобу-л-албоб» тарҷумаи ӯро дар боби ёздаҳуми ин асар, ки “Шуъарои оли Салҷуқ баъд аз аҳди Муиззӣ ва Санҷарӣ” ном дорад ва тарҷумаи Сайид Ҳасани Ашрафи Ғазнавиро дар боби даҳум овардааст (ниг.: «Лубобу-л-албоб», с.757-763; 877-879). Вале

Авфӣ тарҷумаи ҳоли Ашрафии Ғазнавиро бо тарҷумаи Сайид Ҳасани Ғазнавии дигар, ки мамдуҳи Саноӣ буда, омехтааст. («Луғатнома», зайли Сайид Ҳасан). Муаллифони «Луғатнома Сайид Ҳасани Ашрафии Самарқандиро ба иштибоҳ аз шоирони мутааххир пиндошта ва ин чаҳор мисраъро ба нақл аз «Қомусу-л-аълом» ва ба сурати зайл аз қавли вай овардаанд:

То кай гӯӣ, ки ҳар ду олам,
Дар ҳастию нестӣ лаим аст.
Чун ту тамаъ аз ҷаҳон буридӣ,
Донӣ, ки ҳама ҷаҳон карим аст.

Ва дар ин сурат мантиқ дар байти аввал каме халал ёфтааст. Дар мавриди дигаре дар «Луғатнома» ин қитъа ба Боязиди Бистомӣ – орифи машҳур нисбат дода шудааст.

Ба ҳар сурат, қитъа бо сабки шеъри Рӯдакӣ ва замони ӯ тафовут дорад ва ба эҳтимоли қавӣ, мутааллиқ ба Сайид Ҳасани Ашрафии Самарқандӣ мебошад. Манобеъе ҳам ки қитъаро ба номи Рӯдакӣ овардаанд, пас аз қарни XYI таълиф шудаанд.

44. Дар «Луғати фурс», чопи Аббос Иқбол ва «Сиҳоҳу-л-фурс» байти аввалро ба шоҳиди «хушуд» оварда (муаллифи ФАР низ), ин вожаро «шохе бошад монида, ки бипероянд» шарҳ додаанд. Ҳама мураттибони ашъори Рӯдакӣ байтро ба сурате, ки мо низ сабт кардем, нақл кардаанд. Ҷаъфари Шиъор онро чунин шарҳ додааст: «ҳарчанд ҷойи узрхоҳӣ бисёр буд, аммо фурсат набуд, ба ночор чунонки буд, бе узрхоҳӣ аз сари тақсирам гузашт» (Девони шеъри Рӯдакӣ, с. 21) Муҳаммадалии Сипонлу шоир ва донишманди эронӣ, ки чанд шеър дар васф ва пайравии Рӯдакӣ

дорад ва муҳаққиқ низ ҳаст, дар шеъре эҳдо ба Аҳмади Шомлу мисраъи аввали ин шеърро ба сурати «Агарчи *умр* басе буд, рӯзгор набуд» тазмин кардааст, ки қобили тааммул аст ва шояд асли дурусти мисраъ низ ҳамин бошад. Валлоҳу аълам!

Дар «Луғатнома» байти дувумро дар зайли «ситудан» ба сурати мундариҷ дар матн ва дар ду маврид, зайли «Худо» ва «Кирдигор» ба сурати «Худойро *наситудам,* ки Кирдигори ман аст, Забонам аз ғазалу мадҳи бандагон-ш *бисуд*» забт намудаанд, вале рӯшан нест, ки онро аз маъхазе иқтибос ва ё худ бо тасҳеҳи қиёсӣ ислоҳ кардаанд. Байт дар ин сурати ислоҳкарда оҳанг ва мазмуни байте аз Кисоиро ба ёд меоварад:

Ба хидмат кардани махлуқ рӯйи хеш бишхудам,
Накӯҳишро сазоворам, ки ҷуз махлуқ настудам

Байтҳои севуму чаҳорум аз нусхаи панҷобии «Луғати фурс», с. 87 афзуда шуд.

Байтҳои панҷуму шашум ба Мунҷики Тирмизӣ ҳам мансуб аст. (Ниг.: «Шоирони аҳди Сомониён», с. 127; «Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ», с. 199 – 200). Устод Нафисӣ ин ду байтро бо чанд байти дигари қасидаи Мунҷик дар васфи амир Абумуҳаммади Аббос номе пайваста ва ин шоири тирмизиро муаллифи аслии абёт донистааст (МААР, саҳ. 465-466).

45. Ин қасида, ки бо номҳои «Қасидаи дандония» ва «Шикоят аз пирӣ» машҳур аст, яке аз ду қасидаи комили ба мо расидаи Рӯдакист, ки дар мансубияти он ба Одамушшуъаро шак ҳам нест ва аз ин назар барои муъайян кардани ҷаҳоншиносии Рӯдакӣ ва ҳунари шоирии ӯ хеле муҳим аст. Адабиётшинос Абдунабӣ Сатторзода дар таҳқиқи ин қасида мақолаи муфассале нигошта ва онро аз

абъоди мухталиф баррасӣ кардааст (Ниг.: А. Сатторзода. Кӯҳна ва нав. Душанбе, чопхонаи «Пайванд», соли 1384 ҳ. ш., с. 16-31).

**«Гирдгардон»** – ҳаракати ҳамешагии давронӣ. Гирдгардон будани ҷаҳон маншаъ дар андешаи эрониёни бостон ва умуман ҳиндуурупоиён дорад. Ин аст, ки Фирдавсӣ ҳам мукаррар аз ин тавсиф барои сипеҳр, фалак истифода мекунад:

Дигар ин ки ин гирдгардон сипеҳр,
Ҳаме нав намояд-т ҳар рӯз чеҳр.

Чунин дод посух, ки он кас, ки меҳр
Надорад бар ин гирдгардон сипеҳр.

Хирад нест бо гирдгардон сипеҳр,
На пайдо бувад ранҷу хашмаш зи меҳр.

Ва низ сабаб ин аст, ки бештари исмҳои сипеҳр дар форсӣ – фалак, гардун, чарх далолат бар гардандагии он мекунанд. Ҳамчунин дар асотири ақвоми мухталифи ҳиндуурупоӣ Хуршед савори гардуна («гардуна» низ аз решаи «гардидан» аст) аст, ки реша дар ин андешаи бостонӣ дорад.

Рӯдакӣ бо ташбеҳи ҷаҳон ба «чашми гирди гардон» ҳамчунин Инсон (Олами сагир)-ро бо Кайҳон (Олами кабир) ташбеҳ мекунад, ки маншаъи онро ҳам дар ҷаҳоншиносии ориёиҳои бостон бояд ҷуст. Ин андеша баъдан дар афкори исломӣ ва масеҳӣ тавсиъа пайдо кард.

**«Моҳрӯйи ғолиямӯй»**-ро, ки дар панҷ манбаъи ин шеър омада (дар ду маврид ба шакли ғалати ғолиябӯй, ниг.: Рӯдакӣ. Ашъор, саҳ. 20), ба сабаби роиҷ будани ин таркиб дар осори шоирони сабки хуросонӣ, ки шояд аз ҳамин шеъри Рӯдакӣ иқтибос кардаанд, бар «**моҳрӯйи мушкинмӯй**», ки сойи-

ри таҳиякунандагони ашъори устод писандидаанд, бартарӣ додем. Мунҷики Тирмизӣ гуфта: «Куҷо шуд он санами *моҳрӯйи голиямӯй»* («Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ», с. 206). Фаррухӣ сурудааст: «Ҷавоб додам, к-эй *моҳрӯйи голиямӯй».* Ва боз ӯ гуфта: «Ба лоба гуфтамаш, эй *моҳрӯйи голиямӯй»* (Фаррухӣ. Девон, с. 128 ва 240). **«Ба рӯйи ӯ дар чашмаш»** – ин таркиб дар ҳама манбаъҳо «ба рӯйи ӯ дар чашмам» омада, вале Муҷтабо Минувӣ (Ниг.: Гузинаи ашъори Рӯдакӣ, с. 65) ва А. Сатторзода («Кӯҳна ва нав», с. 23) ҳадс задаанд, бояд «чашмаш» бошад ва ҳадси эшон дуруст аст. Шоир зебоӣ ва ҳусни ҷавонии худро тавсиф мекунад ва мегӯяд, басо нигор, ки мардум аз зебоии онҳо дар ҳайрат буданд, чун ба рӯйи ман менигаристанд, чашмашон аз зебоӣ ҳайрон мешуд. **«Ғам ба нуқсон буд»-** ин ривоятро, ки дар Сафинаи ашъори мутааллиқ ба қарни даҳуми ҳиҷрӣ омадааст (Рӯдакӣ. Ашъор, с. 21) ба ҷуз Ҷаъфари Шиъор ва Асрори Раҳмонфар дигар танзимкунандагони осори шоир сарфи назар карда ва шакли "бими нуқсон буд" ва ё "бим нуқсон буд"-ро бар он тарҷеҳ додаанд. Аммо бо таваҷҷуҳ ба таносуби калом ва мундариҷаи умумии қасида, ки бар тазод асос дорад (аз ҷумла, дар ин мисраъ «нишот» дар муқобили «ғам») шакли дуруст «ғам ба нуқсон буд» аст. **«Набиди рӯшану овози хубу рӯйи латиф»** – «овози хуб», ки нисбат ба «дидори хуб»-и сойири манобеъ муносибтар ба назар мерасад, аз тазкираи Амин Аҳмади Розӣ («Ҳафт иқлим», ҷилди севум, с. 1516) иқтибос шуд. **«Нишони номаи мо меҳру...»** шореҳи Гузинаи ашъори Рӯдакӣ (с. 65) ҳамин тавр хонда ва шарҳ додааст ва зоҳиран, дуруст ҳамин аст, на муҳр, ки нашрҳои тоҷикистонӣ овардаанд. **Хулқон** – кӯҳна; **дебо –** порчаи абрешумии рангин; **қатрон** – моеъе, ки аз ҷӯшонидани чӯби хушки санавбар

ва бархе дарахтони дигар таҳия мешуд ва аксаран ранги сиёҳ дошт; **хамесахт** – аз феъли сахтан – вазн кардан, баркашидан, дар ин ҷо арзиш кардан ва пардохтан; **бинвашт** – аз наваштан, ба маънии гардидан, мунташир шудан; **ҳумлон** – коло ва матоъе, ки ба сутур бор ва нақл кунанд.

46. Аксари нашрҳои тоҷикистонии осори устод, ба ҷуз ДОШ, ва бархе чопҳои Теҳрон мисраъи аввалро ба шакли "Май орад шарафи мардумӣ падид" овардаанд, ки дуруст нест. Шараф сифати мард тавонад буд, на мардумӣ, ки худ сифат аст ва аз сифат сифат падид намеояд.

Аллома Деҳхудо бо тасҳеҳи киёсӣ ба ҷойи «шараф» «гуҳар» овардааст. Ва чанд байт аз «Шоҳнома» дар тавсифи май далел бар дурустии тасҳеҳи ин донишманди шаҳир тавонад буд:

Чу пирӣ дарояд зи ногаҳ ба мард,
Ҷавонаш кунад бодаи солх(в)ард.
Ба бода дарун гавҳар ояд падид,
Ки фарзонагавҳар бувад ё палид.
Чу баддил хурад, мард гардад далер,
Чу рӯбаҳ хурад, гардад ӯ тунд шер.

Ва маъхази андешаи ҳам Рӯдакӣ ва ҳам Фирдавсӣ ақидаи роиҷи тоисломии эрониён аст, ки дар номаи «Достони Мену хирад» ба гунаи зайл омадааст: «Дар бораи май пайдост, ки гуҳари неку бадро бо май метавон ошкор кард... Чи марди некугуҳар май хӯрад, монанди ҷоми зарин ва симин (аст). Ҳарчанд онро беш афрӯзанд, поктару равшантар бувад ва андешаву гуфтор ва кирдорро нектар дорад ва дар (нисбати) зану фарзанд ва ёрону дӯстон нармтару ширинтар бувад ва ба ҳар кори нек кӯшотар.

Ва марди бадгуҳар чун май х̄урад, хештанро аз андоза бештар пиндорад ва бо ёрон набард барад ва масхараву истеҳзо кунад. Ва мардуми некро таҳқир кунад ва зану фарзанду банда ва парастори хешро биозорад, меҳмонии неконро барҳам занад ва оштиро бибарад ва хашмро оварад» («Адабиёти паҳлав̄и», с. 194).

**Ҳисн** – қалъа, диз.

47. Ин шеър бидуни зикри номи г̄уяндаи он дар «Асрору-т-тавҳид» (ниг.: бахши аввал, с. 332) омада ва С. Нафис̄и онро ҳам мутааллиқ ба Р̄удак̄и донистааст.

48. **«Яшки наҳанг...»** аз «Луғатнома»-и Деҳхудо иқтибос шуд. Дар соири маъохиз «неши наҳанг» ва «бешак, наҳанг» аст.

49. **«Анде».** Дар ин шеър ба маънии "шукр, сад шукр. Миннат Худойро. Сипос" омада («Луғатнома»-и Деҳхудо). Саной̄ низ ин вожаро ба ҳамин маън̄и ба кор бурдааст:

Гар соли умри ман ба сар ояд раво бувад,
Анде, ки соли ишқ ҳамеша ба ҷо бувад.

(*Саной̄. Девон, с. 766*)

Дар «Туҳфату-л-аҳбоб», с. 219 байти зайл ба Баҳромии Ироқ̄и номе нисбат дода шуда, ки хоҳ таҳрифе аз гуфтаи Р̄удак̄и бошад ва хоҳ байти худи Баҳром̄и, ки ба тақлиди устод суруда, муъайиди «шукр» ва «сад шукр» будани «анде» мебошад:

Сад шукр, ки фир̄уз зи лашкар шаҳи хубон,
Боз омада, то ҳар шафаке жож нахояд.

**Шафак** – нодон, аблаҳ, палид, нобакор; **жож** – гиёҳе буда, ки онро бархе фарҳангҳо тарае, ки ба

дӯғ кунанд ва бархе дигар, гиёҳе дар ниҳояти бемаззагӣ донистаанд, ки ҳатто шутур наметавонад фурӯ барад ва аз ин ҷо *жож ва жож хоидан* ба маҷоз, сухани беҳуда ва ёва бувад.

50. Ин тағаззул дар «Асрору-т-тавҳид» ва баъзе байтҳои он дар номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҳамчунин ба гувоҳии Шафеъии Кадканӣ дар тафсири Майбудӣ мавсум ба «Кашфу-л-асрор» бидуни номи гӯянда омадааст. «Устод Аҳмад Гулчини Маъонӣ дар мақолаи «Оли Бунҷир»-и худ, зимни гузориши аҳволи Абуҳафси Бунҷир аз муосирони Абусаъиди Абилхайр сурати дигаре аз ин ғазалро, ки баъзе абёти он комилан мутафовит бо ин газал аст, аз тазкираи «Арафоту-л-ошиқин»-и Тақиуддин Муҳаммад Ҳусайнии Авҳадии Балёнӣ (фароҳамомада дар фосилаи 1022 то 1024) ба номи Абуҳафси Бунҷир нақл кардаанд».

Баъдан устод Кадканӣ ба нақл аз мақолаи Аҳмад Гулчини Маъонӣ оварда, ки Абуҳафси Бунҷир «ин ғазалро дар фироқи нури дидаи хеш Бунҷири сонӣ гуфта, ба Ҳиҷоз фиристода ва баъд аз муддате худ низ ба вай пайваст:

Ҳар бод, ки аз савби Яман сӯйи ман ояд,
Чун бӯйи Худо аз дами Вайси Қаран ояд.
Он бод муаттар кунад офоқи ҷаҳонро,
В-аз партави ин бӯй насими Яман ояд.
Аз гояти атре, ки расад ҷониби ёрон,
Гӯянд, ки ин тоза насим аз Хутан ояд.
Не,не, ғалатанд, аз Хутан ин бод наёяд,
Бал нафҳаи мушк аст, ки аз ёри ман ояд.
Ҳар шаб нигаронам ба Яман то ту бароӣ,
Зеро ки Суҳайлию Суҳайл аз Яман ояд.
Ҳарчанд бикӯшам, ки ҳадиси ту нагӯям,
З-аввал суханам номи ту андар даҳан ояд.
Бунҷир чу Яъқуб шавад чашми ту рӯшан,
К-аз Юсуфи Мисрат хабари пираҳан ояд.

Устод Гулчини Маъонӣ дар зайли ин ғазал навиштаанд: «Ин ғазалро устоди фақид Саъиди Нафисӣ бо мухтасари таҳрифе ба номи Рӯдакӣ ба Маскав фиристоданд ва дар китоби Осори манзуми Рӯдакӣ, с. 334 чопи Маскав, 1964 дарҷ шуд». Аммо ҳақиқати қазия ин аст, ки он чӣ марҳум Нафисӣ ё ноширони Девони Рӯдакӣ чоп кардаанд, ҷуз байти панҷум ва шашум ҳеч рабте ба ин ғазал надорад. Дуруст аст, ки марҳум Нафисӣ ҳар шеърерo, ки номи Бухоро дошт, ба номи Рӯдакӣ меовард, аммо он чи дар Девони Рӯдакӣ омада, ҳамон ғазале аст, ки Бусаъид мехонда ва тасаввур меравад, ки Буҳафси Бунҷир ҳамин ғазалро дар асари унс ва улфат бо Бусаъид дар Нишобур шунида будааст ва ғазали хешро ба иқтифои он суруда ва он ду байтро ба сурати тазмин дар хилоли ғазали хеш нақл кардааст. Марҳум аллома Қазвинӣ низ ҳадс задааст, ки ин ғазал аз Рӯдакӣ бошад». (Таълиқоти Шафеъии Кадканӣ бар «Асрор-ут-тавҳид», ҷилди дувум, с. 790-791) .

Байти чаҳоруми ғазал барои аввалин бор дар ОР дар бахши «Ашъори ба тариқи илова равон кардаи Саид Нафисӣ» омада ва аз он ба дигар нашрҳои ашъори шоир дар Маскаву Тоҷикистон ворид шудааст. Аммо ин байт на дар «Асрору-т-тавҳид» мавҷуд аст ва на дар бахши ашъори Рӯдакии китоби худи устод Нафисӣ ва зоҳиран аз ғазале аз девони Мавлоно (ниг.: МААР, саҳ. 461) гирифта шудааст.

**Суҳайл** – ситорае дурахшон ва рӯшан дар самти ҷанубии осмон. Дар қадим машҳур буда, ки ин ситораро аввал аҳли Яман мебинанд ва ба ин сабаб ағлаб бо номи Яман як ҷо омада ва онро Суҳайли ямонӣ ва Суҳайли яманӣ низ гуфтаанд.

52. **«Се пироҳан салаб будаст Юсуфро ба умр андар».** Ин мисраъ дар ҳама нашрҳои осори шоир

дар Тоҷикистон ва Эрон ба ҳамин сурат омада ва зоҳиран, дуруст аст. Зеро агарчи Юсуф тӯли умр пироҳан фаровон доштааст, албатта, аз ин миён «се пироҳан» самар шуда ва шуҳрат ёфтаанд. Ва аммо бо таваҷҷуҳ ба қиссаи Юсуф тавонад буд, ки ба ҷойи «салаб» дар ин мисраъ «салб» буда бошад. **Салб** – кандан, кашидан, гирифтан аст ва сухан дар қитъаи Рӯдакӣ низ аз се пироҳанест, ки аз тани Юсуф ба қаҳр (ду пироҳани аввал) ва ихтиёрӣ кашида шудаанд. Аз се тарҷумаи русии ин қитъа, ки дар ихтиёр дорем, ду тарҷума мутааллиқ ба муҳаққиқони адаби форсӣ аст ва ишон низ ин вожаро «салб» хонда ва тарҷума кардаанд ва танҳо дар яке, ки тарҷумаи бадеӣ аст, «салаб» манзур будааст.

Тарҷумаи М.И.Занд:

*Трех рубашек лишился Иосиф Прекрасный за свою жизнь.*

Тарҷумаи Н. Османов:

*У Иосифа в жизни были отняты три рубашки.*

Тарҷумаи В. Левик:

*Все три носил Иосиф, прославленный красотой.*

(*Ниг. Тагирджанов. А.Т. Рӯдакӣ, с. 74*)

53. **«Ҳамчу чашмам тавонгар аст лабаш»**. Дар ҳама манобеъ ва маҷмуаҳои ашъори шоир ба ҷойи «лабаш» «лабам» омада. Ва Ҷаъфари Шиъор ва Ҳасани Анварӣ дар шарҳи он овардаанд: «мурод он аст, ки аз чашмам ашки хунин меборам (лаълмонанд) ва бо лабам шеърҳои чун луълуъи шоҳвор мегӯям; пас ҳар ду тавонгар аст» (Гузидаи ашъори Рӯдакӣ, с. 138). Аммо бо таваҷҷуҳ ба муҳтавои ду байти аввал, ки бо истифода аз санъати ҷамъу тафриқ зулфи маъшуқ ва ҳоли худро ташбеҳ карда ва ин ки дар шеъри форсӣ ҳамеша лабро ба лаъл ва ашкро ба луълуъ ташбеҳ кардаанд, дар ин

мисраъ «лабаш» муносибтар аст. Ҳамчунин «он» дар мисраъи дувуми байти охир ба лаби маъшуқаи дур ва «ин» ба чашми ошиқ, ки шахси шоир аст, ишора мекунад.

54. Мисраъи аввали ин қитъа дар маохиз ба шакли пургалат ва номафҳум омада ва боис бо он шудааст, ки устод С. Нафисӣ шеърро бемаънӣ донад ва гоҳе шарҳҳои ғариб низ аз он кардаанд (ниг.: Девони Рӯдакӣ, с. 108; Гузидаи ашъори Рӯдакӣ, с. 138) Шакли саҳеҳи он аз нусхаи панҷобии "Луғати фурс" (с. 76) иқтибос шуд. Чунонки аз муҳтавояш пайдост, қитъа дар ҳаҷв ва мазаммати табиб аст ва ин ки онро дар дунбола ва пайваста бо қитъае шеъри ошиқона (шумораи 53) овардаанд, низ хатост.

55. **«Магар як сӯ афкан….».** Дар чопҳои Тоҷикистон ва Маскав ин мисраъ ба сурати "Магӯ як сӯ афкан…" омада, ки хатост. Мазмуни байт: агар биандешӣ ва бо чашми хирад бингарӣ, бидуни қайду шарт (магар) ҳам чунон аст, ки гуфтам (дар байти аввал).

**Соиқа** – барқ; **кирдигор** - дар ин ҷо – амдан, қасдан.

57.**Шахкоса** – жола, тагарг, яхча.

59. **Шаман** – ин вожа, ки аз санскрит вориди забонҳои дигар, аз ҷумла форсӣ шудааст, дар асл руҳонии ойини буддоӣ ва обиди буддоиро мерасонад. Аммо дар форсӣ маънии умуман бутпараст касб кардааст. Дар шеъри шуъарои сабки хуросонӣ, асосан ба ошиқ ташбеҳ шуда. **Фархор** – дайри буддоӣ. Ин вожа ва «баҳор» ва «навбаҳор», ки низ ба маънии бутхона аст, дар шеъри форсӣ ба маънии маҷозии маъдан ва макони хубон ва зеборухон ба кор рафтааст. «Ҳудуду-л-олам» ҳамчунин аз шаҳре бо номи Фархор дар Таббат ёд карда. Вале бо таваҷҷуҳ бар ин ки «фархор» –ро аз решаи

вожаи суғдии «барғар» ва «барғар»-ро маъхуз аз калимаи санскритии «виҳоро» донистаанд ва низ ҳадси бархе ховаршиносони уропоӣ, ки «фархор» ва «барғор»-ро аз решаи эронии «парухувосар», яъне пур аз шодӣ медонанд (ниг.: «Луғатнома» ва Фарҳанги форсии Муъин, ҷилди шашум, зайли «Фархор»), «Фархор» ном доштани шаҳре дар Таббат баъид ба назар мерасад, магар ин ки эрониҳо худ, чунонки расми эшон буда (ва ин маънӣ аз «Ҳудуду-л-олам» ва дигар китобҳои ҷуғрофиёии форсӣ ба хубӣ маълум мегардад) яке аз шаҳрҳои ин сарзаминро чунин номе гузошта бошанд. Ва аммо, чунонки бисёр воқеъ уфтода, ин воқеияти тахайюлӣ дар шеъри форсӣ ба воқеияти адабӣ табдил шуда ва шоирон дар васфи зеборухони ин шаҳр шеърҳо гуфтаанд. Вале ин амрро ҳам бояд дар назар дошт, ки дар бештарини ашъор, ки исми «фархор» омада манзури дур бутхона ва манзури наздик макони зеборӯён асту бас.

61. Ин қитъа танҳо дар нусхаи панҷобӣ (лоҳурии) «Луғати фурс» (1365, с. 105) маҳфуз монда ва аз он ҷо нақл шуд.

62. **Усфур** – гунҷишк.

63. **Дун** – пастҳиммат ва хасис; **жакур** – пастҳиммат, дунҳиммат, хасис, сифла, мумсик.

64. Ин шеър дар расоили «Ихвону-с-сафо» бидуни зикри номи гӯяндаи он омада ва С. Нафисӣ бо қаринаҳое онро мутааллиқ ба Рӯдакӣ донистааст.

**Зер** – сози мусиқӣ; **нахчир** – сайд, ҷонвари шикорӣ.

65. Дар ҳамаи маҷмуъаҳои осори шоир нашри Тоҷикистон (ба ҷуз ДОШ) ба ҷойи «валӣ» «вило» омада, ки хатост. «**Валӣ**»- дӯст, ҷуфти мухолифи

«аду» – душман дар мисраъи аввал аст ва ин ҷуфт дар шеъри шоирон зиёд омада.

66. Мисраъи аввали байти панҷум дар ҳама нусхаҳои «Таърихи Байҳақӣ» ба сурати «Ин ҳама боди дев бар ҷон аст» омада (Ниг.: «Таърихи Байҳақӣ», 1371. с. 502; 1388, с. 350) **Боду буд** – шукӯҳу ҷалол, карру фар (Гузидаи ашъори Рӯдакӣ, с. 123).

68. **Роиз** – ромкунандаи асп, он ки кураи аспро саворӣ омӯзад, чобуксавор.

69. **Сипарам** – испарам, испарғам, райҳон. Ба назар мерасад гузоштани испарғам рӯйи хон дар қадим аз ойинҳои наврӯзӣ будааст ва онро нек медонистаанд. Чунончи, дар байти зайли Фаррухӣ низ ин маънӣ пайдост:

Ба базм андарун дилфурӯзи ту бодо
Ба ду фасл ду мояи шодмонӣ.
Ба вақти баҳор испарағми баҳорӣ,
Ба вақти хазонӣ асири хазонӣ.

*(Фаррухӣ. Девон, с. 365)*

**«Дар маҳи баҳман битозу ҷони аду сӯз».** Ин мисраъ шояд ишора ба ҷашни Сада бошад, ки чиҳил рӯз қабл аз Наврӯз таҷлил мешуд ва яке аз ойинҳои ин ҷашн чунон буда, ки ҳайвоноти ваҳширо оташ мезаданд ва раҳо мекарданд. **Фанорӯз** – маҳалле дар наздики Самарқанд, ки майи он ҷо шуҳрат дошт.

70. Байти аввалро ба Абулаббос ҳам нисбат додаанд.

Дар ёддоште аз аллома Деҳхудо дар ҳошияи «курез» дар «Луғатнома» роҷеъ ба «хурдағурез» омадааст: «гумон мекунам «курез» ин ҷо ҳамон бошад, ки дар «бози курезӣ» гӯянд, яъне тулаккарда ва дар ин ҷо «хурдагурез» душномгунае

бошад ба рӯзғор, яъне паррехта ва лакната, ё маҷозан коркарда ва озмуда ва муҷарраб».

**«Чу фазли мир Абулфазл...».** Соҳибони «Луғатнома» ва ФАР (с. 18) Абулфазл дар ин байтро Абулфазл Муҳаммад ибни Убайдуллоҳи Балъамӣ вазири шоҳони сомонӣ ва сарпарасту мамдуҳи Рӯдакӣ пиндоштаанд. Аммо Рӯдакӣ ба ҳеч ваҷҳ наметавонист ба вазире, ки аз хонадони шоҳон набуда, «мир» хитоб кунад. Устод Саъиди Нафисӣ бо таваҷҷуҳ бар ин, ки «аз умарои сомонӣ касе, ки Абулфазл кунният дошта бошад, нест ва дигареро аз риҷоли он аср ҷуз Сомониён лақаби «амир» дархур набуда» ба натиҷа мерасад, ки дар ин мисраъ «дар асл Абунаср буда, ки куннияти Аҳмад ибни Исмоил бошад ва онро бо Абулфазл таҳриф кардаанд» (МААР, с. 304). Ҷаъфари Шиъор ва Ҳасани Анварӣ (Гузидаи ашъори Рӯдакӣ, с. 195), Халил Хатиби Раҳбар (Рӯдакӣ. Гузинаи сухани порсӣ, с. 35) ва И.С. Брагинский (Рӯдаки. Стихи, с. 455) бидуни истинод ба маъхазе «мир Абулфазл»-ро Наср ибни Аҳмади Сомонӣ донистаанд Ба ақидаи мо, афзун бар ҳадси устод Нафисӣ, ҳамчунин тавонад буд, ки «Абулфазл» куннияти нафаре аз хонадони бузурги сомонӣ бошад (ғайр аз шоҳон), ки дар таърихномаҳо куннияташ зикр нашуда ва ё боқӣ намонда.

**Набахра** – пули қалб ва носара; **пашиз** – пули мисин, камбаҳо.

71. Байти севуми қитъа аз «Луғатнома», ки онро бидуни истинод ба маъхазе дар зайли «нокас» овардааст, нақл шуд. Ин байт дар маҷмуъаҳои осори шоир ба сурати

Гарчи номардум аст, меҳру вафош,
Нашавад ҳеч аз ин дилам паргас (ё баргас)

омада, ки маънои рӯшане надорад. Агар воқеъан, асли байт ба сурати наздик ба ин ривоят буда бошад, пас бояст мисраъи аввали онро ба сурати “гарчи номардумист меҳру вафош” ислоҳ кард, мушобеҳ ба он чӣ Огоҷӣ гуфта:

Туро фазилат бар хештан тавонам дид,
Валек фазлат номардумисту бехатарӣ.

Ва дар мисраъи дувум ба ҷойи «ҳеч аз ин» «сер аз ӯ» бояст овард.

**Ҷофҷоф** – фоҳиша, ҷалаб, зани бадкора; **зудғарас** – тундхӯ ва зудхашм.

**Паргас (паргаст)** - мабодо, ҳошо, ҳаргиз. Дар бораи иштиқоқ ва мавориди мухталифи истифодаи ин калима ниг.: Муҳаммади Ҳасандӯст. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ, с. 262; Алии Равоӣ. Фарҳанги «Шоҳнома», ҷ. якум, с. 544.

73. Байти аввали ин қитъа аз «Луғати фурс», чопи Аббоси Иқбол вориди маҷмуаҳои осори шоир шудааст, аммо байти дувум, ки дар ҳеч нашри ашъори Рӯдакӣ наёмада, ҳамроҳ бо байти аввал мукаррар дар «Лугатнома» забт шудааст ва аз он ҷо иқтибос шуд. Аллома Деҳхудо ҳамчунин дар шарҳи ин қитъа дар мақолаи «Абуязид» (дар бораи Боязиди Бистомӣ) овардааст: «Умраш чун ба охир омад, дар меҳроб шуд ва зунноре баст ва пӯстине дошт, божгуна пӯшид ва кулоҳ божгуна дар сар ниҳод ва гуфт: «Илоҳо!» Ва сипас дар ҳошия навиштааст: «Яке аз маросими аҷиби эрониёни қадим, ба далели ҳамин амали Боязид пӯшидани ҷомаи божгуна аст ҳангоми дуо ва дар луғатномаҳо, дар калимаи «ашан», ба маънии «ҷомаи божгуна» ин қитъаи Рӯдакӣ омада аст». Ва ин чаҳор мисраъро нақл карда, вале ишора

накардааст, қитъа ва байти дувуми онро, ба хусус, аз чӣ манбаъе ахз карда.

Дар филми мустанади синамогарони тоҷик дар бораи Наврӯзи Бадахшон, маросими кишти баҳории ғалла дар водии Вахон намоиш дода мешавад, ки деҳқон ҳангоми пошидани барз пӯстини худро чаппа мепӯшад ва ин амал, ки бешак бозмондаи расм ва эътиқоди бостонист, чунин шарҳ дода мешавад, ки дар ин сурат ғалла ҳосили фаровон медиҳад.

74. Ин қитъа дар манобеъи чанд қарни охир (тазкираи «Оташкада», «Мунтахаботи форсия», «Мадориҷу-л-балоға» ба номи Рӯдакӣ забт шуда ва дар Девони Қатрон (саҳ. 485 ) низ омадааст.

**Раҳӣ** – банда, чокар. Калима «ба маънии банда аз раҳидан аст, яъне раҳидашуда ва озодкарда, на аз роҳу раҳ» (Луғатнома, зайли “раҳӣ”).

76. **Лак** – аблаҳу нодон, содалавҳ. Дар гӯиши мардуми Панҷекат вожаи «лака» ба маънои пурҳарф ва ҳарзагӯй мавриди истифода аст, ки аз ҳамин вожа бо изофаи пасванди «а» сохта шуда ва низ таркиби «лакаю сода» муъайиди ҳамин маъно аст. Гумон мекунам, вожаҳои «лиқон», «лиқонак» ва «дум ликондан» ба маънии чизе ноустувор ва ҷунбанда низ аз ҳамин реша бошад. Ва дар афсонаи мардумии «Лаку Пак», ки аз ҳаёти зану шӯйи содалавҳ аст, низ номи завҷ пайванд бо маънои ин калима дорад.

**Лаку пак** – рафту омад, такупӯй.

77. Охири мисраъи дувум дар шаклҳои «амиру мулук» ва «амиру буюк» (ё буюг) низ омадааст. Аллома Деҳхудо зимни ёддоште зайли ин байт навиштааст «калимаи «мулук» -- ҷамъи маликро атф бар амир кардан аз фасоҳати Рӯдакӣ дур аст. Агар «буюг» хонда шавад, ин айб дар кор нест (Луғатнома, зайли «буюг»). Муҳаммади Қазвинӣ

низ ин қитъаро ба муносибати истифодаи вожаи «сук» дар он мавриди тааммул қарор додааст. «Марҳум Қазвинӣ дар ҳошияи Девони Ҳофиз навишта: «сук» ба замми «син» ба маънии мотам ва мусибат, зоҳиран бо «коф»- арабӣ аст, чи дар фарҳанги Сурурӣ онро дар боби «син ба кофи тозӣ» зикр кардааст, қабл аз боби «син ба кофи форсӣ» ва илова бар ин, Рӯдакӣ дар байте, ки дар фарҳанги Асадӣ (чопи Иқбол) мазкур аст, онро бо мулук қофия бастааст. Вале дар фарҳангҳое, ки дар Ҳинд таълиф шудааст, аз қабили «Ҷаҳонгирӣ» ва «Ғиёсу-л-луғот» ва «Муъайиду-л-фузуло» ин калимаро бо кофи форсӣ забт кардаанд ва зоҳиран ин талаффуз талаффузи ҳиндӣ бояд бошад. Оқои Деҳхудо дар ин маврид навиштаанд: дар луғат-номаи Асадӣ «коф» ва «гоф»-ро дарҳам рехта ва муҷаззо накардаанд ва «мулук»-и чопи Асадӣ ғалат аст ва атфи «мулук» бар «амир» дуруст ё фасеҳ нест. Ба ҷои «мулук» дар шеъри Рӯдакӣ «буюг» аст... Ва Рӯдакӣ дар шеъри дигар боз ҳамин маъниро овардааст ба ҳамин калима

Бас азизам бас гиромӣ солу моҳ,
Андар ин хона ба сони навбуюг.

Ва «буюг»-ро дар фарҳангҳо ба «коф»-и форсӣ забт кардаанд. Пас зоҳиран, забти фарҳангҳое, ки «сӯг» бо «коф»-и форсӣ аст, саҳеҳ аст. Бо ин ҳама иттилоъе комил надорам, зеро қудамо «коф» ва «гоф»-ро гоҳе қофия кардаанд. («Ёддоштҳо дар бораи Ҳофиз». Маҷаллаи "Дониш", соли 2, шумо-раи 8, с. 402-403) (Иқтибос аз ҳошияи «Бурҳони қотеъ», ҷилди 2, саҳ 1189- 1190). Ва аммо зоҳиран, шакли «судуру мулук», ки низ дар яке аз нусахи Луғати фурс омада ( ниг.: Рӯдакӣ. Ашъор, с. 40) ва

муносибтар ба назар мерасад, барои аллома Деҳхудо пӯшида будааст.

**Судур** – ҷамъи садр, вазирон, бузургон.

80. Ин қитъа аз китоби Абдуллоҳ ибни Муҳаммад. Иршод…, с. 99 нақл шуд.

81. Ин қитъа бо каме дигаргунӣ дар «Соҳибия»-и шайх Саъдӣ омадааст:

Касон, ки талхии ҳоҷат наёзмудастанд,
Туруш кунанду битобанд рӯ зи аҳли суол.
Туро, ки мешунавӣ тоқати шунидан нест,
Қиёс кун, ки дар ӯ худ чи гуна бошад ҳол.

*(Саъдӣ. Куллиёт, с. 854)*

Лекин ба яқин маълум нест, шеъри Рӯдакист, ки вориди китоби Саъдӣ шуда ва ё дар асл моли Саъдист, ки нассохон бо каме дигаргунӣ ва ба иштибоҳ ба номи Рӯдакӣ навиштаанд.

82. Устод Нафисӣ ин ғазалро, ки се байти аввали он дар «Асрор-ут-тавҳид» аз забони Абусаъиди Абулхайр нақл шудааст, мансуб ба Рӯдакӣ донистааст. Аммо дар қофияи шеър ва бархе вожаҳои дигар дар матни «Асрор-ут-тавҳид» (бахши аввал, с. 333- 334), ки мо шеърро аз он нақл кардем, тафовутҳои зиёде бо матне, ки С. Нафисӣ (МААР, с. 504-505) ва ба пайравӣ аз ӯ дигар таҳийякунандагони осори шоир овардаанд, дида мешавад.

83. **Сутом** – андак, кам; **фарғул** – ғафлат, диранг ва таъхир кардан дар анҷоми коре.

84. Ин қитъаро Муҳаммади Иқбол донишманди покистонӣ аз «Хуррамнома»-и Алӣ ибни Абинаср ибни Алӣ маъруф ба Абулҳусайни Ӯзҷандӣ, ки дар қарни панҷуми ҳиҷрӣ таълиф шуда будааст, ахз карда ва дар мақолаи худ «Баъзе ашъори шуарои қадим дар китоби «Хуррамнома» (соли 1947, ба забони урду), дар маҷаллаи донишу

кадаи ховаршиносии Донишгоҳи Панҷоб нашр кард. Баъдан ин мақола дар китоби «Мақолоти мунтахабаи маҷаллаи донишкадаи ховаршиносӣ», дар соли 1967 ҳам чоп шудааст.

Бояд гуфт, «Хуррамнома» дар асл дар ду ҷилд буда, вале ҷилди дувум – дар ҳазл мафқуд шуда ва нусхаи мунҳасир ба фарди ҷилди аввал – дар ҷидд дар тамаллуки Муҳаммад Иқбол будааст. Дар ин китоби нодир ҳамчунин абёте тозае аз Шаҳиди Балхӣ, Абушакури Балхӣ, Абутоҳири Хусравонӣ забт аст. Вале бештари ашъори китоб бидуни зикри номи гӯяндагони онҳо омадааст ва аз ин рӯ, баррасии илмии он барои кашфи ашъори тозаи шоирони қадим ва, аз ҷумла Рӯдакӣ, хеле муҳим аст. (Ба нақл аз мақолаи Алиашрафи Содиқӣ «Ашъори тозаи Рӯдакӣ». - Ёди ёри меҳрубон, Теҳрон, 1385). Мутаассифона, ин китоби нодир, зоҳиран дигар барои муҳаққиқон дастрас нест. Соли 2009 дар шаҳри Душанбе бо донишманди покистонӣ Орифи Навшоҳӣ дар мавриди ин китоб суҳбат кардем. Эшон бо дареғ изҳор доштанд, ки писар ва меросхури ягонаи Муҳаммад Иқбол аз солҳо пеш ба Амрико рафта ва касе аз куҷо шудани ин китоб хабар надорад.

**«Баробар ояд бо гуфтани ба ноҳангом»**. Дар асл ба ҷойи «ба ноҳангом» «соком» омадааст, ки маъное надорад. Тасҳеҳи қиёсӣ аз Алиашрафи Содиқӣ аст.

85. Ин се байтро Сӯзании Самарқандӣ дар қасидае бо тасреҳи номи Рӯдакӣ тазмин карда ва устод Нафисӣ аз девони ӯ нақл кардааст.

86. Дар тазкираи Шоҳҳусайни Систонӣ, ки яке аз ду маъхази ин қитъа аст, байти аввал ба сурати зайл омада:

На чунонам, ки пеш аз ин будам,
Ёраке доштам ба бар ҳар дам.

*(С. Имронов. Ёдномаи устод Рӯдакӣ, с. 67)*

Агарчи ин байт бо шеваи зиндагии Рӯдакӣ дар ҷавонӣ, замоне ки «ҳамехариду ҳамесахт бешумор дирам, ба шаҳр ҳар ки яке турки норпистон буд» ва «басо канизаки неку, ки майл дошт ба ӯ» мутобиқат дорад, аммо гумон меравад, натиҷаи иштибоҳи котиби нусха ва ё маъхази тазкира бошад, ки «тозагӣ доштам, бипажмурдам»-ро «ёраке доштам ба бар ҳар дам» хонда ва сабт кардааст, чи дар навишти форсӣ ҳар ду ғунаи мисраъ шабоҳати зиёд доранд.

87. Байти аввали ин шеър аз мақолаи мазкури Алиашрафи Содиқӣ, ки онро аз як нусхаи «Луғати фурс» пайдо кардааст, нақл шуд. Ин байт дар чанд маврид, вале ба сурати дигаргунатаре дар «Луғатнома»-и Деҳхудо низ забт шудааст. **Нахчезидан** – печидан.

88. **Сит** – овоза, шуҳрат, зикри хайр.

91. **С.** Нафисӣ мисраъи аввали ин қитъаро аз танҳо маъхази он «Ал-муъҷам...» ба сурати «Бад нохурем бода, ки мастонем» нақл кардааст ( МААР, с. 505). Дар «Луғатнома» мисраъ ба сурати «бад нохурем бода, ки дустонем» омада ва Деҳхудо «бад хурдан»-ро «арбада ва пила кардан дар мастӣ бо ҳарифон» шарҳ додааст. Вале, маълум нест, ки ӯ «дустон»-ро аз маъхазе нақл карда ва ёислоҳи қиёсии ӯст. Ҳамчунин намедонем, «бад нохӯрдан» танҳо дар ин байти устод истифода шуда ва ё мавориди дигари истеъмол низ дорад. Ин таркиб дар нусхае аз Ал-Муъҷам «бад нохурем», дар нусхае «бил, нохурем» ва дар нусхаи дигар «бил, то хурем» (Ал-муъҷам..., с. 152) омадааст ва Муҳаммади Дабирсиёқӣ («Пешоҳангони

шеъри форсӣ», с. 58), Халил Хатиби Раҳбар (Рӯдакӣ, с. 38) Ҷаъфари Шиъор ва Ҳасани Анварӣ (Гузидаи ашъори Рӯдакӣ, с. 141) ва таҳиййакунандагони ДОШ (с. 59) мисраъро ба ҳамин гунаи охир, ки мантиқитар ба назар мерасад, сабт кардаанд ва мо низ онро ихтиёр кардем.

92. **«Ҳар гуле пажмурда гардад зу на дер»**. Халил Хатиби Раҳбар «зу» дар ин мисраъро тахфифи «зуд» донистааст (Рӯдакӣ, с. 53). Таҳиййакунандагони тоҷикистонии ашъори устод ин вожаро «з-ӯ» (аз ӯ) хонда ва сабт кардаанд. Ҳамчунин тавонад буд, ки дар асл "зуду дер» буда бошад, ки таҳриф шуда. Чунонки Саъдӣ ғуфта:

Деру зуд ин шахсу шакли нозанин,
Хок хоҳад гаштану хокаш ғубор.

Ин мисраъ дар манобеъ ба сурати «*Ҳар гуле пажмурда мегардад зи даҳр*» низ омадааст. Мисраъи охири қитъа дар «Сиҳоҳу-л-фурс» мисраъи дувуми байте ба шакли маснавӣ аст. (Ниг.: пораи 557 дар ин китоб).

93. **Сан** – растание, ки бар дарахтон печад, ашақа; **шаър** – мӯй; **хан** – хонаи зерзаминӣ, таххона.

94. **«Кафк барорад...»** Халил Хатиби Раҳбар ва ба пайравӣ аз ӯ Лимо Солеҳи Ромсарӣ ва низ Исмоили Ҳокимӣ "коф"-и охири вожаи "кафк"-ро пасванд пиндоштаанд (Рӯдакӣ, с. 40; Намунаи ашъори Рӯдакӣ, с. 37; Баргузидаи ашъори Рӯдакӣ ва Манучеҳрӣ, с. 57). Ҷаъфари Шиъор ва Ҳасани Анварӣ низ "кафк"-ро тасғири "каф" (яъне "кафак"), ки ба тақозои вазн ба тахфиф омадааст, донистаанд (Гузидаи ашъори Рӯдакӣ, с. 84). Аммо чунин нест, балки "кафк" ҳамон "каф" аст ва имрӯз ҳам тоҷикон ин вожаро танҳо ба ҳамин сурат истеъмол мекунанд. Ва дар осори қадимиён фаро-

вон ба кор рафта. Хусравӣ ва ба ривояте Дақиқӣ гӯяд:

Хурӯшону кафкафканону силоҳаш
Ҳама мориди гаштаву хингаш ашқар.

**«Ронад султон...»** – «ҷӯш бароварад ва ҳаяҷон намояд. Султон-ад-дам: ҷӯшиш ва ҳаяҷони хун («Мунтаҳиу-л-араб»). Султон ба маънии шиддат ва қувват ҳам омадааст» ( Халил Хатиби Раҳбар. Рӯдакӣ, ҳошияи с. 40).

**«Марди ҳарас кафкҳош пок бигирад».** Ҳама таҳийякунандагони ашъори устод чи дар Эрон ва чи дар Тоҷикистон «ҳарас» овардаанд. Ин вожаи арабӣ, ки ҷамъи «ҳорис», яъне «посбонон», «нигаҳбонон» аст, дар форсӣ ба шакли муфрад ба кор рафтааст. Аммо дуктур Муҳаммади Муъин навишта, ин вожа «шояд «ҳарис» мухаффаф ва мамолаи «ҳорис» бошад, ҳамчун «ҳарис» (бо «се»-и сенуқта- Қ.Р.) аз «ҳорис» (барзгар- Қ.Р.) ва «ъориз» аз «ъораз» (ҳошияи «ҳарас» дар «Луғатнома»-и Деҳхудо). Дар ин луғатномаи муътабар омадааст, ин калима дар қасидаи Рӯдакӣ, «агар дар он тасҳифе роҳ наёфта бошад... зоҳиран, ба маънии «хаммор ва наббоз ва афканандаи шароб аст». Ва ҳамчунин дар ҳошия афзудаанд: «Шояд «чарас» ба маънии «чархушт» аст ва дар ин ҷо тавсиъан ба маънии «хаммор» омадааст». (Аз ёддоштҳои марҳум Деҳхудо). Аммо ин назар саҳеҳ нест. Бо мулоҳиза ба маънии бахши аввали қасида, ки сухан аз қурбон кардани току ба зиндон кардани баччаи он ва нигаҳбони ин зиндон аст, ҳамон «ҳарас» ё «ҳарис» ба маънои маҷозии «посбон»- у «нигаҳбон» дурусттар ба назар мерасад.

**«Бо майи чунин, ки сол хӯрда бувад чанд».** Дар нашрҳои Тоҷикистон «солхӯрда» омада, вале ба

назар мерасад иштибоҳ аст, зеро дар ин сурат «чанд» муаллақ мемонад ва ҷойгоҳе надорад.

**«Ҷома бикарда фарози панҷаҳ хулқон»..** **Ҷома**- «монанди кӯза бувад, ки шароб дар он кунанд» («Сиҳоҳу-л-фурс», с. 271) Яъне, майе, ки беш аз панҷоҳ хумро иваз карда, майи кухан.

**«Барбати Исиву лаҳнҳои Фуодӣ»** – ин байт дар «Таърихи Систон» ба сурати ғалат сабт шуда ва дар мавриди вожаҳои он назарҳои мухталиф пешниҳод шудааст. Чунончи, дар асл ба ҷойи «Исӣ» «Абшӣ» омада ва Саъиди Нафисӣ ва Алиакбари Деҳхудо онро ба шакли Исӣ ислоҳ кардаанд. Деҳхудо ҳамчунин ҳадс задааст, шояд «Утбӣ» буда бошад. (Луғатнома, зайли «Абу Ҷаъфар»). Дар асл ба ҷойи «лаҳнҳо» низ «фаршҳо» омада ва устод Маликушшуаро Баҳор навиштааст, «зоҳиран «фаршҳо» тақлиди котиб аз мисроъи аввали шеъри болост ва чун дар ин шеър зикри созҳо … аст, боястӣ бар ҳасби қоида ба ҷойи «фаршҳо» номи созе ба лафзи муфрад ё ҷамъ буда бошад» («Таърихи Систон», ҳошияи с. 304). Деҳхудо низ ҳадс зада, «фаршҳо» бояд «ғӯшҳои» бошад, ба маънии захмаҳои Фуодӣ» («Луғатнома», зайли «Абуҷаъфар»). С. Нафисӣ ки ин ибораро, зоҳиран, аз Девони Рӯдакӣ, чопи Теҳрон, соли 1310 ҳиҷрӣ ба сурати «лавнҳои Фуодӣ» накл карда, дар бахши такмилаи китоби хеш овардааст: «мутаваҷҷеҳ набудаам, ки калимаи «лавнҳо» дар ҷойе, ки сухан аз мусиқӣ ва созҳо рафта аст, ба ҳеч ваҷҳ муносиб нест ва чунон менамояд, ки дар асл «қавлҳо» буда бошад ва бад-ин гуна таҳриф шуда бошад» (МААР, саҳ. 551). Таҳийякунандагони ДОШ (с. 63) ин вожаро бо тасҳеҳи қиёсӣ ба «лаҳнҳо» иваз кардаанд, ки муносибтару мақбултар ба назар мерасад ва ин вожа дар ашъори Рӯдакӣ низ ба ҳамин маънӣ дар чанд маврид истеъмол шудааст.

**«В-ин малик аз офтоб гавҳари Сосон»**. Алиакбари Деҳхудо бар ин аст, «ҳарчанд дар насаб Абуҷаъфар Сосон бошад, вале Рӯдакӣ, зоҳиран халқи хокиву обиву оташиву бодиро муқобили «офтоби гавҳари Сосон» қарор намедиҳад, хосса ки ҷумлаи «офтоби гавҳари Сосон» маънии маъқуле надорад. Гумон мекунам, калимаи «офтоб» охираш касра надорад ва Сосон ҳам бо чизе чун «тобон» ё «рахшон» тасҳиф шуда ва он вакт «гавҳари тобон» ё «рахшон» бадали «офтоб» аст ва агар дар асотири эронӣ аҳёнан (дар сурате, ки ман ба хотир надорам) асли Сосониёнро ба офтоб нисбат карда бошанд, боз дар он сурат «офтоб»-ро бе касраи изофӣ бояд хонд, чи «офтоби гавҳари Сосон» ифодаи ҳеч маънӣ, ки дархури Рӯдакӣ бошад, намекунад» («Луғатнома», зайли «Абуҷаъфар» ).

**«Гаразмон»** – арш,осмон, тасҳеҳи қиёсии Масъуди Қосимӣ аст, ба ивази «гиравгон»-и маъохиз, ки дар ин байт муносибате надорад. (М. Қосимӣ. Як вожаи куҳан ва ношинохта дар шеъри Рӯдакӣ. – Адабиёт ва санъат, 27 августи соли 2009, № 35).

**«Он чӣ кас»** – ҳеч кас.

**«Муҳри давлат»**. Ангуштари давлат, ки рамзи дороӣ ва қудрат аст. Дар бештари нашрҳои ин қасида дар Тоҷикистон ва ба ҳуруфи кириллӣ «маҳри давлат» омада, ки дуруст нест. Расул Ҳодизода «муҳри давлат»-ро дар Рӯдакӣ. Шеърҳо (тартибдиҳандагон У. Каримов ва С. Саъдиев) саҳв донистa ва «маҳр»-ро дуруст медонад ва «маҳр»-ро накдина ва «маҳри давлат»-ро «накдинаи бахт» шарҳ додааст. (Р. Ҳодизода. Дар тадқиқи осори Рӯдакӣ.- СШ, 1982, № 9). Аммо «маҳр» накдина нест, балки кобин аст, ё худ пулу молест, ки ҳангоми ақди никоҳ ба зиммаи домод гузошта мешавад ва ӯ муваззаф аст ба арус (завҷааш)

бидиҳад, Мулкро ва давлатро арус гуфтаанд ва фарз кардем, агар Рӯдакӣ гуфтааст, ки бо мадҳи амири Систон вай бо аруси мулк акд баст, – ки чунин нагуфтааст - бояст вай (Рӯдакӣ) ба ин арус маҳр бидиҳад, на ин ки маҳр биситонад!

**«В-арчи дусад тобеъа фиришта дорӣ».** «Тобеъа: шайтоне, ки ба шоир шеърро илҳом мекунад. Аз ҷумлаи ақоиди араби давраи ҷоҳилият яке ин будааст, ки ҳар шоире шайтон ё ҷинне дорад, ки мояи илҳоми шеърҳои ӯст ва мепиндоштаанд, ки ҳар кас шайтони ӯ нерумандтар бошад, шеъраш беҳтар аст. Ба ҳамин далел яке аз шуъарои араб муддаъӣ шудааст, ки шайтони ҳама шуъаро муаннас аст, вале шайтони ӯ музаккар аст, пас шеъраш низ нерумандтар аз шеъри дигарон аст. Ин шайтон ё ҷинни илҳомдиҳандаи шуъароро адибони араб «тобеъа» мехондаанд. Эътиқод ба «тобеъа» дар миёни шуъарои форсизабон низ ба тақлид аз шуъарои арабривоҷ ёфта ва дар шеъри бисёре аз қудамо, аз ҷумла Рӯдакӣ ва Носири Хусрав ва Ҷамолуддини Исфаҳонӣ ва иддаи дигар аз шуъаро метавон дид. Чунончи дар ин байти Носири Хусрав мехонем:

Бозигарест ин фалаки гардон,
Имрӯз кард тобеъа талқинам».
*(Шафеъши Кадканӣ. Тозиёнаҳои сулук, с. 456-457).*

**«Бурд чунин мадҳу арҷа кард замоне».** Ин мисраъ дар «Таърихи Систон» (с. 307) ба сурати мағшуши «Бар духте(ӣ) мадҳ арҷа кард замоне» омада, ки маъние муносиб аз он барнамеояд ва бештари таҳийякунандагони осори устод, шояд ба ин далел онро фурӯ гузоштаанд ва ё сурати мундариҷ дар маҷаллаи «Меҳр»: «Бурд чунин мадҳу арза кард замоне»-ро нақл кардаанд. Вале устод

Баҳор овардааст, маҷалла «маъхази онро нанавишта ва маълум нест саҳеҳ бошад» («Таърихи Систон», ҳошияи с, 307). Асрори Раҳмонфар бо тасҳеҳи қиёсӣ сурати нисбатан муносибтари мисраъ: "Бар духтари мадҳ арҷа кард замоне"-ро пешниҳод кард («Ниғоштаҳои хоманай дар ҳошияи "Модари май".- СШ, 1989, № 9, с. 140; «Насими Мӯлиён», с. 50). Аммо дар ин сурат мантиқ халалдор мешавад. Ман дар чопи аввали Девон мисраъро ба шакли "Бурд духтари мадҳу арҷа кард замоне" тасҳеҳ карда будам, чун «духтари мадҳ» қасидаи шоир аст ва онро (духтари мадҳро) ба мамдуҳ ва ё супоришдиҳандагони он арза мекунанд. Ин маънӣ дар шеъри форсӣ густариши зиёд дорад. Чунонки Асҷадирост:

Ба уммеди қабулат бикр фикрам,
Чу баҳри Юсуфи мисрӣ Зулайхо,
Ба анвоъи нафоис хештанро
Ба сони наварусон карда осо.

*(Аз «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»)*

Анварӣ гуфтааст:

Духтаронанд хотирамро бикр,
Ҳама бо шаклу бо шамоили ҳур...
Ҳамаро иззу нисбати ту ҷиҳоз,
Ҳама бар нақшу сояи ту ғайур.
Дарнигар гар кирои хутба кунанд,
Макун аз илтифоташон маҳҷур.

*(Анварӣ. Девон, с. 219)*

Камоли Исмоил гӯяд:

Дӯшизагони хотири ман бин, ки ғунчавор
Бар рух гирифтаанд зи ту шармсор даст.

*(Аз «Маҷмаъу-л-фурс», с. 584)*

Ибни Ямин гуфта:
Аруси мадҳи ту бикр омад аз сарочаи фикрам,
На ҳамчу з-они дигар шоирон аҷузаву колум.
*(Аз «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»)*

Шамси Фахрирост:
Духтари афкори ман дар мадҳи шоҳ,
Ҳаст азро, нест бешубҳат ғарид.
*(Аз «Фарҳанги Қаввос»)*

Сӯзанӣ ҳам дар ин маънӣ гуфта:
Чун хотири ман мидҳати ту зояд фарзанд,
Мӯйе нахуҳам бар тани фарзанд шикаста.
*(Аз «Фарҳанги Қаввос»)*

Ва аммо чун дар ин сурати мисраъ вазн хароб аст ва низ таносуби калом халал ёфта, онро фурӯ гузоштем ва дар ин чоп ҳамон гунаи машҳури мисраъро овардем. Агарчи он ҳам муносиб нест, то пайдо шудани сурати саҳеҳи мисраъ ва ё тасҳеҳи қиёсии боистатаре роҳе ҷуз ин надорем.

**«Гузидаи Аднон»**. Ин мард, ки дар байти дигаре аз шоир ба унвони «хоҷаи аднонӣ» аз ӯ ёд шудааст, аз олимақомони дарбори Наср ибни Аҳмади Сомонӣ будааст. Дар «Таърихи Байҳақӣ» мукарраран аз «боғи аднонӣ», «кӯшки боғи аднонӣ» ва «сарои аднонӣ» дар Ҳирот (ниг.: Таърихи Байҳақӣ, 1371, с. 40. 46, 172, 173, 175) сухан рафтааст (Саъиди Нафисӣ ва Алиакбари Деҳхудо ба иштибоҳ ин боғ ва саройро дар Нишобур пиндоштаанд) ва дуктур Файёз ҳадс задааст, ки ин боғ мансуб ба Абӣ Омир Аднон ибни Муҳаммад аз-Забӣ, ки дар охири аҳди Сомониён раиси Ҳирот будааст, бошад (Таърихи Байҳақӣ, 1371, бахши тавҳеҳот ва ҳавошии муҷаллади панҷум, с. 117). Ба эҳтимол, ин шахс аз наберагони «гузидаи Аднон»

ва «хоҷаи аднонӣ» аст. Ҳамчунин баъид нест, Маҷдуддин Муҳаммад ибни Аднони Сурхкатӣ – хол (тағои) Муҳаммад Авфӣ – нависанда ва тазкиранигори зодаи Бухоро, ки табиби машҳур буда ва гоҳе шеър ҳам мегуфтааст («Лубобу-л-албоб», с. 229-231) низ аз аъқоби «хоҷаи аднонии» мамдуҳи Рӯдакӣ буда бошад. Бархе аз таҳийякунандагони ашъори Рӯдакӣ Аднонро «аз аҷдоди Муҳаммад пайғамбар, ки ба хушбаёнӣ ва фасоҳат машҳур будааст» шарҳ додаанд, ки албатта, ҳеч муносибате бо абёти Одамушшуаро надорад.

**«В-ар-м заъифиву бебудӣ-м набудӣ»**. Вожаи «бебудӣ» дар ин мисраъ тасҳеҳи қиёсӣ аз устод Баҳор аст, ки онро ба ҷои «бенадим»-и бемантиқи маъхази қасида овардааст. Вай дар шарҳи ин калима навиштааст: «аз «буд»-и арабӣ ба маънии лобудӣ ва бечорагӣ ва дар маҷаллаи «Меҳр» «бебарим» забт шуда, вале оқои Нафисӣ санад нишон надодаанд ва «бебар» дуруст ба назар намеояд ва «пириям бинабудӣ» ҳам тавонад буд ба муносибати се шеър баъд, ки гӯяд: нотавониву пирӣ («Таърихи Систон», ҳошияи с. 308). Баъдан Баҳор зимни мақолае шоҳиди дигаре барои таъйиди назари худ аз «Ҳудуду-л-олам» нақл кардааст: «Ва мардумони ин ноҳият мардумонеанд салим ва бебуду шубонанд». (М. Баҳор. Маҷмуъаи 100 мақола, с. 339). Зоҳиран, устод Баҳор таваҷҷуҳ накардааст, ки «бебуд» ба ҳамин маънӣ дар шеъри худи Рӯдакӣ низ истифода шудааст: *Чунонки уштури бебуд суйи куном шуда*... Алиакбари Деҳхудо ин вожаро «беядӣ» забт карда ва дар пойи сафҳа барои тақвияти назари худ байти Фаррухиро ба шоҳид овардааст:

Дил ба ту додаму дилат настадам,
Мардум дидӣ ту бад-ин беядӣ?
(«Луғатнома», зайли "Абу Ҷаъфар")

**«Ҷома ба дандон».** «Яъне худи Рӯдакӣ барои фармонбардорӣ аз мамдуҳ монанди пайки мураттаб бо қудрату ирода ва мусаммам медавид. Дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ» *ҷома ба дандон гирифтан* ба маънии «гурехтан» ва дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» бо мисоле аз Саноӣ ба маънии «шитобон, саросемавор гурехтан» омадааст, вале бо таваҷҷуҳ бо намунаҳое, ки аз Рӯдакӣ, Саноӣ ва Аттор дар даст аст, маънии ин фарҳангҳо дуруст нест ва иллати ин маъонии нодуруст он аст, ки ибораи *ҷома ба дандон* дар канори «шитобу гурез ва суръат» ба кор рафта ва маъонии «шитобон ва гурез»-ро ба худ гирифтааст. Маънии нисбатан дақиқи ин иборай киноӣ «бо қудрат ва боазму боирода» мебошад» (Масъуд Қосимӣ. Шарҳи бархе аз лугот ва абёти Рӯдакӣ. - Номаи пажӯҳишгоҳ, 2002, шумораи 12). Банда мутаваҷҷеҳ набудаам, ки «ҷома ба дандон» иборай рехта аст ва ҳам дар мақолаи «Шеъри саҳеҳи Рӯдакӣ» ва ҳам дар чопи аввали ин девон онро ба сурати ғалати «чома ба дандон» оварда будам.

**Зуфт** – хасис, мумсик; **аз он фароз** – пас аз он; **басоки мурд** – чанбаре аз баргҳои дарахти мурд, ки барои зинат ба сар мегузоштанд; **Фурқон** – Қуръон, ба муносибати фарқи неку бад ва ҳалолу ҳаром ба воситаи он; **Амр ибн ул-Лайс** – дувумин подшоҳи Саффорӣ, ки дар соли 878 ба тахт нишаст ва дар соли 900-901 дар ҷанг бо амир Исмоили Сомонӣ мағлуб ва асир шуд. Дар соли 902 бо амри халифаи аббосӣ кушта шудааст; **шикуҳидан** – тарсидан, ҳаросидан; **Ҷарир** (вафот дар байни 728 то 733); **Тойӣ** – Абутаммом Тойӣ мутаваффо дар соли 846; **Сареъ** - Салм ибни Валид (вафот дар 823) – шоирони машҳури араб; **Ҳассон** – ибни Собит маддоҳи расули акрам, ки дар соли 683 вафот

кард;**Саҳбон** – ибни Зуфар воиз ва хатиби араб, дар соли 673 фавтидааст.

95. Ин шеър дар Девони Қатрон, с. 491 низ омадааст ва зоҳиран аз ӯст.

**Соим** – рӯзадор, ҳар ки худро аз хӯрдан боздорад; **томур** –хун, хуни дил; **тал**- борони реза *(?)*; **зайбақ** – муъарраби чева, симоб.

97. Дар ин байт ва дар байти шумораи 297 дар чопи аввали Девон ба ҷойи «ба руни» «біруни» забт карда будам, ки ғалат аст. **Ба руни** - барои; **ситон** – хуфта бар пушт, хобида ба пушт.

**98. «Аз ман дилу сиголиш аз ту тану равон».** Ин ҷониб дар чопҳои пешини «Девон» ба далели он ки дар ду маъхази ин қитъа бадали «равон» «забон» омада (ниғ. Рӯдакӣ. Ашъор, с. 55), «забон»-ро бар «равон», ки дар он сурат байт «маънои муносибе намедиҳад», тарҷеҳ дода будам. Ва онро чунин шарҳ дода будам, ки «шеър бо неруи маънавии Шоир (дар дил ва бо сиголиши ӯ) эҷод мешавад ва неруи ҷисмонӣ (тан) ва забони ровӣ онро ба мардум мерасонад». Аммо бо мулоҳиза бар ин ки таркиби «тану равон» дар адабиёти паҳлавӣ ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мукаррaран истифода шудааст, мисраъро ба гунаи машҳури он сабт кардам, агарчи маънои он, бо он ки Б.Н. Ғафор дар ин боб мақолае навишта ва талош кардааст, бо баррасии собиқаи истеъмоли таркибҳои он байтро шарҳ бидиҳад (ниг. Шоири Хуросон, с. 38 -45), бароям чандон равшан нест.

**Гӯрӣ** – ишрат ва нишот кардан.

99. **«Халлухиён хоҳӣ»**. Халлухӣ ё халлух ё қарлуқ номи қавмест аз туркон, ки дар марзҳои давлати Сомониён зиндагии сода ва кӯчӣ доштанд ва халлухҳо ва ғузҳо наздиктарин ҳамсоягони тоҷикон (эрониён) аз ҷумлаи ақвоми турк буданд. Қабоили мухталифи турк ҳамеша бо ҳам дар ҷангу

ҷидол буданд ва қабоили пирӯз ҷавонон ва дӯшизагони қабилаи мағлубро дар бозорҳои марзӣ ба фурӯш меоварданд ва аз ин тариқ ҳамасола ҳазорон ғулом ва канизакони халлух, хирхиз ва тотору булғор вориди ҷаҳони ислом мешуданд. Сабаби умдаи дар шеъру адаби форсӣ роиҷ шудани маъшуқа ва маҳбуби турк ҳамин буд, ки дар ҷомеъаҳои асосан бастаи исломӣ канизакони турк воситаи асосии дилхушӣ ва компрониҳои шаҳвонӣ будаанд. **«Нони самид хоҳӣ...».** Дар «Луғати фурс» дар мавриде ва ба нақл аз он дар маҷмуаҳои осори шоир ба ҷойи «самид» *«самин»* омада ва ин вожаи арабӣ «фарбеҳ, чоқ, ғафс» (ФАР, с. 215) шарҳ шудааст. Аммо Алиакбари Деххудо дар «Луғатнома» овардааст: «*Шамад. шамаз.* Ҷинсе аз нони неку ва фароху сапед бувад. («Луғати фурс»-и Асадӣ) (аз фарҳанги Ӯбаҳӣ). Дар арабӣ *самид* ва *самиз* омада, ба маънии *дармак* (ки орди сафедро гӯянд. – Қ.Р.) ва усмониён *симит* гӯянд ва гумон мекунам *шамаз* асли ин ду калимаи форсӣ ва туркӣ бошад. Мусҳафи *самид* аст. Асадӣ шеъри Рӯдакиро як ҷо барои *кашкин* мисол оварда ва дар он ҷо *самид*ро *самин* нақл карда ва низ як ҷо барои *шамаз* мисол оварда аст. Пас ҳамон *самид* дуруст аст ва *шамад* ва *самин* ҳар ду ғалат аст». Таҳийякунандагони ДОШ ин таркибро «*нони суман*» забт карда, «нони равғанӣ, ки аз орди гандуми сабзшуда омода мекунанд» (ДОШ, с. 72) шарҳ додаанд.

101. **Зайғам** – шер. «**Зайғаме насл пазируфта зи дев**» - манзур асп аст ва мисраъ мутаассир аз бовари арабон аст, ки баъдан миёни ҳамаи муслимин интишор ёфт. Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ овардааст:

Аспи саркашро араб шайтон-ш хонд,
Не сутуреро, ки дар маръо бимонд.

Дар китоби «Офариниш ва таърих» навиштаи Мутаҳҳар ибни Тоҳири Мақдисӣ, ҷилди аввал, с. 315 мехонем: «Шайтанат хубс асту зишткорӣ. Ва ба одамиёни саркаш шаётин гуфта мешавад, ҳамон гуна, ки париёни саркашро низ шаётин мехонанд ва **аспи тезтакро низ шайтон мехонанд** ва ҳар ҳодисаи сахт ё ҳар шахси сабукруҳ ва ҳушёреро низ шайтон меноманд».

102. Байти дувуми ин қитъа, ки дар маҷмуъаҳои осори Рӯдакӣ наёмада, аз «Луғатнома», ки онро ҳам дар танҳоӣ ва ҳам бо байти аввал, вале бидуни зикри маъхаз ба шоҳид овардааст, нақл шуд.

**Кунна** – фатила, палитаи чароғ.

103. **Колбад** – тан ва бадани одамӣ, қолаб.

104. Байти дувумро устод С. Нафисӣ ва ба пайравӣ аз ӯ Л. Брагинская бо истинод ба тазкираи Ҳусайнӣ нақл кардаанд. Р. Ҳодизода ва А.М. Хуросонӣ ҳамчунин қисмате аз «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ, маҳфуз дар китобхонаи миллии Малик дар Теҳронро ба унвони маъхаз нишон додаанд. Аммо байт дар «ал-Муъҷам...», с. 375 ба номи Разиаддини Нишопурӣ омада ва зоҳиран аз ӯст.

107. Ин қитъа тарҷумаи шеъри Алӣ ибн ал-Аббос ибн ар-Румӣ – шоири машҳури араб аст. (Ниг.: М.И. Занд. Искусство перевода в таджикской поэзии X века. –Рӯдакӣ ва замони ӯ, с. 160 – 161).

108. Ин қитъа дар ҳама маҷмуъаҳои шоир ба ҷуз ДОШ ба сурати дигаргунтаре омадааст. Мо шеърро аз «Луғатнома»-и Деҳхудо, ки байтҳои онро дар зайли «соқ» ва «анбура» аз яке аз нусхаҳои «Луғати фурс» ва аммо ба номи Ғаввос номе нақл карда, овардем. И.С. Брагинский муаллифи шеър будани Ғаввосро дур аз эҳтимол донистааст (Рудаки. Стихи, стр. 460). Дар «Фарҳанги

Қаввос» байти дувум ба Фаррухӣ мансуб аст, аммо ин интисоб дуруст нест.

**Хӯҳл** – кач, хам, уреб; **тавил** – кал, бемӯй; **анбура** – дар фарҳангҳо ба маънии уштури мӯйрехта ва уштури обкаш омада.

109. Байти севуми ин қитъа дар маохиз ба номи Шокири Бухорой – шоири ҳамасри Рӯдакӣ нақл шудааст. Аммо байт на танҳо аз назари вазну қофия, балки аз лиҳози муҳтавою мазмун ва лаҳни сухан ҳам он қадар монандиҳо бо ду байти Рӯдакӣ дорад, ки аллома Деҳхудо навиштааст: "зоҳиран шеър аз Рӯдакӣ аст" (маъхуз аз «Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ», с. 358). Бар асоси ин назар ва бо таваҷҷуҳ бар ин ки шеърҳои шоирони қадим дар маохиз хеле зиёд ба ҳамдигар нисбат дода шудаанд ва шеър дар қофияи нодир суруда шуда, байтро ба маҷмуъаи ашъори Рӯдакӣ ворид кардем ва то пайдо шудани санади мувассақ онро метавон аз ҷумлаи байтҳои мансуб ба Рӯдакӣ донист.

**Офрӯша** – ҳалвоест, ки аз орду асал ва рӯған мепазанд; **шанӯша ё шанӯса** – дар фарҳангҳо ба маънии «атса» омада ва аллома Деҳхудо дар асоси ин қитъаи Рӯдакӣ ва шеъри дигар аз Манучеҳрӣ, ки низ ин калимаро ба кор бурдааст, маънии сабру таҳаммул низ ба он додааст (ниг: «Луғатнома», зайли «шанӯса»).

110. **«Нагашта з-ин паранди сабз шохи бед бунсола»**. Бештари маъохиз ва ҳамаи маҷмуаҳои осори шоир ба ҷойи «нагашта» «ва гашта» доранд, вале дар ин сурат аз ин байт маъние муносиб барнамеояд. Чунонки Ҷаъфари Шиъор ва Ҳасани Анварӣ байтро чунин шарҳ додаанд: «яъне шохаи беди солхӯрда ба сабаби паранди сабз (баргҳои сабз) монанди ашки маҳҷурон аст, ки жола бар жола (лола – Қ.Р) нишаста бошад». Ин шарҳро шарҳи дигар мебояд, то маъниаш рӯшантар ша-

вад! Сайидрасули Мусавӣ, Масъуди Қосимӣ ва Азиз Мирбобоев овардаанд: «дар мавриди беди бунсола назароте ироа шудааст. Бархе «бунсола»-ро ба маънии «солхӯрда» – сифат барои бед донista ва баъзе «сола»-ро ба маънии «ҷавон ва яксола» – сифати бедбун (дарахти бед) ғуфтаанд, яъне «бедбун (и) сола» (ДОШ, с. 77). Агар назари дувум шавоҳиде ба ҷуз маънои мустафодшуда аз ин байти Рӯдакӣ дошта бошад, мисраъро маънии рӯшан медиҳад ва қобили пазириш аст. Аммо, мутаассифона, мураттибони ДОШ на ба манбаъи ин назар ишора кардаанд ва на шоҳиде барои «сола» овардаанд. Муаллифони «Луғатнома» муътақиданд, ки «ин калима (яъне «сола»- Қ.Р.) ба танҳоӣ ба кор намеравад ва ҳамвора бояд ба аъдод таркиб шавад» («Луғатнома», зайли «сола»). «Нагашта» ба ивази «ва гашта» дар «Фарҳанги Онандроҷ» омада, ки аз «Луғатнома» иқтибос шуд ва истифодаи «нагашта» ва хониши мо ба сурате, ки омад, байт ва мисраъро маънӣ медиҳад, яъне шохи бед ба сабаби пӯшиши либоси сабзи баҳорӣ пирии худро пинҳон кард. Валлоҳу аълам.

111. Ин қитъа дар «Хуррамнома» маҳфуз мондааст. (Алиашрафи Содиқӣ. Ашъори тозаи Рӯдакӣ. – Ёди ёри меҳрубон, с. 247).

112. Ин қитъа танҳо дар рисолае марбут ба достони подшоҳзодаи шаҳри Ҳамот (мутааллиқ ба қалами Муҳаммад Зангии Бухорӣ, адиби наздик ба рӯзгори Саъдӣ), ки нусхаи он дар Тубинген маҳфуз аст, боқӣ монда ва аз сӯйи Эраҷи Афшор, донишманди муосири эронӣ пайдо шудааст. (Аз мақолаи Алиашрафи Содиқӣ. Ашъори тозаи Рӯдакӣ. – Ёди ёри меҳрубон, с. 252).

113. **Гуворидан** – ҳазм шудан, хушгувор ва болаззат будани ғизо; **зудгазой** – зуд газанда, зуд осеб расонанда, фаврӣ заҳрзанада.

114. Ин луғз ба Анварӣ ҳам мансуб аст. (Анварӣ. Девон, с. 640 )

115. Ин қитъа дар ҳама маҷмуъаҳои осори шоир (аз ҷумла, чопи аввали ин китоб) ба гунаи зайл омада:

> Ай дил сазояш барӣ,
> Боз бар чангали уқобӣ.
> Бе ту маро зинда набинад,
> Ман зарраам, ту офтобӣ.

Таамmуле кофист, то дарёбем, ки байти аввал, ба вежа, мисраъи аввали он маънии равшане надорад ва мисраъи нахусти байти дувум низ бе нақс нест.

Устод Нафисӣ байти дувумро аз «Ал-муъҷам...», ки дар он бидуни зикри номи гӯяндааш омадааст, ба сабаби мушорикаташ дар вазну қофия ахз карда ва ба дунболи байти аввал овардааст. Вале дар «Ал-муъҷам» ба ҷойи «набинад» «набинанд» забт шуда, ки маънои равшан ба байт медиҳад. Устод Нафисӣ, ки дар матни тадқиқоташ байтро ба гунаи дуруст сабт карда, дар матни ашъори Рӯдакӣ бадали «набинанд» «набинад» оварда ва ин ғалатро диғарон низ такрор кардаанд. (Ниг.: Қ. Рустам. Абёти тозаи устод Рӯдакӣ ва бозхонии байтҳои машҳури ӯ. – Садои Шарқ, 2010, № 1) Мо байти аввалро аз чопи интиқодии «Меъёру-л-ашъор» нақл кардем. Ҳам дар ду нусхаи «Меъёру-л-ашъор» ва ҳам дар «Мизону-л-афкор дар шарҳи Меъёру-л-ашъор» аз Муҳаммад Саъдуллоҳи Муродободӣ (асри 13 ҳ.) байти аввал ба номи Рӯдакӣ ва ба ҳамин сурате, ки мо сабт кардем, омадааст. («Меъёру-л-ашъор» ва «Мизону-л-афкор дар шарҳи Меъёру-л-ашъор», с. 65 ва 366) Байти дувум ба ҷуз «Ал-муъҷам...» дар

«Мизону-л-афкор...» низ омадааст ва дар ин ҷо низ исми гӯянда зикр нашудааст, агарчи муаллиф онро дафъатан пас аз байти аввал (с. 366), вале ҷудо аз он овардааст.

116. Ин шеър ба Муиззӣ ҳам мансуб аст. (Муиззӣ. Куллиёти девон, с. 690)

117. Ин қитъа аз мақолаи М. Қосимӣ – «Муаррафӣ ва тасҳеҳи чанд байти нав аз Рӯдакӣ» нақл шуд. Дар ин мақола омадааст: «Муддате қабл оқои Ҳасани Ансорӣ се байти наву бисёр зеборо аз Рӯдакӣ дар сайти Китохонаи Маҷлиси Шӯрои Исломӣ гузоштааст. Ин се байт дар навиштаҳои арабии Абусаъди Саммон – мутакаллими муътазилӣ-зайдии Рай дар нимаи аввали қарни панҷуми ҳиҷрӣ (ёздаҳи милодӣ) омадааст. Саммон дар ин навиштаҳо гуфтааст, ки ин ашъорро дар Қазвин аз Абушакур Муҳаммад ибни Ҳусайнии Шаъирӣ шунида ва Шаъирӣ низ онҳоро аз Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Абдуазиз Музаккири Розӣ шунида ва Розӣ низ онҳоро аз забони худи Рӯдакӣ шунидааст». Асли он се байт, ки дар матн бо тасҳеҳи қиёсии Алиашрафи Содиқӣ ва Масъуди Қосимӣ нақл шуд, ба сурати зайл аст:

Ай гетӣ афсус, афсусӣ ба ростӣ,
Шойит бандагист фурӯ нест костӣ.
Бар баччагони хеш ҳама тарк хостӣ,
Худ бун канӣ ҳамонро каҷваз нишостӣ,
Ҳар ки туро нахост, мар ӯро бихостӣ,
Ҳар ки туро нахост, бад ӯ дод астӣ.

«Ба назари доктор Содиқӣ «остӣ» дар мисраъи охир мухаффафи «остин» аст ва «дод астӣ», яъне «остин додӣ» ба маънии «милку сарват бахшидӣ» аст. Аммо таъбири «остин додан» дар назму насри куҳан дида нашудааст. Албатта, иборати «бад-ӯ

додӣ астӣ» эҳтимолан метавонад хониши шакли дигаре бошад, ки ҳанӯз бар банда маълум нест».

119.Тарҷумаи арабии ин қитъа маҳфуз монда ва баъдан аз сӯйи С. Нафисӣ ба форсӣ тарҷума шудааст (ниг.: МААР, саҳ. 423-424).

120.Ин қитъа ба Абушакури Балхӣ ҳам мансуб аст.

121. Ин марсия ба ҳадси Бадеъуззамони Фурӯзонфар дар таъзияти амири шаҳид Аҳмад ибни Исмоил (295 – 301 ҳ.) аст, дар марги амири одил Исмоили Сомонӣ ( 279 – 295 ҳ.) (Рӯдакӣ, саҳ. 75). Ва аммо Ризоқулихони Ҳидоят дар «Маҷмаъу-л-фусаҳо» ишора карда, дар «марсияи писари вазир ва мавъиза» аст. (Мисбоҳуддин Маҳмудзода. Пажӯҳиш перомуни як шеъри Рӯдакӣ. – Рӯдакӣ, 1374, шумораи 8 –9, саҳ. 120). Ба пиндошти устод Абдулҳусайни Зарринкӯб шоир марсияро дар таслияти Абулфазли Балъамӣ ба сабаби марги писари ӯ сурудааст («Бо корвони ҳулла», саҳ. 16).

Дар бархе нусхаҳои «Таърихи Байҳақӣ» ҷойи мисраъҳои бистум ва бисту дувум иваз шудааст ва мо низ дар чопи аввал онҳоро ба ҳамон шакл оварда будем. Сурати навини тартиби мисраъҳо ва ҳамчунин ривоятҳои дигаргун дар абёти ин марсия аз тасҳеҳи охирини ин китоб («Таърихи Байҳақӣ», 1388) гирифта шуд.

**Мустӣ** – шиква, шикоят, гила; **кусуф** – гирифтани офтоб ва моҳ. «Дар луғати араб «кусуф» ба маънии гирифтани офтоб ва гирифтани моҳ ҳар ду омада, вале дар урфи форсизабонон «кусуф» дар офтоб ва «хусуф» дар моҳ гӯянд» (Фарҳанги форсии Муъин, ҷ. 3, с. 2975). Чун дар ҳама нусхаҳои «Таърихи Байҳайӣ», ки маъхази асосии ин шеър аст, «кусуф» омада, пас метавон ҳадс зад, ки дар замони Рӯдакӣ ин тафриқа ҳанӯз ба миён наёмада будааст.

123. **Вид** – кам, муқобили бисёр.

124. Ин қитъаро Сайиднуриддин Шаҳобиддинов аз нусхаи тафсири Қуръон, таълифи авохири қарни XI ва авоили асри XII ва китобатшуда дар қарнҳои XIY-XY пайдо кардааст. Муаллифи тафсир нисбати шеър ба Рӯдакӣ ва вазъи суруда шудани онро тасреҳ кардааст: «Рӯдакӣ ба назди амири Хуросон даромад, ба рӯзи Наврӯз, дар даст қаламу шамшер ва гуфт» (Сайиднуриддин Шаҳобиддинов. Ду байти нав аз устод Рӯдакӣ. – маҷаллаи «Рӯдакӣ», 1384, шумораи 8-9 с. 65-68). Дар нусхаи асл, мисраъи дувум дар вазн костӣ дорад ва матни ҳозир тасҳеҳи киёсии Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ аст (ниг: «Рӯдакӣ», 1384, шумораи 8-9, с. 117).

**«Шамшеру қалам»** – аз ҷумлаи ҳафт чизе буда, ки дар Эрони қабл аз ислом мӯбади мӯбадон дар рӯзи Наврӯз ба шоҳ ҳадия меовард ва ӯро табрик мегуфт (ниг.: Наврӯзномаи Умари Хайём.- Магия Навруза, стр. 58). Ин расм бо каме тағйир дар замони пас аз ислом низ идома ёфт.

126. **«Боди Ҷӯйи Мулиён...»** . Машҳуртарин қасидаи Рӯдакӣ аст, ки дар манобеъи фаровон сабт шуда ва мавриди пайравӣ ва тазмини шоирони адвори баъд қарор гирифт (аз ҷумла, Муиззӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Саноӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Ҳофиз ва дигарон). Дар мавриди сурати саҳеҳи байти аввал ва ба хусус, мисраъи аввали он донишмандон назарҳои мухталиф ироа кардаанд ва бархе ”бӯйи ҷӯй” ва қисме ”боди ҷӯй”-ро дуруст донистаанд.

Муҳаммадамини Раёҳӣ дар бахши тавзеҳоти «Мирсоду-л-ибод»-и Наҷми Розӣ овардааст: «Ин байти машҳури Рӯдакӣ аз ашъори маъруф дар назди сӯфия буда ва қабл аз «Мирсод...» низ дар кутуби ин гурӯҳ, дар «Кашфу-л-асрор»-и Майбудӣ ва бо изофаи ду байти дигар дар номаҳои Айнул-

кузот ва бо изофаи ду байти номаъруф дар «Ҷомеъу-с-ситтин» ва баъд аз «Мирсод...» тазмине аз он дар ғазале аз Ҳофиз омадааст.... Ва чун ин манобеъ ва нусхаҳои мутаъаддиди кӯҳнаи онҳо чаҳор то панҷ қарн муқаддам бар тазкираҳое аст, ки ин байтро нақл кардаанд (ҷуз «Чаҳор мақола», ки он ҳам куллияи нусхаҳояш ҷадид аст) забти ин кутуб дар тасҳеҳи ашъори Рӯдакӣ ғанимат аст ва эътибори хоссе дорад. Ва ба назари ман сурати саҳеҳи байтро ҳамон бояд донист, ки дар «Кашфу-л-асрор» омада:

**Боди Ҷӯйи** Мулиён ояд ҳаме,
**Бӯйи ёри** меҳрубон ояд ҳаме.

Дар мисраъи дувум тардиде нест ва аксар манобеъ «бӯйи ёр» забт кардаанд. Аммо дар «Аҳвол ва ашъор...»-и Нафисӣ (чопи аввал, с. 1029) ва девони чопи Русия (с. 108) зоҳиран ба мулоҳизаи парҳез аз такрори «бӯйи ёр» дар ду мисраъ, дар дувумӣ «ёди ёр» тарҷеҳ ёфтааст. Дар ҳоле, ки фасеҳтар ва саҳеҳтар ин аст, ки шоир гуфта бошад, «боди Ҷӯйи Мулиён меояд ва бӯйи ёри меҳрубон меоварад», яъне ҳамон мазмуни маъруф, ки дар рубоии «Мирсод...» низ омадааст:

Бод омаду бӯйи зулфи ҷонон овард,
В-он ишқи куҳанноshудаи мо нав кард.
Эй бод ту бӯйи ошноие дорӣ,
Зинҳор ба гирди ҳеч бегона магард.

Ва дар тазмине ҳам, ки Ҳофиз карда, боз «бӯй аз насим» меояд, агарчи он бӯй «бӯйи Ҷӯйи Мулиён» аст ва нусхаҳое ҳам, ки аз он ба зеҳни Ҳофиз роҳ ёфта, сақим буда, аммо ӯ ба ҷодуи табъ дар он тасарруф карда аст.

Аммо дар мисраъи аввал низ ба ҷойи ”бӯйи ҷӯйи Мулиён”, ”боди Ҷӯйи Мулиён” саҳеҳ аст, ба ҳамон сурат, ки дар «Кашфу-л-асрор» ва дар як нусхаи хаттии куҳани бетаърихи ”Мирсод...” мутааллиқ ба оқои Иброҳим Алгун, аз фузалои кишвари Туркия омадааст. Дар Номаҳои Айнулқузот ”бонги Ҷӯйи Мӯлиён” чоп шудааст, ки ваҷҳе надорад («Мирсод»... саҳ. 576-577).

Ин донишманд дар чопи дувуми «Мирсод-ул-ибод» низ ба шарҳи худ афзуд ва навишт, шакли саҳеҳи байт «илова бар манобеъе, ки зикр кардем, дар «Таърихи гузида» ва «Таърихи Вассоф» ва тазмини он дар девони Саноӣ ва «Ҳабиб-ус-сияр» низ ба ҳамин сурат омадааст.

Иштибоҳи котибон аз он ҷо бархоста, ки тасаввур кардаанд «Ҷӯйи Мулиён» номи наҳр аст, дар сурате ки ин таркиб рӯйи ҳам номи ноҳияе дар Бухоро будааст ва ба тавре ки дар «Таърихи Бухоро» омада, ин маҳал зиёъе буд (яъне милк ва мазраъае) дар хориҷи ҳисори Бухоро. Исмоили Сомонӣ, ки ҳамеша нигарони ҳоли бандагони худ буд, онро харид ва дар ихтиёри маволиён (яъне ғуломони озодкардаи) худ ниҳод, то «Ҷӯйи Маволиён» ном шуд ва оммаи мардум «Ҷӯйи Мулиён» гӯянд. Исмоили Сомонӣ дар он ҷо кохе барои худ сохт. Ва баъдҳо ба тадриҷ ҷонишинонаш ҳам коххое сохтанд ва он хушобу ҳавотарин ва ашрофитарин бахши Бухоро буд, то баъд аз инқирози Сомониён аз миён рафт. Ба навиштаи Бортулд, инак рустое дар ду килуметрии Бухоро ба номи «Ҷӯйи Мулиён» ҳаст («Мирсод...», саҳ. 695 - 696).

Раёҳӣ ҳамчунин «Дашти Ому»-ро ки дар Номаҳои Айнулқузот омадааст «дилнишинтар ва пазируфтанитар» бар «реги Ому»-и манобеъи дигар медонад. «Мирсод...», саҳ. 577). Чунин аст ё не, ба

ҳар сурат манзури Рӯдакӣ аз ин мисраъ на рӯдхонаи Ому аст, чунонки ағлаб таҳиййакунандагони девони Рӯдакӣ, ки онро шарҳ додаанд, пиндоштаанд (ба ҷуз Халил Хатиби Раҳбар), балки роҳи сахти дашту биёбон аст. Ин маънӣ дар мисраъе аз ғазалгунае, ки Саноӣ дар истиқболи ин қасидаи Рӯдакӣ гуфтааст, низ пайдост: «*Реги Омую дарозӣ роҳи ӯ*» (Саноӣ. Девон, с. 1036). «Реги Ому», «дашти Ому», ё «биёбони Ому» ва ё «водии Ому» даштест дар Хуросон ва дар соҳили Ҷайҳун, ки роҳи Ҳирот ва Нишопуру Марв ба Бухоро аз он мегузашт. Шаҳри Ому, ки баъдан Чорҷӯй ном гирифт ва Туркманбошӣ аз номаш хушаш наёмад ва онро иваз кард, дар канори ин дашт воқеъ аст. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» мукаррараран аз ин дашт ёд кардааст. Рӯдхонаи «Ому», ки дар баробари "Вахш" ва “Беҳрӯд” (ё “Веҳрӯд”) яке аз се номи қадими ин рӯди муқаддаси эрониҳои бостон буд, ба сабаби убури ин рӯд аз канори ин дашт номгузорӣ шудааст. Исми сомии «Ҷайҳун» ба ин рӯдхона пас аз футуҳоти араб дода шуд.

Раёҳӣ ва ҳамчунин Алиашрафи Содиқӣ дар мақолаи хеш дар бораи ашъори тозаи Рӯдакӣ ду байти мансуб ба ин қасидаро аз "Ҷомеъу-с-ситтин” нақл кардаанд:

Асп, моро з-орзуи рӯйи ӯ,
Зери рон ҷавлонкунон ояд ҳаме.
Аз кӣ ҷӯям васли ӯ, к-аз ҳар сӯе
Ме нафири ошиқон ояд ҳаме.

Раёҳӣ, ки қаблан дар нисбат додани ин абёт ба Рӯдакӣ, хосса байти дувуми он эҳтиётро раво донистааст, баъдан, зимни мақолае онро ҳосили табъи устод донист. Вале мо дар мавриди ба қалами Рӯдакӣ тааллуқ доштани ин абёт ва низ

байти зайл, ки дар «Бадоеъу-л-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ (ҷилди якум, с. 376) омада, бо он ки пас аз байти маълуми Рӯдакӣ сабт шудааст ва шоиру муҳаққиқи эронӣ Муҳаммадалии Сипонлу онро бо далоиле аз Рӯдакӣ медонад ( «Донишномаи Рӯдакӣ», ч. аввал, с. 171-172), ба сабаби вожаю таркибҳои он ва мазмуни орифонаи байти дувуми порои аввал, тардид дорем. Байти мазкур ин аст:

З-интизори хоки пояш ғунчаро
Оби ҳасрат дар даҳон ояд ҳаме.

**Хинг** – сафед ва аспи сафед, чунонки дар ин шеър низ омадааст.

127. **Руҳулқудус** – руҳи пок, ки мабдаъи ҳаёт аст, асли севум аз ақоними сегона дар назди масеҳиён.

130. **Малоҳӣ** – васоили хушгузаронӣ ва айшу нишот; **тофтароҳӣ** – гумроҳӣ.

***Рубоиёт.*** Бо он ки Ҷалолуддини Ҳумоӣ ва Шафеъии Кадканӣ ба иттилоъи Шамси Қайси Розӣ дар мавриди мухтареъи рубоӣ будани Рӯдакӣ мувофиқ нестанд, аммо ин нукта бебаҳс аст, ки аз шоирони аҳди сомонӣ рубоӣ бештар аз ҳар шоири дигар аз устод Рӯдакӣ боқӣ мондааст. Албатта, на ҳамаи рубоиҳое, ки дар манобеъ ба номи Рӯдакӣ забт шуда, ҳосили табъи ӯ будааст. Аммо ин нуктаро низ набояст фаромӯш кард, ки ин амр на танҳо марбут ба рубоиҳои устод аст, балки «дар миёни анвоъи шеър рубоӣ аз назари таъйини сарояндаи он вазъи ошуфтатаре дорад. Чи басо рубоӣ ба чанд шоир нисбат дода шуда. Дар рубоиёти мансуб ба Рӯдакӣ, ки ҳудуди ёздаҳ қарн аз замони мо фосила дорад, низ ин амр содиқ аст». (Ҷаъфари Шиъор ва Ҳасани Анварӣ. Гузидаи

ашъори Рӯдакӣ, с. 168). Бештари рубоиҳои мансуб ба Рӯдакӣ дар маохизи қарнҳои охир омада ва низ гоҳе бо сабки шеъри аҳди сомонӣ фосила доранд. Қисме аз онҳо дар девони шоирони дигар ҳам омадаанд. Чунончи, рубоиҳои шумораи 134 ва 138 дар девонҳои Анварӣ ва Қатрон, рубоиҳои шумораи 141, 164, 165 дар девони Анварӣ, рубоиҳои шумораи 145, 146 ва 150 дар девони Қатрон, рубоиҳои шумораи 144 ва 155 дар девони Унсурӣ низ омадаанд. Вале бо ин далел низ ин рубоиҳоро наметавон ба яқин аз Анварӣ, Қатрон ва Унсурӣ донист, чи шеъри шоирони дигар, аз ҷумла Рӯдакӣ низ вориди девони онҳо шуда.

133. Устод Нафисӣ дар мавриди мансубияти ин рубоӣ ба Рӯдакӣ шубҳа дорад ва навиштааст: «Ин рубоӣ дар ду сафинаи мухталиф ба номи Рӯдакӣ омада аст, вале машкук аст аз ӯ бошад, зеро ки дар мисраъи чаҳорум калимаи «димоғ» ба маънии «бинӣ» омадааст ва гумон надорам дар замони Рӯдакӣ ин маъниро дошта бошад» (МААР, с. 514).

Танҳо дар як нусхаи девони Саноӣ рубоии зайл забт аст, ки байти аввали он бо андаке дигаргунӣ байти якуми ҳамин рубоии мансуб ба Рӯдакӣ аст:

Дар раҳгузари боғ чароғе, ки туrост,
Тарсам бинишинад ар фароғе, ки туrост.
Бинишонад ҳам оби аҷал оташи ту,
Барбод диҳад хок димоғе, ки туrост.

*(Саноӣ. Девон, с. 1114)*

Ва низ Саноӣ бо истифода аз ин қафовӣ ва маънии мисраъи аввали рубоии мансуб ба Рӯдакӣ рубоии дигар сурудааст:

Бар дил зи ғами фироқ доғе дорам,
Дар ёфтани ком фароғе дорам.

Бо ин ҳама пурҳавас димоғе дорам,
Дар раҳгузари бод чароғе дорам.

*(Саноӣ. Девон, с. 1152)*

139.Саноӣ низ дар ин қофия ва радиф рубоӣ дорад:

Моро ба ҷуз аз ту оламафрӯз мабод,
Бар мо сипаҳи ҳаҷри ту пирӯз мабод!
Андар дили мо зи ҳаҷри ту сӯз мабод,
Чун бо ту шудам, бе ту маро рӯз мабод!

*(Саноӣ. Девон, с. 1127)*

141. **«Чун субҳ ...».** Мисраъи аввали рубоӣ, ки аз дигар маохиз фарқ мекунад дар «Чаҳор гулзор», аз Хоҷа Ҳасани Нисорӣ омадааст. (Маъхуз аз мақолаи А. М. Хуросонӣ. Назаре тоза дар тасҳеҳи ашъори устод Рӯдакӣ. – «Рӯдакӣ», 1384, шумораи 8-9, с. 116).

142. Дар «Луғатнома» омадааст, ки муаллифи тазкираи «Субҳи гулшан» ин рубоиро бо номи Наҷм Ҳасани Кирмонӣ, маъруф ба Шаҳравия ва ҳаким Наҷмуддин овардааст.

151. **Булкома** – комҷӯ, пурорзу.

152. **Мафраш** – густарданӣ, гилем.

158. Интисоби ин рубоӣ ба Рӯдакӣ ба сабаби истифодаи таъбири «пири хонақоҳ» машкук аст. Устод Шафеъии Кадканӣ, ки истилоҳи «хонақоҳ»-ро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба натиҷа расидааст, дар қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ, ки замони зиндагии Рӯдакӣ аст, «хонақоҳ» танҳо ба маънии макони таҷаммуъ ва ибодати монавиён ва карромия истифода мешуда ва истифодаи он дар мавриди макони таҷаммуъи суфия танҳо аз нимаи асри панҷум оғоз шудааст. (Ниг.: Муқаддимаи Муҳам-

мадризо Шафеъии Кадканӣ ба «Асрору-т-тавҳид», бахши аввал, с. саду бисту нуҳ).

169. **«Курпо».** Фарҳангҳои тафсирии форсӣ ин вожаро дар шаклҳои «карпо», «гарпо, «курпо», «карповон», «казбор», «казво» ва ғайра овардаанд ва шарҳҳои мухталиф низ ба он додаанд. Дар «Лугати фурс» омадааст: «гиёҳе бошад, ки онро ҳаландуз хонанд» ва бештари фарҳангҳо онро такрор кардаанд. Аммо бо таваҷҷуҳ ба ин ки «ҳаландуз» гиёҳе доруӣ будааст ва барои ҷамъ овардани он кор фармудани дос ҳатмӣ нест ва низ бар хилофи ташбеҳҳои Рӯдакӣ, ки ҳама осону сода фаҳму дарк мешаванд ва даравидани гиёҳи доруии нодир амалест, ки на барои ҳама ошност, ин шарҳ наметавонад дуруст бошад. Дар Фарҳанги форсии Муъин «курпо» ва «курповон» – «шабдар» шарҳ шудааст ва ин шарҳ маънии шеъри Рӯдакиро ба хубӣ мерасонад. Ва бояд гуфт, вожаи «курпо» ҳанӯз ҳам дар зодгоҳи устод ба маънои аспист ва ё юнҷа (навъе аз шабдар ) –и навруста (бист-бисту панҷ сантиметр руста) мавриди истеъмол аст. (Ниг.: Аълохон Афсаҳзод. Одамушшуаро Рӯдакӣ, с. 285) Ва ин вожа ба ҳамин маъно дар шимоли Афғонистон низ роиҷ будааст: «Вожаи «курпо» имрӯз дар Кобул ва сафаҳоти шимол ба касрат маъмул аст (ва) ба ҳар навъ гиёҳе, ки аз замин нав боло шуда бошад ва ҳанӯз дона бар наёварда ва хӯша накарда бошад, итлоқ мегардад. Масалан гуфта мешавад: курпаи шабдар, курпаи рушқа, курпаи гандум, курпаи ҷав ва аз ин қабил» (Муҳаммадҳусайни Ямин. Гоҳномаи вожаҳо дар ашъори Рӯдакии Самарқандӣ. – Ёдномаи устод Рӯдакӣ, с. 187)

170. Байт дар «Фарҳанги Қаввос» ва «Дониш-номаи Қадархон» ба Рӯдакӣ ва дар фарҳангҳои дигар (аз ҷумла, «Луғати Фурс», «Фарҳанги Ҷа-

ҳонгирӣ», «Туҳфату- л-аҳбоб», «Маҷмаъу-л-фурс») бо гунаи дигартари мисраъи аввал ба Дақиқӣ нисбат дода шудааст.

**«Кабд» ё «кабад»** - лаҳим, ки ба воситаи он ду филизро бо ҳам мечаспонанд. Ва ин ки дар «Донишномаи Қадархон» ва ба нақл аз он дар бархе маҷмуъаҳои ашъори Рӯдакӣ вожаро ба сурати «кайло» овардаанд ва низ ин ки «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Маҷмаъу-л-фурс» алифи итлоқи вожаро бахше аз калима пиндоштаанд, хатост.

171. Ин байт талмеҳ ба ҳикояте аз «Калила ва Димна» аст, ки Рӯдакӣ онро ба назм овардааст.

173. **Парғуна** – зишт, дурушт, ноҳамвор.

175. **Безовар** – он ки маркаб надорад ва низ оҷизу нотавон, заъиф.

176. Байт аз «Луғатнома» нақл шуд.

177. **Озарахш** – барқ, соъиқа.

178.Ин байт ба номи Дақиқӣ низ омада.

Дар бархе аз маъохиз ва ба нақл аз онҳо дар маҷмуъаи осори Рӯдакӣ «Таштар», ки эзади муваккили борон дар асотири эрониёни бостон буда, ба шакли «Баштар» омада, ки бештари муҳаққиқон онро тасҳиф медонанд. Аммо ба ақидаи Б.-Н. Ғафор табдили «т» ба «б» амре қонунӣ дар забонҳои эронист (Шоири Хуросон, с. 46-55).

179. Байт ба Дақиқӣ ҳам мансуб аст. **Хабок** – деворбасти болокушодаро гӯянд барои нигоҳ доштани бузу гусфанд.

180. Мисраъи дувум ба ин сурат, ки муносибтар аз ривоятҳои дигар аст, аз «Луғати фурс», нусхаи Панҷоб нақл шуд. Мисраъ дар нусхаҳои дигари ин луғат ба суратҳои «фурӯ монӣ чу хар дар чоҳи (ва: дар ҷойи) шилко», «фурӯ монӣ чу хар ба м-ёни (миёни) шилко», дар «Сиҳоҳу-л-фурс», с. 183: «фурӯ монад дар-ӯ чун хар ба шилко» , дар «Фарҳанги Қаввос», с. 53: «фурӯ монӣ чу хар дар

айни шилко» ва дар «Туҳфату-л-аҳбоб», с. 222 ба сурати «фурӯ монӣ ба шилко рост чун хар» забт шудааст. **Шилк** – гил, лой.

182. Мисраъи дувуми ин байт дар маохиз ва нашрҳои осори шоир ба суратҳои мухталиф омадааст. Мураттибони ДОШ танҳо муҳаққиқоне ҳастанд, ки онро ба таври нисбатан саҳеҳи **«ҷомаи хона ба табатк- фохтагуно»** тасҳеҳ кардаанд ва дар ҳошия овардаанд: «табатк» – пашми нарми буз. Дар фарҳангҳо ва шеъри Рӯдакӣ ин вожа ба сурати галати «ба табк» ба маънии абрешум сабт шудааст. Сурати дигари вожаи «табатк» – «табат» мебошад». Вале сурати дурусти вожа чунонки дар фарҳангҳо (аз ҷумла ниг. Фарҳанги Муъин, Фарҳанги форсии Амид) забт шуда ва дар гӯишҳои форсии Мовароуннаҳр имрӯз низ мустаъмал аст, «тибит» мебошад.

183. Байт ба сурати забтшуда дар «Луғати фурс»-и маҳфуз дар китобхонаи Ватикан ба Рӯдакӣ нисбат дода шудааст. Дар нусхаи донишгоҳи Панҷоб ин байт бо мисраъи дувум ба сурати «дер зию шоду нек бодат мурво» ба Рӯдакӣ, вале дар нусхаҳои китобхонаи Ватикан ва нусхаи девони Ҳинд ба Баҳромӣ мансуб дониста шудааст. («Луғати фурс», 1336, с. 2; «Луғати фурс», 1365, ҳошияи с. 25). Устод Деххудо бар он аст, ки Баҳромӣ мисраъи аввалро аз Рӯдакӣ тазмин кардааст. **Мурво** – фоли нек, дуои хайр, муқобили “мурғво”, ки фоли бад аст.

184. **Басағда** – омода, муҳайё, тайёр.

185. **Мандал** – хате, ки афсунгарон ва азоимхонон дар перомуни худ мекашанд ва андаруни он нишаста дуо мехонанд.

188. **Риж** – ком, орзу, мақсад, ҳавою ҳавас; **ридак** - ғуломи навҷавон.

189. Аллома Деҳхудо интисоби ин байт ба Рӯдакиро ғалат медонад, вале ваҷҳе барои ин ҳукм наёварда.

**Фалот** - тор; **фавот** – фавт шудан, нобуд шудан, мурдан.

190. Байт ба Лабибӣ ҳам мансуб аст ва низ «Фарҳанги Қаввос», зайли «пешор» онро ба Асадии Тӯсӣ нисбат додааст.

191. **Котура** – сарсонӣ, саргаштагӣ.

192. Байтро бештар маъохиз ба Фароловӣ нисбат додаанд. «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ба номи Шамси Фахрӣ оварда, ки дуруст нест. **Лод** – девори гилӣ; **бунлод** – асос ва пояи девор, таҳкурсӣ.

193. **Вағеш** – бисёр, фаровон, анбуҳ.

195. **Навбаҳор** – бутхона.

196. Ин байт танҳо дар «Луғати фурс», нусхаи Панҷоб маҳфуз монда (с. 137) ва аз он ҷо нақл шуд.

197. Ин байтро бархе манобеъ ба Абулмасали Бухороӣ низ нисбат додаанд. Вале гумон мекунам, муаллифи асосии байт Рӯдакӣ аст ва сабаби ин иштибоҳ шояд байти дигаре аз Абулмасал аст, ки маъниро аз устоди Аҷам бурда ва ба он мазмуни мақлуб додааст:

Набинӣ, ки бози сапедӣ кунун,
Агар кабк бигрезад аз ту сазо.

*(«Шоирони аҳди Сомониён», с. 57; «Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ», с. 70).*

198. **"Фириснофа"** – шаби фаро расидани Наврӯз. Амон Нуров меоварад, «ба сабаби он ки дар замони пеш дар шаби Наврӯз ба дӯстон *фиристодани мушк* одат будааст, ин калима» аз ин расм – фиристодани нофа пайдо шудааст» (ФАР, с. 252).

200. Ин байт танҳо дар «Луғати фурс»-и нусхаи донишгоҳи Панҷоб («Луғати фурс», 1365, с. 125) ва се нусхаи «Туҳфату-л-аҳбоб» ба Рӯдакӣ нисбат дода шуда («Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ», с. 407) ва дар бештари маъохиз ба Мунҷики Тирмизӣ мансуб аст.

201. Байтро ба Кисоӣ низ нисбат додаанд.

202. Ин байт ба Асҷадӣ ҳам мансуб аст ва дар «Луғати фурс» 1365, с. 39, ки онро ба номи ин шоир оварда, ба сурати зайл аст:

Ҷуғд, ки бо бозу бо куланғон кушад,
Бишканадаш парру болу гардад лат-лат

ва гумон мекунам сурати дурусти байт ҳамин аст.

206. **Тарфанҷ** – роҳи борику душвор.

207. Байт, ки дар маҷмуаҳои қаблии осори Рӯдакӣ наёмадааст, аз «Меъёру-л-ашъор»-и Хоҷа Насириддуни Тӯсӣ гирифта шуд (Ниг.:Қ. Рустам. Абёти тозаи устод Рӯдакӣ ва бозхонии байтҳои машҳури ӯ. –СШ, 2010, № 1) Дар асл ба ҷои «рӯд» «зуд» омада, ки дар ин байт муносиб нест.

210. **Васнод** – бисёр, анбуҳ, фаровон.

212. Байт ба Мунҷик ҳам мансуб аст.

**Хашук** – ҳаромӣ, ҳаромзода.

213. Дар ҷопи аввал ривояти дигари мисраъи аввали байт: «Ёфтӣ чунки мол ғарра машав»-ро оварда будем, ки чандон наздикӣ ба ҳинҷори сухани Рудакӣ надорад.

214. Ин байт дар «Донишномаи Қадархон» бо тағйири мисраъи аввал («дами саломат гирифта хомӯш») ва дар «Фарҳанги Қаввос» ба Рӯдакӣ нисбат дода шудааст. Назир Аҳмад мусаҳҳеҳи «Фарҳанги Қаввос» танҳо ба ин далел, ки дар «Луғати фурс» байт ба номи Абулаббос дарҷ шудааст, нисбати он ба Рӯдакиро ғалат медонад

(«Фарҳанги Қаввос», с. 73), аммо ин ҳукм дуруст нест ва муаллифи аслии байтро ба яқин намедонем.

216. **Фалҷ** – занҷири дар; **пажованд** – чӯбе, ки ба воситаи он дарро аз пас муҳкам кунанд, то боз нашавад, танба.

217. Байт тасҳеҳи қиёсӣ аз аллома Деҳхудо аст, ки онро мукаррар ба шоҳиди вожагон овардааст. Дар мисраъи дувум дар «Луғати фурс» ба ҷойи «ланг» «лек» ва дар «Сиҳоҳу-л-фурс» «лег» омада, ки маънои муносибе надоранд («Луғатнома», зайли «наванд»). Аммо маънии байт дар тасҳеҳи аллома Деҳхудо чунин аст: кирдори чарх чунин аст, ки бадиҳоро хеле зуд меоварад (дар овардани бадиҳо наванд аст) ва некиро бо таъхир мерасонад (дар овардани накуиҳо ланг аст).

218. **Нағил** – ин вожаро фарҳангҳо оғил ва ҷойе, ки дар кӯҳу саҳро барои хобидани гусфанд ва чорпоёни дигар созанд шарҳ додаанд, вале гумон мекунам, сурати дигаре аз оғил аст ва дар куҷо сохта шудани он муҳим нест.

219. **Сутудон** – дахма, ҷойе, ки зардуштиён устухонҳои мурдагонро нигоҳ медоранд ва ба тавсиъаи маънӣ гӯристон.

220. «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» дар мисраъи аввал бадали «таш», ки мухаффафи «оташ» аст, «тас» оварда ва онро «тапонча» маънӣ кардааст.

222. В. Охониёзов зайли мақолаи «Зарандуд» дар «Донишномаи Рӯдакӣ», ч. 1, с. 483 мисраъи дувумро ба гунаи «Рост чун киштиест зарандуд» оварда, навиштааст: «Рӯдакӣ равиш ва ранги мурғи обиро ба киштии тиллоранги рост шинокунанда ташбеҳ додааст». Ӯ бо чунин забт ва шарҳи ғалат низ басанда накарда, идома додааст: «Дар «Девон» (Олмотӣ, 2007, с. 77) ... мисраи дуюм... бо калимаи «қирандуд» анҷом ёфтааст, ки ба мантиқи

мисраи аввал баробар намеояд, зеро моғ як навъи мурғи сиёҳранг аст, на тиллоранг». Бале, «моғ», мурғи обии сиёҳранг аст ва ба ду рӯй ба каштӣ ташбеҳ шудааст, ҳам ба кирдор, ки шиноварист ва ҳам ба ранг, ки сиёҳ аст. Дар кадим, ба баданаи каштиҳо қир меандуданд, то чӯб обро ҷазб накунад, вагарна каштӣ сангин ва дар ниҳоят гарқ мешуд. Ва қир моддаест, ки ранги сиёҳ дорад. Каштии зарандудро касе дар таърих ёд надорад. «Рост» ҳам дар ин байт на сифат, балки зарф аст.

223. Ин байт, ки устод Нафисӣ танҳо манбаъи онро «Луғати фурс»-и чопи Аббос Иқбол нишон додааст, дар ҳама маҷмуъаҳои осори шоир ба ҳамин сурат, ки аз мисраъи дувуми он маънои муносибе наметавон берун овард, омадааст ва устод Нафисӣ ҳам дар баробари он суол гузоштааст. Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо байт дар зайли «ситох», ки шохи барҷастаи рост аз шохи дигар шарҳ шуда, ба ҳамин сурат ва аммо зайли «тох» ба сурати дигаргунае омада:

Шохе баромад аз бари шохи дарахти туд,
Тохе зи мушку шох зи анбар, дарахт уд.

Ва «тох»- ро дар ин байт озоддарахт, ки «баргу самараш дар даво истеъмол» мешавад, шарҳ додааст. Ва аммо дар «Лугатнома» маъхази байтро нишон надодаанд.

225. Мураттибони ДОШ ба ҷойи «фунуд» «ғунуд» оварда ва навиштаанд, «фунуд» фирефта шудан аст, ки дар ин мисраъ маънии дурусте надорад. Аммо ба гувоҳии «Бурҳон» «фунуд»-ро «ба маънии нола ва зорӣ ҳам гуфтаанд» («Луғатнома», зайли «фунуд»).

227. **Мушаҳҳар** – машҳур, шуҳратёфта; **мушайяд** - муртафеъ, баландшуда.

229. Байтро ба номи Лабибӣ ҳам овардаанд ва эҳтимоли интисобаш ба ин шоир, ки табъаш ба ҳаҷву ҳазл зиёд гироиш дорад, бештар аст.

**Хаҷш** – омосу вараме, ки дар гардан барояд; **хик** – машк, зарфе, ки аз пӯсти гусфанд ё гов мекунанд барои нигоҳ доштани об, мост ва шароб.

230. Мисраъи аввал дар Фаҳанги форсии Муъин ва «Луғатнома» ба сурати «гузида чаҳортуст бад-ӯ дурчҳо ниҳон» забт шудааст.

**Чаҳорту** – киноя аз дунёст, ки таркиб ёфта аз чаҳор унсури обу оташу боду хок аст; **ҳаморо** – ҳамвора, ҳамеша доим; **охшич** – унсур, табъ.

232. Ин байт дар «Луғати фурс» ва «Сиҳоҳу-л-фурс» ба номи Баҳромӣ, вале бо тасҳифи «бияфканӣ» ба «наяфканӣ» ва «маяфканӣ» дар «Фарҳанги Қаввос» ва «Донишномаи Қадархон» ба номи Рӯдакӣ омадааст. Дар «Донишномаи Қадархон» дар ҳарду мисраъ бо тағйироти дигар низ омада. Назир Аҳмад, мусаҳҳеҳи «Фарҳанги Қаввос» ба далели интисоби байт ба Баҳромӣ дар фарҳангҳои мазкур, бар ин аст, ки байт аз Рӯдакӣ нест ва бештари таҳийякунандагони ашъори Рӯдакӣ низ онро дар маҷмуаҳои осори шоир наёвардаанд. Вале чун нусхаҳои «Луғати фурс» аз назари интисоби абёт вазъи ошуфтае доранд ва «Сиҳоҳу-л-фурс» низ дар асоси нусхаҳои он тадвин шуда, ҳукми қатъӣ дар ин бора ҷоиз нест. Гузашта аз ин, мураттибони ашъори Рӯдакӣ чанд байти дигарро низ, ки танҳо дар «Фарҳанги Қаввос» ва «Донишномаи Қадархон» ба Рӯдакӣ мансуб мебошанд ва дар сойири фарҳангҳо ба номи шоирони дигар забт шудаанд, ба маҷмуъаи осори устод ворид кардаанд ва дар ин маворид муроъоти муқаддам будани нусахи қадимтарро фаромӯш кардаанд.

**Гужор** – чинадон, ҳавсалаи мургон, ки донаҳои хӯрдаашон дар он ҷамъ мешавад ва он ба ҳазми ғизо мусоъидат мекунад.

237. **Фарғанд** – гулест бо косагулҳои зебои сурху сабзу кабуд, ки ба дарахтон ва гиёҳони дигар мепечад ва қад меафрозад. Ин вожаро фарҳангҳои тафсирии гузашта ва ба пайравӣ аз онҳо мураттибони осори Рӯдакӣ ба иштибоҳ «гиёҳе ки ба дарахт печад ва онро хушк кунад», «заҳрпечак», «маразпечак», «бӯйи ганда» шарҳ додаанд. Ба эҳтимол, муҳаррирони фарҳанғҳо ин калимаро бо вожаи дигари «фажғанд», ки «фажок» ва «фажокин», ба маънои чиркин, ки низ аз он реша ҳастанд ва Рӯдакӣ ҳам онҳоро ба кор бурда, иштибоҳ кардаанд. «Фарғанд» дар байти зайл аз Шамси Фахрӣ воқеъан ба маънии гиёҳе, ки дарахтро хушк кунад, омада:

Боги умри туро мабод хазон,<br>
Шохи умри ту эман аз фарғанд.<br>
(«Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», бахши аввал, с. 1072)

Аммо шеваи шеъргӯйӣ ва луғатсозии Шамси Фахрӣ чунон буда, ки вай вожаҳои шоирони қадимро мегирифт ва дар бисёр мавориди бидуни дарки дақиқи маъонии ин вожаҳо шеър мегуфт ва ин байтро дар фарҳанги худ ҷойгузин менамуд. Аз ин тариқ Шамси Фахрӣ «хидмати хирсона» ба забону адаби форсӣ зиёд кардааст. Аллома Деххудо, соҳиби бузургтарин луғатномаи форсӣ ба луғат ва луғатдонии Шамси Фахрӣ назари инкор дошт.

«Фарғанд» дар байти дигари зайл, ки мансуб ба Рӯдакӣ аст, низ истифода шудааст:

Ҳар дам, ки маро гирифта хомӯш,
Печида ба офият чу фарғанд.

Агарчи маънои мисраъи аввали ин байт ҳам дар ин ҷо ва ҳам дар ривояти дигари он чандон рӯшан нест, истифодаи «фарганд» ҳамроҳ бо «офият» мерасонад, ки ин вожа, ҳадди ақалл дар аҳди Рӯдакӣ он маъноеро, ки луғатҳо ба он додаанд, надоштааст ва танҳо ба маънои гул истифода шуда.

238. Байт аз китоби Иршод…, с. 15 нақл шуд.

239. **«Теғат моҳист….».** «Бавлат моҳист», ки дар «Луғати фурс», чопи Аббос Иқбол омада (Лугати фурс, 1319, с. 160) таносуби каломро хароб мекунад ва иштибоҳ аст.

240. Шак дорам ин байт аз Рӯдакӣ бошад.

241. **Сур** – мутобиқи шарҳи фарҳангҳои тафсирии форсӣ поайфзоре буда, ки аз ресмон ва пашм месохтаанд ва зоҳиран ин кафш вежаи Хуросон буда. Р. Ҳодизода ва А.М. Хуросонӣ ин вожаро «сар» (асп) хонда ва сабт кардаанд, ки галат аст! (Рудакӣ. Ашъор, 2007, с. 260; Девони ашъори Рудакӣ, с. 557)

244. «Агар ман завичат бихӯрдам гаҳе». Байт ба ҳамин сурат дар «Сиҳоҳу-л-фурс» (с. 53), ки онро ба Мунҷики Тирмизӣ нисбат додааст, забт шудааст. Мисраъи аввали байт дар ҳамаи маҷмуаҳои осори Рӯдакӣ бо истинод ба нусхаҳое аз «Луғати фурс» ба сурати «агар ман заванҷат нахӯрдам гаҳе» омада, ки ағарчи нодуруст нест, боиси тааммул аст. «Завиҷ» ва ё «заванч», ки дар ривояти дигари ин байт ва байте аз Кисоии Марвазӣ омада, хӯрокест, ки рӯдаи гусфанд ва ё говро бо гӯшту рӯған пур мекунанд ва мепазанд. Имрӯз ҳасиб ва қима гӯянд.

245. Ҳамаи мураттибони маҷмуъаҳои осори шоир, ки «кӯсаҷ»-ро дар ин байт шарҳ додаанд, ин вожаро танҳо муарраби кӯсаи форсӣ ва камриш ва низ аспе, ки ёлу думаш рехтааст, шарҳ додаанд. Аммо фарҳангҳои тафсирии форсӣ ва арабию форсии гузашта «кусаҷ»-ро ҳамчунин ба маънии «асп ё шутури оҳистарав» низ овардаанд ва «Луғатнома» барои ин маънӣ ҳамин байти Рӯдакиро шоҳид овардааст («Луғатнома», зайли «кӯсаҷ»). Агар байти зайл, ки дар фарҳангҳо ба номи Амъақи Бухороӣ омада, сурати дигаре аз байти Рӯдакӣ набошад, яқинан бо таъсири байти Рӯдакӣ гуфта шуда:

Харе зери ман чун хабаздук, лекин
Бар ӯ ман чунон чун калокуи (ё калоҳуи) аъвар.

246. **Уторид, Тир ва Дабир** ва ё Дабири фалак, хурдтарин сайёраи манзумаи Офтоб аст, ки ба забонҳои урупоӣ Меркурий гӯянд.

247. Асадии Тӯсӣ байте дорад ки мисраъи аввалаш сахт шабеҳ ба мисраъи дувуми ин байти мансуб ба Рӯдакист ва агар ҳарду ривояти як байт набошанд, пас Асадӣ онро ба тақлид аз Рӯдакӣ гуфтааст:

Камон озфиндок шуд, жола – тир,
Гули ғунча тарғу зиреҳ – обгир.
*(Гаршоспнома, с. 160).*

Ин байт бо тағйири ҷузъӣ дар калимаҳо ҳамчунин дар «Луғати фурс», 1319 ва «Сиҳоҳу-л-фурс» ба номи Асадӣ забт шудааст. Манбаъи байти Рӯдакӣ «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Фарҳанги Рашидӣ» аст ва бад-ин сабаб ман дар мавриди мансубияти байт ба Рӯдакӣ тардид дорам.

Алиашрафи Содиқӣ дар мавриди вожаи «одиянда» (рангинкамон) дар байти Рӯдакӣ, «озфиндоқ» ба ҳамин маънӣ дар байти Асадӣ ва суратҳои дигари ин калима муфассал баҳс кардааст (ниг.: Алиашрафи Содиқӣ. Ашъори тозаи Рӯдакӣ. – Ёди ёри меҳрубон, с. 261- 264).

248. **Бухтур** – раъд. «Фарҳанги Онандроҷ» «бухтур» ва «бухту»-ро тасҳифи «бахну» донистааст (ниг.: «Луғатнома», зайли «бухту»). **Матир** – борон.

250, 251, 252. Ин се байт танҳо дар нусхаи лоҳурии «Луғати фурс» маҳфуз монда ва аз он чо (с. 118) нақл шуд. Мисраъи дувуми байти дувум ба ҷойи «эдар» «андар» дорад ва таҳийякунандагони матни фарҳанг ба тасҳеҳи қиёсӣ онро ислоҳ кардаанд. Онҳо ҳадс задаанд, мумкин аст дар байти севум «парвоз сурате аз падвоз ва патвоз ба маънии нишемангоҳ бошад» («Луғати фурс», 1365, ҳошияи с. 118).

254. Дар ҳамаи маҷмуаҳои ашъори Рӯдакӣ, ки ин байтро доранд (ба ҷуз ДОШ) ба ҷойи «дерёзӣ» ва «дерёз» «дербозӣ» ва «дербоз» омада, ки ғалат аст. Иштибоҳи «дерёз» бо «дербоз» дар фарҳангҳои тафсирии форсӣ низ дида мешавад. (Ниг.: «Луғатнома», зайли «дерёз»).

255. **Бароз** – барозандагӣ, зинат, ороиш.

257. Ин байт ба суратҳои мухталиф омадааст. Дар «Фарҳанги Қаввос» мисраъи аввал ба сурати «То дамону давон ҳамеояд» ва мисраъи дувум мисли матн аст.

259. Устод Нафисӣ ин байтро бо истинод ба «Луғати фурс»-и Асадӣ, нусхаи хаттии мукаммали муаррихи 877 ҳиҷрӣ ва «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» дар ашъори Рӯдакӣ овардааст (МААР, с. 524). Аммо дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», веростаи дуктур Раҳими Афифӣ, с. 2262 ва ҳамчунин дар «Фарҳанги

Рашидӣ» ва «Анҷуманоро» ба номи Абулаббоси Марвазӣ ва дар нусхаҳое аз «Луғати фурс» ба номи Абулаббоси Анбар омадааст («Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ», с. 373 – 374).

**Вотгарон** – пӯстиндӯзон; **тимос** – дар фарҳангҳо ба маънии ҷангал, беша ва найистон омадааст. Аммо муаллифи «Луғатнома» овардааст: «дар қавомиси араб калимаи даймос ё димос ҳаст ба маънии лона ва сӯрохи зеризаминӣ, ки вуҳуш ба лона гиранд ва амсоли он мебошад ва ба гумони ман тимос ва димос яке таъриб ё тасҳифи дигаре аст ва аз шеъри Абулаббос (ҳамин байт – Қ.Р.) тимосро ба маънии беша ва найистон ва ҷангал гирифтаанд ба ҳадс».

260. Аллома Деҳхудо ин байтро ғалат дониста ва зайли «пандом» дар «Луғатнома» онро ба сурати зайл тасҳеҳ кардааст:

Гираде оби ҷӯйро пандом,
Чун бувад баста нек роҳ зи хас.

Мисраъи дувум дар зайли «хас» низ ба ҳамин сурат омада, вале зайли «набк» ва бо истинод ба ҳошияи «Бурҳони қотеъ» «набкроҳ» забт шудааст.

Аммо бо таваҷҷуҳ ба маънии «пандом», ки дар фарҳангҳо варам, омос, банд гирифтан шарҳ шуда, сурати саҳеҳи байт ҳамон аст, ки бо истинод ба «Луғати фурс», чопи Аббос Иқбол дар МААР, с. 503 (эҳтимол ба иллати ғалати чоп ба ҷойи “набк” “банк” (ё “бунак”?) омада), Рудаки. Стихи, стр. 368 ва «Насими Мӯлиён», с. 100 омада ва мо низ онро нақл кардем. Оби ҷӯй пайваста дар ҳоли ҷорӣ шудан аст ва хасу хошок наметавонад ба ҳадде садди он гардад, ки боиси «пандом» шавад ва баръакс кишоварзон гоҳе барои муддати мадид об додани дарахт ва ё сабзиҷот пеши обро масдуд

мекунанд ва дар ин вазъ хас ҳам метавонад таровиши обро масдуд кунад.

261. Ин байт дар бархе аз нусхаҳои «Луғати фурс» ба Рӯдакӣ ва дар баъзе нусахи ин луғат ва «Фарҳанги Қаввос» ба Шаҳиди Балхӣ нисбат дода шудааст.

263. Ин байт, ки бештари фарҳангҳо ба Унсурӣ нисбат додаанд, танҳо дар «Донишномаи Қадархон» ба номи Рӯдакӣ забт шудааст. Дар «Луғатнома» бидуни истинод ба маъхазе ба номи Масъуди Саъд омадааст.

**Сарпош** – гурзи гаронсанг.

264. Байтро ба Урмуздӣ низ нисбат додаанд.

Дар мисраъи аввал «бахш» бадали «наҳс», ки дар маҷмуъаҳои осори шоир омада аз «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» нақл шуд.

**Баҳром** - ситораи Миррих (Марс) ва **Зивош**-ситораи Муштарӣ. Зивошро аз решаи Зевс- худои юнониён донистаанд (ФАР, с. 115). Баҳромро дар қадим наҳс ва шум (чунонки дар асотири юнониён низ ситораи ҷанг аст) ва Муштариро саъду муборак медонистанд.

266. Танҳо маъхази ин байт бино ба ишораи С. Нафисӣ ва Л. Брагинская «Бурҳони ҷомеъ» будааст. Мисраъи аввал дар ин маъхаз «ҳаме то қутб боҳур аст зери гунбади ахзар» забт шуда, ки эшон ва дигар таҳиййякунандагони маҷмуъаи ашъори Рӯдакӣ ба пайравӣ аз онон айнан нақл кардаанд. Ва аммо «боҳур»-ро устод Нафисӣ «бухоре, ки дар ҳавои гарм аз замин хезад» ва муаллифи ФАР «шиддати гармои тобистон» шарҳ додаанд, ки дар ҳар ду сурат дар ин байт маънои муносиб намедиҳад. Р. Ҳодизода бо таъкид бар ин ки сурати мавҷуди мисраъи аввал боиси халалдор шудани маъно ва таносуби калом шуда, афзудааст: «чаро вақте ки «зери гунбади сабз бухор» бошад, як

паллааш –мисли тарозу – шакарпош асту паллаи дигари он ба сари кас санг меандозад? Тарозу одатан дар шеър ба маънои баробарӣ, ҷӯрӣ оварда мешавад. Шояд ба ҷойи «боҳур» дар асл «боҷур» бошад. Яъне шоир гуфтан мехостааст, ки дар зери ин гунбади сабз то кутб (?- Қ.Р.) мисли тарозу як баробарӣ, ҳамҷӯрӣ (боҷӯрӣ) вуҷуд дорад. Агар як тарафи он меҳнат бошад, тарафи дигараш роҳат аст» (Р. Ҳодизода. Дар тадқиқи осори Рӯдакӣ. – СШ, 1982, № 9). Эроди Р. Ҳодизода дуруст аст, аммо пешниҳоди ӯ пазируфтанӣ нест. «Ҷӯр» ва «ҷӯрӣ»-ю «боҷӯрӣ» хоси сабки қарни Рӯдакӣ нестанд ва низ «ҳамҷӯрии ҷаҳон» мухолиф бо ҷаҳонбинии Рӯдакӣ аст, ки дунёро гоҳ фарозу гоҳ нишеб мебинад, дар он «гоҳӣ» ҳам ҳасту «чоҳӣ» ҳам, гоҳ «боди барин» мевазад ва гоҳ «боди фурудин», шодӣ дар паҳлӯи ғам аст ва г. ва ба қавли худи Р. Ҳодизода ҳам меҳнат дорад ва ҳам роҳат. Маънии байт бо таваҷҷуҳ ба як маънои қутб дар тасҳеҳи мо чунин аст, ки то дар зери гунбади сабз ситораи қутб ва хуршед вуҷуд дорад, яъне то охири дунё кирдори ин дунё ҳамин аст, ки гоҳ шаҳду шакар медиҳадат ва гоҳ санг ба сарат меборад. Дар мутуни қадим «бо» ба маънии «ва» зиёд ба кор рафтааст. Чунончи, дар ин байти Рӯдакӣ:

В-ар-ш бибӯйӣ гумон барӣ,ки гули сурх,
Бӯй бад-ӯ доду мушку анбар бо бон.

267. **Зӯш** – тундхӯй, зудранҷ, хашмгин.

268. Байт ба Кисоӣ ҳам мансуб аст. Мисраъи аввали он бо тағйире ҷузъӣ ҳамчунин мисраъи аввали байти дигаре аз Рӯдакист. (Ниг: порчаи 274 дар ҳамин китоб).

**Кофур** – моддае хӯшбуй, ки аз дарахти комфуро ва бархе гиёҳони дигар истихроҷ мешавад ва

дар пизишкӣ мавриди истифода будааст; **болус** – кофури мағшуш, кофури омехта бо моддаи дигар; **бо нок** - пешванди "бо" ва пасванди "нок", омехта, ғайри тоза.

269. Мисраъи аввали байт дар маохиз ба суратҳои мухталиф омадааст. «Фарҳанги Қаввос»: Гирди гули сурх ту сиёҳхат бикашидӣ (с. 117); «Туҳфату-л-аҳбоб»: Бар гирди гули сурх бикашидӣ хати сабзе (с. 196); Бар ғирди ғули сурх хати нав бикашидӣ («Донишномаи Қадархон», с. 84а). **Халолуш** – ошуб, фитна, ғулғула, машғала.

270. **Шот** – гӯсфанд; **шахеш** – парандае кӯчак ва хушовоз.

272. Дар «Насими Мӯлиён», с. 101 (ва ДОШ, с. 123, шояд ба пайравӣ аз «Насими Мӯлиён») ба нақл аз маҷмуъаи ашъори шуъарои мутақаддимин, ки дар қарнҳои XYII – XYIII таҳийя шудааст, байти зайл омада

Ай дареғо, ки лашкари асбоб
Гашт кам лашкареву буд вағеш!

Гумон мекунам, ин байт, ки маънии муносибе аз он наметавон берун овард, сурати мағшуши байти шумораи 272 аст, ки дар «Луғати фурс» ба Кисоӣ ва дар «Сиҳоҳу-л-фурс» ба Рӯдакӣ нисбат дода шудааст.

274. Ниг. ба шарҳи порчаи 268.

275. **Аҳсануллоҳи ҷазок** – Худо ба ту подоши нек диҳод!

276. **Навбуюк** – наварус.

277. Ин байт ба ин сурат дар «Донишномаи Қадархон» ба номи Рӯдакӣ омада ва аммо «Луғати фурс» ва «Сиҳоҳу-л-фурс» онро ба сурати дигаргунтаре ба Алии Қарт нисбат додаанд:

Даромад зи даргоҳи ман он нигор,
Ғарошидаву рафта зӣ корзор.

**Ғарошида** – хашмгирифта ва хашмолуд.

**280.** Дар бархе маохиз ва ба нақл аз онҳо дар бештари маҷмуаҳои шоир ба ҷойи «ҳариқ» дар мисраъи дуюм «ҳариф» ва гоҳе «шафиқ» омада, ки ғалат аст. Шоир дар ин байт санъати саҷъро ба кор бурааст ва дар сурати истифодаи «ҳариф» ба ҷойи «ҳариқ» ҳам сурати шеър ва ҳам мантиқи он таҳриф мешавад. «Шафиқ» низ бо он ки аз назари саҷъ дуруст аст, аз лиҳози маънои умумии байт ва таносуби сухан муносиб нест. Шоир хитоб ба мамдуҳ мегӯяд, давлатат барои душманонат мисли оташ ва рақибон ҳезуми он бошанд. Дар сурати «давлатат бод ҳариф» хондан, ташбеҳи душман бо «ғешаву нол» таносуби каломро халалдор мекунад. (Муқаддасхон Хоҷаева, Саидумрон Саидов. Тавзеҳоти «Фарҳанги Қаввос», с. 215-216).

Ин маъниро шоирон фаровон истифода кардаанд. Сӯзанӣ гӯяд:

Хашми ту оташ асту ҳасуди ту ноли хушк,
Мар ноли хушкро расад аз озаранг ранг.

*(«Фарҳанги Қаввос», с. 63)*

Шаҳиди Балхирост:
Ато-т бод борон, дили мувофиқ хед,
Ниҳеб оташу ҷони мухолифат пада бод.

*(«Фарҳанги Қаввос», с. 184)*

281. Ин ду мисраъро Ғазоирии Розӣ дар қасидае зимни посух ба Унсурӣ ба далели ҷоиз будани шиква аз дороиву сарват ба сурати зайл тазмин карда:

Ба шеъри шукр нигаҳ кун, ки Рӯдакӣ гуфтаст:
«Ҳама касеро дарвешиясту ранҷи иёл»

Ғаму аност маро, гуфт, з-ин зиёъу иқор,
«Фиғон ҳамекунам аз ранҷи ганҷу зайъати мол».
*(МААР, с. 448)*

Мисраъҳои дуюму чаҳорум мутааллиқ ба Рӯдакист ва дар мисраъи севум сурудаи Рӯдакӣ мазмунан нақл шудааст.

282. **Вел** – зафар, нусрат.

283. **Фарасп** – болор, тире, ки боми хонаро бипӯшанд.

284. **Нувед** – ваъда ва **хиром** – иҷрои ваъда. Ин ду вожа ва ҳамчунин **умед**, ки дар ривояти дигаре аз ҳамин шеъри Рӯдакӣ ба ҷойи «нувед» омада, дар якҷоягӣ бо ҳам дар ашъори шоирони сабки хуросонӣ фаровон истифода шуда ва ҷуфти қолабӣ шудаанд. Фирдавсӣ гӯяд:

Бигӯянд, ӯ бо хирому нувед,
Биёмад варо кард чанде умед.

Бад-ӯ бошад эрониёнро умед,
Аз ӯ паҳлавонро хирому нувед.

Носири Хусрав гуфта:

Чун дод нуведи ранҷу душворӣ,
Ороста бош мар хиромашро.

285. **Ниюша** – гӯш фаро доштан барои шунидан; **нигом** – зишт, бад, нохуш.

291. Ривояти дигари байт дар «Хизонаи омира»-и Мирғуломалии Озод омада, ки ба гунаи зайл аст:

Кӣ кунад ёрӣ маро ба гами ишқи он санам,
Кӣ тавонад зудуд аз ин дили ғамзада занги ғам?
(«Донишномаи Рӯдакӣ», ч. 1, с. 212)

292. **Оeанг** – риштае, ки ангур, себ ва ё ҳар меваи дигарро банданд ва овезанд.

295. «...**Судҳоят бар зиён**». Ин сурат, ки бар забти соири маохиз ва маҷмуаҳои осори шоир: «сар ниҳода бар зиён» бартарӣ дорад, дар «Луғатнома» дар се маврид – зайли «хоста», «зиён» ва «ёфа» омадааст, вале маъхази он ишора нашудааст. Аммо дар «Луғатнома» ҳам зайли «шубон» сурати «сар ниҳода бар зиён» ба кор рафтааст. Муаллифи «Луғатнома» «**ёфа**» дар ин байтро «парокандa ва парешон» ва «беназму бенасақ» маънӣ кардааст.

298. **Мелов** – шогирд ва **мелова ё меловия** – дастмузд ва инъоме, ки ба шогирд бидиҳанд.

299. Ин байтро, ки бо истинод ба ду нусхаи «Луғати фурс» ва «Туҳфату-л-аҳбоб» (нусхаи хаттии Тошканд, Рӯдакӣ. Ашъор, с. 55, 109) дар маҷмуъаҳои ашъори Рӯдакӣ омада, бештари фарҳангҳо ба Шокири Бухорӣ нисбат додаанд.

301. Мисраъи аввал аз «Луғатнома»-и Деҳхудо, зайли «сипанҷ», ки маъхазаш «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» будааст ва мисраъи дувум аз ҳамин фарҳанг (веростаи Раҳими Афифӣ, ҷилди аввал, с. 640) нақл шуд. «Луғатнома» дар мисраъи дувум ба ҷойи «пӯён» «ҷӯён» дорад. Танҳо маъхази ин байт дар МААР низ «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» нишон дода шуда, вале устод Нафисӣ мисраъи авваллро ба сурати ноқиси «аз пайи алфағдаву рӯзӣ ба ҷаҳд...» забт карда (шояд дар нусхаи мавриди истифодаи ӯ чунин буда) ва дигарон аз китоби ӯ ба ҳамин шакл нақл кардаанд. МААР дар мисраъи дувум «...ҷӯёну равон» дорад.

303. Байтро бештари маъхазҳо ба Дебоҷӣ нисбат додаанд.

304. Ба иттилоъи Нафисӣ (МААР, саҳ. 526) байт дар «Сулламу-с-самовот» ба Рашиди Ватвот

нисбат дода шудааст. Аммо нусхаҳои «Луғати фурс», 1336 (чопҳои Ҳорн ва Муҳаммади Дабирсиёқӣ) онро ба номи Рӯдакӣ ва «Луғати фурс», 1319 (чопи Аббос Иқбол) ба номи Абушакур овардаанд. «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» байтро бо андаке тағйир дар мисраъи аввал ба номи Хоқонӣ оварда, вале ин нисбат дуруст нест.

305. Байтро ба Маҳситии Ганҷавӣ ё Хуҷандӣ низ нисбат додаанд ва бо таваҷҷуҳ ба ин ки табъи Маҳситӣ моил ба гуфтани ашъори ракик будааст, ба назар мерасад ин нисбат дурусттар бошад. **Нус** – гирдогирди лабу даҳон.

306. Ин байт ҳамроҳ бо байти дигар, ки матлаъ аст дар Девони Қатрон, с. 493 омадааст:

Он кас, ки ба як чашм задан бурд дили ман,
Зад оташи афрӯхта дар обу гили ман.
Ҳаргиз накунад суйи мани хаста нигоҳе,
**Аз он ки** нахоҳад, ки шавад шод дили ман.

Маъхази байти дувум, ки дар маҷмуъаҳои ашъори Рӯдакӣ омада, «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Фарҳанги Рашидӣ», «Маҷмаъу-л-фурс»-и Сурурӣ будааст (МААР, с. 537), ки ҳама пас аз қарни XYI таълиф шудаанд. Бо ин ҳол, тавонад буд, ки на танҳо байти дувум, балки байти аввал низ мутааллиқ ба Рӯдакӣ бошад, чун ашъори Рӯдакӣ бо Қатрон то кунун ба таври ниҳоӣ тамйиз ва тафкик нашудааст.

«Оранг»-и омада дар фарҳангҳо муносибтар аз «аз он ки» дар Девони Қатрон аст, ки фасоҳати шеърро костааст. «Оранг» дар ин байтро «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» «ҳамоно» маъно кардааст (ҷилди аввал, с. 109) ва «Луғатнома» маъниҳои «гӯӣ», «пиндорӣ» бар он афзуда ва низ навиштааст: «калимаи орангро дар байти Рӯдакӣ ба маънии «ҳар-

гиз» низ ҳадс задаанд». Ин вожа ба сурати «аранге» ва «аранг-аранг» имрӯз низ дар гӯишҳои Мовароуннаҳр роиҷ аст ва маънои «зоҳиран», «ба назар мерасад», «гӯӣ», «гумон мекунам» дорад.

307. Марҳум Ансор Афсаҳов ба интисоби байт ба Рӯдакӣ шубҳа карда буд ва бо таваҷҷуҳ бар ин ки ҳама маъхазҳое, ки байтро ба устод нисбат додаанд, пас аз қарни XYI тадвин шудаанд ва баъид аст Рӯдакӣ мамдуҳе дошта буд, ки аз Шарвон то Обаскунро таҳти фармон дошт, ин шубҳа дуруст аст. Дар «Сиҳоҳу-л-фурс», с. 228 байт ба номи Рашидаддини Ватвот омада ва эҳтимолан моли ӯст.

308. **Рабун** – пешмузд, пешпардохт, пуле ки қабл аз оғози кор ба муздур дода мешавад.

311. Дар маҷмуъаҳои ашъори Рӯдакӣ нашри Тоҷикистон, (ба ҷуз Рӯдакӣ. Шеърҳо ) «рихин» дар ин байт ба сурати ғалати «рихан» забт шудааст. Ин ғалат дар чанд қарни қабл аз соҳибони фарҳангҳои тафсирӣ сар задааст. Аммо «ин» дар ин вожа пасванд аст, ки ба исм пайваста сифат месозад ва дар байти Рӯдакӣ ба тақозои вазн ва шояд қофия ҳам «и»-и он ҳазф шуда ва дар ин сурат «х»-ро бо касра бояд хонд на бо фатҳа.

312. **«Ҳам боди барин омад, ҳам боди фурудин»**. Ба навиштаи «Луғатнома»-и Деҳхудо, «боди фурӯдин» боди дабур, ё худ боди ҷанубӣ аст ва «боди барин» боди сабо, ё боди шимол, «чи қутби шимол баланд аст ва ҷанубӣ фуруд ва боди ҷанубӣ ва дабур музирр аст ва боди сабо ва шимол нофеъ» («Луғатнома», зайли «боди фурӯдин»). Ин вожаро бархе фарҳангҳои тафсирӣ ва мураттибони кутуби ашъори Рӯдакӣ нашри Тоҷикистон ба сурати «боди фаривадин» овардаанд, ки таносуби каломро барҳам зада ва байтро бемантиқ кардааст (Қодири Рустам. Шеъри саҳеҳи Рӯдакӣ. – СШ, 2005, № 10-12, с. 132).

314. **«Аз он кӯзобрии бозкирдор»**. Устод Нафисӣ дар баробари «кӯзобрӣ» дар ин мисраъ аломати суол гузоштааст (МААР, с. 527). Абдуғанӣ Мирзоев мисраъро ба сурати «аз он кӯзобарии бозкирдор» забт карда ва дар ҳошия овардааст: «эҳтимол «гузозапари бозкирдор» бошад, гузоза мурғи хурдеро гӯянд, ки шаклан монанди булбул аст» (ОР, с. 268). Ва бархе аз мураттибони тоҷикистонии ашъори устод ин ҳадсро ба яқин пазируфтаанд.

Устод Маликушшуаро Баҳор дар ҳошияи «Муҷмалу-т-таворих ва-л-қисас» навиштааст: «Кӯз мухаффафи кӯза аст ва муарраби он ҳам ҳаст, яъне кӯзобрӣ кӯзае будааст, ки ба худии худ аз ҳаво об фурӯ мекашидааст, ҳарчи аз он мехӯрданд, боз об медодааст монанди абр ва дар «Шоҳнома» онро ҷоме номида ба ин сифот...». (Нақл аз «Луғатнома», ҳошияи “кӯзобр”)

Шарҳи дурусту мантиқитари вожаро С. Мусавӣ, М. Қосимӣ ва А. Мирбобоев додаанд: «кӯзобрӣ: суроҳии филизӣ ё сафолии об ё шароб, ки дорои лӯла ва даста будааст. Ин вожа ба сурати «кӯзоврӣ» ва «кӯзовра» низ дар бархе аз мутуни куҳан омадааст. Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо ба шакли «кӯзобар» ба маънии қадаҳ бо ҳамин мисол аз Рӯдакӣ сабт шуда, ки ҳам шакл ва ҳам маънии он нодуруст аст. Таркиби «кӯзобрӣ» аз вожаи «кӯз» (=кӯза) ва «об» (=ов) ва решаи феълии «рийӣ» (аз феъли «рехтан») ташкил шудааст».

Бояд ёдовар шуд, дар «Луғатнома» агарчи вожаро дар моддаи луғат ба сурати «кӯзобр» овардаанд, вале ҳар се шоҳид барои ин калима ба сурати «кӯзобрӣ» аст.

**Калафт** – нӯл, минқори мурғон. **Буссадин**- марҷонӣ, аз марҷон (ДОШ, с. 132).

315. **«Ниё-т хоку...»**. Ишора ба ривояти халқи ҳазрати Одам, ки Худо аз гил офарид. Дар бархе

мачмуъаҳои эсори шоир «бинот хоку...» омада, ки гумон мекунам дуруст нест.

316. **Чарз** – парандае хокистарӣ бо ғардан ва минқори дароз. Онро барои гӯшташ, ки лазиз буда, бо бозу шоҳин шикор мекарданд.

318. **Вайҳак** – калимаи нидо, ки дар мақоми тараҳҳум, тааччуб ва низ ба маънии «вой бар ту» истеъмол мешавад.

319. **Куён-** хаймаи саҳронишинони курду араб; **боху** – чубдаст, даствор, асо.

320. Байт аз «Луғатнома», ки онро ба ҳамин сурат мукарраран ба шоҳид овардааст, нақл шуд. Дар ҳама мачмуаҳои ашъори Рӯдакӣ дар мисраъи дувуми байт ба чойи "ваго" "вафо" омада, ки ғалат аст. (Вачҳи ин ғалат мушобеҳи ҳам будани ҳарфҳои "ф" ва "г" дар алифбои форсӣ аст). Чунонки дар мисраъи аввал ҳур (озода) ва сахо бо Ҳотам иртибот дорад, ҳамчунин дар мисраъи дувум ғав ва Сом бо ваго (чанг) рабт мегирад ва Соми сувор на Мачнуну Фарҳод аст, ки бо зикри номаш ёди вафо кунанд. Ин байт шомили мазомини густардааст дар шеъри гузашта ва ба хусус, шеъри дарборӣ, ки дар он мамдуҳ пайваста дар ду ҳоли базму разм тавсиф мешавад (ва дар шеъри Рӯдакӣ, ки марсия аст, аз ин сифатҳои ӯ ёдоварӣ шуда). Фаррухӣ гӯяд:

Ба вақти ато хушхуйе, тозарӯйе,
Ба вақти ваго пурдиле, кордоне.

*(Фаррухӣ. Девон, с. 374)*

Қатронрост:
Сахоро аввалу охир, вагоро мақтаъу мабдаъ,
Нишоти авлиё дасташ, синонаш офати аъдо.

*(Қатрон. Девон. с. 28)*

**Сомгироҳ** – он ки ба Сом шабоҳат дорад, монанд ва назири Сом.

323. **Муста** – каме гӯшт, ки чун чошнӣ ба мурғони шикорӣ бидиҳанд.

324. **«Ки ту додӣ ба аввалам даста».** Ин мисраъ дар бештари маохизи қадими он: «Луғати фурс»-и чопҳои Аббос Иқбол ва Муҳаммади Дабирсиёқӣ, П. Ҳорн, «Сиҳоҳу-л-фурс» «додӣ» дорад, вале фарҳангҳои пас аз қарни XYI ба ҷойи «додӣ» «кардӣ» овардаанд ва мураттибони осори Рӯдакӣ низ ин вожаро писандидаанд. Зоҳиран, сабаби руҷҳони «кардӣ» бар «додӣ» ин буда, ки таҳийякунанда (=гон)-и бархе нусахи «Луғати фурс» калимаи дастаро «густох» ва «мардуми густох» шарҳ додаанд ва чун феъли ёвари густох «кардан» аст, дигарон низ бино ба мантиқ «густох кардан»-ро тарҷеҳ додаанд. Аммо, ба назар мерасад, таҳийякунанда(=гон)-и ин нусах маънии аслии вожаро нафаҳмида ва онро тахминан ва бо таваҷҷуҳ ба мисраъи аввал маънӣ кардаанд. Аллома Деҳхудо дар ёддоште пас аз нақли ин байти Рӯдакӣ навиштааст, ки «Фарҳанги Асадии нахҷавонӣ ба маънии мардуми густох мегирад. Агар шеър ба сурати мазбути ӯ дуруст бошад, «густохӣ» аст, на «густох», магар он ки ба ҷойи калимаи «додӣ» «кардӣ» бошад…» («Луғатнома», зайли «даста») Деҳхудо дар ёддошти дигар пас аз нақли ин байти Рӯдакӣ ва ду байти зайл аз Кисоӣ ва Носири Хусрав, ки аввалиро ба шоҳиди «даста» ба маънии ёвар ва дуюмиро ба шоҳиди «даста» ба маънии ёрӣ ва муъованат низ овардааст:

Гӯйӣ, ки ба пиронасар аз май бикашам даст,
Он бояд, к-аз марг нишон ёбию даста.

Чун аз фасод бозкашӣ дастат,
Он гаҳ кунад салоҳ туро даста

навишта: «ба гумони ман «даста» ба маънии зинҳору амон ва имзову хат ва хатти амону замон ва амру ҳукм ва фармону амсоли он аст ё далел, на маъниҳое, ки бад-он медиҳанд....» («Луғатнома», зайли «даста»). Аммо байти Рӯдакиро на бо маъниҳои омада дар фарҳангҳои тафсирии гузашта ва на бо ин маъниҳое, ки аллома Деҳхудо баршумурдааст, метавон тафсир кард. «Даста»-е ки дар шеъри Рӯдакӣ омада, бо «даста»-и сабтшуда дар байти шоҳиди Носири Хусрав, мутафовит аст. Вале бояд гуфт, девони Носири Хусрав (с. 427) дар ин байт бадали «кунад» «диҳад» дорад ва ҳамчунин дар матлаъи ҳамин қасида низ ин вожа омадааст, ки чунин аст:

Бадхӯ ҷаҳон туро надиҳад даста,
То ту зи дасти ӯ нашавӣ раста.

Деҳхудо низ дар ёддошти дигаре бо аломати тардид «даста»-ро дастурӣ, рухсат, иҷозат, изн шарҳ дода ва низ зайли «даста ёфтан» – ба маънии дастурӣ ва рухсат ёфтан байти зайл аз Ашрафии Самарқандиро ба шоҳид овардааст:

Айём нарехт хуни хасми ту чу гул,
То аз сари теғи ту чу гул даста наёфт.

Бояд гуфт, вожаи «даста» ба маънии иҷоза, рухсат, изн ба дастрасӣ додан имрӯз низ дар Панҷрӯд ва рустоҳои атрофи он мавриди истеъмол аст. Танҳо тафовуте, ки ҳаст, ин аст ки панҷрӯдиҳо ин вожаро танҳо ба сурати нафй ба кор мебаранд. Чунончи, гӯянд: *Ҳамроҳ бозӣ карданд, писари фалонӣ касеро даста надод.* Ва масал низ мезананд, ки «*соҳиби харро ба ..ни хар даста не*». Бо таваҷҷуҳ ба қидмати нусхаҳое, ки «додӣ» доранд, ҳадси охири

алломa Деххудо дар мавриди маънии ин вожа, корбурди он дар зодгоҳи устод ба ҳамин маънӣ ва байти Ашрафӣ, абёти Носири Хусрав ва низ шояд байти Кисоӣ сурати дурусти мисраъи Рӯдакӣ ҳамин аст, ки овардем.

326. Мисраъи дувум дар маъохизи он «бор оварад пада» дорад. Вале «байт бад-ин сурат маънои рӯшане надорад. Эҳтимол дорад, ки ба ҷойи «бор оварад пада» «бар н-оварад пада» бошад, яъне мева надиҳад. Ва дар ин сурат мурод он аст, ки модом, ки сарв сабз бошад ва пада (бед, ки бемева аст) бор наёварад (=то абад), аз ишқи ту кому лабам беханда нахоҳад шуд». (Тасҳеҳи қиёсии эҳтимолӣ аз Аббос Иқбол. Луғати фурс, 1319, с. 487 аст).

328. **Сор** – шутур.

329. **«Ҷаъде сиёҳ дорад к-аз кашшӣ».** Дар «Луғатнома»-и Деххудо ҳама ҷо ба ҷойи «кашшӣ» «гашнӣ» дорад. **Сархора** – сӯзане заррин, ки занон барои ороиш ва барои нигоҳ доштани рӯймол ба мӯй кунанд.

330. Ин байт дар «Фарҳанги Қаввос», с. 120 ба сурати зайл, ки аз он маънии дурусте наметавон ҳосил кард, омадааст:

Куҷо шоирон баранд манам навгувора,
Як байт бад-ин сон кунам чу санги хора.

Дар ҳама маҷмуъаҳои ашъори шоир сурати мазбут дар «Донишномаи Қадархон» омадааст:

К-аз шоирон наванд манаму навгувора,
Як байти парниён кунам аз санги хора.

С. Мусавӣ, М. Қосимӣ ва А. Мирбобоев «наванд»-ро бо «баванд» ва «навгувора»-ро бо «нав-

гавожа» иваз карда ва овардаанд, «ба назар мерасад, ки шакли саҳеҳ бояд «баванд» (=баванда, форсии миёнӣ bavandag) ба маънии «комил» бошад, зеро калимаи наванд, ки ба маънии «тезраванда» ва маънии дигар аст, дар мисраъи мавриди назар муносиб нест.

Калимаи «гавожа» метавонад ба маънои «ово, сухан» бошад ва «навгавожа», яъне «бадеъсухан, навгӯй» ва маънои мисраъ: «аз миёни шоирон комил ва навсухан ва тозагӯй ман ҳастам» (ДОШ, саҳ. 136).

Б.-Н. Ғафор ҳам бидуни ишора ба эшон вожаҳои мавриди баҳсро ба гунаи «буванд» ва «навгувожа» ва мисраъи аввали байтро ба сурати «Аз шоирони буванд манам навгувожа» бозсозӣ кардааст ва «буванд»-ро «асил, ҳақиқӣ» ва «навгувожа»-ро «навгӯсухан» ва «сухане, ки маънии ниҳон дорад, ба таъбири лотинӣ сухани эзотерик» шарҳ додааст (Б.-Н. Ғафор. Шоири Хуросон, с. 90-107).

Вале дар фарҳангҳои тафсирии форсӣ маъниҳое, ки мураттибони ДОШ ба вожаҳои «баванд» ва «навгавожа» ва Б.-Н. Ғафор ба «буванд» ва «навгувожа» додаанд, вуҷуд надорад ва низ шоҳиде дар матне барои онҳо пайдо накардем. Дар фарҳангҳо сурати «буванд» омада, ки онро оҳистагӣ, нармӣ ва марди соҳиби нахват ва мутакаббир шарҳ додаанд ва низ ба гувоҳии ҳамин фарҳангҳо «гавожа» бо он ки реша дар «воч»-и авастоӣ дорад ва бо «ово» ҳамреша аст, дар забони форсии нав танҳо ба маънои таъна, ришханд, тамасхур, таъна задан истифода шудааст.

Субҳони Амир бо иттико ба ин байт мақолае навишта ва ин ду вожаро ба маъниҳои «пайк», «расул» (паёмбар) ва «тозагӯй»-у «бадеъсухан» тафсир кардааст (ниг.: Субҳони Амир. Рӯдакӣ – падидаи нодир…, с. 49-59).

Аммо «наванд», ки дар фарҳангҳо ба маънии «асп», «аспи тезрав», даванди имрӯзи тоҷикӣ, «пайк», «пайки чобук», «расонандаи хабар» омадааст, сурати дигари «наванда» низ дорад. «Луғати фурс»-и чопи Дабирсиёқӣ ин вожаро «тезфаҳм» ва «Сиҳоҳу-л-фурс» маънои аввали онро «асп» ва маънои дигаращро «тезфаҳм» шарҳ дода ва дар ҳар ду фарҳанг шеъри Юсуфи Арӯзӣ (дар «Сиҳоҳу-л-фурс» танҳо байти охир) ба унвони шоҳид оварда шудааст:

Гар бар дари ин мир ту бибинӣ,
Марде, ки бувад хору сарфигаида.
Бишнос, ки мардест ӯ бадониш,
Фарҳангу хирад дораду наванда.

*(«Луғати фурс», 1336, зайли «наванда)*

Нуктаи дигари қобили таваҷҷуҳ ин аст, ки Рӯдакӣ худ дар ҷойи дигар «фаҳми тез»-ро аз лузумоти гуфтани шеъри хуб ва муассир медонад. Дар қасидаи «Модари май» мегӯяд:

Рӯдакиё, барнавард мадҳи ҳама халқ,
Мидҳати ӯ гӯю муҳри давлат бистон.
В-арчи бикӯшӣ ба ҷаҳди хеш бигӯӣ,
В-арчи кунӣ **тез фаҳми хеш** ба сӯҳон,
В-арчи дусад тобиъа фиришта дорӣ,
Низ парӣ бозу ҳар-ч ҷинниву шайтон,
Гуфт надонӣ сазош, хезу фароз ор
Он-к бигуфтӣ, чунон-к бояд натвон.

Ва аммо маънии «навгувора», агар сурати тасҳифшудаи калимаи дигар набошад, ҳанӯз пӯшида аст ва ман ҳадс мезанам, чунонки бисёр дида мешавад, фарҳангҳо на ҳама маънои вожаи «навгувора»-ро забт карда бошанд.

331. **Фареҳ** – бисёр, фаровон, афзун, зиёд.

332. **Шиз** – обнӯс, чӯби обнӯс ва ба муносибати ин, ки камонро низ аз он месозанд, камонро ҳам гуфтаанд.

333. **Анғашба** – бештари фарҳангҳо ин вожаро «барзгари сарватманд» шарҳ додаанд ва аммо аллома Деҳхудо ин вожаро тасҳифи «ангашта» медонад ба ҳамин маънии барзгари соҳибсарват ва аммо дар ҷойи дигар зайли «ангушта» ба маънии «чаҳоршоха» ҳамин байти Рӯдакиро шоҳид оварда.

334. **«Бунгаҳ аз он гузидаам...»** Дар маохиз ва кутуби осори Рӯдакӣ ба ҷойи «бунгаҳ» «буткак», «башкам» ва «ба т-кук» омада, ки дар ин сурат байтро бе маънӣ ва бе мантиқ мекунад. Мо байтро аз «Луғатнома»-и Деҳхудо, ки онро дар чанд маврид ба ҳамин сурат забт карда, нақл кардем.

335. **База** – гуноҳ, маъсият, хато.

336. **Чалғӯза** – меваи дарахти санавбар. «Чизе чун писта, ки муқавии боҳ аст» («Луғатнома»).

338. **Паргола** – дарбеҳ, пина, васла.

339. Ин байтро ба Хусравонӣ ва Хусравӣ низ нисбат додаанд.

342. **Гурди настӯҳ** – паҳлавони далер ва шуҷоъ.

343. Ин байтро С. Нафисӣ бо истинод ба «Сиҳоҳу-л-фурс» ба сурати

Бар ту (ё: бирри ту?) расида ба ҳар дилтанг чорае, Аз ҳоли ман заъиф биандеш чорае.

*(МААР, с. 529)*

ва Л. Брагинская бо истинод ба «Луғати фурс», чопи Аббос Иқбол ба сурати

Эй бирри ту ( ё: бар ту ?) расида ба ҳар як чорае,
Аз ҳоли ман заъиф ҷуйӣ чорае

*(Рӯдакӣ. Ашъор, с. 71)*

нақл намуда ва дигар таҳиийякунандагони маҷмуъаҳои ашъори устод низ ин ду суратро такрор кардаанд. Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо байт чанд маврид ба шоҳиди вожаҳо ва бо суратҳои мухталиф забт шудааст. Дар мавриде байт тақрибан ба сурати мазбут дар «Луғати фурс» аст, вале ба ҷойи "ҷорае" дар ҳар ду мисраъ "ҷора" дорад ва низ тафовути он дар «Сиҳоҳу-л-фурс»-ро дар ҳошия нишон додааст.

Дар ҷойи дигар, (зайли "заъиф") зоҳиран, аллома Деҳхудо бо истифода аз ҳарду нусха байтро тасҳеҳи қиёсӣ кардааст, ки мо онро дар матн нақл кардем. **Бирр** – некуӣ, бахшиш, тоъат.

344. Байт дар «Сиҳоҳу-л-фурс» ба гунаи зайл омадааст:

Гаҳ бад-он кундизи буланд нишин,
Гаҳ дар ин бӯстону чашм гушой.

347. Ташнатар шудан дар пайи хӯрдани оби шӯр дар «Калила ва Димна», ки Рӯдакӣ онро назм карда, чунин омадааст: «неъматҳои инҷаҳонӣ чун рӯшноии барқ бедавом ва субот аст ва бо ин ҳама *монанди оби шӯр, ки ҳарчанд беш хӯрда шавад, тишнагӣ ғолибтар гардад…»* (Калила ва Димна, таҳрири Абулмаъолӣ Насруллоҳи Муншӣ, с. 50). Имом Муҳаммади Ғазолӣ, ки ин маъниро («Кимиёи саодат», ҷилди аввал, с. 68 ) оварда, онро ба Исо, алайҳу-с-салом, нисбат додааст: «Масали ҷӯяндаи дунё чун масали хурандаи оби дарёст (оби дарё, баҳр шӯр аст – Қ.Р.), ҳарчанд беш хӯрад, тишнатар мешавад….». Ин суханро, ки аз аҳодиси набавӣ низ донистаанд, шоирони гузашта фаровон либоси назм пӯшонидаанд. Чунонки Абушакури Балхӣ гӯяд:

Ҷаҳон оби шӯр аст, гар бингарӣ,
Фузун ташнаӣ, чанд бешаш хурӣ.
*(Аз «Луғатнома»-и Деҳхудо)*

Саноӣ фармуда:
Ҳаётро чи гуворандатар зи об валек,
Касе, ки бештараш хӯрд, бикшад истисқош.
*(Саноӣ. Девон, с. 317)*

ва танҳо Рӯдакӣ аст, ки мазмуни зоҳидонаи ин масалгунаро афканда ва байти зебои ишқӣ аз он сохтааст.

348. **Ёрӣ** – зани ду ва ё чанд бародар нисбат ба ҳамдигар; авсун. Ин вожа ба сурати «ҷорӣ» имрӯз ҳам дар шимоли Эрон роиҷ будааст. Дар нашрҳои осори Рӯдакӣ дар Тоҷикистон ва ба ҳуруфи кирилӣ ин вожаро ба шаклӣ «ёре» хонда ва навиштаанд, ки хатост. (Қодири Рустам. Шеъри саҳеҳи Рӯдакӣ.- Садои Шарқ, 2005, шумораҳои 10 –12, с. 132).

349. Ин байтро Муиззӣ дар қасидае бо тасреҳи номи Рӯдакӣ тазмин кардааст:

Яке байти нағзест мар Рӯдакиро,
Ки андар ҷаҳон ту сазовори онӣ

ва баъд байти Рӯдакиро оварда *(Муиззӣ. Куллиёти девон, с. 604)*.

Қабл аз ӯ Унсурӣ низ ин байтро ва аммо бидуни номи гӯянда дар қасидае дар васфи султон Маҳмуд, ки бо матлаъи

Шаҳи Машриқу шоҳи Зобулситонӣ,
Худованди ақрону соҳибқиронӣ

шуруъ мешавад, тазмин кардааст *(Унсурӣ. Девон, с. 277)*.

**350**. «Нили диханда туӣ...» . Дар танҳо маъхази ин байт – «Тарҷумону-л-балоға», саҳ. 174 чунин аст, дар «Луғатнома» низ ҳама ҷо «Нили диханда...» омада, вале мусаҳҳеҳи матни номаи Родуёнӣ Аҳмади Оташ онро «Нили даманда...» хонда ва забт кардааст ва устод Нафисӣ ҳам чунин накл кардааст ва байт ба ҳамин сурат машҳур шудааст. Дар ин ҳол дуктур Халил Хатиби Раҳбар ҳадс задааст «зоҳиран, бояд «диханда» бошад, ба маънии атобахш ва файёз» (Рӯдакӣ, саҳ. 81). Шояд сабаби иштибоҳ ва ё тасҳеҳи Аҳмади Оташ ва устод Нафисӣ ин буда, ки сифати «дамандагӣ» барои баҳру дарё ҳам нодир нест. Чунончи, Унсурӣ гуфтааст:

Сахоро даманда яке жарф баҳрӣ,
Вафоро шикуфта яке бӯстонӣ.

*(Унсурӣ. Девон, с. 278)*

351. **«Лабро ба сапардарак бикун пок аз май».** Муҳаққиқон дар мавриди вожаи «сапардарак» дар ин байт, ки дар фарҳангҳо ба суратҳои мухталиф омада ва бештар «дасторча» маънӣ шудааст, баҳсҳо кардаанд.

Дуктур Муъин зайли «ласпардарак» дар фарҳанги худ овардааст: «Ин калима дар нусхаҳои «Луғати фурс» ба сувари «ба сапедраг», «зиспардарак», «исбедраг» ва дар фарҳангҳои дигар «сапардарак» омада. Дар Сурурӣ нусхабадали «сардарак» забт шуда. Оқои Дабирсиёқӣ ҳадс мезанад, ки калима дар шеъри Рӯдакӣ «сари дузак» аст ва «дузак» дар Қазвин ба маънии «остин» истеъмол шавад, яъне «лабро бо сари остин аз шароб пок кун». Аммо устод Ҳенинг мисраъро чунин хонда: «лабро ба ласпардарак бикун пок аз май» ва асли калимаро суғдӣ донад. Вале дар ин сурат вазн дуруст нест ва агар чунин бихонем: «лабро лас-

пардарак бикун пок аз май» ҳарфи изофаи «ба» ки лозим аст, беҳуда ҳазф шуда! Эҳтимол меравад, ки «л»-и аввали калима ба тахфиф ё таҳриф ҳазф шуда – ва нусхабадалҳо ин амрро таъйид мекунанд – ва калима дар байти Рӯдакӣ «ба сапардарак» бошад».

352. Ин байт ба Алии Қарти Андигонӣ низ мансуб аст.

353. **«Ҷаҳоно, ҳамоно к-аз ин бегиёҳӣ»**. Ин байт, ки танҳо маъхази он «Сиҳоҳу-л-фурс» будааст ва нисбати он ба Рӯдакӣ, гумон мекунам ғалат аст. Устод Нафисӣ дар мисраъи аввал ба ҷойи «бегиёҳӣ» «бегуноҳӣ» оварда, ки маънии байтро ториктар карда. Албатта, метавон «бегиёҳӣ»-ро чун «бебаргӣ» ва «беканозӣ»-ро низ бе буну бе поя ва ноустувор маънӣ кард, чунонки муаллифи ФАР (с. 49) оварда, вале ин шарҳҳо ҳама бар пояи тахмин аст. Эҳтимол медиҳам, ин байт таҳрифшудаи байти зайл аз Абутаййиби Мусъабӣ бошад:

Ҷаҳоно, ҳамоно аз ин бениёзӣ,
Гунаҳкор моему ту ҷойи озӣ.

*(Таърихи Байҳақӣ,1371, с. 517)*

ва соҳиби «Сиҳоҳу-л-фурс» иштибоҳан ба номи Рӯдакӣ оварда. Ва ё бо таваҷҷуҳ бар ин ки Мусъабӣ гоҳе маъонии Рӯдакиро бурда, тавонад буд, ки ин байтро аз Рӯдакӣ тазмин карда бошад, вале дар ин сурат ҳам гунаи асли байти Рӯдакӣ ҳамон бояд бошад, ки Мусъабӣ оварда.

355. Байт дар ду нусхаи «Луғати фурс» ба Рӯдакӣ ва аммо дар дар нусхае аз он ба Фаррухӣ нисбат дода шуда ва мусаҳҳеҳи «Сиҳоҳу-л-фурс» байтро аз ин нусха зайли «сипарӣ» накл кардааст. Аммо байт дар девони Фаррухӣ нест.

356. **Тарӣ** - шодоб, тозаву бо тароват; **афшак** – шабнам.

358. Дар мисраъи дувум дар бархе маъохиз ба ҷойи «куп» «лаб» омада.

**«Куп»** – ин вожа ба сурати «окуп» ҳам омада ва ду маънӣ дорад, ҳам дохили даҳон ва ҳам беруни даҳон. Соҳиби «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» навиштааст, «дар ҳар макон, ки «бар куп» нависанд иродаи беруни даҳон бувад ва ҳар чо, ки «дар куп» марқум созанд, мақсуд андаруни даҳон бувад». Гумон мекунам, вожаи «гап» ва «гап задан» реша дар ҳамин вожаи «куп» дорад ва баъид наменамояд «хап», яъне «хап кардан» низ аз ҳамин калима бошад, чун дар форсӣ табдили «к» ба «х» роиҷ аст, аз ҷумла дар бархе гӯишҳои форсии Мовароуннаҳр «кӯра» ба «хура» ва «кӯчак» ба «хучек» табдил шуда. **Зобгар ё зобғар** – «он бошад, ки касе даҳони худ пурбод кунад ва дигаре чунон дасте бар он занад, ки бод аз даҳони вай бо садо биҷаҳад» (Фарҳанги форсии Муъин, зайли "зобғар).

359. **Фом** – вом, қарз; **тузӣ** – сиғаи амр аз тӯхтан, ки дар ин байти Рӯдакӣ ба маънои адо кардан бошад; **фоми ман тузӣ** – қарзи маро бипардозӣ.

360. **Жӣ** – обгир, ҳавз, шамар.

361. **Ҳавозӣ** – ногаҳон, якбора, ғайриинтизор. Дар бештар нашрҳои осори Рӯдакӣ ба ҳуруфи кирилӣ ин вожаро ба сурати «ҳаво зӣ» навишта ва маъниро аз шеър бурдаанд; **ғоб** – ёва, ҳазён, сухани беҳуда.

362. **Бахсонидан** – озардан, ранҷ кашидан, пажмон шудан.

363. **Пуранҷух** – пурчин, пурожанг; **чафта** – хамида, каҷ, дуто.

367. **«Омад ин навбаҳори тавбашикан».** Ин мисраъ бо каме тағйир дар матлаъи қасидае аз

Фаррухӣ дар мадҳи Хоҷа Абулқосим Аҳмад ибни Ҳасани Маймандӣ омадааст:

Омад он навбаҳори тавбашикан,
Бозгаште бикард тавбаи ман.

*(Фаррухӣ. Девон, с. 306)*

Гумон мекунам, Фаррухӣ мисраъи Рӯдакиро тазмин кардааст.

370. Ин байтро, ки «Лугати фурс» ва «Сиҳоҳу-л-фурс» ба номи Рӯдакӣ забт кардаанд, соҳиби «Фарҳанги Қаввос» ба Абушакур нисбат додааст. Дар мисраъи аввали ин байт ва ҳамчунин дар фарҳангҳо «иғуда» ба суратҳои «айғуда», «ифуда», «айфуда» низ омадааст ва пайдост, ки ҳама тасҳифи як сурати асл мебошанд. **Иғуда** ва суратҳои дигари он дар фарҳангҳо – ҳарзагӯйӣ, сабуксорӣ ва лофзанӣ маънӣ шудааст. Дар «Сиҳоҳу-л-фурс», с. 163 ба ҷойи «иғудасарӣ» «иғудагӯйӣ» омада ва агар маънои калимаро ҳарзагӯйӣ бигирем, забти ин луғат ва агар сабуксориро бипазирем забти луғатҳои дигар дуруст аст.

371. **Сабр** – сабир, шираест, ки аз дарахте мавсум ба элво ҳосил мешавад ва талх аст; **дорбӯй** – уд, ки бӯйи хуш дорад.

372. Дар «Туҳфату-л-аҳбоб» ин байт зайли «ҳуда» ва «беҳуда» ба номи Фирдавсӣ омада, вале ин нисбат дуруст нест.

374. Мисраъ аз суханони Муҳаммад ибни Сурхи Нишобурӣ иқтибос шуд. Дар мақолаи «Оё Рӯдакӣ карматӣ буд?» аз А.Н. Болдирев, ки соли 1962 дар маҷаллаи «Архив ориентални» (Прага) чоп шуда, эроншиноси машҳури рус суханони Муҳаммад ибни Сурхи Нишобурӣ – исмоилии маъруфро дар боби Рӯдакӣ иқтибос кардааст: «ва Рӯдакӣ гуфт: «сирри ҳакимон ба Хуросон марост» ва

набуд, ки агар будӣ, подшоҳӣ кардӣ» (иқтибос аз Тагирджанов А. Т. Рудаки. Жизнь и творчество, стр. 162).

Ба ақидаи мо, он чи Ибни Сурх аз қавли Рӯдакӣ гуфтааст, мисрае аз устод аст ва ин ҳадсро чанд нукта таъйид мекунад. Аввал, Ибни Сурх дар охири қарни X ибтидои асри XI, яъне ҳадди ақалл 50 сол пас аз марги Рӯдакӣ зиста ва наметавонист сухани Рӯдакиро мустақим аз забони вай бишнавад ва ағар аз забони яки дигар шунида буд, эҳтимол намегуфт «гуфт» ва низ шояд ибрози назари худ ба қавли ғайри мустақимро лозим намедонист. Вай сухани мустақими Рӯдакиро танҳо дар шеъри ӯ метавонист бихонад. Ва ҳамчунин ҷумлаи овардаи ӯ дар қолаби шеър аст, ки айнан иқтибос шуда. Ёдовари ин нукта низ лозим аст, ки дар бештари нусахи матнҳои классикӣ шеърро аз матни насрӣ бо афзудани вожаҳое чун «байт», «мисраъ», «шеър» тафкик кардаанд. Аммо чунонки Муҳаммадамини Раёҳӣ собит карда, вожаҳои «байт» ва «шеър» ва «мисраъ» афзудаи котибон дар қарнҳои охир аст ва дар қарнҳои аввали рушди адаби форсӣ расм набудааст. (Таъликот ва тавзеҳти Муҳаммадамини Раёҳӣ дар китоби «Мирсоду-л-ибод», с. 553-557).

375. Ин мисраъ дар яке аз қасидаҳои Манучеҳрӣ тазмин шудааст («Насими Мӯлиён», 149).

**Калила ва Димна**. Машҳуртарин маснавии Рӯдакист, ки дар мавриди назми он ҳам гувоҳии маъхазҳоро дорем (аз ҷумла, муқаддимаи «Шоҳнома»-и насрӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Калила ва Димна»-и таҳрири Насруллоҳи Муншӣ) ва ҳам абёте пароканда аз ин маснавӣ дар фарҳангҳои тафсирии форсӣ боқӣ монда. Ва низ бадеҳист, ки Рӯдакӣ бо назм кардани «Калила ва Димна»-и Ибни Муқаффаъ иктифо накарда ва муқаддима ва

ё муқаддимаҳое дар сифати Худову расул ва мадҳи Наср ибни Аҳмади Сомонӣ – подшоҳи давр ва хирад низ гуфтааст ва порчаҳои 378 ва 379 ба эҳтимоли қавӣ аз ин муқаддима ҳастанд.

376. Байти аввалро Муҳаммадтақии Донишпижӯҳ – муҳаққиқи эронӣ аз «Далоилу-л-эъҷоз»-и Ҷурҷонӣ (нусхаи китобхонаи Маҷлиси Шӯрои исломӣ, маҷмуъаи шумораи 8380) пайдо кардааст. (Алиашрафи Содиқӣ. Ашъори тозаи Рӯдакӣ. – Ёди ёри меҳрубон, с. 252)

377. Ба гувоҳии Муҷтабо Минувӣ чаҳор байти аввали ин пора дар «Туҳфату-л-мулук»-и Алӣ ибни Абиҳафс ибни Фақеҳ Маҳмуди Исфаҳонӣ аз «Калила ва Димна»-и Рӯдакӣ накл шудааст. (Сарсухани Минувӣ бар «Калила ва Димна», Теҳрон, 1381, саҳ. "х")

Ҳамчунин Минувӣ ва Тоҷуддини Мардонӣ бар инанд, ки Рӯдакӣ мазмуни ин абётро аз «Ал-адабу-л-кабир»-и Ибни Муқаффаъ гирифтааст.

Ва аммо аз порчае, ки Тоҷуддини Мардонӣ барои таъйиди ин назар аз китоби Ибни Муқаффаъ овардааст, мебинем, ки Рӯдакӣ танҳо мазмуни байти севумро аз ӯ гирифта ва абёти дигар ҳосили андешаи худи ӯ ҳастанд.

Ва инак суханони Ибни Муқаффаъ: "Мо чунин дидем, ки пешиниёни мо дар дину ойини худ нисбат ба мо қавитар, дар зиндагӣ ва душвориҳои он варзидатар ва дар илму амал ва фазлу карам бузургтар, дар кору ҳунарҳои худ чиратар будаанд, онҳо будаанд, ки моро ба донишҳои гузаштагон шарик сохтанд ва бо таҷриба ва донишҳои худ ғанӣ гардониданд. Онҳо дар тамоми бахшҳои илму амал аҳаммият ва инояти бештаре доштанд. Ин иҳтимоми онҳо ва ғамхорӣ нисбат ба наслҳои оянда бад-он ҷо расид, ки агар ба рӯйи марде аз онҳо дар илме калимаи савобе гушуда мегардид ва

ӯ дар ҷойи ғайримаскун мезист, онро ба рӯйи санге менавишт, то бар асари марги ногаҳонӣ онро бо худ набарад ва пасояндагон аз он бебаҳра ва бенасиб намонанд.” (Тоҷуддини Мардонӣ. Пиромуни чанд маънии муштарак дар осори Ибни Муқаффаъ ва Рӯдакӣ. – «Рӯдакӣ», 1384, шумораҳои 8-9, с. 140).

378. Ин байт метавонад, марбут ба оғози боб бошад, ҷойе ки Барзуя мегӯяд: ”чунонки аз бародарон ва хоҳарон мустаснӣ шудам ва ба мазиди тарбият ва тарашшуҳ махсус гашт” («Калила ва Димна», саҳ. 41). Ва ё ба ҷумлаҳои зайл аз ҳамин боб: “ва ба ҷоҳу мол аз амсолу ақрон бигзаштам…” (с. 44). Л. Брагинская байтро аз боби Шеру Гов донистааст, вале порае, ки барои таъйиди назари худ оварда, заъифтарин рабте ҳам бо мазмуни байт надорад (Рӯдакӣ. Ашъор, с. 82 ва 123). **Ҳамолон** – шарик, қарин, ҳамто; **юн** дар ин байтро фарҳангҳо «яъне» шарҳ додаанд (ниг.: «Луғати фурс», 1319, ФАР), вале дар ин байт муносиб ба назар намерасад ва Аббос Иқбол ҳадс задаст, «зоҳиран «нун» саҳеҳ бошад, мухаффафи «акнун» («Луғати фурс», 1319, с. 403, ҳошия).

379. “…Худованди хона ба ҳисси ҳаракати эшон бедор шуд ва бишинохт, ки бар бом дуздонанд, қавмро (ҳамсарашро –Қ.Р.) оҳиста бедор кард ва ҳол маълум гардонид” («Калила ва Димна», с. 45-46).

380. “Марде бо зане сару коре нописандида дошт ва занро шӯй буд. Ин марди бегона гуфт, ки ман андеша мекунам, ки омадани ман ошкоро гардад ва зан зери замин ҷойгоҳе бисохт, ки ҳар гоҳе мард аз он омадану шудан кардӣ ва дар сари он хумме ниҳод аз баҳри нишонро. Рӯзе шӯй бар дари хона омад, марди бегона дар хона буд. Гуфт:

ай зан, ман аз кудом роҳ равам? Гуфт: аз он роҳ, ки наздики хум аст” («Достонҳои Бидпой», с. 63).

Ин ҷойи ҳикоят дар «Калила ва Димна»-и тарҷумаи Насруллоҳи Муншӣ, зоҳиран фурӯ уфтодааст. Дар тарҷумаи русии «Калила ва Димна»-и арабӣ ба ҷойи “хум” “чашма” омадааст (Рӯдакӣ. Ашъор, сах. 121), ки мантиқи ҳикоятро хароб карда.

**Сумҷ** – нақб, роҳи зеризаминӣ. Ин вожа дар гӯишҳои ҷанубии форсии тоҷикӣ (Кӯлоб, Дарвоз) то кунун мустаъмал аст.

381. “Бозаргон… ҷавоҳири бисёр дошт ва мардеро ба сад динор дар рӯзе муздур гирифт барои суфта кардани он. Муздур чандон, ки дар хонаи бозаргон нишаст, чанге дид, беҳтар сӯйи он нигарист. Бозаргон пурсид, ки донӣ зад? Гуфт: донам ва дар он маҳорате дошт. Фармуд, ки бисарой. Баргирифт ва самоъи хуш оғоз кард. Бозаргон дар он нишот машғул шуд… Чун рӯз ба охир расид учрат бихост” («Калила ва Димна», с. 48). **Бе киёр** – бидуни коҳилӣ ва бе танбалӣ.

382. Аллома Деҳхудо, ки ин байтро дар чанд маврид ба шоҳиди калимаҳои мухталифи он оварда, зайли луғати “пӯст” дар ҳошия навиштааст: “Ба гумони ман ин байти Рӯдакӣ ва яке ду байти дигар, ки феълан фаромӯш кардаам аз манзумаи «Ардовирофнома» аст. Яъне Рӯдакӣ, чунонки «Калила ва Димна» ва «Синдбоднома»-ро ба назм оварда, «Ардовирофнома»-ро низ ба шеър карда будааст”. Ва аммо чанд пора аз «Ардовирофнома», ки ӯ ин байтро нақлу назми яке аз онҳо медонад, иртиботи хеле заъиф ва дуре бо байти Рӯдакӣ доранд ва ман мавориди дигаре дар ин номаи паҳлавӣ, ки бо байтҳои дигари устод ба вазни рамал мутобиқат дошта бошанд, пайдо накардам.

Л. Брагинская байтро аз боби Барзуяи табиб донистааст, ки дар тарҷумаи Насруллоҳи Муншӣ ба таври зайл аст: "...Ҳамчун он мард аст, ки аз пеши уштури маст бигрехт ва ба зарурат хеш бар чоҳе овехт ва даст дар ду шох зад, ки бар болои он рӯйида буд ва пойҳояш дар ҷойе қарор гирифт. Дар ин миён беҳтар бингарист ва ҳар ду пой дар сари чаҳор мор буд, сар аз сӯрох берун гузошта буданд. Назар ба қаъри чоҳ афганд, аждаҳое саҳмнок дид даҳонгушода ва уфтодани ӯро интизор мекард. Ба сари чоҳ илтифот намуд, мушҳои сиёҳу сапед он шохҳоро доим бе футур мебуриданд" («Калила ва Димна», с. 54). Ривояти дигаре аз ин байт ба сурати зайл аст:

*Чор* ғунда карбаса бо каждумон,
Хӯрди эшон пӯсти рӯйи мардумон.

"Чор" дар ин байт ва "чор мори" омада дар ҳикояти китоб, аввалан, шояд натиҷаи бо ҳам омехтани ду байти ҷудогона аз маснавии Рӯдакӣ бошад ва сониян, таъйиди ин назар тавонад буд, ки Рӯдакӣ дар назми «Калила...» пойбанди матни арабии он набуда, балки аз сужаҳои он истифодаи озодонатаре кардааст.

Дар ин ҳол Алиакбари Деҳхудо мисраъи аввалро ба сурати зайл тасҳеҳи қиёсӣ кардааст:

Мору ғунда, карбаса бо газдумон.

**Карбаса** – карафса, калтакалос.

383. "Бозаргоне буд бисёрмол..." ( «Калила ва Димна», с. 56).

384. "Чунонки харҷи сурма, агарчи андак-андак иттифоқ уфтад, охир фано пазирад" («Калила ва Димна», с. 57). **Бофдум**- ниҳоят, оқибат.

385. "...Чун ҳавзе, ки пайваста дар вай об меояд ва онро ба андозаи мадхал махраҷе набошад,

лобудд аз ҷавониб роҳ ҷӯяд ва битаробад ё рахнае бузург уфтад ва тамомии он ночиз гардад” («Калила ва Димна», с. 57).

**Банду варғ, шояд «бандрварғ»-** дарғот, садд. Ин калима дар гӯйиши Бухоро ба сурати «варғбанд» маҳфуз мондааст. (М. Маҳмудов, Б.Бердиев. Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро, с. 58)

386. Ин байт ба Тайён низ мансуб аст. Л. Брагинская онро мансуб ба ҳикояти бӯзина ва дурудгар аз боби Шеру Гов донистааст. Бӯзинае кори дурудгарро, ки чӯберо мебурид ва аз ду фона истифода мекард, мушоҳида менамуд. Чун дурудгар ба коре рафт, бӯзина бар рӯйи чӯб нишаст ва бидуни он, ки қаблан фонаро бизанад, он фонае дигарро бозгирифт ва хоягонаш дар шикофи чӯб монду аз ҳуш рафт. Дурудгар бозрасид ва он қадар бо чӯб бизад, ки бимурд. («Калила ва Димна», с. 59). Чунонки мебинем, иртиботи байт бо ҳикоят хеле заъиф аст. Ва агар байт воқеъан аз Рӯдакист ва аз ин ҳикоят аст, пас афзудаи худи ӯст. Аммо дар ин ҳол низ корбурди вожаҳои **«кобила»** (ҳован) ва **«потила»** (дег, дар шеваи Бухоро деги мисӣ. – М. Маҳмудов, Б. Бердиев. Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро, с. 87) барои ин маврид боиси тааммул аст. Шояд гӯяндаи аслии байт Тайён бошад!

387. “Ва он чӯби хушк, ки ба роҳ афгандаанд, охир ба кор ояд, хилоле кунанд, то гӯш хоранд” («Калила ва Димна», с. 65).

388. “Ва дар он миён Шанзаба бонге бикард буланд ва овози ӯ чунон шерро аз ҷой бибурд, ки инони тамолуку тамосук аз дасти ӯ бишуд ва рози худ бар Димна бигшод ва гуфт: сабаб ин овоз аст, ки мешунавӣ. Намедонам, ки аз кудом ҷониб меояд… Димна гуфт: ҷуз бад-ин овоз маликро аз вай ҳеч райбате дигар будааст?…. Нашояд, ки малик бад-ин муҷиб макони худро холӣ гузорад, … ки

гуфтаанд... офати дили заъиф овози қавӣ (аст)" («Калила ва Димна», с. 67). **Сахм** –тарс, бим.

389. "Рӯбоҳе дар бешае рафт, он ҷо табле дид паҳлӯи дарахте афганда ва ҳар гоҳ, ки бод биҷастӣ, шохи дарахт бар табл расидӣ, овозе саҳмнок ба гӯши рӯбоҳ омадӣ. Чун рӯбоҳ захомати ҷусса бидид ва маҳобати овоз бишнид, тамаъ дарбаст, ки гӯшту пӯст фарохури овоз бошад, мекӯшид, то онро бидарид, алҳақк чарбуе бештар наёфт" («Калила ва Димна», с. 68). **Табир** – духул, табл.

390. Байтҳо аз ҳикояти Кафшгар ва зани ӯст. "Чун соате баромад, кафшгар зани хешро овоз дод. Зани ҳаҷҷом аз бими он ки овози ӯ бидонад, овоз надод. Маст пиндошт, ки ҷавоб ба ваҷҳи таъннат ва лаҷҷоҷ намедиҳад. Дигарбора овоз дод, ҳам ҷавоб наёфт. Бархост ва диғарбора ҷӯб бикашид ва чандонки монда шуд, бар пушту паҳлуи зани ҳаҷҷом зад" («Достонҳои Бидпой», с. 86-87). **Коно** – аблаҳ, нодон; **лӯш** – фарҳангҳо ин вожаро каждаҳон маънӣ карданд, аммо зоҳиран, дар байти Рӯдакӣ киноя аз бадзабон ва ё чизе монанди ин аст; **нахмор** – бисёр, бениҳоят; **ғовшанг** – говрона, чубдаст; **газин** – чӯбдаст аз дарахти газ.

391. Аз ҳикояти Харгӯш ва Шер аст, мавриде ки харгӯш ба вуҳуш мегӯяд, ӯро бо таъхир ба назди шер бифиристанд, то шер ба ғазаб ояд («Калила ва Димна», с. 82). **Раван** – имтиҳон, озмоиш; **темор** - ранҷ, ғам, андуҳ.

392. Идомаи ҳикояти Харгӯш ва Шер аст. Чун харгӯш бо диранг ба назди шер мерасад, шер бо ғазаб ба пешвози ӯ меояд («Калила ва Димна», с. 82). **Олуғда** – ин вожаро фарҳангҳо "хашмгин", "ғазабнок" маънӣ кардаанд. Дар диёри Рӯдакӣ ки ба шакли "алағда" маҳфуз монда ва аз ин вожа асабонӣ шудан ва хашмгин шудан бар асари асабоният ирода мешавад.

393. “Рӯбоҳ гуфт: ... ҳар гоҳ ки ин ғаддор (яъне гов) меояд (ҷанги ӯро) омода ва сохта мебояд буд, то фурсате наёбад” («Калила ва Димна», саҳ. 94). **Сохта** – омода, тайёр шудан.

394. Шанзаба мегӯяд, достони ман низ ба занбури ангабин мемонад, ки “бар нилуфар нишинад ва ба роиҳати муаттар ва насими муанбари он машғул ва машъуф ғардад, то ба вакт барнахезад ва чун баргҳои нилуфар пеш ояд, дар миёни он ҳалок шавад” («Калила ва Димна», с. 100). **Кабт** – занбӯри асал.

395. Аз ҳикояти Сангпушт (кашаф) ва мурғобиҳо аст, ки дар обгире ба сар мебурданд ва чун мурғобиҳо ба сабаби коҳиши об хостанд аз он обгир бираванд, санғпушт низ хоҳиш кард, ӯро бибаранд. Мурғобиҳо мувофиқат карданд, вале шарт пеш ниҳоданд, ки ҳангоми парвоз ҳарчи бибинад, бояд хомӯш бошад. Пас сангпушт даҳон ба чӯбе ниҳод ва мурғобиҳо аз ду сӯйи чӯб бардоштанд ва парвоз карданд. “Чун ба авҷи ҳаво расиданд, мардумонро аз эшон шигифт омад ва аз чапу рост бонг бихост, ки “батон боха мебаранд”. Боха соате хештан нигоҳ дошт, охир бетоқат гашт ва гуфт, то кӯр шавед. Даҳон гушодан буд ва аз боло даргаштан” («Калила ва Димна», с. 105). **Жах-** дод, фарёд, бонғ.

396. Байт аз ҳикояти Тайту ва Вакили дарё аст. Тайтуи нар ҳарфи модаро гӯш надод ва оби дарё туғён карду баччаҳояшро бурд. “Мода чун он бидид, изтироб кард ва гуфт, ман медонистам, ки бо об бозӣ нест, эй хоксор, боре тадбире биандеш” («Калила ва Димна», с. 106).

397. Идомаи ҳикояти Тайту ва Вакили дарё. “Мурғон ҷумла ба наздики Симурғ рафтанд ва сурати воқиъа бо ӯ бигуфтанд, ки .... агар дар ин интиқом ҷидд нанамояд, беш шоҳи мурғон

натавонад буд... Вакили дарё қуввати Симург ва дигар мурғон шинохта буд, ба зарурат баччагони Тайту боз дод” («Калила ва Димна», с. 106).

398. “Ҷамоъате аз бӯзинагон бар кӯҳе буданд, ... Шабе боди шамол... бар бӯзинагон шабехун овард, бечорагон аз сармо ранҷур шуданд... Ногоҳ яроъае (кирмаки шабтоб) диданд, дар тарафе афганда. Гумон бурданд, ки оташ аст, ҳезум бар он ниҳоданд ва медамиданд” («Калила ва Димна», с. 109). **Каппӣ** – бӯзина.

399. “Ду шарик буданд, яке доно ва дигар нодон ва ба бозаргонӣ мерафтанд. Дар роҳ бадрае зар ёфтанд... Накде сара бардоштанд ва боқӣ дар зери дарахте биниҳоданд ва дар шаҳр рафтанд.... Дигар рӯз он ки ба хирад мавсум ва ба киёсат мансуб буд, рафт ва зар бибурд”. Пасон чун ба иттифоқи ҳам рафтанд, ки аз он дафина накде бигиранд, чизе наёфтанд. Доно ба қозӣ шикоят бурд ва шарикашро ба дуздидани зар муттаҳам кард. “Қозӣ пурсид, ки гувоҳе ё ҳуҷҷате дорӣ. Гуфт, дарахт гувоҳӣ диҳад, ки ин хоини беинсоф бурдааст. Пас аз муҷодалаи бисёр меъод муайян гашт, ки дигар рӯз қозӣ берун равад ... ва ба гувоҳии дарахт ҳукм кунад. Он мағрур ба хона рафт ва падарро гуфт, ки ... ман ба эътимоди ту тааллуқ ба гувоҳии дарахт кардаам... Миёни дарахт гушода аст, чунонки агар як-ду кас дар он пинҳон шавад, натавон дид. Имшаб бибояд рафт ва дар миёни он буд ва фардо чун қозӣ биёяд, гувоҳӣ чунонки бояд бидод” («Калила ва Димна», с. 110-111). **Табангу** – сандуқча, сабад.

400. Бозаргоне ба сафар рафт ва сад ман оҳан назди дӯсте ба амонат гузошт. Чун аз сафар баргашт ва оҳан мутолаба кард, амин гуфт, оҳанро муш хӯрда. Бозаргон ҳарфе нагуфт ва чун берун мерафт, писари аминро бурд. “Чун талабиданд ва

нидо дар шаҳр уфтод, бозаргон гуфт: Ман бозеро дидам, ки кӯдакеро мебурд. Амин фарёд баровард, ки муҳол чаро мегӯйӣ? Боз кӯдакро чӣ гуна баргирад? Бозаргон бихандид ва гуфт: дил танг чиро мекунӣ? Дар шаҳре, ки муши он сад ман оҳан битавонад хӯрд, охир боз кӯдакеро ҳам бар тавонад дошт" ( «Калила ва Димна», с. 115).

401. "Шер гуфт, ки дилам аз баҳри Шанзаба танг шудааст, ки чокаре оқил буд ва алҳақ дилам бар вай ҳаме бисӯзад" («Достонҳои Бидпой», с. 137). Ҳамчунин тавонад буд, ки байт ба лаҳзае дигар аз боби Шеру Гов марбут бошад, он ҷо ки Шанзаба "ба нишоти ҳарчи тамомтар бонге бикард буланд. Дар ҳаволии он марғзор шере буд ва бо ӯ вуҳуш ва сибоъи бисёр, ҳама дар мутобиъат ва фармони ӯ ва ӯ ҷавону раъно ва мустабидд ба ройи хеш. Ҳаргиз гов надида буд ва овози ӯ ношунида. Чунонки бонги Шанзаба ба гӯши ӯ расид, ҳаросе бад-ӯ роҳ ёфт ва нахост, ки сибоъ бидонанд, ки ӯ мебиҳаросад. Бар ҷой сокин мебуд ва ба ҳеч ҷониб ҳаракат намекард" («Калила ва Димна», с. 58).

402. Мазмуни байт ба суханони Калила ба Димна баъд аз кушта шудани Шанзаба мушобиҳат дорад. **Кангар** – таъассуб, душманӣ, хусумат.

403. "Малики он шаҳр духтаре дошт... ва ӯро дар ҳоли ниҳодани ҳамл ранҷе ҳодис гашт. Табиби пири доноро ҳозир оварданд... Ба доруе ишора кард, ки онро зомаҳрон хонанд" («Калила ва Димна», с. 134). Ва аммо мазмуни байти дувум дар тарҷумаи Насруллоҳи Муншӣ вуҷуд надорад ва дар «Достонҳои Бидпой» мазмуни ҳарду байт чунин омада: "Бифармуд, ки аз баҳри вай бисозед аз доруе, ки ӯро зомаҳрон гӯянд, он гоҳ ба шаробе нарм кунед ва бигзоред, ки ба оби сус парварда бувад, ки шифои ӯ дар он аст" («Достонҳои

Бидпой», с. 140). **Сус** – гиёҳе, ки барои таҳияи дору ба кор мегиранд. Дар Бухоро то чанд даҳсола пеш «суси талх» ва «суси ширин»-ро дар дорусозӣ ва қаннодӣ истифода мекарданд. («Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро», с. 207)

404. Байт ба мазмуни суханони модари шер ба шер дар боби маккорӣ ва дурӯғгӯйии Димна мемонад. **Танбул** – макр, ҳила; **канбура** – дастон, найранг, макр.

405. Байт аз боби "Бозҷусти кори Димна" аст, ҷойе ки Димна нонбойро муттаҳам мекунад. Ин лаҳза дар тарҷумаи Насруллоҳи Муншӣ вуҷуд надорад ва дар «Достонҳои Бидпой» ба сурати дигаргунтаре аз байти Рӯдакӣ омада, аммо ба матни тарҷумаи русии «Калила ва Димна», ки Л. Брагинская накл карда (Рӯдакӣ. Ашъор, саҳ. 127) мутобиқати комил дорад.

**Носуркун** – он, ки дар маъқад реши равон дорад.

406. Ин байт танҳо дар «Луғати фурс», 1365 (нусхаи Панҷоб), зайли луғати "коғ" маҳфуз монда ва аз он ҷо накл шуд.

Мазмуни байт бо пораи зайл аз боби "Дустии кабӯтару зоғ ва мушу боха ва оҳу" мутобиқат дорад: "Зоғе дар ҳаволии он бар дарахте бузурги гашн хона дошт. **Нишаста** буд ва чапу рост менигарист" («Калила ва Димна», с. 145).

407. Ин байтро, ки дар маҷмуъаҳои осори шоир наёмадааст, аллома Деҳхудо дар «Луғатнома», зайли "ҷошдон" бо истинод ба «Луғати фурс»-и Асадӣ, чопи Аббос Иқбол, ки дар он ҷо ба номи Асадӣ омада (с.396) накл кардааст ва зоҳиран аз он ҷо дар «Пешоҳангони шеъри форсӣ» омадааст. Дар асли маъхаз мисраъи аввал ба сурати мағшуши "Дар замӣ барчидаме то ҷошдон" буда ва аллома Деҳхудо онро тасҳеҳи қиёсӣ кардааст.

Вай дар ин бора навиштааст: “Дар матни шеър ва интисоби он иштибоҳ шуда, ба ин маънӣ, ки ҳошияи Фарҳанги Асадии нахҷавонӣ ба “ҷошдон” маънии сандуқи нон медиҳад ва байти фавқро низ ба Асадӣ нисбат мекунад ва шоҳид меоварад. Аввалӣ иштибоҳи мусанниф ва дувумӣ саҳви котиб аст. Ин шеър аз «Калила ва Димна»-и Рӯдакӣ аст, дар қиссаи ҷарз ва носик, ё ба қавли Рӯдакӣ гарза ва динӣ”. Пасон Деҳхудо ин ҷойро аз «Калила ва Димна»-и арабии Ибни Муқаффаъ нақл карда ва сипас матни форсии онро аз «Калила ва Димна»-и Насруллоҳи Муншӣ овардааст: “Аз хонаи мурид барои ӯ саллаи таъом оварданди, баъзе ба кор бурдӣ ва боқӣ барои шом биниҳодӣ ва ман мутарассид будаме, чун ӯ берун рафтӣ, ман дар салла рафтаме ва чандонки боястӣ бихурдаме, боқӣ сӯи мушони дигар андохтаме”.

Аллома Деҳхудо дар идомаи сухани хеш овар-да: “Албатта, сандуқ барои бузургӣ, ки дорад, ъодаи овехтанӣ нест ва ҷуна, ки саллаи кӯчаке пӯшида ба ҷилдест, барои овехтан ансаб аст. Дар «Бурҳон..» “чошдон” сабт шуда”.

Дар «Луғатнома» байт зайли “чошдон” низ омада, ба сурати зайл:

В-аз замин барҷастаме то чошдон,
Хурдаме ҳар-ч андар ӯ будӣ зи нон.

408. Идомаи ҳикояти гарза ва динӣ. “Ва зоҳид дар аснои муфовазати ӯ ҳар соат даст бар ҳам мезад, то мушонро бирамонад. Меҳмон дар хашм шуд ва гуфт: сухан мегӯям ва ту даст бар ҳам мезанӣ? Бо ман масхарагӣ мекунӣ?” («Калила ва Димна», с. 155).

“...Табаре талаб, то сӯрохи ӯ бигшоям ва бингарам, ки ӯро захирате ва истизҳоре ҳаст, ки ба

қуввати он иқдом метавонад намуд. Дарҳол табар биёварданд”. («Калила ва Димна», с. 157).

409. Байт, ки мисраъи аввали он дар ҳама маохизи мавриди назари муҳаққиқони Рӯдакӣ ва маҷмуъаҳои ашъори шоир ба сурати “Гар хурӣ аз хӯрдан афзояд-т ранҷ” омада, аз «Луғатнома»-и Деҳхудо нақл шуд, ки чанд маврид онро ба ҳамин гунаи нақлкардаи мо забт карда ва дуруст ҳамин аст ва мисраъи аввал ба гунаи омада дар маохиз, хоҳ байт аз «Калила ва Димна» бошад ва хоҳ аз маснавӣ ва ё қитъаи дигари шоир, дуруст нест. Мазмуни ин байт дар ашъори Рӯдакӣ зиёд омада ва шояд тавон гуфт, аз густардатарини маонӣ дар ашъори боқимондаи ӯст. Л. Брагинская низ ба ин нукта таваҷҷуҳ кардааст, вале зоҳиран ихтилофи мазмуни мисраъи аввал бо сойири абёти шоир дар ин маъниро пай набурдааст (Рӯдакӣ. Ашъор, саҳ. 139) ва ё нодида гирифтааст. Дар ҳама байтҳо, сухан ҳам аз хӯрдан ва ҳам аз додан аст ва Рӯдакӣ хӯрдан аз неъмат ва ба касони дигар додани онро баробар муборак ва саодату некбахтӣ медонад. Чунончи,

Худ хуру худ деҳ, куҷо набуд пашемон,
Ҳар ки бихӯрду бидод, аз он чи биялфахт.

Некбахт он касе ки доду бихӯрд,
Шӯрбахт он ки ӯ нахӯрду надод.

Аз ҳазорон ҳазор неъмату ноз,
На ба охир ба ҷуз кафан бурданд.
Буд аз неъмат он чи пӯшиданд,
В-он чи доданду он чиро хӯрданд.

Ин маънӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ низ мукаррар омадааст ва ӯ “доду диҳиш”-ро пайваста

бо ҳам меоварад ва низ чун Рӯдакӣ худ хӯрданро баробари ба дигарон додан медонад. Чунонки

Зи хӯрду зи бахшиш маёсой ҳеч,
Ҳама донишу дод додан бисеч.

Биё то ба шодӣ хурему диҳем,
Чу гоҳи гузаштан бувад, бигзарем.

Бихур ҳар чи дорӣ, фузунӣ бидеҳ,
Ту ранҷидаӣ баҳри душман манеҳ.

Аз номи Кайқубод меорад:

Ҳар он кас, ки дорад, хуреду диҳед,
Сипосе зи хӯрдан ба ман барниҳед.
Ҳар он кас, куҷо бозмонад зи х(в)ард,
Надорад ҳаме тӯшаи коркард,
Чарогоҳашон боргоҳи ман аст,
Ҳар он кас, ки андар сипоҳи ман аст.

Ва аз қавли Дорои Дороб мегӯяд:

Зи гетӣ хуру бахшу паймон марост,
Бузургию шоҳию фармон марост.

Ин андеша реша дар Эрони бостон доштааст ва Фаридуни Ҷунайдӣ – муҳаққиқи рӯзгори бостон дар ин бора мегӯяд: "Хӯрдан ва бахшидан аз нахустин пояҳои андешаи эронӣ аст; чунончи дар ҳама ойинҳои дин ва ойинҳои даргузашти касон, нахустин кор пухтан ва пахш кардан ва хӯрондан ва ба вежа сер кардани дарвешон ва корвониён буда ва ҳаст". (Ф. Ҷунайдӣ. Ҳуқуқи башар дар ҷаҳони имрӯз ва ҳуқуқи ҷаҳон дар Эрони бостон, с. 145-146).

Вале агар байти Рӯдакӣ аз «Калила ва Димна» бошад, чунонки вазн ва муҳтавои андарзиаш далолат мекунад, ба ҷуз аз ҳикояти меҳмонии марде дар хонаи ошнояш ва баҳси зану шавҳар барои меҳмондорӣ нест. Бо он ки гуфтаи шавҳар бо байти Рӯдакӣ мутобиқати комил надорад, эҳтимол меравад Рӯдакӣ дар ин ҳикоят низ андешаҳои худро ба асли он афзуда бошад. "...Занро мегуфт, ки фардо тоифаеро бихонам ва зиёфате созам, ки азизе расидааст. Зан гуфт: мардумонро чӣ мехонӣ ва дар хона кафофи иёл мавҷуд на! Охир ҳаргиз аз фардо нахоҳӣ андешид ва дили ту ба фарзандон ва аъқоб нахоҳад нигарист?! Мард гуфт: агар тавфиқи иҳсон ва маҷоли инфоқе бошад бад-он надомат шарт нест, ки ҷамъу идхор номуборак аст ва фарҷоми он номаҳмуд" («Калила ва Димна», с. 156).

410. Аз андешаҳои муш аст дар мавриди талошу машаққатҳои мардум барои ҷамъи сарват. "Ва дар ҷумла маро муқаррар шуд, ки муқаддимаи ҳамаи балоҳо ва пешоҳанги ҳамаи офатҳо тамаъ аст ва куллии табиати аҳли олам бад-он бениҳоят аст, ки ҳирс эшонро инон гирифта мегардонад" («Калила ва Димна», с. 161).

Дар «Сиҳоҳу-л-фурс», зайли «оҳанҷ» (с. 50) байт ба ин сурат аст:

Оваранда мардумон мар ранҷро,
Беш карда ранҷи ҷоноҳанҷро.

411. "Ва дар дунё ҳеч шодие чун суҳбат ва маҷоласати дӯстон натвонад буд ва ранҷи муфорақат боре гарон аст, ҳар нафсро тоқати таҳаммули он набошад" («Калила ва Димна», с. 163).

412. "Ҳар гоҳ, ки ин боб ба ҷо оварда шуд, вуфуди хайру саодат рӯй ба ту орад ва афвоҷи шодкомӣ ва ғабтат дар талаби ту истад, чунон ки

об пастӣ ҷӯяд ва бат об" («Калила ва Димна», с. 164). **Навҷаба** – оби равон, селоб.

413. Эҳтимолан байт бо ин ҷо аз боби "Дӯстии кабӯтару зоғ..." мутобиқат мекунад, ки кашаф, ба гуфтаи Рӯдакӣ ва боха дар тарҷумаи Насруллоҳи Муншӣ ва сангпушт дар тарҷумаи Абдуллоҳи Бухорӣ мегӯяд: "Ва низ муҳайё доштани тӯшаи охират аз муҳиммот аст, ки марг ҷуз ногоҳ наояд ва ҳеч касро дар он муҳлате муайян ва муддате маълум нест" («Калила ва Димна», с. 165). **Бегор ва маҷарг** – кори бемузд, касеро бидуни пардохт ва ба зӯру ситам кор фармудан.

414. "Ва найбасте буд, ки эшон дар он ҷо ҷумла шудандӣ ва бозӣ кардандӣ ва сарғузашт гуфтандӣ" («Калила ва Димна», с. 167).

415. "Муш ба таг истод ва ба наздики оҳу омад ва гуфт: ай бадодари мушфиқ, чӣ гуна дар ин варта уфтодӣ бо чандон хираду каёсат...? Ҷавоб дод (оҳу), ки тақдири осмонӣ, ки на онро тавон дид..." («Калила ва Димна», с. 167).

**Гарза** дар ин байт муш аст, вале бештарини мураттибони ашъори Рӯдакӣ, ки онро шарҳ додаанд, бидуни таваҷҷуҳ ба мазмун ва маъхази байт ба галат "мор" пиндоштаанд.

416. "Муш гуфт: "мардум ҳамеша некуҳол аст, то як бор пойи ӯ дар санг наёмада аст, чун як карат дар ранҷ уфтод ва вараҷи накбат суйи ӯ бишкаст, ҳар соат сели офат қавитар ва мавҷи меҳнат ҳоилтар мегардад" («Калила ва Димна», с. 168). **Шикӯхидан** – пешпо хӯрдан, сикандарӣ.

417. Байт эҳтимолан аз охири боби "Дӯстии кабӯтару зоғ.." аст, ки оҳу барои раҳоии сангпушт аз доми сайёд дар пеши ӯ пайдо шуд ва оҳиста-оҳиста ӯро дуртар мебурд, то муш банди сангпуштро бикушояд. **Куруз ё куруж** – хурсандӣ, шодмонӣ, нишот, тараб.

418. “Ва чун маро дар ин муҳим иззи машварат арзонӣ дошт, мехоҳам, ки баъзе ҷавоб дар ҷамъ гӯям ва баъзе дар хало” («Калила ва Димна», саҳ. 179). Бархе чопҳои ашъори Рӯдакӣ (ниг.: «Насими Мӯлиён», ДОШ) дар мисраъи дувум бадали “пайдоӣ” “бедорӣ” доранд, ки хатост. **Заш- чи.**

419. Кабканҷире хонаи худро тарк карду ғайб зад. “Пас аз муддати дароз харгӯш биёмад ва дар маскани ӯ қарор гирифт.... Чанде бигузашт, кабканҷир бозрасид. Чун харгӯшро дар хонаи хеш дид, ранҷур шуд ва гуфт: ҷой бипардоз, ки аз они ман аст” («Калила ва Димна», с. 186).

420. Зоғ ба малики зоғон гуфт: ”мебояд, ки дар маҷмаъе ва қавме аз лашкари хеш бар ман хашм гирӣ ва бифармоӣ, то маро бизананду хунолуд гардонанд ва он гоҳ пару боли ман биканананд ва маро дар зери ин дарахт биафкананд...Подшоҳ он чи вазир гуфт, бикард ва бирафт” («Достонҳои Бидпой», с. 188).

421. Мазмуни байт наздик ба оғози ҳикояти зоҳид ва дузду дев аст. “Зоҳиде аз муриде гови дӯшо ситад ва сӯи хона мебурд. Дузде он бидид ва дар ақиби ӯ нишаст, то гов бибарад. Деве дар сурати одамӣ бо ӯ ҳамроҳ шуд” («Калила ва Димна», с. 194). Байт ҳамчунин ба мазмуни оғози достони козур бо хар ва писару ғирдоб аз «Синбоднома» низ наздик аст: “Дар шаҳри Фатур гозуре буд. Писаре дошт аҳмақ ва ҷоҳил, бетамйиз ва ғофил. Мазмумсирате, маҷҳулсурате, девонасоре, парешонкоре” («Синдбоднома», с. 84).

422. Ин байт ба суратҳои мухталиф омада ва вожаи “хушкомор” дар он низ боиси ироаи назарҳо шудааст. Аллома Деҳхудо дар Луғатнома зайли “омор” онро ба сурати

Он гаҳе ганҷур мушк омор кард,
То мар ӯро з-он ниҳон бедор кард

оварда ва сипас дар ҳошияи сафҳа навиштааст: "ин байт дар вазни «Калила ва Димна» аст ва мавриди онро наёфтам. Дар фарҳангҳо ба ҷойи "мушк омор" "хушкомор" ҳам омадааст ва "то мар ӯро з-он"-ро "мардро аз он" низ навиштаанд ва онро гоҳ барои омор ва гоҳе барои хушкомор шоҳид овардаанд. Ва аҷаб ин ки баъзе ба калимаи "омор" ва низ "хушкомор" бо шоҳид овардани ҳамин байт маънии "истисқо", маразе маълум низ додаанд. Албатта, байти Рӯдакӣ рӯшан нест ва то муқаддам ва муаххари он ба даст наояд, мусҳаф будани он ҳам баъид наменамояд, лекин бешубҳа калимаи истисқо ( ҳарду "с" бо "син" – Қ.Р.), аслан истифо ё истиқсо ("с"-и аввал "син" ва дувум "сод"- Қ.Р.) ва чизе монанди ин ду будааст дар тарҷумаи калимаи омор ва ба тасҳиф хондани он маънии истисқоро эҷод кардааст, то он ҷо ки соҳиби «Меъёри Ҷамолӣ» (Шамси Фахрӣ – Қ.Р.) аз худ низ байте сохта ва дар фарҳанги хеш ба таъйиди ин даъво мисол овардааст:

Ҳасуди ҷоҳи ту беоб дар тамузи фитан,
Мабод ҷуз ба биёбон фитодаи омор!

Ва маънии муҳосиба ва нависандагӣ ва татаббуъ ва истифсор ва фаҳс ва ниҳояти талаб ва дафтар ва девон низ ба ин калима додаанд".

Деҳхудо назари хешро дар боби байт ва вожаи мазкур дар ёддоште низ сабт карда, ки онро дар ҳошияи "хушкомор" дар «Луғатнома» овардаанд: хушкомор "ҷаҳди тамом кардан (Фарҳанги Асадии нахҷавонӣ)

Аз басе гуфтор хушкомор кард,
То мар ӯро з-он ниҳон бедор кард.

Ва дар нусхаи ҳошияи Фарҳанги Асадии нахчавонӣ дар калимаи омор менависад: Омор истисқо (ҳар ду "с" бо "син" – Қ.Р. - استسقا) бувад (албатта истиқсо ("с"-и аввал "син" ва дувум "сод" – Қ.Р. استصقا) будааст). Рӯдакӣ мегӯяд:

Ангабин ганҷур мушк омор кард,
То мар ӯро з-он ниҳон бедор кард.

Ин калимаро дар ҳеҷ назм ё насри дигаре надидаам, танҳо Шамси Фахрӣ, ки марде беиттилоъ аз луғат буда ва аҷаб он ки маъбуди фарҳангнависони баъди худ мебошад, аларрасм ин калимаро ҳам ба назм дароварда гӯяд:

Худойгони салотин, ки рӯзгор надид,
Назир-ш арчи басе ҷусту кард хушкомор.

Дар нусхаи Рашидӣ
Аз фаровонӣ, ки хушкомор кард,
З-он ниҳон мар мардро бедор кард

омада ва хушкоморро тафаҳҳус ва татаббуъи ҳисоб маънӣ карда ва соҳиби Ҷаҳонгирӣ гӯяд: хушкомор номи маразе аст, ки ҳарчанд мариз об бихурад, ташнагӣ аз ӯ бартараф нашавад ва онро ба тозӣ истисқо хонанд ва албатта, дар фарҳанге бешоҳид калимаи истиқсоро дида ва истисқо хонда ва ин маъниро ба калима додааст. Соҳиби «Бурҳон...», ки ҳама ҷо, ба қавли баъзе фуқаҳо, ҷамъро авло медонад, маънии истисқо ва истиқсо, ҳар дуро ба калима дода ва ҳисобу истифсор ва истифоро ҳам бад-он афзудааст. Соҳиби «Ан-

ҷуманоро» маънии татаббуъ ва тафаҳҳус танҳо ба калима дода ва шеърро ҳам ин тавр забт карда:

Аз фаровонӣ, ки хушкомор кард,
З-он ниҳонӣ мар маро бедор кард.

Ман гумон мекунам, ин байт аз «Калила ва Димна»-и Рӯдакӣ аст, дар қиссаи зани дурудгар ва маъшуқи ӯ: "бечора дар зери тахт рафт, то бақияи кор мушоҳида кунад. Вайро хоб рабуд, дар хоб пой аз зери тахт берун кашид, ногоҳ чашми зан бар пой уфтод, донист ҳол чист. Маъшуқро нарм-нарм гуфт, овоз баланд кун, аз ман пурс ки маро дӯст дорӣ ё шӯйро? Чун бипурсид, ҷавоб дод, ки бад-ин суол чӣ уфтодӣ?" (Калилаи Насруллоҳи Муншӣ). Хушкомор ҳамон тарҷумаи илҳоҳ ва фоили илҳоҳ зан ва мурод аз мард шӯйи ӯ ва мақсуд аз ниҳон зери тахт аст, валлоҳу аълам ва мумкин аст, агар далели дигаре вуҷуди калимаи хушкоморро таъйид накунад, метавон ҳадс зад, ки калима "ҷуст омор" буда ва ба тасҳиф хушкомор шуда бошад" (Ёддошти марҳум Деҳхудо).

Зоҳиран, «Калила ва Димна»-е, ки аллома Деҳхудо истифода карда, нусхаи дигаре аз таҳрири Насруллоҳи Муншӣ буда, чун дар чопи Минувӣ, ки чопи Ризавии Беҳободӣ ҳам аз рӯйи он сурат гирифта, ба "хоб рабудан" мардро вуҷуд надорад. Аммо дар «Достонҳои Бидпой», саҳ. 192 ин маънӣ таъкид шуда: "чун соате баромад, дурудгари камхирадро хоб ғалаба кард. Бихуфт ва пойҳояш аз зери тахт берун омад".

Ва аммо дуктур Муҳаммади Муъин дар ҳошияи «Бурҳони қотеъ» дар мавриди хушкомор овардааст: саҳеҳ "хушкомоз" аст, ба маънии "истисқоулёбс", ки ҳамон истисқои табъ бошад ва он маразе аст, ки шиками бемор чун табле пурбод

омос кунад. Омоз луғате аст дар омос". Вале "хушкомоз" дар байти Рӯдакӣ ҳам қофияро ба ҳам мезанад, ҳам маъниро хароб мекунад ва ба ин далел ваҷҳи истифода дар онро надорад.

423. Гумон мекунам байт бозсозии амиқтар ва рӯшантари суханони вазири малики зоғон аст: "ва сабру боркашии ман дар меҳнати бумон ҳамчунон буд, ки ман донистам, ки анҷоми кор ба ин зафар ва нусрат бозгардад" («Достонҳои Бидпой», с. 200).

424. "Ва низ душманро ба рифқу мудоро некутар ва зудтар мустаъсил тавон гардонид, ки ба ҷангу мукобара" («Калила ва Димна», с. 206). Дар тарҷумаи русии "Калила ва Димна" аз арабӣ ин порча бо абёти Рӯдакӣ мутобиқати бештар дорад. (Рӯдакӣ. Ашъор, саҳ. 89 матни форсӣ ва саҳ. 130 матни русӣ).

425. Байт дар «Луғатнома», зайли "куруз" ба сурати

Вардана ҷасту куруш андар замӣ,
Бонг барбурд аз курузу хуррамӣ

аз ҳошияи Фарҳанги Асадии нахҷавонӣ нақл шуда ва сипас дар ҳошия ёддошти зер омадааст: "Гумон мекунам ин байт аз «Калила ва Димна»-и Рӯдакӣ бошад, дар боби "Қирд ва сулаҳфот" (бӯзина ва сангпушт), он ҷо ки бӯзина аз пушти сангпушт аз об ба хушкӣ ҷастан мекунад". Пасон Деҳхудо матни арабии ин маврид аз китоби Ибни Муқаффаъ ва тарҷумаи форсии Насруллоҳи Мунширо оварда: "Бӯзинаро ба кинори об расонид, бӯзина ба так бар дарахт рафт" ва афзуда: "Агар ҳадси ман дуруст бошад, шеъри Рӯдакӣ тақрибан бояд ин тавр бошад:

Бӯзина ҷасту гурез андар замӣ,
Бонг барбурд аз курузу хуррамӣ.

Мумкин аст куруш ҳам калимае буда, ки имрӯз мафқуд аст".

Ба ин гуфтаҳо бояд афзуд, сабаби курузу (шодмонӣ) ва хуррамии бӯзина ин аст, ки вай аз макри сангпушт, ки мехост дили ӯро ба хӯрди занаш бидиҳад, огоҳ шуда ва бо фиреб сангпушт-ро водор карда буд, ӯро ба соҳил бозпас орад.

Ин байтро ҳамчунин Л. Брагинская аз «Луғати фурс»-и чопи Аббос Иқбол, ки дар ин маврид маъхази ӯ ҳам ҳошияи Фарҳанги Асадии нахчавонӣ будааст, ахз карда ва бо тасҳеҳи зайл

Дарди ту чисту куружу хуррамӣ,
Бонг барзад аз курузу хуррамӣ

дар бахши "Байтҳое, ки мураттиб аз фарҳангҳо пайдо кардааст" (Рӯдакӣ. Ашъор, саҳ. 107, матни форсӣ) овардааст ва онро аз боби "Дӯстии кабӯтару зоғ..." донистааст. Вале тасҳеҳи ӯ ғалат аст ва ҳам маъниро аз байт бурда ва ҳам қофияро ба ҳам зада.

426. Л. Брагинская мавридеро аз дебочаи ибн аш-Шоҳ ал-Форисӣ дар «Калила ва Димна»-и арабӣ (тарҷумаи русии он) оварда, ки бо мазмуни байт мутобиқат дорад. Ин дебоча дар «Калила ва Димна»-и Насруллоҳи Муншӣ ва «Достонҳои Бидпой» вуҷуд надорад. Аммо дар ҳикояи "Пил ва чаков", ки дар тарҷумаҳои Насруллоҳи Муншӣ ва Абдуллоҳи Бухорӣ вуҷуд надорад ва он баъдан аз сӯйи фозиле аз нусхае аз нусахи арабии «Калила ва Димна» тарҷума шуда, ин нукта ба сурати зайл омада: "Малики Рум гуфт: ҳаргиз бар ҳеч сухани ногуфта пашемон нашудаам ва бисёр бар он чи

гуфтам пашемонӣ хӯрдам" («Калила ва Димна», бахши илҳоқӣ, саҳ. 367).

**Синдбоднома.** Дар амри муқоисаи абёти «Синбоднома»-и Рӯдакӣ бо «Синдбоднома»-и мансур, ки дар таҳрири Заҳирии Самарқандӣ боқӣ монда, аз мақолаи Ҷ. Азизқулов, бахши тавзеҳоти Рӯдакӣ. Ашъор ба қалами Л. Брагинская ва қисмати барои шарҳи Рӯдакӣ. Шеърҳо навиштаи У. Каримов ва С.Саъдиев истифода шуд.

427. Ҷ. Азизқулов эҳтимол додааст ин байт ва байти шумораи 397, ки мо низ ба тахмин ба ҳикояти Тайту ва Вакили дарё аз «Калила ва Димна» нисбат додем, аз достони кабки нар ва модаи «Синбоднома» бошанд. Воқеъан мазмуни абёт, агарчи айнан дар достони «Синбоднома»-и насрӣ вуҷуд надорад, бо он мушобеҳ аст ва метавон ҳадс зад, ки суханони нарина аст ба модина, баъд аз он ки гумон кард, мода дар замони ғайбати ӯ обастан шуда. Ва байти дигарро метавон посухи кабки мода шумурд. Аммо баъид аст, Рӯдакӣ бо он қудрати шоирӣ, ки дошт ва фаровонии шеър, ки масал шуда ва аз "санги хора" "байти парниён" мекард, дар ду байти пайи ҳам қофияҳоро такрор бикунад. Магар ин ки фарз кунем, дар васати ин ду байт чандин байти дигар низ буда бошад.

428. Байтҳо аз достони зани деҳқон ва баққол аст.

Зане барои харидани гурунҷ ба дукон омад. Чун баққол нозу карашмаи ӯро бидид ва донист, ки "аз кадом полез аст… ва чи мизоҷ дорад" ӯро бо ваъдаи шакар ба дукон даровард ва бо ӯ муҷомаъат кард. Шогирди баққол дар ин миён "гӯшаи чодар бигшод ва гурунҷу шакар баргирифт ва порае хок дар чодар баст. Чун шуғли хилват ба итмом анҷомид, зан ба таъҷил аз дукон берун омад ва роҳи хона баргирифт ва чодар

ҳамчунон барбаста пеши деҳқон ниҳод. Деҳқон гӯшаи чодар бикушоду нигоҳ кард, қадре хок дид. Гуфт, ай зан, ҳоли ин хок чист?” («Синдбоднома», с. 96). **Пус** – писар. **Фаларзанг ва фаларз** – дастор, фӯта (ба маънои имрӯз мустаъмал дар байни тоҷикон) барои бастани маводди ғизоӣ ва хӯрданӣ. Ин вожаҳо дар Мовароуннаҳру Хуросон роиҷ будаанд.

429. Байт бо мазмуни огози достони шоҳзода бо вазиру ғулон наздик аст. “...Рӯзгори баҳор ва ҳанғоми дашту марғзор аст. Ҳангоми сайд кардан ва айёми шароб хӯрдан аст, ки дасти нассохи табиат дар тарозхонаи рӯзгор, аз барои аруси навбаҳор дебои ҳафтранг мебофад” («Синдбоднома», с. 99).

430. Абёт аз достони шоҳзода ва гармобабону зан аст. “Шоҳзодаи Қаннуҷ, ки дар ҳусну ҷамол уъҷубаи рӯзгор ва дар латофату зарофат воситаи қилодаи айём буд.. ба гармоба омад... Аз баҳри он ки шахси ӯ азим лаҳим буд, олати виқоъ дар ғӯшт пинҳон будӣ ва аз ғояти фарбеҳӣ нопайдо намудӣ” («Синдбоднома», с. 126).

431. **“Чунки занро дид луч, кард уштулам”.** Дар ҳама маохиз ва кутуби ашъори Рӯдакӣ бадали “луч” “лағ” омада, вале гумон мекунам “лағ” тасҳифи “луч” аст. Барои чунин тахмин чанд далел дорам. Аввал, ин вожа (“лағ”), ки дар МААР, с. 537 ба сурати ғалати “фағ” забт шудааст ва байти шоҳиди он, бино ба таҳқиқи С. Нафисӣ ва Л. Брагинская танҳо дар «Луғати фурс»-и чопҳои П. Ҳорн, Аббоси Иқбол ва Дабирсиёқӣ омада ва нусхаҳои дигари ин луғат ва фарҳангҳои баъдӣ онро наёвардаанд. Дигар, бархе фарҳангҳо “лағ”-ро бо “дағ” ҳаммаъно donиста ва онро саҳрои бегиёҳ ва сари бемӯй шарҳ додаанд, вале вожа бо ин маъниҳо ҳеч рабте бо мазмуни байти Рӯдакӣ

надорад. Севум, байтро дар «Луғатнома» ҳам зайли “лағ” ва ҳам зайли “лаҷ” овардаанд, вале маълум нест байтро бо забти “лаҷ” аз чи маъхазе нақл кардаанд. Деҳхудо зайли “лаҷ” ҳамчунин навиштааст: “Дар нусхаи Асадӣ (чӣ нусхае-?) “лах” аст ба хои муъҷама, вале лахро ба маънии бараҳна наёварда, дар сурате, ки мешавад лух ба зами “лом” сурате аз лухт ва лом бошад”. Вале ман гумон мекунам, дар нусахи қадим “луч”-ро ба иллати адами сурати ҳарфи форсии “ч” ба “ҷ” навиштаанд ва баъдан муҳаррире ва ё муҳаррирони «Луғати фурс» ба сабаби нафаҳмидани маънии вожа ва ё ба иллати мушобеҳ будани сурати “ҷим” бо “ғайн” онро ба тасҳиф овардаанд. Чунин ғалатҳо, ки натиҷаи надонистани маънӣ ва сурати калимаҳои роиҷ дар Мовароуннаҳру Хуросон аст, дар «Луғати форс», ки ба қавли аллома Деҳхудо, мурратибонаш аз аҳли забони мо набудаанд, зиёд аст. Калимаи “луч” ба маънии урён, ки имрӯз низ дар гӯишҳои форсии Тоҷикистон ва Узбакистон роиҷ аст, дар фарҳангҳои тафсирии баъди қарни XYI забт шуда ва ёдам нест барои он шоҳид овардаанд ё на. Вале дар забони форсӣ вожаҳои бисёр дорем, ки дар фарҳангҳо наёмадаанд ва ё бидуни шоҳид омадаанд ва “луч” яке аз он ҳазорон аст.

Байт идомаи абёти болост. Гармобабон ба умеди ин ки шоҳзода бо олате кӯчак, ки дорад, аз уҳдаи коре барнамеояд, барои имтиҳон ва аз ҳирси зарр зани худро ба пеши ӯ меорад. “Шоҳзода чун шаклу ҳайат ва хилқату сурати ӯ бидид ва лутфи маҳоварат ва ҳусни мафовазати ӯ бишнид ва он аҷзои мутаносиб ва аъзои мутақориб мушоҳида кард, рағбате содиқ ва шаҳвате тамом дар вай зоҳир шуд ва қуввати ҳайвонӣ олати шаҳвониро қиём... бидод” («Синдбоднома», с. 127).

432. Байт шояд аз достони Ошиқ ва гандапиру саги гирён аст дар тавсифи кохи зан. “Ҷавоне... рӯзе бар сабили таназзуҳ ва тафаккуҳ бар мамарри шоҳроҳе торуме дид муртафеъ ва равоқе муттасеъ баркашида ” («Синдбоднома», с. 130).

433. Байт аз достони бозаргони латифтабъ буда ва марбут ба нон фурӯхтани каниз аст. Ин маврид дар таҳрири Заҳирии Самарқандӣ вуҷуд надорад, вале дар матнҳое, ки марбут ба ривояти хурди «Синдбоднома» будаанд, аз ҷумла дар ривояти арабӣ ҳаст. (Ниг.: Тадқиқоти Ҷ.Азизқулов дар муқаддимаи Синдбоднома. Душанбе, 2012, с. 57-58). Ва ин ки баъзе таҳийякунандагони ашъори Рӯдакӣ «ду нонак» -ро дар ин байт навъе най (Девони Одамушшуаро), «як навъ паранда ва ҷонвар, ки овози баланд дорад» (Рӯдакӣ. Ашъор, 2007) пиндоштаанд, ҳеч асосе надорад.

434. Ин байт ҳам, ки мавриди биайни он дар таҳрири «Синбоднома»-и Заҳирӣ вуҷуд надорад, ба достони қаблӣ марбут аст, ба он ҷойе, ки каниз васоил ва шеваи хамир шӯридан ва нон пухтанро ба ӯ ҳикоят мекунад. (Ниг.: «Синбоднома», с. 151).

435. Байт аз достони Суъулак ва шеру бӯзина аст. Ва муродифи он дар китоби Заҳирӣ он ҷост, ки дузд бо қасди рабудани сутуре ба байни корвон медарояд. (Ниг.: «Синбоднома», с. 157). **Аспял** – аспдузд. Гумон мекунам, бахши дувуми вожа, яъне “ял” аз “яла” аст, ба маънии раҳо кардан.

436. Байтҳо аз достони Гандапир ва марди ҷавон бо зани баззоз аст. Ҷавоне ба зани баззоз ошиқ мешавад ва чун зан илтифоте ба ӯ намекунад, ҷавон пирзанеро миёнҷӣ мекунад ва ин гандапир бо фиребу найранг дили занро ба ҷавон моил менамояд, ӯро ба назди ҷавон меорад ва онҳо ҳарду ба айшу ишрат машғул мешаванд («Синбоднома», с. 169 - 174). **Коға** – худро нодону сода ва

чоҳил вонамуд сохтан; **дилом** – фиреб, найранг, макр.

437. Байт марбут ба боби забон кушодани шоҳзода аст. «Шоҳ аз истимоъи ин муқаддамот мутабаҷҷеҳ гашт ва дар боғи мушоҳадат гулзори масаррраташ бишкуфт. Бифармуд, то аъёну аркон ва машоҳиру ҷамоҳир ҳозир омаданд ва маҳфили ақд карданд» («Синбоднома», с. 194). **Буб** – фарш ва густурданӣ.

438 – 439. Ҳар ду байт аз достони пири нобино аст. Байти аввал марбут ба шикваи бозаргон аз тарророни шаҳр, ки ӯро фиребиданд ва байти дувум дар бораи ба назди меҳтари шаҳриён фиристодани пиразан бозаргонро. (Ниг.: «Синбоднома», с. 211 – 221). **Гурбуз** – таррор, маккор, фиребгар.

440. Байт аз достони рӯбоҳу кафшгар ва аҳли шористон аст. Рӯбоҳе пайваста ба хонаи кафшгар меомад ва чарм медуздид. Шабе кафшгар роҳи рахнаро баст ва рӯбоҳ худро мурдавор ба замин афканд, то пас аз он ки дарвозаҳои шористонро боз кунанд, бадар биравад. Субҳ мардуми шористон омаданд ва яке забон, яке дум ва яке гӯши ӯро бурид. Рӯбоҳ ин ҳама дардҳои ҷонкоҳро таҳаммул кард, вале чун нафари дигаре хост, ки дилашро бибурад, "рӯбоҳ аз ҷой биҷаст ва ба так аз дари шористон берун ҷаст" («Синбоднома», с. 229 – 230). **Заганд ё жаганд** – ҷастан, хез кардан.

441-476. Абёти ин порчаҳо (дар маҷмуъ 36 байт) низ чун ду маснавии «Калила ва Димна» ва «Синбоднома» дар баҳри рамали мусаддаси маҳзуф (мақсур) навишта шудаанд, вале мавorid ва муродифи онҳоро дар ин ду нома пайдо накардам. Л. Брагинская ба ғайр аз абёте, ки мутобиқаташон бо ин ду китобро дар боло нишон додем, низ чанд байти дигарро ба ин ду асар мансуб дониста ва муродифи онҳоро аз «Калила ва Димна» ва

«Синбоднома»-и насрӣ овардааст. Аммо тавачҷуҳи бештар ба ин абёти Рӯдакӣ ва ҳикоёти кутуби мазкур ба хубӣ мерасонад, ки чунин нест. Масалан, байти

Чун яке ҷағбут пистонбанди ӯй,
Шир дӯшӣ з-ӯ ба рӯзе ду сабӯй

ҳеч иртиботе бо достони зани писар бо хусур ва маъшуқ аз «Синбоднома» надорад, чунонки Л. Брагинская пиндоштааст. Муқоисаи ин порча аз «Синбоднома»-и Заҳирӣ бо байти фавқи мансуб ба Рӯдакӣ таъйиди гуфтаи мост. "Маъшуқа ба боми кох истода буд, чун чашм бар ошиқ афканд, сар биҷунбонид ва даст бар гардану ғӯшу сина бимолид. Мард бар он ҳаракат вуқуфе наёфт, бо таҳайюру тафаккур ба хона омад ва бо гандапире... ин маънӣ шарҳ дод... Гандапир гуфт, туро чунин гуфтааст, ки канизаке расида ва бару пистон баромада бифирист" («Синбоднома», с. 153). Ва аммо сабаби канизаки болиғ хостани зан ин аст, ки ҳама дидаву шунидаашро ба мард бирасонад, то мутобиқ бо он амал бикунад ва дар ин ҷо пистони каниз дол бар баркамол будани ӯ асту бас ва мақсуд тавсифи пистон нест.

Адами мутобиқати абёти зиёд бо ду маснавии машҳури Рӯдакӣ (бо он ки чанде аз онҳо ба эҳтимоли зиёд мутааллиқ ба Тайён ҳастанд), аз ҷумла, панҷ байти қитъаҳои 441 то 444, ки чаҳор байти онҳо дар мавриди офтоб аст, далолат бар он мекунад, ки Рӯдакӣ эҳтимол ба ҷуз «Калила ва Димна» ва «Синбоднома» маснавӣ ва ё ҳатто маснавиҳои дигар ҳам дар ин вазн доштааст. Албатта, чунонки ишора рафт, ман бо аллома Деҳхудо, ки дар асоси мушобиҳати дури муҳтавои як байт дар ҳамин вазн «Ардивирофнома» назм кардани

Рӯдакиро тахмин карда буд, мувофиқ нестам, абёти мавҷуди маснавӣ дар вазни рамал ин назарро таъйид намекунанд. Ва аммо аз чаҳор байти шоир дар мавриди ҳаракати офтоб се байт ба гунае аст, ки онҳоро наметавон ҷузъи ҳикояте шумурд. Сухан дар ин байтҳо на аз вазъи офтоб дар замони муайян (тулуъ, ғуруб ва ё қиём) аст, то тасаввур кунем, шоир ба ин тариқ ҳикоятеро оғоз ва ё ба поён расонида, чунонки дар «Шоҳнома» ҳаст, балки ҳаракати рӯзонаи офтоб аз баромадан то нишастан бозгӯ шудааст. Ва ин амр шояд гувоҳ бар он тавонад буд, ки маснавии Рӯдакӣ, ки эҳтимолан бузург ҳам набуда, ихтисосан дар мавзуъи гардиши офтоб ва ё умуман аҷроми самовӣ будааст ва муҳаққиқон бояст иттилоъи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Анҷуманорои Носирӣ»-ро бо вуҷуди таълифи онҳо дар замони дур аз зиндагии Рӯдакӣ ба ҷидд бипазиранд. Шояд исми ин маснавӣ «Даврони офтоб» набуда, вале далоили мавҷуд, бо он ки заъиф ҳастанд, гувоҳ бар мавҷуд будани чунин маснавӣ мекунанд, то бар адами он.

441. **Хуросон** – шарқ аст, чунонки Фахруддин Асъади Гурғонӣ гӯяд:

Забони паҳлавӣ ҳар к-ӯ шиносад,
Хуросон он бувад, к-аз вай хур осад.

**Ховар** – аз вожаҳои аздод аст, ки дар замони Рӯдакӣ ба маънои мағриб ба кор рафта, вале дар «Шоҳнома» ҳам ба маънии мағриб ва ҳам ба ба маънии машриқ истифода шуда ва имрӯз низ танҳо ба маънии шарқ мустаъмал аст.

443. **Ҳафт тобанда давон дар дуву доҳ**. Ҳафт сайёраи макшуф барои қадимиён ва дувоздаҳ бурҷи фалакӣ.

444. **Бара** – яке аз дувоздаҳ бурҷи фалак, ки бо вуруди офтоб ба он соли нави шамсии эронӣ фаро мерасад.

445. **Кадевар** – кадхудо, соҳибхона; **зафт** – қавиҷусса, фарбеҳ; **доскола**- доси кӯчак.

446. Байт ба Тайён низ мансуб аст. Мисраъи аввали он ба сурати "Шаб биёмад бар дарам дарбони боҷ" низ омада («Шоирони ҳамасри Рӯдакӣ», саҳ. 62).

447. Байтро ба Тайён низ нисбат додаанд.

449. Байт дар маъохизи он ба суратҳои мухталиф омада: дар мисраъи аввал "чунки молида", "чунки ноланда", "чунки ӯ нолид", дар мисраъи дувум "кори молида бад-ӯ". (Ниг.: Рӯдакӣ. Ашъор, саҳ. 94 матни форсӣ; Луғатнома, зайли моланда). **Дарвох** – беҳбуд ёфтани бемор; рӯ ба тандурустӣ овардан пас аз беморӣ.

450. Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо байт дар зайли "дан" ба маънии "фарёд ва ғавғо ба нишот" ба ҳамин сурати мазбут дар бештари маохиз омада ва баъдан дар ҳошия омадааст: "муаллиф (яъне аллома Деҳхудо – Қ.Р.) дар ёддоште ба истиноди ин байт "дан"-ро ба маънии шароб гирифтаанд ва муносиби мушобиҳати "данн"-и арабӣ ба маънии хум ва зикри зарфу иродаи мазруф аст". Дар ду мавриди дигар дар «Луғатнома» дар мисраъи дувум "рӯзи диж" омада ва эҳтимол меравад "рӯзи дар", ки дар яке аз нусахи «Луғати фурс» омада тасҳифи "рӯзи диж" бошад. Ҳамчунин ӯ ҳадс задааст, шояд "судманд" дар асл "дардманд" бошад.

452. **Фурунҷ** – пӯз, атрофи даҳон.

453. **Канур**- зарфи бузурги ғилӣ, барои нигоҳ доштани ғалла ва орд. **Ханур**, ки дар мисраъи аввали ин байт ва дар байти дигар аз Рӯдакӣ омада, ба маънии зарфҳои гилӣ аст, мисли кӯза,

коса ва ғайра ва эҳтимол аст, ханур аз канур бо роҳи табдили “к” ба “х” берун омада бошад.

454. **Нӯф** – пажвок, акси садо, ки мисли амвоҷ бозпас ояд. Ин вожа дар гӯишҳои форсии Тоҷикистон, аз ҷумла дар диёри Рӯдакӣ имрӯз ҳам мустаъмал аст.

455. **Ҷағбут ё чағбут** – пашм ва ё пахтае, ки дар миёну астару абраи кӯрпа ва ҷома кунанд; **римнок -** дар ин ҷо касиф ва чиркин.

458 – 459. Ин ду байтро бештари маъохиз ба Тайён нисбат додаанд ва гумон мекунам, натиҷаи табъ ва қалами ӯст.

**Ғашок -** бӯйи бад ва ганда, ки аз лаҳон ояд; **ҳабок** – тори сар; **фажок** – палид, палишт ва чиркин; **мағок** – чоҳи на̀ чандон амиқ, чола, гӯдол.

460. Асли ин мазмун аз суханони ҳазрати Сулаймон аст дар «Китоби воиз»-и Аҳди қадим (ниг.: Библия, саҳ. 667).

461. Баъзе маохиз дар мисраъи дуюм бадали “хушк гашта” “гашн карда” доранд ва ҳамчунин байт сурати мутафовити зайл ҳам дорад:

Хушк шуд .... сагу батфузи саг,
Ончунон к-ӯро наҷунбад эч раг.

(Аз «Луғатнома»)

**Батфуз** – пӯз, атрофи даҳони инсон ва ҳайвон.

462. **Дағул (доғул)** – ҳаромзода; маккор, айёр. Ин вожа ба гунаи «доғулӣ» ба маънои фиребгар, маккор, мулоимхунук дар Панҷекат имрӯз низ истеъмол мешавад.

465. Мисраъи аввал ба суратҳои “гуфт: фардо бикшам ӯро пеши ту”, “гуфт, фардо биниам дар пеши ту” низ омада. Л. Брагинская байтро бо забти “гуфт: фардо бикшам ӯро пеши ту” дар мисраъи аввал оварда ва онро ба боби Шер ва

Гови «Калила ва Димна» нисбат додааст, ба мавриде ки Димна ба Шер мегӯяд, Говро ба наздаш меоварад. Вале гумон мекунам, истифодаи вожаи “бикшам” ва мисраъи “биёҳанҷам ситем аз реши ту”, ки Л. Брагинская онро “ба касе арзиш қоил шудан” маънӣ кардааст, ин назари ӯро рад мекунад. **Ситем** – реш, ҷароҳат.

466. Ин байт мағшуш ба назар мерасад ва ин ки «Луғати фурс» “модавар”-ро “дард ва туҳмат бар (?) бувад” (аз «Луғатнома») шарҳ карда ва низ қофияаш ғалат аст, дол бар ин амр мебошад.

467. **Ғаффа** – пӯстин аз пӯсти барраи нарммӯй; **самурӣ** – пӯшиш ва дар ин байт кулоҳе, ки аз пӯсти самур дӯхта шуда ва самур ҷонварест рӯбоҳмонанд, ки мурғонро шикор кунад.

468. Мисраъҳои ин байт ба суратҳои мухталиф омада. Чунончи, дар «Луғатнома»-и Деҳхудо гоҳ “санчиди челон” ва низ гоҳе “санҷиди ҷелон” омада ва ҳардуро навъе санҷид, унноб шарҳ кардаанд. Дар Фарҳанги форсии Муъин моддаи луғавии “санҷиди Гургон” шарҳ шудааст. Гумон мекунам, асли ибора “санҷиди челон” буда ва чунонки бисёр воқеъ шуда, гоҳе “ҷим”-и форсӣ (ч)-ро бо “ҷим”-и арабӣ (ч) иваз кардаанд ва баъдан пиндоштаанд “ҷелон” ҳамон Гелон аст ва низ наздикии Гелон бо Гургон боиси бадали “санҷиди челон” ба “санҷиди Гургон” шудааст. Мисраъи дувумро низ Фарҳанги форсии Муъин ба сурати “нуқта ба сурма бар як-як зада” ва «Луғатнома» гоҳе ба сурати мазбути мо ва ғоҳе ба сурати “нуқтаи сурма бари ӯ як рада” оварда. Дар ҳошияи “челон” дар Луғатнома омада, ки байт “зоҳиран, дар сифати даҳон ва хати маъшуқа аст”.

470. **Андама** – ёд овардани гаму андуҳи гузашта (ФАР).

471. **“Не шубонро ҳишт зинда, не рама”.** Дар бештарини маҷмуъаҳои осори шоир, ки ин байт омада, бадали “ҳишт” “меш” забт шуда, ки мантиқро хароб мекунад, зеро меш ҳам бахши рама аст. Сурати саҳеҳи байт бо истинод ба «Сиҳоҳу-лфурс» (ниг. с. 99 ) дар Рӯдакӣ. Ашъор ва мукарран дар «Луғатнома» омадааст.

**Авборидан** – фурӯ бурдан бидуни хойидан, балъидан.

472. Байт, ки ба ҳамин сурат аз «Луғати фурс»-и чопи Аббос Иқбол нақл шуда, маънии чандон рӯшане намедиҳад. Соҳиби ФАР байтро ба шоҳиди “мангала” забт карда ва овардааст, “дар фарҳангҳои пешин ба маънии а) номи сабзӣ ва гиёҳи даштӣ; б) риштаи абрешумӣ оварда шудааст. Аз сабаби як байти алоҳида боқӣ мондан маънои мувофиқи байтро пайдо кардан душвор шуд; ин ҷо шояд ба маънии: нодон, аҳмақ, гӯл, аблаҳ, содалавҳ омада бошад”. Дар Фарҳанги форсии Муъин зайли “мангула” омада: “риштаҳое аз ресмони нахӣ ё абрешумӣ, ки ба шакли ришта ё гулӯла дуруст кунанд ва ба калова, атрофи либос, алам (дирафш), банди парда, банди тасбеҳ ва ғайра овезанд”.

Аллома Деҳхудо шояд бо таваҷҷуҳ ба ҳамин маънии вожаи “мангула” ва “кашкула” (ҷӯзаи панба, ки панба аз он берун оварда бошанд, яъне ғӯзаи холии панба) дар «Луғатнома» дар ҳошияи “кашкала” байтро ба сурати

Ҳаст сарат аз мағз, ай мангула,
Ҳамчу зиваш монда тиҳӣ кашкула

ва зайли “мағз” ба сурати

Ҳаст зи мағз он сарат, ай мангула,
Ҳамчу зиваш монда тиҳӣ кашкула

тасҳеҳ карда. Ҳамчунин дар ҳошияи “мағз” овардаанд: “Дар «Луғати фурс» айзан “руш” ва марҳум Деҳхудо дар ҳошияи ҳамин китоб ин калимаро “зиваш” забт дода ва онро панбаи покнокарда маънӣ карда ва афзудаанд, ки имрӯз ҳам дар корхонаҳои бофандагии Мозандарон ва ғайра ба ҳамин маънӣ мутадовил аст”. Ба ҳар сурат ҳадси А. Нуров дар ин бора, ки шояд дар ин байт мангала ба маъноии маҷозии аблаҳ ва гӯл бошад, дуруст ба назар мерасад.

474. Ин байтро ба Лабибӣ ҳам нисбат додаанд. **Риман** – айёр, маккор, таррор; **лакдирой** – ёвагӯй, ҳарзагӯй, жожхой.

475. Байт ба Тайён ҳам мансуб аст.

477. Танҳо маъхази ин байт дар мисраъи аввал бадали “куҳкон” “камкон” дорад ва ҳамаи маҷмуъаҳои осори шоир, ба ҷуз «Насими Мӯлиён» низ ин вожаро ба ҳамин сурат овардаанд. Аммо гумон мекунам “камкон” иштибоҳ аст ва иллати иштибоҳ низ бо ҳам наздик будани “ҳ” ҳавваз бо “м” дар навишти алифбои арабӣ бошад. **Куҳкон** – тахфифи кӯҳкан аст, чунонки Фаррухӣ ғуфта:

Зи орзуи кафи роди ту зи кони гуҳар,
Гуҳар баромад бе кӯҳкону бе метин.

Ва дар байти Рӯдакӣ дар вожаи “кӯҳкан” ба зарурати шеърӣ ба ҷои “вови маҷҳул” (ӯ) кофи бо замма омада.

478. **Андо** – хобе, ки солеҳон ва парҳезгорон бинанд, хоби содиқ ва ин хоб аз сӯйи фариштагон талқин мешавад; **вахшур** – паёмбар ва расул. Ин исм, ки дар ойини зардуштӣ танҳо ба Зардушт итлоқ мешуда (Фарҳанги форсии Муъин, ҷ. 4, с. 4992, зайли «вахшур») пас аз густариши ислом дар Эронзамин ба маънии умумии «пайғамбар» низ

истеъмол шуда. Чунонки, дар маснавии Юсуфу Зулайхои Амонӣ (асри XI), ки маъхази он ривоятҳои сомӣ аст, омадааст:

Бигӯй, ай хирадманд, аз ин дар сахун,
Қиёсе зи вахшури додор кун.
(Аз «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», ҷ.1, с. 778, зайли «вахшур»)

479. Байт дар «Лугати фурс», чопҳои 1319, 1336, 1365 ба Абӯшакур, дар яке аз нусхаҳои дигари «Луғати фурс» ба Мунҷик, дар «Сиҳоҳу-л-фурс» ба Фирдавсӣ ва дар «Фарҳанги Вафоӣ» ба Рӯдакӣ нисбат дода шудааст.

480. Байт ба Амъақи Бухорӣ низ мансуб аст. **Коша** – яхи тунук ва нозук.

481. **Об тохтан** – мезидан, шош кардан.

483. **Ғуч** – гусфанди нари шохдор. Ин вожаро, ки имрӯз низ ба сурати “қучқор” дар миёни тоҷикон мутадовил аст, фарҳангнависон туркӣ ва асли онро “қуҷункор” донистаанд. (Ниг.: Луғатнома, зайли “ғуч”). Агар чунин бошад, пас ин вожа дар баробари “ҷуғрот” ва боз ду-се вожаи дигар аз аввалин вожаҳои туркӣ аст, ки вориди форсии дарӣ шудаанд. **Табар** – олати ҷанг, ки онро табарзин ҳам гуфтаанд; **хурӯч** - хурус.

488. Байт дар фарҳангҳои «Ҷаҳонгирӣ», «Рашидӣ» ва «Бурҳони ҷомеъ», ки ҳама таълифшудаи пас аз қарни XYI мебошанд, ба номи Рӯдакӣ омада. Дар достони “Пил ва Чаковак” аз «Калила ва Димна», ки дар тарҷумаи Насруллоҳи Муншӣ вуҷуд надорад ин байт дар хилоли чанд байти дигар омада ва эҳтимол ҳама натиҷаи завқ ва ҳосили хомаи як нафар бошанд:

Кӣ афрӯхт ин чархи ойинаваш?
Кӣ афрохт ин гунбади кинакаш?
Зи кавкаб дар-ӯ машъал афрӯхта,
Ба мисмори қудрат бар-ӯ дӯхта.
Кӣ андар дили санг оташ ниҳод,
Кӣ аз дидаи хора чашма гушод?
Кӣ бар обу гил нақш бунёд кард?
Ки моҳор дар бинии бод кард?
Маъодин кӣ дар санги хоро ниҳод?
Манофеъ ба хошок дору кӣ дод?
Зи хун мушк дар нофи оҳу кӣ кард?
Луъоби магас нӯшдору кӣ кард?
Ба ҷуз довари рост яздони пок,
Ба фармони ӯ аз самак то самок!
(«Калила ва Димна», с. 371)

489. Ин байт дар «Фарҳанги Қаввос» маҳфуз монда ва Назир Аҳмад таъкид карда, ки онро дар ҳеч китоби мавриди истифодаи худ надидааст. (Ниг.: «Фарҳанги Қаввос»,с. 172). **Гӯпол** – гурз ва амуди оҳанӣ.

490. Байтро устод С. Нафисӣ бо истинод ба «Луғати фурс», чопҳои Берлин ва Аббос Иқбол ва Фарҳанги мутааллиқ ба китобхонаи мадрасаи улуми сиёсии Теҳрон дар маҷмуаи ашъори Рӯдакӣ ворид кардааст. Аммо дар ҳамаи чопҳои «Луғати фурс» ин байт ба номи Фирдавсӣ омадааст. Дар ин ҳол, байт дар чопи соли 1336 ба гунаи зайл омада:

Ба ҳар хошае хештан парварад,
Ба ҷуз хоша вайро чӣ андар хурад

ва дар чопҳои соли 1319 ва 1365 байт сурати комилан дигаргун дорад:

На гӯё забону на ҷӯё хирад,
Зи ҳар хошае хештан парварад.

Аммо дар «Фарҳанги Шоҳнома» (ҷ. якум, с.757) бо истинод ба «Шоҳнома»-и чопи Маскав, мисраъи дувум ба гунаи дигар аст:

Зи хоку зи хошок тан парварад.

«Сиҳоҳу-л-фурс» байтро бидуни зикри номи гӯянда забт кардааст.

Пас, танҳо дар фарҳанги мутааллиқ ба китобхонаи мадрасаи улуми сиёсии Теҳрон ин байт ба номи Рӯдакӣ омада будааст. Ва азбаски ин фарҳанг чандон қобили эътимод нест, чи чанд байти Низомиро низ ба номи Рӯдакӣ забт карда, ба эҳтимоли наздик ба яқин нисбати байт ба Одамушшуаро дуруст нест.

491. Танҳо маъхази ин байт «Донишномаи Қадархон» аст. **Бодафраҳ** – мухаффафи бодафроҳ, мукофоти бадӣ; **кардманд** –шитоб, таъҷил.

493. Ин байт ҳам танҳо дар фарҳанги мутааллиқ ба китобхонаи мадрасаи улуми сиёсии Теҳрон ба номи Рӯдакӣ омада будааст (МААР, Девони ашъор, 2008) ва аммо дар чанде аз нусхаҳои «Луғати фурс» ва дар «Сиҳоҳу-л-фурс» (бо дигаргуниҳое дар ҳар ду мисраъ) ба номи Абушакури Балхӣ омада ва ба эҳтимоли қавӣ аз ӯст.

494. Байт дар бештари маохиз ба номи Рӯдакӣ омада ва танҳо «Сиҳоҳу-л-фурс» онро бо гунаи дигари мисраъи аввал (Накӯ гуфт муздур бо он хадеш) ба Сӯзанӣ нисбат додааст.

495. Ин байт дар нусхае аз «Луғати фурс» (ниг. «Луғати фурс», 1319, с. 278 (ҳошия) ба Рӯдакӣ, дар нусхаи дигар ба Фирдавсӣ (Рӯдакӣ. Ашъор, с. 157 (тавзеҳот), дар нусхаи дигар аз ин фарҳанг («Лугати фурс», 1365, с.159) ва дар «Фарҳанги Қаввос» (с. 107) ба Абушакури Балхӣ нисбат дода шуда, дар чанд нусхаи дигари «Луғати фурс» бидуни номи гӯянда омадааст ва муаллифи

«Тухфату-л-аҳбоб» зайли “ситург” ба Мантиқӣ нисбат додаст.

496. Байт дар «Луғатнома», дар зайли “лод” бо истинод ба «Луғати фурс» ба номи Рӯдакӣ забт шуда ва аммо муаллиф афзудааст, “зоҳиран ин байт аз Унсурӣ” аст, агарчи барои ин ҳадс ва шак ваҷҳе наёварда. **Парнехсанг** – тахтасанг.

498. «Сиҳоҳу-л-фурс» байтро ба Мунҷик нисбат додаст.

499. Байт бад-ин сурат аз чопи интиқодии «Меъёру-л-ашъор», с. 94 иқтибос шуд. Дар «Мизону-л-афкор фӣ шарҳи Меъёру-л-ашъор» мисраъи аввал ба гунаи «Баҳор аст ҳаррӯза дар рӯзи нам» омадааст ва муаллиф байтро низ шарҳ додаст: «яъне, ба мавсими бориш ҳаррӯза баҳор аст, зеро ки мункарот ва лаҳву лаъаб бисёр воқеъ мешавад ва амри билмаъруф камтар» (с. 444).

500. Равоншод Ансор Афсаҳов навиштааст «ин байт мазмуни гуфтугӯйи Рустам бо Аквондев аз «Шоҳнома»-ро ба ёд меоварад». (Проблемаҳои матни ашъори Рӯдакӣ. - Маҷаллаи «Маърифат», 2000, № 1-2) Агарчи байт ва ё байти шабеҳи онро дар матни асл ва нусхабадалҳои достони Фирдавсӣ пайдо накардам, вале мазмуни байт бо андешаҳои Рустам дар замоне, ки дев ба ҳаво афрошта будаш, шабоҳати наздик дорад.

Чу Рустам биҷунбид бар хештан,
Бар ӯ гуфт Аквон, ки ай пилтан,
Яке орзу кун, ки то аз ҳаво
Куҷот ояд афгандан акнун ҳаво!
Сӯйи обат андозам, ар сӯйи кӯҳ,
Куҷо хоҳӣ уфтод дур аз гурӯҳ.
Чу Рустам ба гуфтори ӯ бингарид,
Ҳаво дар кафи дев вожуна дид.
Чунин гуфт бо хештан пилтан,
Ки буд номбардори ҳар анҷуман,

Гар андозадам, гуфт, бар кӯҳсор
Тану устухонам наёяд ба кор.
Ба дарё беҳ ояд, ки андозадам,
Кафан синаи моҳиён созадам.
В-агар гӯям ӯро, ба дарё фиган,
Ба кӯҳ афганад бадгуҳар Аҳриман.
Ҳама вожгуна бувад кори дев,
Ки фарёдрас бод Геҳонхидев.
Чунин дод посух, ки донои Чин
Яке достоне задаст андар ин,
Ки дар об ҳар к-ӯ бароядd-ш ҳуш,
Ба мину равонаш набинад суруш.
Ба зорӣ ҳам эдар бимонад ба ҷой,
Хиромаш наояд ба дигар сарой.
Ба кӯҳам бияндоз то бабру шер,
Бибинанд чанголи марди далер.
Зи Рустам чу бишнид Акводев,
Баровард бар сӯйи дарё ғирев.

*(Шоҳнома. Достони Акводев)*

